**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

**ОСОРХОНАИ МИЛЛИИ БОСТОНИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИСОҚОВ АБДУЛЛОҶОН**

# САРАЗМ

## ОҒОЗИ ТАМАДДУНИ ТОҶИКОН

**Душанбе - 2018**

**ББК 63.3(2 ТОҶИК)**
**И- 85**

Бо қарори Шӯрои олимони Институти таърих бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи №3 аз 5-уми июни 2018 ба чоп тавсия шудааст.

**Зери назари д.и.т. З.И. Акрамӣ**
**Муҳаррири масъул: Бобомуллоев С.**
**Муқарризон: Сайфуллоев Н., Раззоқов Ф.**
**Мусаҳҳеҳ: Бобомуллоев Б.**

Исоқов Абдуллоҷон. Саразм оғози тамаддуни тоҷикон. – Душанбе. “Дониш” 2018, - 280 саҳ.

Китоби аввал аз рӯи натиҷаи ҳафриёти шаҳраки Саразм навишта шудааст. Муаллиф исбот менамояд, ки ниёгони мо ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод, яъне зиёда аз 5500 сол қабл аз замони мо дорои фарҳанги кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозӣ буданд. Истеҳсоли мис, биринҷӣ, нуқра, тилло ва қӯрғошимро ба дараҷаи аъло медонистанд. Бо марказҳои мадании кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик робитаи тиҷоратӣ доштанд.

Китоби дувум «Панҷакенти Суғд дар замони қадим ва ибтидои асрҳои миёна», ки дар натиҷаи ҳафриёти зиёди муаллиф дар ҳудуди шаҳру деҳоти Панҷакент навишта шудааст, хонандаро бо таъриху фарҳанги Панҷакент ва музофоти он шинос мекунад.

**ISBN: 978-99975-55-74-8**

**УДК 9 (575.3)** **© А. Исоқов**

# ПЕШГУФТОР

Саразм ягона ёдгории аҳди энеолит ва ибтидои асри биринҷӣ дар Мовароуннаҳр буда, ба миёнаи ҳазорсолаи IV ва ибтидои ҳазорсолаи III то мелод мансуб аст, ки дар ин давра тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон ташакул ёфтааст.

Дар омӯзиши таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик нақши олимони ватанию хориҷӣ, махсусан бостоншиносон хеле бориз мебошад. Илми бостоншиносии тоҷик умуман аз солҳои 30-юми асри гузашта рӯ ба ташаккул ва рушд ниҳодааст. Дар ин ҷода хизмати таърихшиноси бузург Б. Ғафуров ва асосгузорони илми бостоншиносии кишвар А.Ю. Якубовский, М.М. Дяконов, А.М. Белинитский, Б.А. Литвинский, В.А. Ранов ва даҳҳо нафари дигар хеле бузург аст. Маҳз хизматҳои арзандаву шоёни онҳо буд, ки тоҷикон аз гузаштаи таъриху тамаддуни ниёгони хеш бархӯрдоранд. Дар қатори чунин олимони намоён, муаррих ва бостоншиноси варзидаи асри XX, доктори илми таърих, профессор Абдуллоҷон Исҳоқов мақоми хоса дорад.

Соли 1976 таърихи водии Зарафшон саҳифаҳои нави худро боз мекунад. Яъне шаҳраки қадимаи суғдиён – Саразми бостон аз тарафи Абдуллоҷон Исҳоқов кашф мегардад.

Кашфи Саразм дар ноҳияи Панҷакент яке аз дастовардҳои маъмули даҳсолаҳои охири асри XX дар илми бостоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Саразм яке аз нахустин ёдгориҳои давраи ориёӣ намунаи беҳамтои ин тамаддун дар Суғд мебошад. Ин аст, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба осори номбурдаи аҳди қадим таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 391 аз 21 сентябри соли 2001 ёдгории Саразм ҳамчун маркази ташаккулёбии фарҳанги кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон мамнӯъгоҳи таърихӣ-бостоншиносӣ эълон гардид.

Мероси умумибашарӣ – ёдгориҳои табиӣ ва иншоотҳои эъморгашта мебошанд, ки тибқи муқаррароти ЮНЕСКО вазифаи аввалиндарача ин нигоҳдорӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва экологии онҳо мебошад. Бинобар ин бо мақсади ҳифзи онҳо, соли 1972 ЮНЕСКО Конвенсия «Дар бораи ҳифзи мероси фарҳангӣ ва табиӣ»-ро қабул кард, ки он аз соли 1975 мавриди амал қарор гирифт.

Кумитаи байниҳукуматии ҳифзи мероси фарҳангӣ ва табиии умумибашарӣ, ё ин ки ба таври кӯтоҳ Кумитаи мероси умумибашарӣ яке аз кумитаҳои махсуси ЮНЕСКО буда, аз соли 1972 вазифаи дар амал татбиқ намудани Конвенсия оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ ва табииро ба зимма дорад. Ин кумита ҳуқуқи дохил ва хориҷ намудани объектҳоро ба Феҳристи мероси умумибашарӣ, инчунин қабули қарорро дар бораи истифодаи захираҳои мероси умумибашарӣ ва ҷудо намудани кӯмаки молиявиро мувофиқи талаби давлатҳои аъзои Конвенсия дорад. Ҳамасола Кумита дар Шӯрои ғайринавбатии худ, дар бораи дохил намудани ёдгориҳои нав ба Феҳристи мероси фарҳангии умумибашарӣ қарор қабул мекунад, ҳисоботро оид ба вазъи ёдгориҳои дар феҳрист мавҷуда баррасӣ менамояд ва ба давлатҳои аъзо оид ба ҳифзу нигоҳдории онҳо тавсияҳо медиҳад.[1]

Дар солҳои 70-ум дар ҷумҳурӣ ҳангоми азхудкунии заминҳои нав ва корам кардани онҳо, хатари нестшавӣ бисёр аз ёдгориҳои ҷумҳуририро таҳдид мекард. Дар мавқеи ҷойгиршавии ёдгории Саразм, ки ҳанӯз олами илм аз он хабар надошт, низ азхудкунии заминҳои нав оғоз гардида буд. Деҳқонон ва аҳолии маҳаллӣ ҳангоми кор чизҳои атиқа, ба монанди кӯзаҳо, олоти биринҷӣ, ашёҳои ороишӣ ва ғайраҳо меёфтанд, вале касе аз онҳо дар бораи ин бозёфтҳо ба Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ хабар намедод. Танҳо як нафар аз аҳолии маҳалла, қаҳрамони

[1]http://www.ru.wikipedia// ЮНЕСКО – комитет всемирного наследия.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ашӯралӣ Тайлонов соли 1976 дар бораи табари биринҷие, ки 6 сол боз дар хонааш нигоҳ медошт, хабар дода буд.[2] Ва вақте, ки соли 1977 димнаҳои ин шаҳр аввалин маротиба аз тарафи бостоншиносон таҳқиқ карда шуд, ин ҳангомаи ҳақиқӣ, бузургтарин кашфиёти аср дар илми таърих – бостоншиносӣ гардид. Боз деворҳо ва бурҷҳои шаҳр, ки 5500 сол пеш нашъунамо карда сохта шуда буданд, рӯшноиро дид, ки ҳоло яке аз ёдгориҳои қадимтарин дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мераванд.

Ин буд, ки барои ба ҷаҳониён нишон додани таърихи куҳани Саразм ва мавқеву мақоми он дар қатори ёдгориҳои қадимаи кишоварзии шарқ, А. Исоқов ва дигар бостоншиносон дар як қатор ҳамоишҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон (1979 ва 1994), Вашингтон (1981 ва 1986), Париж (1985), Ӯзбекистон ( 1983 ва 1987), Олмон (1992), Эрон (2003), Италия (2007) ва Африқо (2008) маърӯзаҳои илмӣ намудаанд.[3] Инчунин як қатор монографияҳо ва асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки ба ин маҳалла бахшида шудааст, аз тарафи Исоқов А.И.,[4] Пянкова Л.Т.,[5] Эшонқулов У.,[6]

---

[2]http://www.ru.wikipedia// Саразм – Всемирное наследие ЮНЕСКО.

[3]http://www.tdc.tj// Древнее поселение Саразм.

[4]Исаков А.И. Изучение древнеземледелческого поселения Саразм в долине Зерафшана. – Древнейшие культуры Бактрии: среда, развитие, связи: тезисы первого советско – французского симпозиума «Археология древнейшей бактрии» (Душанбе, 27 октября – 3 ноября 1982 года). Душанбе: Дониш, 1982. – С.79 – 80; Саразм – поселение эпохи палеометалла в долине Зерафшана. – Археология Средней Азии и Ближнего Востока: тезисы докладов 2 советско – американского симпозиума (Самарканд, 6 – 12 сентября 1983 г.). Ташкент: Фан, 1983. – С.54 – 57; поселение Саразм. – Древности Таджикистана: Каталог выставки. Душанбе: Дониищ, 1985. – С.32 – 35; Саразм. – Таджикская Советская Энциклопедия, том 6. Душанбе, 1986. – С.591; ва ғайраҳо.

[5] Генезис и периодизация памятников бронзового века в Таджикистане. – Проблемы истории культуры таджикского народа. Таджикистан: Гиссарский историко – культурный заповедник. 1992. – С. 49 – 54.

[6] Исаков А.И., Эшонкулов У. Работы Косатарошского отряда. – АО 1977 года. М., 1978. – С.558.

Раззоқов А.Р.,[7] Бобомуллоев С.[8] (аз Тоҷикистон), Безенвал Р.,[9] Франкфорт А.П., Лионе В., Казанова М. (аз Фаронса), Ламберг Карловский ва Колл Ф.[10] (аз ИМА), Массон В.,[11] Кошеленко Г.А. (аз Россия) ва дигар олимон бо забонҳои гуногун нашр гардидаанд.[12]

Масалан, дар яке аз анҷуманҳои байналмиллии илмии бостоншиносони Шӯравӣ ва Фаронса, ки охири моҳи августи соли 1987 дар Самарқанд баргузор гардида буд, олимони тоҷик, аз ҷумла нахусткашшоф ва таҳқиқгари ҳафриёти бостонии Саразм Абдуллоҷон Исоқов ва бостоншиносони маъруфи Фаронса Роллан Безенвал, ки ҳамон рӯзҳо дар Саразм таҳқиқоти илмӣ мебурд, оид ба бозёфтҳо ва мавқеи Саразм дар тамаддуни ҷаҳонӣ маърӯза карданд. Шавқи бузурги дидор ва ошноӣ аз Саразм иштирокчиёни форум – машҳуртарин донишмандони илми бостоншиносӣ ва ховаршиносии ҷаҳонро фаро гирифт ва мувофиқи нақша онҳо ба ин ҷо оварда шуданд. Манзараи

[7] Костяные орудия Саразма. – ИАН РТ, №3 (27), 1992. – С.37 – 42; Бозёфтҳои кӯҳшиносии аҳди биринҷӣ(Металлургия эпохи палеометалла). – Илм ва ҳаёт, №3-4, 1993. – С.36 – 38; Металлообрабатывающие орудия Саразма (По экспериментально – трассологическим данным). – ИАН РТ, №1-2(29-30), 1993. – С.70 – 73; Сангнигораҳои саргаҳи Зарафшон. Журн. «Дайри Муғон», №3-4. Панҷакент, 1998; Саразм – осорхонаи мардуми Шарқ. Журн. Сомониён. №1-3. Паҷакент, 2001; Саразм поселение протогородского типа. Материалы международного симпозиума «Роль Истаравшана (Уратюбе) в истории цивилизации народов Центральной Азии». Душанбе, 2002.

[8] Раззоқов А.Р., Бобомуллоев С. Таърихи бостоншиносии саргаҳи Зарафшон. Душанбе, 1997. – 35с; Верховья Зарафшана во II тысячелетии до н.э. Душанбе, 1998. – С.14 – 55; Исаков А.И., Раззоков А.Р., Бобомуллоев С. Раскопки Саразмского археологического отряда в 1998 году. – АРТ 27, 2000. – С. 172 – 188.

[9] Безенвалль Р., Раззоков А.Р. Поиски источников сырья и поселение эпохи палеолита в бассейне Верхнего Зарафшона (Таджикистан). – Изучение культурных взаимодействий и новые археологические открытия. СПб. 1995. – С. 80 – 82.

[10] IsakovA., KohlPL., Lamberg – KarlovskyC.C., MaddinR. Metallurgical Analysis from Sarazm. Tajikistan SSR Archaeometry , 29, 1. 1987. – p. 90 – 102.

[11] Первые цивилизации. Л.: Наука, 1989 г. – С. 153 – 154.

[12] Раззоқов А. Саразми Панҷакент 5500 сол. Душанбе, 2002. – С. 7.

умумии ковишҳои бостоншиносӣ – тарҳи хонаҳо, услуби меъмории шаҳзрсозӣ, бозёфтҳои нодир – сафолоти мунаққаш, маснуоти ороиши занона аз тилло, нуқра, лаъл, фирӯза ва лоҷуворд, асбобҳои сершумори косибӣ, ҳунармандӣ ва кишоварзӣ қалбҳои меҳмононро ба шӯр оварда, сахт муттассир карда буд, зеро онҳо ин ҷо на аз китобҳову рисолаҳо ва маъхазҳои дигари таърихӣ бо Саразм ошноӣ пайдо мекарданд, балки бо чашмони сар ин ҳамаро дидаву шоҳиди зиндаи кашфиёти бузургтарин дар илми бостоншиносии Осиёи Марказӣ гардиданд.

Баъди 7 сол, аз 31-уми август то 5-уми сентябри соли 1994 бо ташаббуси А. Исоқов ва дастгирии сарвари Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш академик Раҳим Масов дар шаҳри бостонии Панҷакент Конференсияи умумииттифоқии бостоншиносони Тоҷикистону Фаронса дар мавзӯи «Водии Зарафшон ва мавқеи он дар тамаддуни Шарқи Қадим» баргузор гардид. Чорабинии мазкур ба ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти 10-солаи ҳамкории бостоншиносони Тоҷикистону Фаронса бахшида шуда буд. Дар кори Конференсия олимони Россияву Ӯзбекистон, Қазоқистону Қирғизистон низ ширкат варзиданд. Дар рӯзҳои кори анҷуман беш аз 20 маърӯзаи илмӣ шунида шуд.[13]

Дар анҷуман олимон роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти моддию маънавии саразмиён, олами набототу ҳайвоноти онвақта, сарватҳои табиии саргаҳи Зарафшон (ки истифодабарии онҳо ҳанӯз аз ҳамон давраҳо оғоз меёбад), фарҳанги кишоварзию чорводории наздиҳавлигӣ, санъати волои меъморӣ, кулолгарию заргарӣ, эътиқоди мазҳабӣ, равобити моддию мадании саразмиён бо қабилаҳои ҳамсарҳади Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик ва мавқеи саразмиён дар пайдоиш ва ташаккулёбии тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии қадимаи Шарқ мубодилаи афкор ба миён омад.

---

[13] Раззоқов А. Саразми Панҷакент 5500 сол. Душанбе, 2002. – С. 19.

Кулли маърӯзагарон бо як ҳамфикрӣ зикр намуданд, ки ҳанӯз 5500 сол муқаддам сокинони саргаҳи Зарафшон дар робита бо марказҳои мадании аҳди қадимаи кишоварзии Шарқ – Эрону Афғонистон, Балуҷистону Ҳиндустон дар самти ҷануб, ва қабилаҳои фарҳанги Калтаманор дар соҳилҳои баҳри Арал дар самти шимол робита ва фарҳанги муштарак дошта, аз дастовардхои моддию маънавии ҳамдигар бархурдор буданд. Ва маҳз ҳамин робитаҳо буданд, ки саразмиёни аҳди бостон дар ҳудуди Осиёи Марказӣ яке аз аввалинҳо шуда, заминаҳои ташакулёбии тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозиро дар марзи Вароруд гузоштанд. Яъне, таҳқиқоти Саразм ва гирду атрофи он дар таърихи қадимаи Осиёи Марказӣ саҳифаи навро боз намуд ва ҳавзаи Панҷакент шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард.

Дар ин ҳамоиши илмии байналмилалӣ як қатор олимони бостоншинос Саразмро ҳамчун ёдгории нодири аҳди бостон эътироф намуданд. Аз ҷумла:

Вероника Шиле – санъатшиноси Маркази миллии таҳқиқоти илмии Фаронса, устоди Донишгоҳи Сорбонна:

–Борҳо ба Шӯравӣ сафар кардаам, дар Донишгоҳи Ломоносови Москва маърӯзаҳо хондаам. Аммо диёри тоҷикон, Саразми машҳури шуморо бори аввал мебинам. Саразм тасаввуроти маро дар бораи асри мису биринҷии ин кишвар тамоман дигар сохт. Мо дар ин ҷо бо бозёфтҳои гуногун шинос шудем. Бозёфтҳои Саразм, бахусус воситаҳои ороиши занонае, ки аз қабр ёфт шудаанд, беназиранд. Хулосаи ман чунин аст: Осиёи Марказиро беҳтар омӯхтан лозим аст, зеро бе таҳқиқу омӯзиши ин кишвар гузаштаи инсониятро равшан намудан душвор аст.

Ю.А. Заднепровский – доктори илми таърих аз Санкт-Петербург бошад, таъкид намудааст: “Мо Саразмро бузургтарин ёдгории қадимаи тоҷикон мешуморем. Он пеш аз ҳама бо масоҳати калони худ аз дигар ёдгориҳо фарқ мекунад. Ин як маҷмӯаи пурраи манзилгоҳи кишоварзони қадими замони энеолит ва биринҷии ҳазораи чаҳорум ва

сеюми то мелод мебошад. Саразм таърихи бештар аз панҷҳазорсола дорад. Вай манзхилгоҳи қадиматрини кишоварзон дар Суғд ва дар тамоми қисмати шимолии он, умуман Осиёи Марказӣ мебошад. Омӯзиши Саразм имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои ташаккули фарҳанги аҷдодони тоҷикон муайян карда шаванд. Ин ёдгорӣ мавҷудияти робитаҳои мадании сокинони водии Зарафшонро бо Туркманистони Ҷанубӣ, инчунин бо кишоварзони қадими Балуҷистон (Покистон) тасдиқ менамояд. Бо ёфт шудани Саразм саҳифаҳои ҳанӯз номаълуми таърихи халқи тоҷик боз гардид.

Пол Бернар – доктори илм, профессор, мудири гурӯҳи бостоншиносии Маркази миллии таҳқиқоти илмии Фаронса.

– Ҳафриёт ба таври раднопазир исбот менамояд, ки водии Зарафшон маркази калони фарҳангӣ ва тиҷоратии Осиёи Марказӣ, сокинонаш соҳибони фарҳанги баланд буданд.

Б.А. Литвинский – узви пайвастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор, Ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон:

– Ҳафриёти Саразм бо роҳбарии Абдуллоҷон Исоқов аҳамияти ҷаҳонӣ дорад. Ин ҷо аввалин бор аниқ кардан муяссар гардид, ки гузаштагони қадими тоҷикони маскуни водии Зарафшон камаш панҷҳазор сол муқаддам, эҳтимол аз ин ҳам пештар кишоварз будаанд. Ба ҳамин васила, ба шарофати Саразми Панҷакент, тамоми Тоҷикистон ба ҳайати тамаддуни қадимтарини инсоният ворид мегардад.

Аҳмадалӣ Аскаров – бостоншинос, узви пайвастаи Академияи илмҳои Ӯзбекистон:

– Саразм ёдгории беназири кишоварзони қадими водии Зарафшон ва бузургтарин кашфиёти аср дар соҳаи бостоншиносии Осиёи Марказӣ мебошад.[14]

[14] http://www.jumhuriyat.tj/index.php//Солеҳзода Т. Ҳикмати сад аср дар хоки Саразм.

Р.М. Мунчаев дар бораи аҳамияти ҷаҳонӣ доштани таърихи Саразми бостонӣ ақидаи худро чунин иброз менамояд:

«Таҳқиқотчии асосии Саразм А. Исоқов дар ҳамоишҳои фаронсавӣ-шӯравӣ дар Париж ва амрикоӣ-шӯравӣ дар Вашингтон маърӯзаҳо карда буд. Бо ҳамин Саразм дар илми бостоншиносии ҷаҳон мақоми хосае пайдо кард...».[15]

Нӯъмон Неъматов – академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаррих ва бостоншинос навиштааст: "Шаҳраки Саразм бо маҷмӯи бойи меъмориву сохтмон бо иншоотҳои хоҷагиву рӯзгордории чаҳор давраи зистро чун маркази фарҳанги аҳди қадимаи кишоварзии болооби Зарафшон, ки бо фарҳанги Ҷанубу Ғарбии Осиёи Марказӣ ва Шарқи Миёна алоқамандии зич дорад, муаррифӣ менамояд".

Пас аз истиқлолияти давлатӣ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, қайд менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз вазифахои асосии ҳар як давлат – ҳифзи асолати миллӣ, забон, фарҳанг, аз ҷумла ёдгориҳои таърихӣ мебошад ва ин мӯҳтаво дар Конститутсияи ҶТ низ муқаррар шудааст.[16] Маҳз бо ҳамин сабаб, Саразм, ки яке аз нахустин ёдгориҳои давраи ориёӣ ва намунаи беҳамтои ин тамаддун дар Суғд мебошад, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №391 аз 21 сентябри соли 2000 ҳамчун маркази ташаккулёбии фарҳанги кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон мамнӯъгоҳи таърихӣ-бостоншиносӣ эълон гардид. Баъдан бо дастгирӣ ва супориши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон тайи солҳои 2004–2008 5 иншооти ёдгорӣ бо маблағи 1,3 млн сомонӣ болопӯш ва атрофи он бо панҷарадевор иҳота карда шуд ва ҳангоми ташрифи худ ба Саразми бостон солҳои

[15] http://www.bahoriajam.tj/index.php/shakhsiyat// Нахусткашшофи шаҳри бостонии Саразм.

[16]Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2003 ва 2005, ба ин шаҳри қадима чунин баҳо додаанд: «Саразм – хазинаи тиллоии таърихи халқи тоҷик мебошад».

Ин иқдоми нек ва хирадмандонаи Пешвои миллат ҳар яки моро водор менамояд, ки аз тамаддуне, ки ҳанӯз дар ҳазорсолаи IV–III қабл аз мелод саразмиёни бостон ба мо – тоҷикон мерос гузоштаанд, баҳрабардорӣ намуда, дар ҳазорсолаи III мелодӣ аз пайи боло бурдани эътибору нуфузи иқтисодию фарҳангии Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳон бошем.

Хуллас, Саразм бо бозёфтҳои нодир, бо таваҷҷуҳи хосаи бостоншиносии ҷаҳонӣ дар байни ёдгориҳои аҳди қадим ҷойгоҳи хосаи худро соҳиб гаштааст ва ҳамасола мавриди назари олимон ва сайёҳон аз тамоми гӯшаву канори дунё қарор мегирад.

Аҳамияти муҳими Саразмро ба назар гирифта Пешвои муаззами миллат – Эмомалӣ Раҳмон соли 2020-ро соли ҷашнгирииии 5500-солагии Саразми бостонӣ ҳамчун маркази ташаккули тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон эълон намуданд, ки ин боз як нишони бузурги арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихии миллати тоҷик мебошад.

***Президенти Академияи илмҳои***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ***

# АЗ МУАЛЛИФ

Рақами 13-ро баъзеҳо бехосият мегӯянд. Оё ҳамин тавр бошад? Камина 13-уми сентябри соли 1976-ро ба некӣ ёд меоварам. Ҳар касро рӯзе ҳаст, саргузаште ҳаст, ки абадӣ ба хотираш нақш мебандад ва он барои ман ҳамон рӯз буд. Он рӯз ва ҳодисае, ки он рӯз воқеъ шуд, тақдири ояндаи фаъолияти илмии маро ҳал кард ва зиндагии ман гӯё мазмуни аслиашро дарёфт. Он рӯзи фаромӯшнопазир рӯзи кашфиёти шаҳраки қадимаи Саразм буд.

Аввалин кашфиёти бостонии сарзамини тоҷиконро кӣ медонад? Бале, он қальаи Абаргари болои кӯҳи Муғ аст, ки дар наздикии деҳи Хайрободи Фалғари водии Зарафшон (ноҳияи Айнии имрӯза) ҷойгир мебошад. Онро соли 1932 чӯпон – Ҷӯраалӣ Муҳаммадалӣ пайдо намуд. Вай аз доманаи қалъа сабадчаеро дарёфт намуд, ки дохили он пури ҳуҷҷатҳо ва навиштаҷоти суғдӣ, хитоӣ ва арабӣ буданд. Сабадчаи таърихӣ даст ба даст, шаҳр ба шаҳр гашта, аз назари суғдшинос А.А. Фрейман ва арабшинос И.Я. Крачковский гузашт. Маълум шуд, ки ҳуҷҷатҳои дарёфтаи марди оддии бесавод хазонаи асрори пурқиматанд. Онҳо ҳуҷҷатҳои ҳокимони Панҷакенти қадима буда, ба ибтидои садаи VIII тааллуқ доранд. Туфайли ин кашфиёт дар сарзамини мо кофтукови бостоншиносӣ дар соли 1933 бо экспедитсияи А.А. Фрейман оғоз ёфт. Аз ҳамон сол инҷониб ихтисосмандони зиёди соҳаи илми бостоншиносӣ сирру асрори суғдиёни водии Зарафшонро меомӯзанд.

Ҷустуҷӯҳои мукаммал аз ин баъд оғоз шуданд. Ташаббускори он фарзанди барӯманди тоҷик, таърихшинос Бобоҷон Ғафуров буд. Соли 1946 бо роҳнамоии ӯ шарқшиносон А.Ю. Якубовский, А.М. Беленитский, М.М. Дяконов дар Тоҷикистон ба ҷустуҷӯҳои бостоншиносӣ пардохтанд. Водиҳои Зарафшону Ҳисору Вахш, ноҳияҳои Хатлону Дарвоз, кӯҳистони Қаротегину Бадахшон мавзеи гирудори онҳо буд. Онҳо кӯҳу даманро гашта, ёдгориҳои

зиёдеро, ки тахи талу теппаҳо буданд, ба ҳисоб гирифтанд. Қарор шуд, ки ҷустуҷӯ аз харобаҳои Панҷакенти қадим оғоз ёбад. Ҳамин тариқ, соли 1947 Экспедитсияи бостоншиносии Суғду тоҷик бахри хафриёти Панҷакенти қадим таъсис ёфт, ки қариб 60 сол инҷониб мунтазам амал мекунад. Даҳҳо рисола, асарҳои илмӣ-оммавӣ, ҳазорҳо мақола ин аст натиҷаи он ковишҳову таҳқиқот. Беҳтарин намунаҳои осори ҳунару санъати ниёгонамон дар шаҳрҳои Душанбе, Тошканд, Маскав, Ленинград, инчунин Токио, Гавана, Сюрих, Мюнхен намоиш дода шудаанд. Пажӯҳишгарону донишҷӯёни марказҳои илмии машҳури ҷаҳон монанди донишкадаҳои Ҳарварди Америка, Оксфорди Англия, Сорбонаи Фаронса дар омӯзиши таърих у фарҳанги мардуми Шарқ бозёфту кашфиётҳои муҳаққиқони моро истифода мекунанд. Бояд гуфт, ки ин таҳқиқот оламиёнро бо саҳифаҳои рангини таърих у фарҳанги пеш аз исломию арафаи исломии сокинони Мовароуннаҳр шинос кард. Ин халқ бо номи суғдиёну мамлакати онҳо ба номи Суғд машҳур аст. Ин ҷо саволҳое ба миён меомад, ки ин мардумон киҳоянд, омадаанд ё муқимӣ? Ва бозёфтҳо чизе дар ин бора хабар намедоданд. Боз бояд муайян карда мешуд, ки сарчашмаи тамаддуни ин мардум, яъне суғдиён аз кадом давра оғоз ёфтааст.

Ибтидои тамаддуни ҷомеаи инсонӣ аз кишоварзию чорводорӣ оғоз ёфтааст. Ин амри воқеист. Он таърихи 8-10 ҳазорсола дорад. Калимаҳои «Суғд» ва «суғдиён» қариб 3 ҳазор сол пеш арзи вуҷуд кардаанд. Ин аст, ки бозёфтҳои таърихии сеҳазорсолаи то соли 1977 дастрасгашта низ ибтидои тамаддуни суғдиён шуда наметавонанд. Дарвоқеъ, бостоншиносоне, ки дар болооби водии Зарафшон ҳафриёт мегузарониданд, аз қабили А.И. Тереножкин, А.М. Беленитский, А.П. Окладников, Н.Н. Неъматов, В.А. Ранов, Б.И. Маршак, Б.Я. Ставитский, Ю.Ё. Ёқубов, В.И. Распопова ба хулосае омада буданд, ки тамаддун дар ин водӣ дар замонҳои сангу биринҷӣ ташаккул ёфтааст. Аммо дар гуфтаҳои онҳо далели раднопазир мавҷуд набуд, то ҳол

ёдгорие кашф нашуда буд, ки дар бораи тамоми паҳлӯҳои зиндагии замони сангу биринҷӣ тасаввуроти пурра диҳад. Агар ёдгорӣ мебуд, бояд он аз деҳшаҳре ё шаҳраке иборат мебуд, ки 5- 6 ҳазор сол пеш аз замони мо пайдо шудааст. Дар он биноҳои ҷамъиятӣ, маъбаду бӯстонсаройҳо, осори кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ ва тиҷоратӣ бояд мавҷуд мебуд.

Дар боло ман рӯзи фаромӯшнашавандаи ҳаётамро ёдоварӣ кардам. Он рӯз 13-уми сентябри соли 1976 буд, ки бо хабари як сокини оддӣ, хокпоши деҳаи Авазалии ноҳияи Панҷакент Ашӯралӣ Тайлонов, ёдгории қадимтарини сарзамини имрӯзаи тоҷикон – шаҳраки Саразм - Саразм кашф шуд.

# ТАВЛИДИ ТАДБИР

Ҳавои фораму шамол димоғи маро, ки болои теппа истодаам, болидаву сарамро сила мекунад. Гузаштагони мо низ сайри дашту даманро дӯст медоштанд. Макони зисти бостоншинос ҳаррӯза талу теппа аст. Вай рӯ-рӯи дашту даман қадам зада, сафолпораву устухонпораҳоро меғундорад, агар ба ҳадафаш нарасад, боз теппаи дигареро мекобад, то бозёфт ё хулосае ба даст орад. Агар чизе пайдо кунад, дар рӯзномааш дарҷ мекунад. Сари бостоншиносро боди саҳро сила кардаасту рӯяшро чанги теппаҳо хоколуд кардаанд. Он чи ки ӯ мекобад ёдгории қадимисту касбе, ки ӯ дорад, бостоншиносист. Ёдгориҳои бостоншиносӣ, ки ҳазорсолаҳо таърих доранд, то замони мо андаруни талу теппаҳо омада расидаанд. Тамоми сирру асрор зери ҳамин хоктӯдаҳост. Ин навгониро, ки касе надидаву нашунидааст, маҳз бостоншиносон, ки онҳоро юнониёни қадим – археолог номидаанд, кушода метавонанд.

Тақдир маро бостоншинос кард. Зиёда аз 40 соли умрам дар ин ҷода сарф шуд. Якчанд кашфиёте маро даст доданд, ки оламшумул гаштанд: алифбои суғдиён, бӯстонсаройи ҳокимони Панҷакенти қадим, кӯшку дижҳои заминдорон ва баъдан ёдгориҳои деҳаҳои Зебон, Қӯштеппа, Шӯрча, Филмандар, Косатарош, Бедак, Хумгарон, Равот, Роҷ, Мазори Шарифи ноҳияи Панҷакент. Ҳамаи бозёфтҳо бо ҳамаи бузургиашон маро қонеъ намекарланд. Онҳо таърихи 2500 доштанд, аммо ибтидои таърихи миллати мо – суғдиёну бохтариҳо бояд решаи зиёда аз 5000-сола дошта бошад. Ин масъала агар заминаи таърихӣ намедошт, қадимитар намебуд, чӣ тавр Мароқанд (Самарқанди имрӯза), Киропол (Куркати имрӯза), Хуҷанд ва чанд шаҳри дигари машҳур пайдо мешуд? Кашфиётҳои бостоншиноси Фаронса Анри-Пол Франкфорт дар Шӯртӯқай, бозёфтҳои олими Шуравӣ В.И. Сарианиди дар Дашлии Афғонистон, А.А. Аскаров дар Сафолтеппаи назди Шерободӣ, Б.А. Литвинский, П.Т. Пянкова, Х. Муҳиддинов, В.С. Соловёв

дар водиҳои Вахшу Ҳисор, А.М. Беленитский, Б.И. Маршак, В.И. Распопова, Ю. Ёқубов, Я. Ғуломов, А. Аскаров, У. Исломов дар водии Зарафшон ибтидои тамаддуни мардуми Суғду Бохтарро ба ҳазорсолаҳои III-II пеш аз мелод баробар мекарданд. Пас чӣ тавр ба хулоса наоем, ки сарзамини ниёгонамон то забткориҳои юнониён яке аз кишварҳои ободу рушдкардаи Мовароуннаҳри Осиёи Марказӣ буд?! Агар Мовароуннаҳр обод намебуд, ба Искандар забти ин сарзамин зарурият дошт?

Маҳз аз ин хотир бетоқат будам, ман чашмдори кашфи ёдгории қадимтаре будам. Дарёфти чунин ёдгорӣ дар ноҳияи Панҷакент мақсади ниҳоии рӯзгори ман гардид. Ниҳоят толеъ мададам кард, ёдгориеро, ки сарчашмаи тамаддуни суғдиёну тоҷикон аст, пайдо намудам. Он дар соҳили чапи дарёи Зарафшон, дар сари шоҳроҳи Панҷакент-Самарқанд, дар наздикии деҳаи Саразм, 15 километр ғарбтари шаҳри Панҷакент ҷойгузин аст.

Ҳоло ин сатрҳоро навишта истода дар ҳайратам, ки ба кашшофони ин ёдгорӣ, маъюби Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ашӯралӣ Тайлонов ва духтари ӯ Ҷамила Бобомуродова чӣ тавр гаштаву баргашта ҳазорҳо ташаккур гӯям. Соли 1976 Ҷамилаи 8-соларо падараш Ашӯралӣ ба шаҳр овард. Духтарча хоҳиш кард, ки осорхонаро тамошо кунад. Онҳо ба осорхонаи ба номи Рӯдакӣ даромаданд. Падар аз паси духтар гашта ба ин ё он экспонат диққат медод. Яке чашмаш ба табарчаи гаҷие афтод. Ин табарча нусхаи табари биринҷии аз деҳаи Ёрии ноҳия ёфтшуда буд. Ашӯралӣ аз корманди осорхона синну соли табарро пурсон шуд, баъд изҳор кард, ки ҳангоми хонасозӣ ӯ низ чунин табарро ёфтааст, агар барои осорхона лозим бошад, ӯ метавонад ин табарро тӯҳфа намояд.

Вақте ин хабари хушро ба ман расониданд, ба гӯшҳоям бовар накардам. Зеро он аз як воқеаи оламшумуле дарак медод, , ки солҳо интизораш будем. Дарҳол, ба пасам нигоҳ накарда савори мошини экспедитсионӣ ба деҳаи Авазалӣ ба ҷустуҷӯи Ашӯралию бозёфти ӯ шитофтам.

Ҳамин тариқ, сентябри соли 1976 қадимтарин шаҳраки Суғдиён – Саразм кашф гардид.

Пеш аз оғози ҳафриёт, аз рӯи анъана масоҳати ёдгорӣ ва мавқеи ҷойгиршавии онро муайян кардем. Бо лаборанти маркази бостоншиносии дар Панҷакент будаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонҷон Эшонқулов (ҳоло номзади илми таърих) ва Ашӯралӣ Тайлонов майдони ёдгориро бо қадам ҳисоб кардем. Нишонаҳои асосии сафолпораю қабатҳои замин водор карданд, ки майдони ёдгориро қариб 100 гектар тахмин намоем. Мушкилот он аст, ки болои ёдгорӣ аз асри VI сар карда деҳаҳои нав, биноҳои маъмурӣ, хонаҳои истиқоматӣ бунёд шудаанд. Дар болои қабати маъдании ёдгорӣ имрӯз деҳаҳои Раҷабалӣ, Авазалӣ, Ғурач ва Соҳибназар ҷойгиранд, ки дар натиҷа зиёда аз 40 гектари ёдгорӣ осеб дидааст. Илова ба ин, қисми дигари ёдгорӣ зери биноҳои мактабу фермаҳо ва киштзорҳои ҷамъиятӣ мондаанд. Омӯзиши онҳо низ имконнопазир аст.

Бо вуҷуди ин ҳама, зиёда аз 35 гектари майдони ёдгорӣ, ки таи ҳазорсолаҳо чарогоҳи сокинони мардуми гирду атроф будаанд, нисбатан кам осеб дидаанд. Боз ногуфта намонад, ки баъзе солҳо барои кишти лалмӣ ин майдон бо ҷуфти гов ва баъдан бо трактор шудгор карда мешуд, бинобар ин қабати болоии маъдании ёдгории Саразм, ки замоне хонаҳои истиқоматӣ, бӯстонсаройҳо, оташкадаву устохонаҳо буданд, қариб боқӣ намондаанд.

Як-ду сухан дар бобати релефи шаҳраки Саразм. Вай дар мавзеъи нисбатан баланд сохта шуда буд. Ҳоло тӯли он аз ғарб ба шарқ ба 1500 метр ва бараш аз шимол ба ҷануб ба 400 метр (дар самти ғарбӣ), то 800 метр (дар самти шарқӣ) мерсад. Дар қисми ҷанубии шаҳрак замоне кӯле буд, ки сокинони Саразм онро Ойимкӯл меномиданд. Дар айни замон аз он осоре намонда ҷояш ба замини кишт табдил ёфтааст. Тахмин меравад, ки сокинони Саразм оби кӯлро барои кишоварзӣ, чорводорӣ ва зарурияти хоҷагӣ истифода мекарданд. Ҳарчанд дарёи Зарафшон аз шимолтари Саразм

ҷорист, аҷдодонамон оби онро истифода намебурданд, зеро маҷрои дарё тағйирёбанда буд, сатҳи об зиёда аз 20 метр аз шаҳраки Саразм паст аст.

Ҳафриёти Саразм тирамоҳи соли 1976 оғоз ёфт. Аввалин корамон он буд, ки хандаки ҳаҷмаш 2х4 метр кандем. Давраҳои таърихӣ ва ғафсии қабатҳои маъданӣ муайян гардид. Пеши дидаҳо гӯё нуре падид омад, ки ба қаъри таърих мерафт. Аз он аён мегардид, ки Саразм ба замони энеолит (сангу мис) ва биринҷӣ мансуб аст. Ин давра таърихи 5000-5500-сола дорад. Вале ин ҳоло факат фарзияи мо буд. Барои ин бурҳоне қотеъ лозим буд, ки дар якчанд ҷойҳои ёдгорӣ хандакҳо кофта, дар яке аз онҳо ҳафриёти бостонӣ гузаронем.

Аз он вакт 20 сол гузашт. Дар ин муддат кормандони маркази бостоншиносии Панҷакент дар шаҳраки Саразм 12 шуфр ва 11 ҳафриётгоҳро таҳқиқ намуданд. Дар ин кори пурмашақату масъулиятнок бостоншиносон Усмонҷон Эшонқулов, Нозукой Исҳокӣ, Раҳматҷон Тоҳиров, Абдурауф Раззоқов, Шарофиддин Қурбонов, Саидмурод Бобомуллоев, Ҷамшеди Абдулло ҳиссаи сазовор гузоштанд. Натиҷаи кашфиёт ҳам дар нашриёти даврӣ дар намуди мақолаҳои илмӣ ва ҳам ҳамчун китоби алоҳида бо номи «Саразм» ба забони русӣ (соли 1991) ба табъ расидаанд.

Аз соли 1977 сар карда бостоншиносони намоёни собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷӣ ба Саразм таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Онҳо бо ахбори илмии бостоншиносони тоҷик қаноатманд нагардида худ ба Панҷакент ташриф оварданд ва бо бозёфту кашфиётҳо аз наздик шинос шуда ба мавқеи шаҳраки Саразм дар илми бостоншиносии кишварҳои Шарқ баҳои арзанда доданд.

Давоми солҳои 1977-1980 бостоншиносони шинохтаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ А.М. Беленитский, В.М. Массон, Б.А. Литвинский, Р.М. Мунчаев, А.А. Аскаров, Н.Н. Неъматов, бостоншиносони хориҷӣ Филипп Колл (1979-ИМА), Анри Пол Фракфорт, Бертил Леоне (1979, Фаронса), К.К. Ламберг-Карловский (1983, ИМА) ва даҳҳои дигар дар

дохили димна, толорҳо, иморатҳо, маъбадҳои Саразм қадам задаанду бо асрори ин шаҳраки қадима ошно шудаанд.

Охируламр кор бо он анҷомид, ки бостоншиносони амрикоиву фаронсавӣ хоҳиш карданд, ки дар Саразм ҳафриёти якҷоя гузаронанд. Ҳамин тавр ҳамкории бостоншиносони тоҷику хориҷӣ оғоз ёфт. Ин онро собит мекард, ки ёдгории ниёгонамон натанҳо фарогири омӯзиши сарчашмаи тамаддуни тоҷикон аст, балки аҳамияти ҷаҳонӣ низ дорад.

Ниҳоят пас аз гуфтугӯи тарафайн байни АИ Тоҷикистон, Фаронса ва Амрико ин муддао амалӣ гардид. Аввалин шуда, тобистони соли 1984 баҳри кашфи асрори Саразм бостоншиносони Фаронса Анри Пол Франкфорт ва Роланд Безенвал омаданд. Онҳо дар ҳафриётгоҳи рақами 7 корро сар карданд. Бостоншиносони Донишгоҳи Ҳарварди штати Массачусетси Амрико К.К. Ламберг-Карловский ва Филипп Колл низ соли 1985 ба Панҷакент омада, дар шаҳраки Саразм ду шурфи санҷишӣ кофтанд. Дар натиҷа онҳо ба хулосаи камина оид ба таърихи 5000-5500 сол доштани тамаддуни Саразм ҳамфикр шуданд. Якҷоя мақолае навишта шуд, ки дар он чунин сатрҳо дарҷ гардиданд: «Саразм нафақат яке аз марказҳои қадимтарини тамаддуни кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандии Мовароуннаҳри Осиёи Марказӣ, балки тамоми Шарқи Наздик – Эрон, Баҷулистон (Покистон, А.И.), Афғонистону Ҳиндустон низ ба шумор меравад».

Бо вуҷуди ёдгориҳои зиёди таърихӣ, мо – панҷакентиён ёдгориеро ба монанди Саразм орзу мекардему бас, дар сарзамини суғдиён мавҷуд будани чунин ёдгориро касе пешгӯӣ карда наметавонист. Бале, мо ёдгории безаволро бозёфт кардем, ки решаҳои қадимтарини тамаддуни суғдиёну тоҷиконро равшан мекунад.

Бояд гуфт, ки дар зарфи 20 соли ҳафриёт (солҳои 1976-1996) аз 100 гектар майдони шаҳраки Саразм ҳамагӣ як гектари он кушода шуду халос. Бо вуҷуди ин масоҳати кам,

ин ҳама имконият дод сарчашмаи тамаддуни ниёгонамонро бо тамоми бузургию ҳастияш ба дӯстдорони таъриху фарҳанг баррасӣ намуда бошем. Вале ин он маъноро надорад, ки бо бозёфтҳои имрӯза тамоми тамоюлҳои таърихи қадимаи ниёгонамонро равшан намудаем. Кӣ медонад, ки дар қаъри 99 гектари омӯхта нашудаи шаҳраки Саразм чӣ сирру асрорҳо ниҳонанд?! Кашфиёте, ки то ҳол ба мо муяссар гардид, қатрае аз уқёнуси беканори тамаддуни ниёгонамон мебошад. Аз ин рӯ, ба имрӯзиёну оянда гон лозим меояд, солҳои сол ин ёдгориро биомӯзанд.

То имрӯз мо аз қаъри замин чиҳоро кашф намудаем, кадом бозёфтҳои нодири фарҳангро дарёфтем? Пеш аз ҳама аз қаъри замин зиёда аз 150 хонаҳои истиқоматӣ, 4 мубади оташпарастон, як анбори ғалланигоҳдории ҷамъиятӣ, як бӯстонсаро бароварда шуд. Маълум шуд, ки сокинони Саразм бо ҳавлиҳои кушод, кӯчаву тангкӯчаҳо байни худ рафтуо доштаанд. Ҳоло мо дар даҳҳо ҳавлию 3 кӯчаи аробагард ва 2 тангкӯчаи пиёдагарди шаҳраки Саразм роҳ гашта, аз завқи баланди фарҳанги шаҳрсозии ниёгонамон ҳаловат мебарем. Бозёфтҳои мо асосан аз лавозимоти рӯзгор, ороишоти тиллоӣ, нуқрагин, мисӣ, биринҷӣ, сангҳои гуногун ва устухонҳои ҳайвоноту паррандаҳо иборатанд. Зарфҳои сафолини мунаққашу сангини суфташуда ва порчаҳои деворнигораҳо аз санъати баланди ҳунармандии гузаштагонамон шаҳодат медиҳанд.

Оид ба кашфиётҳои таъриху фарҳанг минбаъд ба тафсил нақл хоҳем кард.

# ХОНА ВА ОИЛАИ АВВАЛИН

Касе гуфта наметавонад, ки аввалин бинои истиқоматиро кӣ, кай ва дар куҷо сохтааст? Зинаи аввалини таърихи инсоният ҳоло равшан нест. Дар айни замон дар тамоми қитъаҳои олам ҳафриёт ва омӯзиши бостоншиносӣ гузаронида мешаванд. Ҷӯяндагони таърихи куҳан дар қитъаҳои Африкову Австралия, Амрикову Аврупо ва Осиё бо ҳафриёти бостонӣ машғуланд. Ҳар як бостоншинос далелу бурҳонҳои худро дорад ва аз рӯи кашфиёти худ таърихи тамаддунро шарҳ медиҳад. Вале шарҳи тарзи зиндагонии одамони асри санг қариб яксонанд. Аз ин рӯ, ба кашфиёти бостоншиносони дунё такя намуда,  гуфта метавонем, ки одамони асри санг 10-15 ҳазор сол пеш ҳангоми хунукӣ ва серборишӣ дар ғорҳо, камарҳо ва заминканҳо зиндагӣ мекарданд. Тобистон бошишгоҳи онҳо соҳили дарёҳо, кӯлҳо ва чашмаҳо буда, албатта онҳо бесарпаноҳ набуданд. Ин сарпаноҳро онҳо аз шоху шипа, қамишу пӯсти ҳайвонот месохтанд. Ин гуфтаҳо асоси таърихӣ доранд. Тарзи ҳаёти одамони асри санг, дар илми бостоншиносӣ ба давраҳои палеолит, мезолит ва неолит шомиланд, ки таърихан аз як миллион то ҳафт ҳазор сол давом кардааст. Фарҳанги замони сангии Тоҷикистон дар асарҳои бостоншиносон А.П. Окладников, В.А. Ранов, Юсуфов, А.А. Амосова, Т.В. Филимонова шарҳу тафсир шудаанд. Шахсони номбурда дар музофотҳои Фарғона, Зарафшон, Ҳисор, Вахш, Кӯҳистони Бадахшон ҳафриёт гузаронида, собит намуданд, ки ибтидои ташаккули одам дар ҳудуди  Тоҷикистон таърихи қариб якмиллионсола дорад.

Мо ба омӯзиши фарҳанги 6000-5000-солаи ниёгонамон машғулем. Ин давраи рушди ҷомеаи инсониро бостоншиносон замони энеолит, асри сангу мис меҳисобанд. Ин давраи ибтидои ташаккули тамаддун мебошад. Одамони замони энеолитро одамони ботамаддуну соҳибфарҳанг ҳисобидан мумкин аст. Зеро онҳо дар дохили хонаҳо истиқомат намуда, кишоварзӣ, чорводорӣ ва ҳунармандиро медонистанд. Ҳамин тавр, сокинони Саразм ҳам мардуми бофарҳанг буданд. Муболиға намешавад агар, гӯем, ки Саразм ватани аввалин муҳандисони сарзамини Мовароуннаҳр буд.

Чӣ моро ба ин хулоса водор намуд? Пеш аз ҳама биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятии шаҳраки Саразм аввалин осори санъати меъмории Мовароуннаҳр мебошанд. Ин ҷо алҳол ватани похсачиёну хиштрезон, биносозону дуредгарони аввалин аст. Ин имкон додааст, ки ниёгони мо аз ғорҳо, камару заминканҳо даст кашида дар ҷойи кушод, дар рӯи замини ҳамвор ҷойи истиқомат омода созанд.

Ҳафриёти Саразм, то чӣ андоза оддӣ будани шакли биноҳои истиқоматии ниёгонамонро нишон медиҳад. Бинокорон хонаҳои истиқоматии шахсӣ ва ҷамоатиро бо хишти хоми калонҳаҷми андозаи 48х24х10; 50х25х10; 52х26х10; 59-60х28-30х10х11 см ва похсаҳо месохтанд. Похса ба 50-75 см баробар буда, 2-2,5 метр баландӣ дошт. Саразмиён барои бадошту мустаҳкам шудани хиштҳо, ба лой коҳи маҳини ҷаву гандумиро меандохтанд. Лойи похсаҳоро дар ҷои васеъ хобонида ба воситаи ҳайвонҳои корӣ – барзаговҳо, хару хачирҳо пухта мекарданд. Девори хонаҳою толорҳо аз ду тараф бо коҳгил андова карда мешуданд. Онҳоро дида ба устогию ҳалолкории биносозон аҳсан нахондан нодуруст аст. Таҷрибаи гузаронидаамон собит намуд, ки ин қабил хонаҳо дар гармои тобистону зимистон ҳароратро мӯътадил нигоҳ медоранд.

Муайян шуд, ки истиқоматгоҳи саразмиён аз биноҳои бисёрхонаи алоҳида-алоҳида иборат буда, дар навбати худ дар ин биноҳо аз 2 то 5 оила зиндагӣ мекардаанд. Оилае, ки аз 3 то 5 нафар аъзо дошт, дар 2-4 хона ҷой

мегирифт, масоҳати истиқоматгоҳи як оила 20-25 метри мураббаъро ташкил медод. Ин чунин маъно дорад, ки ҳар як узви оила дорои 5-7 метри мураббаъ ҷои истиқоматӣ буд. Албатта, ин барои оилаи ҷомеаи ибтидоӣ кифоя буд. Оид ба тарзи ҷобаҷогузории хонаҳои оилаҳои алоҳида ва биноҳои авлодӣ, ки якчанд оиларо муттаҳид мекарданд, бояд гӯем, ки биноҳои калон асосан барои як авлод сохта мешуданд. Сардори авлод – падар аз рӯи салоҳдиди худ хонаҳоро ба фарзандон ва хешовандон тақсим мекард. Дар навбати худ якчанд биноҳои бисёрҳуҷраи дар як ҷой сохта шуда ба қабилаи сернуфузе тааллуқ дошт. Миқдори нуфузи авлод 20-25 нафар буда, қабила 75-100 нафарро муттаҳид мекард. Аз ин рӯ, дар вақти сохтани хонаву биноҳо, талаботи ҳар як оила, авлод ва

қабила ба ҳисоб гирифта мешуд. Агар хонаҳои истиқоматии оилаҳои як авлод ба ҳамдигар пайваст бошанд, хонаҳои авлодҳои алоҳида аз якдигар ҷудо ҷойгир буданд. Ҳавлиҳои кушод, кӯчаҳо ва тангкӯчаҳо биноҳои авлодиро аз якдигар ҷудо мекарданд.

Тарзи маскангирии қабилаҳо низ махсусияте дошт. Ҳар як қабила дар ҷои алоҳида ба худ биноҳо месохту мустақилона зиндагӣ мекард. Барои он ки ҳайвонҳои ваҳшӣ, аз қабили даррандагон ба сокинон таҳдид накунанд, онҳо атрофи биноҳоро бо девори умумӣ иҳота мекарданд. Ба ақидаи мо, ин тарзи биносозӣ шакли аввалини пайдоиши деҳаҳо ва шаҳрҳоро ифода менамуд. Азбаски дар Саразм ҳоло девору дарвозаҳои боҳашамати шаҳрро пайдо накардаем, метавон гуфт, ки сокинони Саразм ба таҳдиди душманон гирифтор набуданд. Онҳо озодона бе ягон хавфу хатар умр ба сар мебурданд. Гуфтаҳои боло исботгари ҳаёти ҷамъиятӣ низ мебошанд. Сохти ҷамъиятии Саразм дар ҳазорсолаҳои IV-III модаршоҳӣ буд. Тахмин карда мешавад, ки ҳар як авлоду қабила пешвои худро аз қабили занҳои донову ҷасур интихоб мекард. Зан аз болои тамоми масъалаҳои зиндагӣ назорат бурда сарварӣ мекард. Ин маънои онро надорад, ки мардҳо аз ташвиши зиндагӣ  озод буданд. Баръакс ҳамаи заруриятҳои зиндагӣ дар гардани мардҳо буданд. Онҳо бо биносозӣ, кишоварзӣ, шикор, моҳидорӣ ва чорводорӣ машғул буданд. Зисту зиндагии оила, авлод ва қабиларо таъмин мекарданд. Вақте ки дар охири ҳазорсолаи III пеш аз мелод, кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ ва ҳаёти маънавию сиёсӣ пеш рафту дар байни авлоду қабилаҳо низоъ бархост нақши ҳалкунанда ба дасти мардҳо гузашт. Акнун ҳамаи муаммоҳои рӯзгору зиндагии оилаю авлодро мардҳо ба зиммаи худ гирифтанд. Ҷомеа ба сохти падаршоҳӣ  гузашт.

Ба сохти падаршоҳӣ гузаштани ҷомеаи ибтидоӣ пешравии ҳаёти иқтисодии одамони асри биринҷиро хеле тезонид. Акнун аз оила сар карда то ба қабила пешвоҳо аз ҳисоби мардон интихоб карда мешуданд. Дар байни авлоду қабилаҳо шӯрои «мардони доно» ташкил меёфт. Шӯро дар навбати худ доҳии қабиларо интихоб мекард. Вале ҳоло ин шоҳигарӣ ё ҳокимигарӣ набуд. Зеро тамоми роҳбарияти

қабила дар ихтиёри «мардони доно» буд. Онҳо метавонистанд «доҳии қабила»-ро дар кадом вақте, ки хоҳанд, бо шахси дигар иваз намоянд. Ҳоло дар қабила шахсе пайдо нашуда буд, ки аз ҷиҳати таъминот аз дигар аъзои қабила боло истад. Ҳамаи аъзоёни авлоди қабила ҳаёти якхела ва якранг мебурданд. «Доҳӣ» ба аъзоёни шӯрои «мардҳои доно» маслиҳат дода тавонад ҳам, бо дастранҷи худ ин ё он корро ба монанди кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, биносозӣ ба ҷо оварда рӯзгорашро пеш мебурд. Аз ҳама мусбаттар он буд, ки тамоми маҳсулоти меҳнат, байни аъзоёни қабила баробар тақсим карда мешуд. Тахмин карда мешавад, ки яке серу дигаре гурусна, яке пӯшидаву дигаре бараҳна набуд ва яке дар хонаи гарму дигаре дар хонаи хунук зиндагӣ намекарданд. Аз падаршоҳи оила сар карда, то падаршоҳи қабила зисту ҳастии якхела доштанд. Дар ҳолати вайрон шудани ин шарту шароит, аз «мардҳои доно» сар карда, то «доҳии қабила» аз нав интихоб карда мешуданд. Ин тарзи зисти ҷамоатиро илми таърих «ҷомеаи коммунизми ибтидоӣ» медонад.

Дар баробари ин, шахсони донои аз тарафи халқ интихобшуда, обрӯву эътибор доштанд. Ақлу заковати онҳо, ки пешравии зисти қабиларо таъмин мекард, аз тарафи аъзоёни ҷомеа қадр карда мешуд. Ба хотири қадркунии хизмати сардори қабила, аъзоён барои вай хонаҳои барҳаво месохтанду чорвояшро мечарониданд. Вақти тақсими маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи ӯро зиёдтар медоданд.

Ин рафтори дар аввал ихтиёрии аъзоёни қабила баъдина ба расмият даромад ва яке аз сабабҳои нобаробарии иқтисодиёти аъзоёни ҷомеа гардид. Ин қадами аввалини ба табақаҳои бою қамбағал тақсимшавии ҷомеаи ибтидоӣ буд.

Ҳафриёти Саразм исбот мекунад, ки дар ибтидои замони биринҷӣ сокинони он дигар тарзи зиндагонии якрангаву баробар надоштанд. Авлоду оилаҳое пайдо шуда буданд, ки аз рӯи дороӣ ва мартаба нисбат аз дигарон болотар меистоданд. Баъзеи онҳо дар хонаҳои васеву хушҳаво зиндагӣ карда, дар рӯзгори худ ашё, олоти гуногунро истифода мекарданд. Вале зиндагии онҳо дар кадом дараҷа набошад, ҷомеа ҳамоно ҷомеаи бесинф буду онҳо дар зинаи аввалини тамаддун умр ба сар мебурданд.

# КИШОВАРЗОН ВА ЧОРВОДОРОН

Пеш аз ҳафриёт, вақте ки болои теппачаҳо қадам зада, ҷойи онро муайян мекардем, пеши поямон сангҳои гуногуншакли бо дасти инсон тағйирпазируфтароро медидем. Ғармичҳои гуногунрангу гуногунҳаҷм, сангҳои лундаю паҳни қисман суфта шуда, пораҳои косачаҳои мармарӣ ва дастаҳои ҷувоз буданд. Чунон зиёд буданд, ки онҳоро ҷамъ намуда, ба корхона овардан кори як кас набуд. Онҳо безабон бошанд ҳам ба мо «нақл мекарданд», ки солҳои дароз дар дасти одамон вазифаи олоти гуногунро ба ҷо овардаанд. Баъди аз назар гузаронидани ин ашёи сангӣ ба мо равшан гардид, ки сокинони Саразм кишоварз будаанду ғаллаҳои худро бо воситаи ҳамин ғармичҳою дастаҳои ҷувоз қима карда, аз онҳо бароящон хӯрок тайёр мекарданд.

Нишонаҳои инкишофи чорводорӣ дар Саразм дар устухонҳои ҳайвонҳои гуногун, ки дар болои теппаҳо ба чашм мерасиданд, дида мешуд. Вале мо ҳоло намедонистем, ки онҳо устухонҳои чорвои ваҳшианд ё хонагӣ. Бо умеди он будем, ки бо ёрии зоологҳо намудҳои чорвои хоҷагии саразмиҳоро муайян намоем.

Метавон гуфт, ки ин ду намуди машғулият: кишоварзӣ ва чорводорӣ нафақат асоси иқтисодиёт буданд, балки омилҳои муайянкунандаи фарҳанги одамони ҷомеаи ибтидоӣ низ ба шумор мерафтанд.

**Нахуст оид ба кишоварзӣ.** Ҳар боре, ки аз дастурхон бурдаи нонеро ба даст мегирифтам, ба худ саволе медодам, ки нони аввалинро чӣ гуна офарида бошанд? Дар пеши назар гандумзори васеъ, комбайнҳо, нонвойхонаҳо ва мошинҳои пур аз нони гарм пайдо мешаванд ва ҳамаи инҳо барои мо ҳодисаи муқаррарӣ шуда мондаанд. Вале 5000 сол қабл аз замони мо, ки ягон намуди техникаи кишткунию ғаллаҷамъкунӣ, осиёю танӯрҳо набуданд, мардум чӣ гуна зиндагӣ мекард. Донаи аввалини гандуму ҷавро кадом деҳқон рӯёнидаасту нони аввалинро дар куҷо пухта

бошанд? Ба ин ва саволҳои сершумори дигар фақат далелҳои ҳафриёти ёдгории бостонии таърихи беш аз 5 ҳазорсола дошта, ҷавоб дода метавонисту бас. Ҳоло дар симои Саразм мо чунин ёдгориро дорем, вале сирру асрори он оид ба фарҳанги кишоварзӣ дар қабатҳои маскунии он дар қаъри асрҳо ниҳон аст. Бо вуҷуди ин мекӯшем оид ба оғози кишоварзӣ чанде сухан ронем ва душвориҳои зиндагии инсонро аз назар гузаронем.

Аввалин донапошу донағундор, танӯрсозу нонпаз занҳо буданд. Он донаҳои худрӯе, ки занон аз доманаҳои талу теппаҳо, сою адирҳо чида ба бошишгоҳ меоварданд, дар вақти кӯфтану нарм кардан ба ҳар тараф пош хӯрда, қисме аз онҳо зери хок мешуданд. Соли дигар дар назди бошишгоҳ сабзида баромадани майсаи ғалларо касе пайхас намекард. Вақте ки майсаҳо тухм баста, донаҳои хӯрданибоб пайдо карданд, занҳои хӯшачин онҳоро чида хӯрок мепухтанд. Ана ҳамин тавр, дар натиҷаи чандин маротиба такрор шудани ин ҳодиса одамони замони санг ба хулоса омаданд, ки онҳоро ба шакли фарҳангӣ кишт кардан мумкин аст. Аммо барои ин замини ҳамвору нарм, об, шароити мусоид ва олоти заминшудгоркунӣ лозим буд. Он замон дар дасти онҳо ягон олоти заминкобӣ набуд. Маҷбур шуданд, олот ихтироъ кунанд. Вале чӣ тавр? Аз кадом ашё? Инсон ба андеша афтод. Ба ин саволҳо фақат бозёфтҳои бостонии асри сангу бринҷӣ ҷавоб дода метавонистанд.

Ҳоло ба мо маълум, ки кишоварзони Саразм замини худро бо олоти сангӣ, устухонӣ, баъди ихтироъи метал бо олоти мисиву биринҷӣ ҷуфт намуда киштукор мекарданд. Бигзор хонанда гумон накунад, ки саразмиён ва кишоварзони ноҳияҳои дигар бо аспу ҷуфти гов заминро яклухт чаппагардон карда, бо сихмолаҳо нарм карда, бо мола кулӯххои онро мешикастанд. Ҳеҷ гоҳ ин тавр нест. Дар он замон инсон ҳоло ягон намуди ҳайвоноти кориро дар кишоварзӣ истифода намебурд. Тамоми корҳои кишоварзӣ дастӣ иҷро мешуданд.

Бостоншиносони варзидаи асри биринҷӣ В.М. Массон, Р.М. Мунчаев, Н.Я. Мерперт, Г.Ф. Коробкова, ихтисосмандони кишоварзӣ Н.И. Вавилов, Г.Н. Лисисина, М.М. Дяконов ва дигарон собит намуданд, ки кишоварзон аввал заминро яклухт ҷуфт накарда, онро мисли ҷӯйчаи ҷуқуриаш 10-15 см мекофтанд. Донаҳои ғалларо бошад ба ҳамон ҷӯйча дар масоҳати муайян дона-дона мерехтаанду рӯи онро бо хок мепӯшиданд. Сабзидани донаҳои рехташуда ба мусоид баи обу ҳаво вобаста буд.

Баробари ин аз рӯи ақлу заковат ва таҷрибаи ҳаёт, одамони қадим медонистанд, ки кишт кардан дар ҳавзаҳои дарёҳою соҳили кӯлҳо фоидаовартар аст. Бинобар ин аксарияти бошишгоҳу қароргоҳҳо, деҳкадаву шаҳракҳоро дар назди дарёву кӯлҳо ва чашмаҳои равон месохтанд. Дар ин гуна ҷойҳо онҳо имконият доштанд, ки ба ғайр аз кишоварзӣ боз бо шикор, моҳидорӣ низ машғул шаванд.

Ин назарияро мавқеи ҷойгиршавии шаҳраки Саразм дар соҳили Оимкӯл ва дарёи Зарафшон ва ёдгориҳои Кабутаки Шимолӣ (Купетдоғ), - Намозгоҳ, Олтинтеппа, Геоксюр, Илгинли ва чанде дигар, ки ватани кишоварзони қадимаи сарзамини Осиёи Марказианд исбот менамоянд.

Аз ин рӯ метавон гуфт, ки ниёгонамон 5000-5500 сол қабл аз ин заминро бо омоҷҳои сангӣ, чӯбӣ, устухонӣ шудгор мекарданд. Ниҳоят дар асри биринҷӣ 40 сада пеш аз замони мо сари омоҷро аз мис сохта, дар кишоварзӣ қувваи ҳайвоноти кориро истифода мебурдагӣ шуданд. Дар навбати худ ихтирооти омоҷу ҷуфти гов қувваи зиёди ҷисмониро талаб мекард, ки он барои занҳо хеле душвор буд. Аз ин рӯ иҷроиши ин корро мардҳо ба зиммаи худ гирифтаанду бо ҳамин мавқеи худро чӣ дар оила ва чӣ дар ҷомеа устувор гардониданд.

Вале бо ин ҳама мавқеи зан дар хоҷагидорӣ ва рӯзгордорӣ паст нашуд. Вай касбҳои гуногун аз ҷумла ресандагӣ, бофандагӣ, кулолгарӣ, либосдӯзиро азхуд намуда, дар пешравии зиндагӣ нақши ҳалкунандаро мебозид.

Бостоншиносони Саразмро лозим буд, ки дар вақти ҳафриёт ба саволҳои сершумор аз рӯи бозёфтҳо ҷавоб пайдо кунанд. Бо ин мақсад дар рафти ковишҳою аз зери хок кушодани хонаҳо мо ҳар як ашёю олоти дарёфтшударо аз назар мегузарондем. Вале маълум, ки ғалладона тухму донакҳои дарахтони меванок ва бисёр дигар ҷинсҳои органикӣ: пӯст, гӯшт, матоъ, чарм, пашм ва ғайраҳо бо мурури замон пӯсида ба хок табдил меёбанд. Аз ин рӯ, дарёфт намудани онҳо ғайриимкон буд. Лекин бостоншиносон ақида доранд, ки ягон чиз абадан гум намешавад. Аз гандуму ҷав коҳу пахол мемонаду аз ҳайвонот устухон. Дар он ҷое, ки даҳҳо ҳазор сол об нарасидааст,  ҳатто донаку тухмҳои меваҳо низ эмин хоҳанд монд. То замони мо расида омадани ҷаву гандум, нахӯду шолӣ хеле душвор аст. Аммо мо аз он ноумед намешудем. Вақте ки дар мағзи хиштҳову андоваҳои рӯи деворҳо пӯсти гандуму ҷав ва коҳи онҳоро дидем, бо як овоз гуфтем, ки  сокинони Саразм мардуми кишоварз будаанду дар заминҳои назди ҳавлиҳои худ ҷаву гандум кишт мекардаанд.

Бо вуҷуди ин фақат пас аз бори нахуст дарёфт шудани донаҳои ҷав боварии мо оид ба мавҷудияти фарҳанги кишоварзии саразмиён бештар гардид.  Он донаҳоро соли 1978 Усмонҷон Эшонқулов дарёфт намуд. Вай дар вақти аз хоку партоваҳо тоза намудани чоҳи хамба якчанд лӯндаи лойи хушкшударо  дарёфт кард, ки ба лой донаҳои ҷав часпида буданд. Ба мо лозим омад, ки бо  асбоби ҷарроҳӣ – пинсет ҳар як донаи онро алоҳида-алоҳида чида гирем. Азбаски мағзи донаҳо пусида, бо лой омехта шудаанд,

фақат пӯсти боқимондаи донаҳои ҷав шакли аслии худро нигоҳ дошта буданд. Дар натиҷаи «ҷарроҳии» якчандрӯза мо тавонистем, ки 221 донаи алоҳидаи ҷавро аз дохили лой ҷудо кунем.

Ин далели киштукори ҷавро донистани сокинони Саразм ҳанӯз дар асри сангу биринҷӣ буд. Дертар дар рафти ҳафриёт мо қолиби ба лой часпидаи  пояи гандумро низ пайдо кардем. Акнун бо далелҳои  баҳснопазир метавон

гуфт, ки ғармичҳои Саразм аввалин осиёбҳо буданд. Саразмиён яке аз аввалин офарандагони орду пазандагони нон дар сарзамини Мовароуннаҳр будаанд.

Шояд дар байни ҳамкасбони ман ва донишмандони дигар шахсе пайдо шавад, ба гуфтаҳои боло эрод гиранд. Бале онҳо асоси илмӣ доранд ва ҳафриёти бостонии сарзамини Мовароуннаҳр гувоҳӣ онанд. Ба бостоншиносон маълум, ки қадимтарин ёдгориҳои сарзамини номбурда, бидуни шаҳраки Саразм ба замони мутараққӣ ва охири асри биринҷӣ, дурустараш ба ҳазорсолаи I пеш аз мелод мансубанд. Ба ин қабил ёдгориҳо кашфиёти В.М. Массон, Г.Н. Лисисина, И.Н. Хлопин, В.И. Сарианиди, Э.И. Масимов дар Кабутаки Шимолӣ (Купетдоғ); А.Ю. Заднепровский, Н.Г. Горбунова дар водии Фарғона (фарҳанги Қайроққум ва Чуст); Я. Ғуломов, А. Аскаров, У. Исломов ёдгориҳои Замонбобо, Мӯъминобод, Гуҷайлӣ; Л.Т. Пянкова дар водии Зарафшон; Н.М. Виноградова, дар Норак ва Данғара; А.М. Манделштам дар Бешканд; А. Аскаров дар Сурхандарё ва даҳҳо дигарон дохил шуда метавонанд. Гарчанде дар он ёдгориҳо асосан нишонаҳои чорводорӣ ва кишоварзӣ ба чашм мерасанд, онҳо таърихан аз фарҳанги Саразм, 1,5-2 ҳазор сол ҷавонтаранд. Маҳз аз ҳамин сабаб мо фарҳанги саразмиёнро асоси фарҳанги кишоварзии сокинони байни дарёҳои Сиру Ому меҳисобем.

Саёҳатамонро дар бахши инкишофи кишоварзӣ идома дода, иброз медорам, ки дар охири ҳазорсолаи III пеш аз мелод кишоварзони Саразм олоти заминкобию ғалладаравиро хеле пеш бурданд. Азхудкунии фарҳанги маъдангудозӣ ба онҳо имконият дод, ки теғи омоч, белу каланд ва досҳоро, ки асоси олоти кишоварзист, аз мису биринҷӣ созанд. Ин ихтироот мусоидат намуд, ки бо воситаи қувваи кори ҳайвоноти хонагӣ, пеш аз ҳама барзаговҳо, хару хачирҳо майдонҳои васеъро шудгор карда, кишти ҷаву гандумро ба роҳ монанд. Баъди обшӯй намудани хоки анбору хамбаҳои шаҳраки Саразм донаҳои сиёҳ гаштаи нахӯтаку наск ва кунҷит дарёфт шудаанд. Ин чиз исботи дигаре барои фарҳанги баланди кишоварзии ин сарзами-

нанд, ки ниёгони мо дар рӯзгори худ намудҳои гуногуни зироати ғаллагиро истифода мебурдаанд.

Ҳоло метавон гуфт, ки дар асри биринҷӣ сокинони Саразм, имконият пайдо кардаанд, ки нафақат талаботи худро бо ғалла таъмин намоянд, балки қисми онро ба ҳамсоягони худ ба молҳои дигар иваз намоянд. Ин гуфтаҳои худро бо он асоснок мекунем, ки дар се хамбаи ғалланигоҳдории бинои III саразмиён то 75 тонна ғалла нигоҳ дошта метавонистанд. Ин се утоқи номбурда, ки дарозиашон 10-11м, барашон 1,20-1,30м баландиашон 2 метр аст, ҳамчун анбори ғалланигоҳдорӣ хизмат мекарданд.

Аз рӯи хонаҳои истиқоматие, ки ба шакли чоркунҷаи ҳаҷмашон 3х3; 75х3, 75 метра сохта шудаанд, тахмин кардан мумкин аст, ки ғалладонагиҳо аз тарафи шахсони махсус ҳифз карда мешудаанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки саразмиён барои ҳолатҳои фавқуллода: низоъи байни қабилаҳо, хушксолӣ ва ҳодисаҳои ғайричашмдошт дар ихтиёри худ озуқаи заруриро нигоҳ медоштанд. Ғайр аз ин шояд ҷаву гандуми захира кардашуда барои тухмӣ ва савдо пешбинӣ шуда бошанд.

Вақте, ки дар ҳафриёти бинои VII бостоншиноси фаронсавӣ Роланд Безенвал 8 хамбачаи дарозшакли дар як қатор ҷойгиршударо кушод, тахмини мо оид ба мавҷуд будани ғалладонагиҳои гуногун дар Саразм боз ҳам асоснок гардид. Хамбачаҳо аз ҷиҳати ғунҷоиши худ аз якдигар фарқ мекунанд. Онҳо барои нигоҳдории аз 200 кило то 3 тонна ғалла сохта шудаанд. Ин собит менамояд, ки саразмиён дар рӯзгори худ 8 намуди ғалладонагиро истифода мекарданд, ки ин дар ибтидои фарҳанги кишоварзӣ 5-4 ҳазор сол қабл аз замони мо комёбии калоне мебошад.

Чунин болоравии мавқеи кишоварзӣ зарурияти ба худ хос дорад. Зеро фақат одамони бо кишоварзӣ – бо замин сару кор дошта қодиранд, ки шаҳру деҳот бино намуда, дар он тамоми намудҳои ҳунармандиро рушд диҳанд. Мардуми кишоварз солҳои дароз дар як маскан зиндагӣ карда, фарҳанги худро такмил додаанд ва ба зинаҳои баландтари зист баромадаанд.

Инро нисбати қабилаҳои кӯчманчии чорводор гуфтан душвор аст. Зеро онҳо аз паси чорвои сершумори худ, дар ҷустуҷӯи чарогоҳи наву замини нав буданд ва соле қариб як-ду мартиба макони зисти худро тағйир медоданд. Вале ин он маъноро надорад, ки қабилаҳои кишоварзону чорводорон бо ҳамдигар робита надошта бошанд. Баръакс, байни онҳо робитаи зич, пайванди тиҷоратию иқтисодӣ мавҷуд буд. Кишоварзони қадим ба қабилаҳои чорводор ғалла, мева, олоти ҳунари дастӣ дода, аз онҳо чорво, гӯшт, равған, масолеҳи ширӣ, пашм, матоъҳои пашмӣ, пӯст ва дигар маҳсулоти чорво мегирифтанд.

Дар асри биринҷӣ онеро, ки танҳо ба кишоварзию чорводорӣ машғул бошад, дар сарзамини Осиёи Марказӣ пайдо кардан душвор буд. Дар ин замон кишоварзон ба чорводорию, чорводорон бо кишоварзӣ низ машғул буданд. Фарқ дар он буд, ки дар ин ё он қабила яке аз ин соҳаҳо дар иқтисодиёт мавқеи ҳалкунандаро мебозид. Масалан, дар ҳазорсолаи III пеш аз мелод сокинони шаҳраки Саразм асосан кишоварз буданду чорводорӣ машғулияти дуюминдараҷа ҳисоб мешуд. Дар байни сокинони Қайроққум - музофоти Хуҷанд, Замонбобо-музофоти Бухоро, Бешкенту Данғара - дар Вахшу Кӯлоб чорводорӣ мавқеи асосиро ишғол мекард.

Вале бозёфтҳои бостонӣ: зарфҳои сафолӣ, асбобу анҷомҳо ва васоити ороишии биринҷӣ, қолиби зарфҳои сангӣ дар ёдгориҳои кӯчманчиён шоҳиди он буданд, ки қабилаҳои чорводор низ ба ҳунармандӣ шуғл меварзиданд.

Дар боби фарҳанги чорводории сокинони Саразм ҳаминро гуфтанием, ки дар замони аввали тамаддун – энеолит ҳоло бисёр қабилаҳо тарзи ромкунӣ ва хонагӣ намудани чорвои ваҳширо азхуд накарда буданд. Дар он замон табиати бойи водии Зарафшон манбаъи асосии зиндагӣ буд. Дар арчазори кӯҳҳои Суғду Зарафшон намудҳои гуногуни ҳайвонот мечариданд. Ҷангалзорҳои ҳавзаи дарёи Зарафшон олами бои ҳайвоноту паррандаҳо доштанд. Дарёчаҳои сершумори водии Зарафшон хазинаи

бойи моҳиҳои гуногун буданд. Хулоса, сокинони Саразм ва дигар қабилаҳои водӣ имконият  доштанд ба воситаи азхудкунии сарватҳои табиат ва шикорчигию моҳидорӣ низ худро аз хӯрок таъмин намоянд. Вале дар замоне, ки олоти шикорӣ аз фалахмон, камон, пайкон ва найза иборат буд, кори шикорчиён доимо бобарор набуд. Хулоса, барои хӯроки доимӣ доштан ҷомеаро зарур буд, ки ба хонагикунии ҳайвонот  машғул шаваду бо ин зарурияти иқтисодии худро таъмин намояд.

Дар рафти ҳафриёт ба мо даст дод, ки миқдори зиёди устухони ҳайвонотро дарёфт кунем. Буҷулҳо, қабурғаҳо, шохҳо, косахонаи сари ҳар гуна ҳайвонот шоҳиди он аст, ки замоне сокинони Саразм гӯшту шири фаровон истеъмол мекардаанд. Аммо ба мо маълум набуд, ки ин устухонҳо ба кадом намуди ҳайвонот тааллуқ доштанд. Аз ин рӯ барои донистани намудҳои ҳайвоноти Саразм лозим омад, ки ба зоологҳо мурочиат кунем. Барои ҳалли ин масъала номзади илми биология, корманди Институти зоология ва паразиталогияи АИ Тоҷикистон Шарифовро аз шаҳри Душанбе, зоологҳо А.К. Каспаровро аз Санкт-Петербург, Ҷон Дессро аз Фаронса таклиф намудем. Аз рӯи таҳқиқоти онҳо маълум гардид, ки сокинони Саразм дар замони энеолиту биринҷӣ гӯшти гов, гӯсфанд, буз, нахҷир, оҳу, гавазн, хукҳои ёбоиро истеъмол мекардаанд. Дар байни устухонпораҳо боқимондаҳои устухони мурғу мурғоби, кабку кабӯтар ва моҳихӯракҳо низ дучор мешуданд.

Муҳаққиқон маълум карданд, ки қисми асосии ҳайвоноти хонагӣ бузу гӯсфандон буда, таносубан нисбати гову барзагов, нахҷиру маркаб 1 бар 10-ро ташкил медод. Бояд қайд намоем, ки саразмиён дар зинаи аввали инкишофи фарҳанги энеолит ҳоло аспро ба худ ром накарда буданд, зеро устухони асп дар қабате, ки ба асри биринҷӣӣ тааллуқ дорад, ба миқдори хеле кам дарёфт шуд.

Оид ба фарҳанги чорводорӣ  бояд бигӯем, ки гов дар зиндагонии одамони қадим аҳамияти бениҳоят калоне дошт. Бо барзоговҳо одамони қадим заминҳои худро

шудгор мекарданд, онҳоро барои кашонидани чӯбу қамиш, сангҳои маъданӣ низ истифода мебурданд. Аз гӯшту шири онҳо хӯрок, аз пӯсту пашми онҳо либос, пойафзол тайёр макарданд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод говро ҳамчун мӯъҷизаи олӣ ҳисобида, акси онро дар деворҳои маъбадҳо ва рӯи мӯҳрҳо тасвир мекарданд.

Тасвири тиллоини гов дар якчанд ёдгориҳои асри бириничӣ, аз он ҷумла дар Мисри қадим, ҷазираи Крит, Олтинтеппаи Кабутак (Купетдоғ) дарёфт шудаанд. Муҳаққиқони ин ёдгориҳо тасвири говро ҳамчун рамзи худои офтоб ва осмон маънидод кардаанд. Дар бисёр ёдгориҳои Ҳиндустон, Покистон, Эрон ва Месопотамия бостоншиносон муҷассама ва мӯҳрҳои ба болояш тасвири барзагов кандашударо дарёфт намудаанд. Ин гуна тасвиротро мо низ дар бинои IV-и шаҳраки Саразм дарёфт намудем. Гови Саразм дар рӯи санги ғуламонанде кандакорӣ шуда буд, саразмиён вайро ҳамчун мӯҳр истифода мекарданд.

Акнун мавқеи гову барзаговро дар ҳаёти одамони қадим шарҳ дода, бояд хотирнишон кард, ки дар китоби муқаддаси зардуштии мардуми ориёӣ Авесто гов ҳамчун мӯъҷизаи муқаддас тасвир карда шудааст. Дертар бошад подшоҳони қадим аз Дорову Сикандар сар карда, ба кулоҳи шоҳонаи худ тасвири тиллоину нукрагини шохи говро илова мекарданд. Ба ақидаи мо ин рамзи тавоноӣ, ҷасурӣ ва мӯъҷизанокиро ифода менамуд.

Хулоса, чорводорӣ мисли кишоварзӣ решаи чуқури таърихӣ дошта, ба ибтидои он ниёгонамон зиёда аз 6000 сол қабл аз замони мо асос гузоштаанд.

# ОТАШИ МУҚАДДАС, ОТАШГОҲҲО ВА ОТАШКАДАҲО

Дар улуми бостоншиносию таърихшиносӣ анъанаест, ки фарҳанги ҷомеаи инсониро аз рӯи эътиқод нисбат ба мӯъҷизаҳои табиат: офтоб, обу оташ ва замин ба давраҳо ҷудо мекунанд. Гурӯҳеро ба парастиши офтобу моҳтоб, дигарерро ба оташ ва сеюмиро ба обу замин нисбат медиҳанд. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки дар ҷомеаи ибтидоӣ, ки ҳоло одам дар ҳолати ваҳшигию нимваҳшигӣ қарор дошт, аз ҳама ва ҳар гуна ҳодисаҳои табиат: сармову гармо, селу ҷола, заминҷумбию сӯхторҳо ва чанде дигар ҳисси тарс вуҷуд дошт. Сабаб дар он буд, ки онҳо ҳанӯз қонунияти ин ҳодисаҳоро намедонистанду рӯйдоди ҳар як ҳодисаро сабаби ғазаби онҳо медонистанд. Роҳи ягонаи аз ин ғазаб раҳиданро одамон дар зориву тавалло ва қурбоникуниҳо медонистанд. Дар баробари пешравии зиндагӣ, афзудани малака ва инкишофи табиатшиносӣ, онҳо худро ба ҳодисаҳои табиат мутобиқ мекарданд, каму беш қонунҳои табиатро дарк мекарданд. Вале дарккунии онҳо то ба дараҷае буд, ки ба онҳо лозим омад, ба офтоби ҳаррӯзаву моҳтоби ҳаршаба, ба оташе, ки гарчанде фалокатбор аст, вале онҳоро аз сармо эмин медорад, эътиқод пайдо кунанд ва онҳоро парастанд. Он қабилаҳое, ки дар соҳили баҳру укёнус, кӯлу дарёҳо зиндагӣ мекарданд, обро ҳамчун мӯъҷиза мешинохтанд. Билохир тамоми мавҷудоти ҳаёт, ки дар рӯи замин буд ва аз замин мерӯиду ба замин мерафт, мавқеи заминро бузургтар мегардонид.

Аз ин рӯ, одамони замони полеолит, мезолит ва неолит, ки 70-100 ҳазор сол қабл аз мо умр ба сар бурдаанд, зиндагии якранга доштанд. Ин чунин маъно дорад, ки тарзи ҳаёти маънавӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, муҳити зист, олоти истеҳсолот ва хӯрду хӯроки ҳамаи одамон ба якдигар монандӣ дошт. Хулосаи ин гуфтаҳо он аст, ки инсон, ба маънои томаш, дар тамоми ҷаҳон пайраҳаи якранги ташаккулу рушдро пасу пеш тай намудааст.

Маҳз аз ҳамин хотир мӯъҷизаҳои табиат: офтоб, моҳтоб, оташ, об ва замин барои ҳамаи ҷомеаи инсонӣ қадру қиммати якхела дорад. Аз ин рӯ, дар асри санг муайян кардани ватани оташпарастон душвор аст ва онҳо, ки ин ё он сарзаминро саросемавор сарчашмаи аввалини оташпарастӣ мешуморанд, хатои калони таърихӣ содир мекунанд.

Аввалин дини ниёгони мо оташпарастӣ буд. Олимони намоёни давр В.В. Струве, Б.Ғ. Ғафуров, Н.Н. Неъматов, Б.А. Литвинский, А.М. Беленитский, А.М. Манделштам, А.Ҷ. Бобоев, Д. Карамшоев ва чанде дигарон сарзамини Осиёи Марказӣро ватани оташпарастони аввалин мешиносанд. Баробари ин номбурдагон пайдоиши дини оташпарастиро ба охири ҳазорсолаи II ва аввали ҳазорсолаи I-уми то мелод мансуб медонанд. Онҳо нишонаҳои аввалини оташпарастиро дар ёдгориҳои бостонии замони охири асри биринҷӣ дар Қайроққуми музофоти Хуҷанд, Оқтангии Шаҳристон, Макони Мори Фархор, Бешкенти Шаҳритус ва як зумра ёдгориҳои Кӯҳистони Бадахшон мебинанд. Бояд гуфт, ки ҳамаи ин ёдгориҳо пеш аз пайдоиши ҷомеаи синфӣ вуҷуд доштанд. Аз ин рӯ, ба оташ эътиқод доштани онҳо шакли номуташаккиле дошта, ҳанӯз он оташ ҳамчун дин афкори синфи дорову ҳукмронро ифода карда наметавонист.

Баъди мушоҳидаҳою баррасиҳои бостонии шаҳраки Саразм, ба пиндори ман, парастиши оташ аз тарафи қабилаҳою оилаҳо дар шакли муташаккил дар замони энеолит ва ибтидои асри биринҷӣ воқеъ шудааст. Ба таҳқиқоти зардуштшиносӣ такя намуда бояд хотирнишон сохт, ки муҳаққиқи англис Мери Бойс дар асарҳои худ «Таърихи зардуштӣ» ва «Зардуштиён» навиштааст, ки «Зардуштизм»... қариб 3500 сол пеш дар даштҳои Осиё пайдо шуда, ҳамчун дини давлатии се империяи эрониён, якчанд садсолаҳо рушд ёфта ҳукмронӣ кардааст. Ба ақидаи муҳаққиқ ба ин империя Ҳиндустони Шимолӣ, Осиёи Марказию Эрон ва дигар вилоятҳои Шарқи Наздик дохил мешуданд.

Равшан шуд, ки дар рафти ҳафриёти шаҳраки Саразм то соли 1990 31 оташгоҳ пайдо гардид. Онҳо асосан ду шакл доранд: – чоркунҷа ва доирашакл. Ҳамаи онҳо дар мобайни

хонаҳо ва толорҳои гуногунҳаҷм сохта шудаанд. Ин тарзи ҷойгиршавии оташгоҳ ба одамон имконият медод, ки аз ҳар тараф ба оташи афрӯхташуда наздик шуда тавонанд. Ҳаҷмҳои оташгоҳ мутаносиби хонаву толорҳо буданд. Дар хонаҳои хурди шахсӣ буриши кӯндалагии оташгоҳи хурди доирашакл ба 60-80 см, тарафҳои оташгоҳи чоркунҷа ба 65х65см баробаранд. Дар толорҳои васеъ оташгоҳҳои нисбатан калон месохтанд, ки таносуби онҳо муқвофиқан ба 125-150см ва 100х110см баробаранд. Дар ҳарду ҳолат оташгоҳҳо бо деворчаи 5-10см иҳота карда шуда, дар маркази онҳо чуқурчаи оташнигоҳдории ба ҳаҷми оташгоҳ мувофиқ кофта мешуданд. Азбаски дар чуқурчаҳо хокистару ангиштҳои чӯби сӯхташуда боқӣ мондаанд, девори чуқурча ва атрофи он аз тасфи оташ ба сафолак табдил ёфтааст. Тахмин кардан мумкин аст, ки дар онҳо оташи муққадас ҳеҷ гоҳ хомӯш намешудааст.

Ин қабил оташгоҳҳоро бостоншиносон дар ёдгориҳои Кабутаки Шимолӣ, Қаротеппа, Олтинтеппа, Геоксюр, Айнатеппа, Илгинлӣ, ки ҳамдаври шаҳраки Саразманд хеле бисёр вохӯрдаанд. Берун аз Осиёи Марказӣ ин гуна оташгоҳҳо дар ёдгориҳои Сӯзӣ, Сиалк, Теппаи Ҳисор, Шаҳри Сӯхтаи Эрон, Мундигаки Афғонистон, Кулли ва Пираки Покистон дарёфт шудаанд. Ҳамаи муҳаққиқони ёдгориҳои номбурда ин қабил оташгоҳро ба парастиши оташ вобаста медонанд.

Дар яке аз достонҳои дини ҳиндуён «Шатапатаха барахман» ривояте оварда шудааст, ки оташгоҳи мудаввар рамзи осмон буда, беканории онро ифода менамояд, оташгоҳи чоркунҷа устуворию тарафҳои заминро ифода менамояд.

Натиҷаи ковишҳои бостонӣ ба он меоварад, ки оташпарастӣ дар байни сокинони Саразм дини мукаммал буд. Ҳар як дин ҳамон вақт муайянкунандаи афкори ҷомеа ҳисобида мешавад, ки дар ҷомеа нобаробарии иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсати давлатдорӣ мавҷуд бошад. Оташпарастони шаҳраки Саразм дар ҷомеаи ибтидоӣ зиндагӣ мекарданд. Аз ин

рӯ оташгоҳҳои Саразмро ибтидои ташаккули парастиши оташ дар байни қабилаҳо шуморидан мумкин аст.

Азбаски масъалаи дар куҷо ва дар кадом шароит ташаккул ёфтани оташпарастӣ то ҳол равшан карда нашудааст, метавон гуфт, ки аз рӯи оташгоҳҳо, маъбадҳо ватани оташпарастонро тамоми Шарқи Миёна шуморидан мумкин аст. Вале парастиши оташ дар ин сарзамин дар тӯли ҳазорсолаҳои IV-II пеш аз мелод шакли табиӣ дошта рамзи офтобро дар рӯи замин ифода менамуд.

Қудрати офтобу сайёрагон дар китоби муқаддаси зардуштия – Авесто, ки қадимтарин асари оиншиносии эронинажодон буд, тараннум карда шудааст. Аммо дар куҷо навишта шудани Авесто аз тарафи мухаққикон то ҳол ошкор нашудааст. Аз рӯи таҳқиқоти И.С. Брагинский «Авесто дар аввалҳои ҳазорсолаи I то мелод дар Осиёи Марказӣ ва шимоли Афғонистон пайдо шудааст» (ЭСТ ч.I, Душанбе, 1978, саҳ.38). Вале бо ин таҳқиқот ӯ сарзамини Эрону эрониёнро аз сар соқит намекунад.

Дар боби пайдоиши Авесто метавон гуфт, ки вай дар ибтидои пайдоиши худ эҷодиёти ориёӣ буд. Банду бастҳои оинҳо аз тарафи одамон азёд шуда, аз даҳон ба даҳон, аз қабила ба қабила, аз кишвар ба кишвар мегузашт.

Офарандаи оинҳои авестоӣ қабилаҳои ориёӣ, ки онҳо дар сарзамини Аирйанам Ваеҷаҳ мезистанд. Дар навбати худ, оид ба ҷойгиршавии ин сарзамин низ байни олимон фикри ягона вуҷуд надорад.

Қатори ақидаҳои гуногун гуфтори бостоншинос Х. Нюбергро хотиррасон бояд кард, ки вай мамлакати Аирйанам Ваеҷаҳ «Фароҳно» -ро Мовароуннаҳри Осиёи Марказӣ – байни дарёҳои Ому ва Сир меномад. Аз як тараф ба ёдгориҳои бостонӣ, аз тарафи дигар ба таҳқиқоти Бобоҷон Ғафуров такя намуда, гуфтан мумкин аст, ки Аирйанам Ваеҷаҳ ватани эронинажодҳои қадим буда, тамоми ҳудуди Осиёи Марказӣ ва вилоятҳои дар шимолу ғарбии он ҷойгиршударо дар бар мегирад ҳудуди ҷанубии онро сарҳади шимолии Эрону Ҳиндустон донистан мувофиқи мақсад аст.

Авесто аз пайғамбари оини оташпарастӣ – Зардушт дар шакли даҳонӣ пештар пайдо шудааст. Ба ақидаи ман дини оташпарастӣ ба маънои томаш ҳанӯз аз карнҳои VIII-VII пеш аз мелод то ба саҳнаи таърих баромадани шоҳи оташпарастон Зардушт нақши муайянкунандаи афкори ҷамоатиро ишғол менамуд. Зардушт бошад аз банду басти он дар такмили фалсафаи дини оташпарастӣ истифода бурдааст.

Бояд шахсияти Зардуштро равшан намуд. Зеро баъзе аз муҳаққиқон ӯро пайғамбари асотирӣ номидаанд. Ғайр аз ин, дар замони зиндагонии Зардушт низ мо ҳамфикрии донишмандонро намебинем.

Аз рӯи як маълумоти тахминӣ гӯё вай 6-7 ҳазор сол пештар аз Искандари Мақдунӣ (356-323 то мелод) зиндагӣ карда бошад. Аз рӯи маълумоти дигар зиндагии ӯ дар садаи VI то мелод, дар замони шоҳигарии Гуштосп гузаштааст.

Дар «Ғиёс-ул-луғот» мехонем, ки Зардушт (Зардушт, Зардуҳушт) – номи марде аз насли Манучеҳрист, шогирди Фисоурас дар замони Гуштосп даъвои нубувват кард ва дини оташпарастӣ вазъ сохт ва маҷус пайғамбар донанд ва номи ӯ Иброҳим гӯянд. Ва китоби Жанд (Занд), ки сохти ӯст онро осмонӣ донанд («Ғиёс-ул-луғот», ҷ.I, Душанбе, 1987, саҳ. 391).

Пеш аз ҳама маълумоти «Ғиёс-ул-луғот» бовариноктар аст, зеро подшоҳии Гуштосп аз замони Хаҳоманишҳо 2,5 аср пештар гузашта буд.

Аз оне, ки номи падари Зардушт Поурушаспа асту модари ӯ Дугдова буд, вай шахси асотирӣ набуда зодаи инсон аст. Ба маълумоти Абӯрайҳони Берунӣ такя карда, муаррихи амрикоӣ Ричард Фрай дар асари худ «Наследие Ирана» меорад, ки зардуштия 258 сол пеш аз Искандари Мақдунӣ пайдо шуд. Аз ин ҷо таҳқиқотчӣ ин ду санаро ҷамъ намуда, санаи 588-ро мебарораду менависад, ки дар ҳамин солҳо Гуштосп ба дини Зардуштӣ рӯй оварда буд. Дар соли 588 пайғамбар Зардушт 42-сола буда, дар синни 77-солагӣ аз олам гузаштааст. Пас аз андешаҳои зиёд Р.Фрай навиштааст, ки анъанаи деринаи зардуштизм солҳои 628-551 пеш аз мелод пайдо шудааст. Боз илова намудааст, ки санаи тахмини давраи

оғози дини ӯ зардуштия ба садаи 8-7 пеш аз мелод рост меояд (Фрай Р., «Наследие Ирана», М., 1972, саҳ.52-53).

Барои боз ҳам равшантар намудани санаи пайдоиши дини зардуштӣ мо ба асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» рӯ меорем. Аз рӯи маълумоти Фирдавсӣ Гуштосп 265-266 сол пеш аз Искандари Мақдунӣ подшоҳӣ кардааст. Ин ду санаро ба ҳам ҷамъ намуда, санаи 621-ро ҳосил мекунем, ки ин ба ибтидои садаи VII рост меояд. Аз ин ҷо метавон гуфт, ки садаи VII-и пеш аз мелод, ин ибтидои таваллуди Зардушту рӯи кор омадани дини зардуштист. Ин нишондод ба сохти таърихи мардуми Шарқи Наздик низ мувофиқат мекунад. Тавре, ки дар боло овардем, ҳар як дин фақат дар ҷомеаи синфӣ ифодакунандаи афкори табақаи ҳукмрон шуда метавонад.

Бо вуҷуди ин, наметавон қонеъ шуд, ки парастиши офтобу оташ аз замони Зардушт оғоз ёфтааст. Ҳафриёти бостонии даҳсолаҳои охир дар ноҳияҳои ҷудогонаи Осиёи Марказӣ – водии Зарафшон, кишвари Суғдиён, Хуросони Шимолӣ, Бохтару Бадахшон назариёти муаррихон В.В. Струве ва Б.Ғ. Ғафуровро оид ба кишвари отшпарастон тасдиқ намуданд. Илова ба ин оинҳои оташпарастӣ бо тамоми бахшу ривоятҳои худ ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои IV-II пеш аз мелод дар байни сокинони Осиёи Марказӣ ва ҳамсоягони онҳо ташаккул ёфта буд. Ин расму оин дар ҳазорсолаи II пеш аз мелод дар замони ҳаракати ориёиҳо ба кишварҳои ҷануб, ба Эрону Ҳиндустон расиданд.

Ҳафриёти шаҳраки Саразм гувоҳи он аст, ки кишвари Суғдиён яке аз аввалин марказҳои оташпарастон дониста шавад. Оташгоҳҳои Саразм ва «Маъбади офтобӣ» (бинои 5-ум), ки дар бораи он поёнтар сухан меронем, далели ин гуфтаҳост. Вале оид ба оташгоҳҳо байни бостоншиносон ақидаҳо гуногун аст. Бостоншиносон В.М. Массон, И.Н. Хлопин ва муаллифи ин китоб як ақидаро тарафдорӣ мекунем, вале В.И. Сарианиди ақидаи худро дорад. Мо оташгоҳҳои мудаввару чоркунҷаи Саразм, Қаротеппа, Айнатеппаи Кабутакро хоси парастиши оташ медонем, ба қавли В.И. Сарианиди ин қабил оташгоҳҳо воситаи

гармкунии хонаву толорҳоянд ва онҳо вазифаи сандалии имрӯзаи тоҷиконро иҷро мекардаанд.

Ба мулоҳизаи ман ин оташгоҳҳо маҳз барои он вуҷуд доштанд, ки оташи онро парастиш кунанд, баробари ин дар фасли зимистон то як андоза барои гармкунии хона низ истифода мушуданд. Чаро хулосаи мо чунин духӯра баромад. Аввал, назди оташгоҳҳо (биноҳои IV, V ва IV) яктогӣ косаи сангини ғармич гузошта буданд. Таҳлили хоки ин ҷо нишон медиҳад, ки дар ғармичҳо кадом як намуди растании равғандорро кӯфта гоҳ-гоҳ ба оташ мерехтаанд. Он вақти лозима алангаи оташро забонадору дилрабо мегардонд. Чаро хулосаҳои мо ба назар гӯё чунин осон ҳосил мешаванд? Чунин нишонаҳои оташпарастиро дар маросимҳои имрӯзаи халқамон мебинем. Дар деҳаи Чилгазии ноҳияи Исфара баробари аз остонаи хона қадам гузаштани арӯс пиразанҳо ӯро назди оташ мебаранду ба дасташ чумчаи чӯбин медиҳанд, арӯс аз зарфи равғандори дугӯшаи сафолӣ бо чумча равған гирифта, рӯи оташ мерезад. Пиразанону шоҳидон аз рӯи чигунагии алангаи оташ бахти навхонадоронро муайян мекунанд. Байни ин ду ҳодиса 5 ҳазор сол вақт ҳаст, вале магар онҳо ба якдигар монанд нестанд? Гирди оташ давр занонидани арӯсу рақси ҷӯраҳои домод дар атрофи кундаалоб, нӯгчамонию ҳазориспанддудкунӣ барин одатҳоро низ барои тақвияти хотир ёдрас кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, оташгоҳҳои шаҳраки Саразм маҳз барои парастиши оташ сохта шудаанд. Ҳамчун манбаъи гармӣ истифода бурдани онҳо дуюмдараҷа аст. Зеро оташ чизи муҳим асту аз тамоми хусусиятҳояш баҳра бояд бурд.

Таҳқиқи зинаҳои аввалини пайдоиши оташпарастӣ зарур мебошад. Ин чиз низ равшан аст, ки дар ҷомеаи ибтидоӣ дар асри биринҷӣ муайян кардани ватани пайдоиши дини оташпарастӣ аз рӯи як ёдгорӣ амрест маҳол.

Ташаккули мафкураи инсон ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии он вобаста аст. Ононе, ки олоти корию аслиҳаи шикорӣ ихтироъ карда буданд имконият доштанд, ки ба

шикор, кишоварзӣ, ҳунармандӣ машғул шаванд. Дар чунин ҷомеа инсон аз азхудкунандаи бойигарии табиат ба истеҳсолкунандаи он табдил меёбад. Инсон акнун танҳо ба ғундоштани ғалладонаю меваҳои ёбоӣ машғул нашуда, худ баъзе намудҳои онро дар назди бошишгоҳаш кишт намуда оилаи худро бо хӯрок доимо таъмин мекард. Ром намудани ҳайвонот имконият фароҳам овард, ки дар баробари шикор бо чорводорӣ низ машғул шаванд.

Ҳамин тавр исбот шудааст, ки кишоварзӣ ва чорводорӣ аввалин намудҳои меҳнати намояндагони ҷомеаи асри сангу биринҷӣ будаанд. Сохтани олот, пеш аз ҳама пайкону камон ва минбаъд шуғли кишоварзию чорводорӣ воситаи рушди тафаккури одамони ҷомеаи ибтидоӣ гардид. Дар байни қабилаҳои Осиёи Марказӣ оташпарастӣ ҳамчун дин дар ҳазорсолаи IV-III-юми пеш аз мелод пайдо шуда бошад ҳам, вай ҳоло пурра ташаккул наёфта буд, ҳар қабила парастиши ба худ хос дошт.

Бозёфтҳо, оташгоҳҳо ва дигар хонаҳои махсуси парастиши оташ далели онанд, ки қабилаҳои Саразми водии Зарафшон, доманаҳои Кабутак, Эрону Афғонистон офтобу моҳтобро ҳамчун манбаъи гармию равшанӣ парастиш намуда, оташро зарраи он дар рӯи замин медонистанд ва ниҳоят дар замин ба он эътиқод бастанд. Ба шакли осмон доирашакл сохтани оташгоҳҳо ва дар маркази он дар чуқуриҳои махсус афрӯхтани оташ гувоҳи гуфтаҳои мост.

Дертар дар давраҳои баъдинаи рушди шаҳраки Саразм, дар ин ҷо барои парастиши оташ биноҳои махсус сохта шуданд. То ҳол мо 5 бинои махсуси оташпарастони Саразмро кушодаем. Аз рӯи сохтор онҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Гурӯҳи аввал биноҳои чаҳоркунҷае мебошанд, ки аз 4 то 6 хонаю хонаҷоҳо доранд. Онҳо дорои толори нисбатан васеъи 24-70 метри мураббаъ буда, дар маркази он оташгоҳи мудаввар ё чоркунҷа мавҷуд аст. Ба атрофи баъзеи онҳо аз рӯи деворҳояшон ранги сурх мемолиданд. Ин нишонаи қурбонии хунин аст. Дар расмияти оташпарастон парастиш бе қурбонии хунин намегузашт. Баҳри он, ки ҳар бор хуни

чорвоеро нарезанд, атрофи оташгоҳ ва девори парастишгоҳро чунин «хунолуд» мекарданд, яъне бо ранги сурх оро медодаанд. Дар оташгоҳҳои биноҳои II ва IV чунин ҳолат ба мушоҳида мерасад. Бояд тазаккур дод, ки В.М. Массон ва А.Ю. Берёзкин чунин рамзро дар ёдгории давраи асри сангу биринҷӣ (энеолит) толори Илгинлии Кабутаки Шимолӣ дарёфт намуданд ва гуфтаҳои мо бори дигар тасдиқи худро ёфтанд.

Ба гурӯҳи дуюми оташгоҳҳо танҳо як бино шомил аст, ки он дар қабати дуюми бинои 5-и Саразм дарёфт шуд. Бино аз ду ҳалқаи аз хишти хом сохташуда иборат аст: буриши кундалангии ҳалқаи аввал 6, 30 метр буда буриши кундалангии ҳалқаи дуюм 3,30 метр мебошад. Байни ин ду ҳалқа (давра) роҳрави 80 сантиметра ҳаст, ки бо деворчаҳои хиштии баландиашон 15-20 см ба хоначаҳо тақсим шудааст. Шояд болои ин бино гумбазпӯш буд. Азбаски чунин тарзи сохтани бино дар санъати меъмории Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои Шарқи Наздик бори аввал ба чашм расид, байни бостоншиносону шоҳидон баҳсҳои аҷиб ба амал омаданд.

Бостоншиносони амрикоӣ К-К. Ламберг-Карловский ва Филипп Кол ба хоначаҳои байни ҳалқаҳо бештар таваҷҷуҳ карда онро анбори ғалладона номиданд. Бостоншиносон Б.И. Маршак ва В.И. Распопова як намуди хонаи истиқоматӣ ҳисобиданд. Баъзе тамошобинон онро дахма (гӯрхона, хонақо) шумориданд. Бисёр таҳқиқоти ба Саразм ҳамзамонро аз назар гузаронидем ва лозим донистем гӯем, ки он «маъбади офтоб» аст.

Камина бештар ба сохти бино диққат додам. Девори ҳалқаи берун аз ду қатор хишти тарафҳояш 52х25 см ва ғафсиаш 10-11 см иборат буд, хиштҳои берунии ҳалқа ба шакли рамзи офтоб нурафшон чида шудаанд. Дохили ҳалқа доираи офтобро мемонад. Бино чунон сохта шудааст, ки вай офтобу нурпошии онро тасвир мекунад.

Мо гуфтаҳои дигаронро низ таҳқиқ карда баромадем. Ба анбори ғалла гуфтан асос нест, ягона дона ғалла ё пӯсидаи

онро аз он ҷо наёфтем. Барои истиқомат кардан мувофиқ набуд. Ягона фикре, ки моро дудила кард, дахма буд. Гарчанде дар дохили ҳалқаи мобайн устухони одамӣ ёфт нашуд, боз барои аз байн бурдани шубҳа мобайни он, то чуқурии 2, 50 метр хандак кофтем, вале ба нишонаи қабре дучор нашудем. Ҳамин тариқ, пиндори худро тақвият медиҳем, бинои мазкур ба ҷуз «маъбади офтоб» чизи дигаре нест.

Пас, бояд гуфт, ки симои абадзиндаи офтоб ибтидои ташаккули афкори оташпарастии мардуми Саразм буд.

Боз саволе хоҳу ноҳоҳ моро ором намегузорад. Ватани оташпарастони аввалин куҷост? Ба фикри ман барои муайян кардани он панҷ нишона мавҷуд аст: аввал: мавҷудияти оташгоҳи махсус; дуввум: хона ва толорҳои алоҳидаи деворҳояшон ранги сурх дошта, ки рамзи қурбонии хунин мебошад; севум: бозёфтҳои хоси парастиши оташ: тасвири салиб, офтоб, оташ, барзагов ва маросими парастиш; чаҳорум: тарзи дафнкунии фавтидагон аз рӯи оини оташпарастӣ – дар ҳолати батнӣ бо асбобу анҷоми рӯзгор, ороишот ва истифодаи оташ дар маросими дафн; панҷум: ҳамаи далелҳои болоӣ ҳатман хоси тамаддуни ҳазорсолаҳои IV-III-юми пеш аз мелод мебошанд.

Чунин ёдгориҳое, ки ба панҷ талаботи дар боло зикршуда ҷавоб гуфта тавонанд, дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик каманд. Инҳо ёдгориҳои Саразми Мовароуннаҳр, Намозгоҳтеппа, Қаротеппа, Геоксюр, Илгинлии Кабутаки Шимолӣ ва чанде ёдгориҳои Эрону Покистон ва Афғонистон мебошанд. Дуртаринаш ёдгориҳои Месопотамия мебошанд, ки он ҷо низ маъбадҳои оташпарастӣ кашф шудаанд. Ҳамин тариқ, водии Зарафшонро аз рӯи баррасиҳои ёдгории Саразм, яке аз ватанҳои оташпарастони қадим номидан мумкин аст.

Парстиши оташ дар Саразм шакли авлодӣ ва қабилагӣ дошт. Оташпарастӣ дар ҷомеаи аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ нобаробар тараққӣ карда, шакли муташаккили диниро пайдо карда ба ҳимоятгари манфиати табақаи бонуфуз табдил меёбад. Табақаҳои ҳукмрону тобеъ байни қабилаҳои

кишоварзону чорводорон дар замони энеолиту асри биринҷӣ арзи ҳастӣ кардаанд.

Барои ҳалли пурраи масъала натиҷаҳои ҳафриёти бостониро бо маълумоти мавҷудаи таърихӣ муқоиса кардан даркор аст. Зеро, агар кашфиёту бозёфтҳои муҳаққиқон бо ашёҳо, намудҳои урфу одати оташпарастон шинос кунанд, дастхатҳои қадим оид ба назарияи онҳо сухан меронанд. Аз ин лиҳоз, пайваста бо якдигар омӯхтани ин ҳарду муҳаққиқро сари хулосаи амиқ меорад. Аввалин ва охирин дастхат оид ба тамоюлҳои дини зардуштӣ Авестои бебаҳо мебошад. Фақат дар ҳамин дастхат, ки то замони мо порча-порча боқӣ мондааст, маълумоте пайдо карда метавонем.

Дар бораи кай, дар куҷо ва аз тарафи кӣ навишта шудани Авесто, байни олимон зиёда аз сад сол инҷониб баҳсу мунозира давом дорад. Ба фикри ман ин муаммои сарбаста буда пурра кушодани он ба касе муяссар нашудааст. Ин муамморо фақат кашфиётҳои бостонии ёдгориҳои кишвари эронинажодон – Аирйанам Ваеҷаҳ кушода метавонанду бас.

# ХУМДОНҲОИ ТАСФОН ВА ЧАРХҲОИ ГАРДОН

Байни касбу ҳунармандӣ – кулолгарӣ (аз лой сохтани коса, кӯза, дег ва дигар зарфҳои рӯзгор) аз ҳама қадимӣ аст. Бостоншиносон пайдоиши зарфи аввалинро хоси замони неолит, 10-7 ҳазор сол пеш медонанд. Зеро, ки инсон маҳз дар замони неолит аз шикор ба кишоварзиву чорводорӣ гузашт, яъне акнун одамон хӯроки худро, ки аз маҳсулоти ғаллагӣ, гӯштӣ ва ширию равғанӣ иборат буд, хом нахӯрда, пухта истеъмол мекарданд. Барои пухтани хӯрок бошад, танҳо оташ кифоят намекард. Аз ин рӯ лозим омад, ки ягон намуди зарфро ихтироъ кунанд. Сангҳои косашакли табиатсохт ба пухтану хӯрдани хӯрок номувофиқ буданд.

Чӣ хеле гуфтем, зарфҳои лойини қадимтарин ба одамони замони неолит хосанд. Дар ҳудуди ҷумҳурии мо ёдгориҳои замони неолитро бостоншиносон А.П. Окладников, В.А. Ранову ва чанде дигарон мавриди омӯзиш қарор додаанд. Қароргоҳи одамони давраи неолит қариб дар тамоми ноҳияҳою вилоятҳои ҷумҳурӣ дарёфт шуданд, ки беҳтарин ва бойтарини онҳо дар водии Ҳисор, назди деҳаҳои Тепаи Ғозиён, Тутқавули соҳили Вахш мебошанд. Дар шимолии Тоҷикистон ин қабил ёдгориҳо дар ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Хуҷанд ва Истаравшан дарёфт шудаанд. Дар водии Зарафшон ёдгориҳои Самарқанду гирду отрофи он, музофоти Бухоро ва болооби Зарафшон – аз Мастчоҳ то Панҷакентро қайд кардан мумкин аст. Маҳз ин ёдгориҳо гувоҳанд, ки сокинони Мовароуннаҳр аз замонҳои асри санг сохтани зарфҳои лойину сангиро азхуд карда буданд.

Бо вуҷуди ин ҳунармандона сохтани зарфҳои лойӣ ба давраи энеолиту биринҷӣ хосанд. Саразмиҳо қариб шаш ҳазор сол қабл аз ин зиёда аз 12-13 намуди зарфҳоро аз хоки сурху зард, хокистарранг ва ҳатто сиёҳ месохтаанд. Азбаски чархи кулолгарӣ ҳоло ихтироъ нашуда буд, зарфҳоро дастӣ месохтанд. Ақидае ҳаст, ки ин корро бештар занҳо иҷро мекардаанд. Асоси таърихи доштани гуфтаи мазкур аз он аён мегардад, ки мардҳо ба корҳои вазнини меҳнатталаб

машғул буданд. Мардҳо ба нигоҳдории оромии аъзоёни қабила, шикор, кишоварзӣ, чорводорӣ, моҳидорӣ ва сохтмони хонаву ҷой машғул буданд. Аммо на ҳамеша ин тавр буд. Дар байни қабилаҳо тақсимоти меҳнат ба вуҷуд омад. Дар ин маврид кабилаҳо мувофиқи қобилияти ҷисмонӣ ба иҷрои касбу кори хос мутобиқ шуданд.

Ҳунармандӣ дар охири ҳазорсолаи IV-уми пеш аз мелод аз кишоварзию чорводорӣ ҷудо шуда ба касби алоҳидаи гурӯҳи одамон табдил ёфт. Сабаб дар он, ки истеҳсоли ғалладона афзуда захираҳо зиёд шуданд ва дар чорводорон масолеҳи гӯштиву шири низ афзуд. Ба ҳар як оила, авлод ва қабила лозим омад, ки бойигарии худро мӯҳлати муайян нигоҳ дошта аз рӯи меъёру талаботи рӯзгор истифода кунад. Барои нигоҳдорӣ халтаву ҷуволҳо, сандуқҳо лозим буданд. Вале онҳо бофтану сохтани анҷомҳои номбурдаро пурра азхуд накарда буданд, риштаҳои пашмӣ, пӯстҳои суфта, матоъ, чӯб, сӯзану дарафш ва ғайраро ба миқдори зарурӣ дар ихтиёр надоштанд. Аз ин рӯ аксарияти намудҳои маводи хӯрока дар хуму хумчаҳо нигоҳ дошта мешуданд.

Вақте, ки зарфҳои сафолини сохтаи занҳо талаботи рӯзгорро таъмин карда натавонист, иҷрои ин корро мардҳо ба ӯҳда гирифтанд. Ҳамин тариқ, кулолгарӣ шакли муташаккили истеҳсолиро гирифта яке аз омилҳои пешравии ин намуди ҳунармандӣ гардид. Гуфтан зарур аст, ки як самти дараҷаи рушди ҷомеаи одамони қадим аз рӯи санъати кулолгарии онҳо муайян карда мешавад.

Дар айни замон, мо ҳоло дар ихтиёри худ зиёда аз 10 000 зарфҳои сиҳату пораҳои онро дорем ва бо камоли қаноатмандӣ оид ба санъати кулолии саразмиён баҳои пурра дода метавонем. Саразмиҳо зарфҳои лойиро ба чор шакл месохтаанд. Ба шакли аввал он зарфҳое дохил мешаванд, ки шакли лунда доранд, даҳони тангу нафисашон ба дарун хамида, ба глобуси ду қисматшуда монанданд. Ин қабил зарфҳоро дар ҷойи ҳамвор гузоштан душвор аст. Чунин зарфро дар вақти хӯрокхурӣ доим дар даст нигоҳ медоштанд. Шакли дуюм, зарфҳое ки даҳони кушод ва пояи

устувор доранд, шакли сеюм, мисли дӯлча буда деворҳои рост доранд. Шакли чорум зарфҳое, ки конусшакл буда ба тағораҳою хурмачаҳо монанданд.

Мо дар боло 12-13 намуди зарфҳои Саразмро хотирнишон карда будем. Акнун илова менамоем, ки ҳар як намуди зарф номи худро дошта дар рӯзгор хизмати муайянеро адо мекард. Масалан, дар байни онҳо мо косаи хӯрокхурӣ, хурмаи ширҷӯшӣ, дугӯшаи ширу равғаннигоҳдорӣ, кӯзаҳои обкашонӣ, ширхураеи ҷуммакдори кӯдакона, ширполоҳо, пиёлаҳо, ҷому дӯлчаҳо, зарфҳои даҳонкушодаи гӯштнамаккунӣ ва ғалланигоҳдорӣ, хумчаҳои калон барои обу донаҳо, тағораҳои хамиркунию ҷомашӯӣ ва ниҳоят дегҳои сафолиро мебинем, ки кулли онҳо, гарчанде дастӣ сохта шудаанд, хеле бадошту хушсифат мебошанд.

Дар Саразм мо ягон пораи деги мисӣ ва биринҷиро дарёфт накардем. Ҳамаи намуди деги хӯрокпазиву обгармкунии саразмиҳо сафолӣ буданд. Аз ин рӯ, бояд гӯем, ки дар зиндагонии ниёгонамон дар деги сафолӣ пухтани хӯрок асосан то асрҳои IV-VI мелодӣ идома доштааст.

Вале ин чунин маъно надорад, ки дар рӯзгори ниёгонамон дегҳои миссию оҳанӣ набуданд. Онҳоро аз замони антиқа сар карда фақат дар маросимҳои ид ва шояд дар тӯйҳо барои пухтани хӯроки ҷамъиятӣ истифода мебурданд. То асрҳои IV-VI дарёфт шудани дегҳои сафолӣ далели гуфтаҳои мо мебошанд.

Омӯзиши санъати кулолони Саразм моро водор менамояд, ки онҳоро ҳамчун ҳунармандони аввалини ин соҳа шиносем. Кулолҳо ҳам зарф месохтанду ҳам онҳоро бо наққошиҳо оро медоданд... Нахуст сирру асрори тайёр намудани рангҳо ҳам ба даст омад. Дар натиҷаи таҷрибаҳои зиёд рангҳои гуногуни хушнамуд кашф гардид, ки аз гилҳои сурх, зард ва осмонранг ҳосил мешуданд. Чунин маводҳо дар доманакӯҳҳои Суғду Зарафшон фаровон аст. Гилҳои рангаро дар ӯғурчаҳо кӯфта суфта мекарданд. Равғану шарбати растанию гулҳои гуногунро ба он омехта ранги дилхоҳро тайёр мекарданд. Далели ин гуфтаҳо он аст, ки дар назди

хумдонҳои кулолгарӣ ва устохонаҳо рангҳои барои ороиши зарфҳои зарурӣ дарёфт шуданд. Аз кадом равғану шарбати растанӣ истифода бурдаанд, ин чиз барои мо муаммо боқӣ мемонад. Аз он, ки нақшҳои рӯи зарфҳо ва деворнигораҳо шаш ҳазор сол ва дар баъзе ҷойҳо аз он зиёдтар зери хок зебогии худро гум накардаанд, маълум мешавад, ки он рангҳо сифати олӣ доштаанд ва тайёр кардани онҳо кори саҳл набудааст. Кулолону наққошони Саразм тарзи хоси тайёр намудани рангҳои сурх, зард, кабуд, осмонӣ, лоҷувардӣ ва сиёҳро доштаанд. Имрӯз чунин рангҳо дар ташхисгоҳҳои (лабораторияҳои ) химиявӣ ҳосил карда мешаванд, пас чӣ гуна ба маҳорату дониши ниёгонамон қоил нашавем.

Бале, кулолҳои Саразм наққошони аввалинанд. Акнун ба санъати наққошии онҳо рӯ меоварем. Дар байни зарфҳои асри сангу мис, ки кулолҳои Саразм оро додаанд, зиёда аз 100 хел тасвиротро мебинем, ки мувофиқи илми санъатшиносӣ ба 12 гурӯҳ ҷудо мешаванд. Онҳо тасвири секунҷа, чоркунҷа, ромбшакл, дандонадор, катакчаи хурду калон, мавҷи об, гумбазу равоқ, хатҳои рост, шакли рустаниҳо, моҳӣ, салиб, хатҳои шикаста, тасвири ҳайвонот ва ғайра мебошад. Дар онҳо шаш намуд ранг моҳирона истифода шудааст. Рангҳо бо як маҳорати баланд ба ҳам мутобиқ карда шудаанд. Зарфҳои аз гилхоки сурх омодашуда бо рангҳои ҷигарӣ ва бештар сиёҳ оро ёфтаанду зарфҳои сафедчаю зардча бо рангҳои сурху гулобӣ. Рангҳои лоҷувардӣ, кабуди осмонӣ ва зардро дар тасвири деворнигораҳо истифода кардаанд.

Бостоншиносон ва санъатшиносон бар онанд, ки ҳар як тасвир нақши оддӣ набуда, маънои ба худ хосе дорад. Чанде аз тасвироти Саразмро шарҳ доданием. Ба фикри мо дандонаҳо ва мавҷҳо хосиятҳои обро ифода мекунанд, дандона рамзи селу обхезӣ, мавҷҳо оромии оби дарёю кӯлҳоро ифода менамоянд. Секунҷаҳо бо ду шакл тасвир ёфтаанд.

Якум, тарафҳои тези ду секунҷа ба якдигар менигаранд, дар шакли баъдина онҳо муқобили якдигаранд. Дар тасвири инсон дар ҳазорсолаҳои V-IV низ, чашмҳо шакли секунҷа доранду ба якдигар назар мекунанд. Гуфтан ҷомз аст, ки

наққошони Саразм секунҷаро чун рамзи чашмони инсон қабул намуда дар онҳо маънои фалсафиро ифода намудаанд. Яъне шояд секунҷаҳои теғашон ба якдигар равонашуда рамзи наздикӣ ва дӯстӣ бошанду секунҷаҳои муқобили якдигар қаҳру итоб, душманиро.. ифода кунанд.

Нақши дигар – ромб, катак, чоркунҷа. Дар ин нақшҳо шояд манзилгоҳро тасвир карда бошанд. Ба ҳар ҳол, дар ибтидои ташаккули тамаддун ниёгонамон аз сиру асрори табиат ба таври кофӣ хабардор буданд. Онҳо медонистанд, ки замин  чор тараф дорад, вагарна онҳо хонаҳо, мӯъбадҳо ва баъзе оташгоҳҳои муқаддасро ба шакли чоркунҷа намесохтанд. Аз ин рӯ, одате, ки мо то ҳол вақти хонасозӣ тарафҳои оламро ба инобат мегирему бештар кӯшиши рӯй ба сӯи офтоб сохтани хонаро мекунем, мероси қадимаи ниёгонамон мебошад.

Рамзи офтоб ва нури он дар нақшҳои рӯи зарфҳо ба шакли доира, нимдоира ва салиб омадааст. Ҳангоми шарҳи «маъбади офтоб» дар ин бора сухан ронда будем. Салиб чиро ифода мекунад?  Салиб ифодакунандаи рамзи офтоб мебошад. Дар асри сангу мис ва биринҷӣ, қариб дар тамоми кишварҳои Шарқи Наздику Миёна қудрати офтобро ба инобат гирифта, онро дар ду шакл доираи нурафшон ва салиб тасвир мекарданд. Ин гуна тасвирҳоро дар осори санъати ҳазорсолаҳои V-III-и сокинони Байнаннаҳрайн, Эрон, Покистон, Ҳиндустон, Афғонистон, Хуросони Шимолӣ ва Саразми Тоҷикистон  мебинем. Ба ин тасвирҳо бештар кулолгарон, муссаввЭрон рӯй овардаанд. Бо салибҳо натанҳо деворҳою фарши хонаҳо, балки зарфҳои рӯзгорро ҳам зеб медоданд. Аз сангҳо, мису биринҷӣ, нуқраву тилло тӯмору бозубандҳои салибӣ сохта, бо худ гирифта мегаштанд. Яъне рамзи офтоби муқаддас онҳоро доимо солиму тавоно нигоҳ медошт.

Салибро бисёр халқҳои ҷаҳон эътироф кардаанд, ҳам пайравони дини насронӣ ва ҳам исломиён онро ҳамчун рамзи тавоноӣ ва софсиратӣ қабул карда буданд. Бинобар ин салиб хоси ягон дини алоҳида нест. Онро одамони

ҷомеаи ибтидоӣ бо ақлу заковати худ офаридаанд ва он ба ҳама баробар таалуқ дорад. Яке аз ҷомеаҳое, ки офарандаи салиб мебошанд, сокинони шаҳраки Саразм буданд, ки ба кулолгарӣ шуғл доштанд.

Дар бораи сохти хумдонҳо ва истифодаи онҳо дар ҳунари кулолгарӣ низ истода гузаштанро лозим меҳисобем. Тарзи тайёр кардану пухтани зарфҳои хоҷагӣ аввал оддӣ буд. Бозёфтҳои бостонӣ собит менамоянд, ки одамони қадим зарфҳои аввалинро дар оташи кушод мепухтанд. Барои сохтани зарфҳо одамони неолитӣ (асри санг) матои пашмӣ, чармӣ ё навдаҳои нафиси дарахтонро истифода мекарданд. Аз рӯи маълумоти дар дастдошта бояд гӯем, ки он вақт аз матои пашмин ё чарм халтаеро ба шакли коса ё кӯза дӯхта дохили онро бо қум ё хок пур мекарданд. Бо ин роҳ аввал шакли зарфро сохта, баъд аз беруни он гили часпаки ширанокро часпонида, шакли ҳақиқии зарфи дилхоҳашонро пайдо мекарданд. Зарфро барои хушконидан ба офтоб мегузоштанду баъд аз хушк кардани он, қуму хоки дохили зарф ва халта бударо мерехтанд. Баъд аз ин кулолгар дар оташдони махсус зарфҳоро ҷамъ намуда, ба гирду атрофи он, болояшон ҳезуми зиёдро гузошта, то пухта тайёр шудани зарфҳо оташро хомӯш намекард.

Тарзи дигар, чунон буд, ки аз навдаҳои нафис қолаби зарфро сохта, аз берун гиландова мекарданд. Зарф баъдан монанди тарзи аввала тайёр карда мешуд. Вақти пухтани зарф матоъи пашмӣ, чарм ва навдаю қамиши дохили он месӯхту худи зарф бо шакли худ боқӣ мемонд.

Санъати кулолгарию дар хумдони махсус пухтани зарфҳои сафолӣ хоси ҳазорсолаҳои V-IV пеш аз мелод мебошанд.

Гарчанде дар аввалҳои ин давраҳо баъзе намудҳои зарфсозии асри санг боқӣ монда бошанд ҳам, санъати кулолгарӣ хеле пеш рафта буд. Акнун кулолгарон малакаи зиёд пайдо карда буданд. Баробари ин, онҳо зарфҳои худро дар хумдонҳои махсуси бо похсаву хиштҳо сохташуда мепухтанд.

Дар шаҳраки Саразм се намуди хумдонҳоро дарёфт намудем. Онҳо дар ягон гӯшаи хонаи истиқоматӣ ё дар ҳавлии кушоди байни биноҳо ҷойгир шудаанд. Намуди якуми аз ҳама қадимтарини онҳо доирашакл буда, бо девори баландиаш то як метр иҳота шудааст. Буриши кундалангии дохили хумдон ба 2-2,50 метр баробар аст, мобайни он сутуни лойии ғафсиаш 50-60 см дорад. Сутун ва девори атрофи хумдон барои сохтани гунбази хумдон хизмат мекарданд. Дар як гӯшаи он оташгоҳи хумдон ҷойгир буд, ки аз он забонаи оташ ва гармӣ бевосита ба зарфҳои дар мобайни сутуну деворҳои хумдон гузошташуда мерасиданд. Ин гуна хумдонҳо дар ёдгории бостонии Намозгоҳи Хуросони Шимолӣ дарёфт шуда буданд, ки онро бостоншинос Б.А. Куфтин солҳои 1953-1956 таҳқиқ намудааст.

Намуди дуюми хумдон аз қисми алоҳида: оташгоҳ ва сандуқи зарфпазӣ иборат аст. Шаш хумдоне, ки дар шаҳраки Саразм дарёфт шуданд, аз якдигар танҳо аз рӯи ҳаҷмашон фарқ мекунанд. Агар оташгоҳи хумдони бинои III 80 см дарозӣ 40 см чуқурӣ дошта бошад, ҳаҷми оташгоҳи хумдони бинои IV ба 120х50 см ва сандуқи он 1,10х1,10 см баробаранд. Мушоҳида карда шуд, ки ҳамаи онҳо шакли чоркунҷа дошта, оташгоҳ аз ҳаҷми сандуқи зарфпазӣ вобаста будааст. Дар ҳама ҳолат оташгоҳ, дар паҳлӯи сандуқи зарфпазӣ дар чуқурии 30-50 см ҷойгир аст. Дар ин ҷо гумбаз, рӯйпӯшкунии оташгоҳу сандуқи зарфпазӣ вомехӯрад. Зеро кулолгарони қадим хуб медонистанд, ки агар болои зарфҳо пӯшида набошанд, сифати зарфҳои пухташуда паст мешавад.

Ба фикрам ин намуди хумдонро одамони асри биринҷӣ дар ҳазорсолаҳои III ва II-юми пеш аз мелод, дар якчанд марказҳои тамаддуни кишоварзӣ баробар ихтироъ кардаанд. Гарчанде тарзи сохтани ин намуди хумдон дар ёдгориҳои Олтинтеппа ва Геоксюр, Шаҳри Сӯхтаи Эрон, Даштлии Афғонистони Шимолӣ ва Сафолтеппаи Дашти Тирмиз ва Саразми Панҷакент аз якдигар фарқ кунанд ҳам, байни онҳо умумият низ мавҷуд аст. Ин гувоҳӣ аз он медиҳад, ки одамони қадим бидуни маслиҳати якдигар дар натиҷаи зурурияти муҳит ва инкишофи ақл як чизро ихтироъ

кардаанд. Ҳоло мо асосе надорем, бигӯем, ки кулли кулолгарони кишварҳои Шарқи Наздику Осиёи Марказӣ дар як ҷой аз устоди ягона таълим гирифта бошад. Заруряти зиндагӣ ва талаботи замон воситаи ихтирооти номбурда гардиданд.

Албатта, ҳамаи хумдонҳои кишварҳои номбурда, дар як замон яку якбора пайдо нашуданд. Масалан, хумдонҳои Олтинтеппа, Геоксюр, Шаҳри Сӯхта ва Саразм мансуби ҳазорсолаи IV-III, хумдонҳои Дашлӣ ва Сафолтеппа дар аввали ҳазорсолаи II пеш аз мелод сохта шудаанд. Вале шаклан ба ҳамдигар наздиканд. Ин чунин маъно дорад, ки ихтироот суст тағйир пазируфтааст. Меросгузории касбу ҳунарҳо байни наслҳо тӯли ҳазорсолаҳо идома дошт. Мутахассиси шинохтаи илми кулолгарӣ Э.В. Сайко исбот намуд, ки кулолгарони гузашта дар хумдонҳо зарфҳоро дар 600-800 дараҷа ҳарорати гармӣ мепухтанд. Аз ҳамин сабаб дегҳои сафолии қадима ва чойҷӯшҳои аз гил сохташуда дар рӯзгори ниёгон солҳои зиёд хизмат мекарданд.

Хумдони намуди сеюми Саразм назар ба ду намуди аввала хеле оддӣ менамояд. Вай доирашакл буда, буриши он ба 3 метр баробар аст. Атрофи доираи хумдон бо девори паҳниаш 25-30 см иҳота ёфта, дар баландии 20-25 см боқӣ мондааст. Тахмин карда мешавад, ки замоне баландии девор аз 70-75 см зиёд будаст.

Чӣ девори гирди хумдон ва чӣ девори фарш, аз тасфи оташ ба сафолаки хиштӣ табдил ёфтааст. Оташгоҳи хумдон дар як гӯшаи он ҷойгир аст. Вай аз рӯи сохти худ аз оташгоҳи хумдонҳои ду намуди аввал бакуллӣ фарқ мекунад. Пеш аз ҳама ин оташгоҳ ба чоҳи чуқуриаш 80-100 см ва даҳонаш 70-75 см монанд буд. Дар дохили он ҳезуми нимсӯхтаи ба ангишт табдилёфта ва хокистари зиёде хобидааст.

ҷойи зарфгузориву пухтани он майдони мудаввар буд, ки дар он 100-150 зарф ҷой мегирифт. Ин намуди хумдон, ки дар ёдгориҳои Осиёи Марказӣ бори аввал дарёфт шуда буд, моро водор намуд, ки оид ба он таҳқиқоти махсус барем. Барои ҳалли масъала ба мо бостоншиносони

Фаронса Анри Пол Франкфорт ва Ролан Безенвал, ки дар Саразм ҳамроҳи мо ҳафриёт мегузарониданд, кӯмак расониданд. Онҳо хабар доданд, ки ин намуд хумдонро онҳо дар яке аз деҳаҳои Покистон дидаанд. Боз илова намуданд, ки оид ба хумдонҳои қадимаю замонавии Покистон бостоншинос, сарвари осорхонаи ГИМЕН-и Париж Франсуа Жариж мақола чоп кардааст.

Соли 1988 дар Париж мақолаи Франсуа Жарижро аз китобхонаи Санъати Шарқ дарёфт намудам. Дар мақола оид ба сохт ва тарзи истифодабарии хумдонҳои Покистон маълумоти муҳим дода шудааст. Маълум мешавад дар Покистон ҳам монанди хумдонҳои Саразми асри биринҷӣ хумдон месохтаанд. Ин барои васеътар омӯхтани бозёфтҳо ба ман кӯмак расонд. Дар Саразм пас аз тайёр намудани рафҳо, хушконидан ва наққоши кардан онҳоро ба майдончаи мудаввар, ки вазифаи сандуқи зарфпазиро адо мекард, паҳлӯи ҳам ва ҳатто болои ҳам мечидаанд. Гирду атрофи онҳо ҳезуми хушк ва тапиҳои хушки говро ҷамъ мекарданд. Пас аз ҳамаи ин  ва банд шудани дохили хумдон рӯи онро бо қамишу хас пӯшонида ба лойи каҳдор хуб андова мекарданд, барои ба хумдон дохил шудани ҳаво дар ду ё се ҷойи он баробари даҳони пиёла сӯрохиҳо мегузоштанд ва оташ афрӯхта мешуд. Вақте оташ ба лахча табдил меёфт сӯрохиҳои болои хумдонро баста, қариб як шабонарӯз тайёршавии зарфҳоро мунтазир мешуданд. Баъди ба хокистар табдил ёфтани лахчаҳои дохили хумдон лойи болои хумдонро шикаста, аз дохили он зарфҳои тайёрро мегирифтанд.

Ҳамаи  ин аз санъати баланд ва таърихи бойи кулолгарии ниёгонамон дарак медиҳад. Ҳамин тариқ, ниёгони мо аз замонҳои қадим тамоми нозукиҳои ҳунари кулолгарӣ, нақшу нигордиҳӣ ва пухтани зарфҳои сафолиро азхуд карда буданд.

# ОЛОТИ НАХУСТИН АЗ САНГУ УСТУХОН БУД

Агар бовар кунем, ки инсон аз маймунҳои одамшкл пайдо шудааст, боз ба шубҳа меафтем. Охир чаро ҳоло маймун чизе ихтироъ намекунад? Вале бостоншиносон ва донандагони таърихи ҷомеаи инсонӣ моро бовар мекунонанд, ки маймун дар давоми миллионҳо сол ба одам табдил ёфтааст. Имрӯз боз саволе ба миён меояд, ки ҳоло ҳам маймунҳо ҳастанд, вале чаро ягон маймуне ба одам табдил намеёбад? Хулоса, муаммоҳои табиат зиёданд. Яке мегӯяд, ки намуди маймунҳои одамшакл аз миён рафтааст, дигаре мегӯяд, ки то ҳол дар Африқо, Австралия ва ҷазираҳои уқёнуси Ором одамоне ҳастанд, ки шаклан ба маймун монанданду тарзи ҳаёти одамони ҷомеаи ибтидоиро аз сар мегузаронанд. Мо аз як тараф ба ин бовар мекунем, аз тарафи дигар ин шояд ба мо хуш ояд. Охир, зистан дар ҳавои тоза, нашунидани овозҳои техника, истеъмол накардани доруҳои химиявӣ, мавҷудияти ахлоқи покизаи инсонӣ, соҳиби тамоми нозу неъматҳои табиат будан ҳам бахти хуб аст ва ин бахтро ҳоло ҳамон қабилаҳои номбурда доранд.

Сокинони шаҳраки Саразм дар ҳазорсолаи IV пеш аз мелод истеҳсоли маъданро аз худ карда бошанд ҳам, аввалин олоти шикориву рӯзгорро аз сангу устухон месохтанд. Зиёда аз 40 намуд олоти устухониро дарёфт намудем. Миқдори умумии онҳо аз ҳазор мегузарад. Хулоса ниёгони мо ҳанӯз дар зинаи аввалини тамаддуни худ нозукиҳои ҳунари аз сангу устухон сохтани олотю васоити ороиширо ба дараҷаи баланд азхуд карда будаанд.

Дар рафти таҳқиқот возеҳ гардид, ки ҳар як намуди олот ба касбу кори муайян хосанд. Шикорчиён ва чорводорон аз сангҳои чаҳмоқӣ, кварсит -корд, пайконҳои камону найзаҳо месохтанд. Пайконҳо ҳам якчанд намуд буданд, барои ҳайвоноти калоне монанди гавазн, барзагов пайконҳои нисбатан калони нӯгтез, барои шикори нахҷир, бузи кӯҳӣ ва амсоли инҳо пайконҳои хурдтар сохта, ба сари нӯгчӯби камонҳо ва найзаҳо мебастанд. Инчунин,

пайконҳои хеле хурдро барои шикори паррандаҳо истифода мекарданд.

Баробари пайконҳо шикорчиён якчанд намуд кордҳои басе тези чаҳмоқӣ низ доштанд, ки барои куштан, пӯст кандан ва тақсимоти гӯшт истифода мешуд. Албатта, роҳҳои дигари сайди ҳайвону паррандаҳо низ мавҷуд буданд, ки оид ба онҳо дар китобҳои таърихи дунёи қадим батафсил сухан ронда шудааст.

Олоти аввалини кишоварзӣ низ аз сангҳо буданд. Дар ёдгориҳои гуногун миқдори зиёди олоти кишоварзӣ, аз ҷумла сангҳои нӯгтези заминкобӣ дарёфт шудаанд. Аз рӯи таҳқиқоти олимони соҳаи таърихи кишоварзӣ В.А. Лисисина, В.М. Массон, Г.Ф. Коробкова, И.Н. Хлопин ва чанде дигарон маълум мегардад, ки одамони замони энеолит ва мису биринҷӣ бештар заминро бо чӯбҳои ба сари онҳо сангу шох баста «шудгор» мекарданд. Барои он, ки кор осон шавад, ба чӯби заминкоб ҳалқаҳои аз санг сохташудаи вазнинро меовехтанд. Ин имконият медод ҷуфтгарони қадим бо қувваи кам ҳарчӣ бештар замин шудгор кунанд. Шудгор он замон маънои рамзӣ дошт. Метавонистанд 10-15 см рӯи заминро ҷӯйчаҳо канда донаҳоро зери хок кунанд. Дар ҳазорсолаи IV ҳайвоноти ҷуфткунанда ва олоти ҷуфтӣ – омоҷро ҳоло истифода намекарданд. Даравидан, кӯфтан ва ба ярмаву орд табдил додани ғалладона ба воситаи олоти сангӣ иҷро карда мешуд.

Растаниҳои донадор – гандуму ҷав, қамишу алафҳои худрӯро бо досҳои сангин медаравиданд. Пеш аз дарав аз чаҳмоқсангҳо тезинаҳои зиёде сохта онҳоро ба дохили чӯб ё устухон ҷойгир намуда, ба шакли дости каҷ, омода мекарданд. Як даравгар бо досҳои сангӣ метавонист дар як рӯз аз 0,10 то 0,15 га. майдонро дарав кунад. Ин далелро бостоншиносон Г.Ф. Коробкова ва В.А. Лисисина бо таҷрибаи амалӣ тасдиқ намудаанд.

Тахмин карда мешавад, ки олоти сангӣ дар кӯфтан ва аз пая ҷудо кардани донаҳо низ истифода мешуданд. Шояд аз ҳама бештар хӯшаҳои гандуму ҷавро бо кӯбакҳои чӯбин мекӯфтанд.

Вале дар Саразм дарёфтани ғӯлаҳои сангину вазнини сӯрохидор ба он ишора мекунад, ки аз сӯрохии се-чортои ин сангҳо чӯберо гузаронида, ду нафар ба воситаи ресмони пашмию чармӣ онҳоро дар болои бандҳои ҷаву гандум то аз Сарак ҷудо шудани донаҳо меғелониданд. Баъди аз пая ҷудо шудани донаҳо онҳоро дар шамол бод карда, ба зарфҳою анборҳои махсус мерехтанд.

Хизмати олоти сангӣ дар ҷомеаи Саразм бо ин ба охир намерасад. Онҳоро дар ярмаю ордкунӣ ва пухтану истеъмоли таомҳо низ истифода мебурданд. Дар ин ҷо мо уғуру ярмачоҳҳо, дастаҳои ҷувоз ва ҳама гуна зарфҳои сангиро вохӯрдем. Малакаи сангтарошони Саразм хеле боло буд. Онҳо сангҳои махсусро интихоб намуда, завқи баланди ҳунармандии худро низ нишон медоданд. Ҷувозу ӯғурчаҳо ва дастаҳои онҳоро бештар аз санги хоро ва қайроқсангҳои дарё месохтанд, барои сохтани косаю пиёлаҳо ва зарфҳои дигари хоҷагӣ мармарҳои намуди гуногунро истифода мебурданд.

Олоти сангӣ дар хоҷагии маъданкоркунӣ низ истифода мешуданд. Аз кандани маъдан сар карда то кӯфта ба кӯраи маъдангудозӣ рехтани онҳо аз чунин олот истифода мекарданд. Ҷувозҳои сангии маъданкӯбӣ ва болғаю кӯбакҳо нисбат ба ҷувозҳои ғаллакӯбӣ вазнину калонҳаҷм буданд. Баъзан онҳо аз 20 то 30 кило вазн доштанд.

Занҳо низ дар хоҷагии истеҳсолии худ олоти сангиро васеъ истифода мебурданд. Дар харобаҳои шаҳраки Саразм зиёда аз 600 дона сари ӯрчуқҳо, дирафшҳо, тугмаҳо дарёфт шуданд. Яъне сокинони Саразм ба ресандагӣ, бофандагӣ ва дӯзандагӣ низ шуғл доштанд. Масолеҳҳои асосии ресандаю дӯзандаҳои қадим пашм, пӯст, чарм буданд. Онҳо аз ашёи номбурда сару либос, пойафзол, палос, пӯстакҳо медӯхтанд.

Маълум, ки дар асрҳои сангу биринҷӣ муносибати тиҷоратии пул ҳоло пайдо нашуда буд. Шахсони алоҳида ва қабилаҳо байни ҳамдигар бо иваз намудани молҳо робита мекарданд. Робита бештар байни қабилаҳои чорводору кишоварз ба амал меомад. Пас онҳо арзиши моли худро чӣ гуна муайян мекарданд?

Ба ин савол сангҳои дастадори гуногунвазни дарёфтшуда қисман ҷавоб дода метавонанд. Бояд гуфт, ки 8 «санги тарозуи» ёфтшуда аз рӯи вазн баробар нестанд. Вазни аз ҳама зиёди онҳо 19,5 кило буда, хурдтаринаш 4 кило мебошад. Яъне ба одамони қадим ченаки вазн маълум буд. Ҳамчунин «сангҳои тарозу» гуногуннамуд мебошанд. Чаро ин тавр? Оянда маълум мешавад. Онҳо чор намуданд: 2-то доирамонанд, 2-то элепсшакл, 3-то тӯбмонанд ва 1-то чаҳоркунҷа. Ҳамаашон аз танаи худ даста доранд.

Аз рӯи вазну шакл гуногун будани онҳо собит менамояд, ки бозёфтҳои мо дар ҳақиқат «сангҳои тарозу» мебошанд ва дар ҳисобу китоби ғалла, гӯшт, равған, пашм истифода мешуданд.

Ин қабил сангҳо танҳо хоси ёдгории Саразм набуда, дар якчанд ёдгориҳои ҳамзамони Саразм ва дертар аз он низ дарёфт шудаанд. Аз ҷумла чунин сангҳоро дар ёдгориҳои замони энеолиту биринҷӣ Хуросони Шимолӣ, теппаи ҳисору Сиалки Эрон, Мундигаки Афғонистон низ вохӯрдаем. Муҳаққиқони ёдгориҳои номбурда Р. Пампели, М.Е. Массон, Б.А. Литвинский, В.М. Массон, И.Н. Хлопин, Ч.М. Касал онҳоро аниқ маънидод накардаанд. Масалан, Касал санги дастадори Мундигакро лавозимоти ойин шуморад, М.Е. ва В.М. Массонҳо, И.Н. Хлопин «санги тарозу» меҳисобанд. Бостоншонос В.А. Алекшин чунин сангҳоро муайянкунандаи ченаки вазн медонад. Ин ақидаҳо то кашфиёти шаҳраки Саразм гуфта шудаанд. Акнун вақте ки мо дар ҳудуди як ёдгорӣ панҷ намуди он қабил сангҳоро дарёфт намудем, метавон бе ягон шубҳа гуфт, ки онҳо ҳақиқатан ҳам «сангҳои тарозу» мебошанд.

Онҳо натанҳо воситаи муайянкунии ченаки вазн, боз муайянкунанадаи арзиши моли ивазшаванда низ мебошанд. Аз ин хотир онҳо гуногунвазн буданд. Он замон дастрас намудани гӯшт аз истеҳсоли ғалладона осонтар буд. Аз ин рӯ, дар вақти иваз намудани ғалладона ба гӯшт арзиши ғалла нисбат ба арзиши гӯшт боло меистод. Барои ҳамин 19-20 кило гӯштро бо санги вазнин ва 5-6 кило ғалларо бо санги нисбатан сабук баробар намуда иваз мекарданд.

Дар бораи ғаллаву пашму пӯст низ инро гуфтан ҷоиз аст. Ҳамин тариқ, одамони қадим дар мавриди моливазкунӣ арзиши моли худро шояд аз рӯи сарфи меҳнат муайян мекарданд. Чизе, ки бо сарфи ночизи қувваи меҳнат истеҳсол шудааст, арзонтар, чизе, ки меҳнати зиёдро талаб мекард, қиматтар буд. Чунин қонуни истеҳсолот ва арзиш то замони мо вуҷуд дорад.

Бо вуҷуди ин ақидаҳои дигар низ мавҷуданд. Масалан, бостоншинос А. Аскаров ин қабил сангҳои дастадорро олоти варзиш, яъне гурзҳо меномад. Ихтисосманди соҳаи таърихи варзиши миллии тоҷик Н. Турсунов низ бидуни ҳамкорӣ бо бостоншинос А. Аскаров сангҳои Саразмро гурзҳои аввалини одамони қадим гуфтааст. Ҳар чӣ набошад, бозёфти мазкур асрори зиёд дорад.

Эҳсоси зебоӣ ва ба қадри он расидан танҳо ба инсон хос аст. Одамони асри сангу мис низ ҳамин равишро доштанд. Аввал ороишоти онҳо дандони ҳайвоноту сипари гӯшмоҳиҳо буданд. Дертар сангҳои рангоранг диққати онҳоро ба худ кашида баъдан ба ороиши зеби гардан табдил ёфтанд. Ҳамин тариқ, санъати аз сангҳои қиматбаҳои хушнамуд сохтани ороишот аз замони энеолит оғоз ёфта буд.

Аз ҳафриёти Саразм ба микдори зиёд намудҳои гуногуни ороишоти аз сангҳо сохташударо дарёфт намудем. Бештари онҳо шакли марҷонҳо, бозубандҳоро доранд. Зиёда аз 14 намуди марҷонҳоро дар даст дорем. Онҳо аз ҳамдигар аз рӯи сохт ва масолеҳашон фарқ мекунанд. Маълум мешавад, ки заргарон онҳоро мувофиқи талаби мизоҷон месохтаанд. Марҷонҳо баробари мош, лунда, дарози миёнғафс, чархмонанд, бочкамонанд ва ғайраанд.

Саразмиён хосияти ҳар як сангро медонистаанд. Ин аст, ки аксарияти олоти ороишот аз лоҷуворд, фирӯза, ақиқ, яшмо, оникис, мармар ва ғ. сохта шудаанд. Оид ба хосияти сангҳои номбурда ҳанӯз дар ҳазорсолаи IV-III пеш аз мелод навиштаҷотҳои хати мехии оссуриёгӣ маълумот медиҳанд. Илова ба ин, дар тибби халқии мардуми Шарқ низ хосияти табобатии сангҳои қиматбаҳо лаъл, ёқут, марворид ва ғ.

маълум буданд, аз ин рӯ онҳо ҳар гуна ороишот, бозубанду тӯморҳо месохтанд.

Минерологи машҳури Шарқ Абӯрайҳони Берунӣ ва ҳаким Абӯалӣ Сино зиёда ҳазор сол қабл хосиятҳои сангҳоро шарҳ дода буданд. Ба гуфти онҳо ақиқи сурхи ҷигарӣ муҳаббати инсонро мустаҳкам карда, ба вай бахт меорад. Фирӯза соҳибашро вазифадор мекунад, ки ростқавлу ба кори нек доимо омода бошад. Марворид хосияти радкунии касалиҳои ҷигар ва димоғро дорад.

Хулоса, аҷдодони мо асрори сангҳоро медонистанд ва анҷому ашё, васоити ороишӣи сангиро хеле қадр мекарданд. Сангшиносӣ ва истифодаи сангро мо дар мисоли сокинони Саразм ва дигар ноҳияҳои Осиёи Марказӣ мебинем.

Қайд бояд кард, ки ин кори заҳматталабро гурӯҳи калони ҳунармандон бевосита дар худи маҳаллаҳои Саразм иҷро мекарданд. Аз ин ҷо дарёфт шудани сангҳо барои сохтани ҳар гуна олоту ашё, марҷону шаъбаҳо далели ин аст. Илова менамоем, ки дар бинои V-уми ҳафриёти Саразм, бостоншиноси ҷавон Саидмурод Бобомуллоев устохонаи махсусро дарёфт намуд, ки дар як гӯшаи он зиёда аз 500 дона сангчаҳои гуногун мехобиданд. Ин гувоҳи он аст, ки устоҳои сангшинос онҳоро аз ҳар ҷо дарёфт карда, дар устохонаи худ нигоҳ медоштанд ва асбобҳо месохтанд.

Саразмиҳо аз санг натанҳо олоти гуногуну зарфҳои рӯзгор ва ҳар гуна ороишот месохтанд, балки аз санг муҷассамаҳо, мӯҳрҳои сардори қабила ва ҳатто ҳайкалҳои калонҷусса сохтаанд.

Ҳарчанд саразмиён тарзи коркарди олоти сангиро медонистанд, аммо аз олоти дӯзандагӣ танқисӣ мекашиданд. Онҳо охири асри санг рӯ ба тараққаёти хоҷагӣ, фарҳангӣ ва маишӣ оварда, акнун ба либос, пойафзол ва ғайра эҳтиёҷ пайдо карданд, ҳоло пахтаву шоҳӣ набуд. Донистани пашмресӣ ва аз онҳо тайёр намудани матоъҳо, истифодаи пӯсти ҳайвонот чун чарм ҳоло маънои онро надошт, ки мардум либосу пойафзоли хоса доштанд. Барои тайёр намудани онҳо сӯзан, дарафш, қайчӣ барин олот лозим

буданд. Олоти номбурда аз санг сохта намешуданд. Истеҳсоли маъдану аз онҳо сохтани олот бо тамоми ҳастиаш ҳоло инкишоф наёфта буданд. Одамон аз устухони ҳайвонот сохтани олоти дӯзандагиро азхуд намуданд.

Дар ҳафриёти шаҳраки Саразм мо миқдори зиёди сӯзану дарафшҳо ва баъзе намудҳои олоти ресандагию бофандагиро дарёфт намудем. Онҳо исботи онанд, ки ниёгони мо аз устухонҳои паррандагон сӯзанҳо ва аз устухони бузу гӯсфанд дарафшу дигар олотро тайёр мекардаанд. Гарчанде то замони мо ягон намуди либоси саразмиҳо боқӣ намондааст, метавон гуфт, ки онҳо бараҳна ва пойлуч намегаштанд. Дар ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод либосу пойафзолҳои онҳо аз матоҳои пашмӣ ва пӯсту чарм буд. Тани деворҳо ва фарши хонаҳои истиқоматии худро ба палос, пӯсту пӯстакҳо мепӯшониданд.

Вақте, ки истифодаи олоти сангию устухонӣ сар шуд, зиндагии одамон хеле тараққӣ кард. Онҳо рустаниҳои кошта, худрӯйро бо досу кордҳои сангӣ дарав карда, бо олоти устухонӣ сабадчаҳо, зарфҳо ва паласҳо мебофтанд. Дарёфт шудани нақши бурёҳо дар рӯи фаршу шифти лойини хонаҳо, аз он дарак медиҳанд, ки одамони қадим санъати бурёбофиро ба дараҷаи баланд медонистаанд. Вақти муқоисаи нақши бурёҳои таърихи 5-6 ҳазорсола дошта, бо бурёҳои замони мо ягон фарқияте мушоҳида карда намешавад.

Хулоса, баррасиҳои ҳафриёти бостонӣ, қариб дар ҳамаи ёдгориҳои асри сангу биринҷӣ исбот менамоянд, ки ниёгонамон ихтироъкори бисёр ҳунарҳои дастӣ буда, онро такмил дода, ба мо мероси бойи фарҳангию ҳунармандӣ боқӣ гузоштаанд.

Дар охир бояд гуфт, ки ниёгонамон санъати аз устухонҳо сохтани олоти зеборо низ ба хубӣ аз худ карда буданд. Аз ёдгориҳои қадим дарёфт шудани марҷонҳо, муҷассамаҳо, дастпонаҳои устухонӣ далели ин гуфтаҳост.

# МАЪДАНҲО ВА ФАРҲАНГИ КОРКАРДИ ОНҲО

Дар хоҷагии инсон рӯзе нест, ки вай бо ин ё он намуди олоти аз маъдан сохташуда кордор набошад. Гумон мекунем, ки агар одамони қадим санъати маъдану маъдангудозиро ба мо мерос намегузоштанд, мо чӣ ҳол доштем. Вақте аз онҳо истифода мебарем, онҳоро ҳодисаи муқаррарӣ надониста, роҳи тайкардаи ихтирооти маъдангудозӣ ва таърихи пайдоиши олотро набояд фаромӯш кард.

Дар асри санг инсон дар табиат мавҷуд будани ин маъданҳои мӯъҷизаофаринро намедонист. Эътироф бояд кард, ки ихтироъи пайкон аз санги чаҳмоқ худ кашфиёти ҷаҳонӣ дошт. Вақте, ки пас аз гузаштани даҳҳо ҳазор сол илми табиатшиносӣ инкишоф ёфт, олоти сангию устухонӣ талаботи инсонро қонеъ кунонида наметавонистанд. Барои инсон олоти дигар лозим буд, ки вай зиндагии худро боз ҳам осонтар кунад.

Чуноне, ки макони нони аввалинро гуфта наметавонем, маъдани аввалинро чӣ тавр ва дар куҷо гудохтанд номаълум аст. Танҳо ҳаминро гуфта метавонем, ки маъдани аввалин аз мис буд. Шояд дар аввал одамон дар ғору гӯтҳо, ҷарриҳою обкандаҳо миси яклухти табии сурху зардчаро дучор шуда бошанд, вале хосияти онро намедонистанд ва аз ин рӯ ба он аҳамият намедоданд. Аммо, вақте ки мис ба оташ афтода, дар пеши назари онҳо об шуд, баъд аз хунукшавӣ ба аслиҳаи сахту тези бурранда табдил ёфт, одамон ба он таваҷҷуҳ зоҳир карданд.

Ин тасаввурот шояд пояи ҳақиқӣ дошта бошад. Вале маълум аст, ки ихтирооти мис ҳамчун маъдан ба замони неолиту энеолит хос буда, таърихи 7-6 ҳазорсола дорад. Аз ин пеш ягон қабилаи инсон маъданро намедонист. Вале дар қаъри замин миқдори номуайяни маъданҳои гуногун миллионҳо сол инҷониб мехобиданд.

Аз биноҳои алоҳидаи Саразм дар зарфи 15 сол ба мо муяссар гардид, ки анҷому ашёи аз панҷ намуди маъдан сохташударо дарёб кунем. Ҳоло мо зиёда 1500 номгӯй олоти истеҳсолӣ, лавозимоти рӯзгор ва васоити ороишӣ дорем, ки онҳо аз мис, биринҷӣ, қӯрғошиму нуқра ва тилло сохта шудаанд. Чунин бозёфтҳо ба микдори зиёд дар ягон ёдгории ҳамзамони Саразм дарёфт нашудаанд. Аз ин рӯ саразмиёнро яке аз аввалин маъданшиносони Осиёи Марказӣ шуморидан мумкин аст.

Маъдани аввалини саразмиён мис буд. Бозёфти миси яклухт дар деҳаи Ёрии ноҳияи Панҷакент шоҳиди асосӣ мебошад. Ғайр аз ин оид ба фаровонии мис дар кӯҳҳои Суғду Зарафшон геологҳои Панҷакент ишораҳо кардаанд.

Мисро ҳамчун маъдани аввалин шинохтани сокинони водии Зарафшон пояи илмӣ дорад. Пеш аз ҳама ба ин миқдори зиёди олоти мисӣ далолат диҳанд, баъдан олоти коркарди канданиҳои мисӣ: кӯбакҳо, ҷувозҳо ва дастаҳои сангини номбурда гуфтаҳои моро тасдиқ менамоянд. Илова ба ин дар Саразм дарёфт шудани кураҳои маъдагудозию қолибҳои рехтагарӣ шоҳидӣ онанд. Кулолгарони Саразм зарфҳои худро дар ҳарорати 600-800$^0$ гармӣ дошта мепухтанд. Дараҷаи гудохтани мис низ он қадар баланд набуда 800-900$^0$ ҳарорат кифоя буд, ки маъдани дар таркибаш мис буда ба моеъ табдил ёбад. Он кӯраҳое, ки мо дар ҳафриёти Саразм дарёфт намудем, натанҳо 600-800$^0$ гармӣ, балки то 1800 дараҷа гармӣ дода метавонистанд.

Азбаски саразмиҳо санъати маъдангудозиро нав аз худ карда буданд «устохонаҳо»-и худро, дохили яке аз хонаҳои истиқоматӣ  ё рӯи ҳавличаи кушод месохтанд. Кӯраҳо хеле оддӣ буда шакли қубури лойиро доштанд. Он  30-35 см чуқурӣ ва 20-30 см васеъӣ дошт, аз қубурҳои оддии обгузаронӣ бадоштар буда деворҳояш 4-5 см ғафсӣ доштанд. Мутахассисони соҳаи маъданшиносии қадим Б.А. Литвинский, Е.Н. Черних, В.А. Рузанов ва чанде дигарон дар асарҳои худ ишора намудаанд, ки ин кӯраҳои аз лойи хом сохташуда натанҳо ба гудохтани маъдани мис, балки ба

гудохтани маъданҳои дигар тилло ва нуқра низ қодиранд. Аз тарафи дигар барои гудохтани санги маъдандор ангишти дарахтони бурсу заранг, фарқу дӯлона лозим аст, онҳо дар кӯҳҳои Суғду Зарафшон фаровонанд. Вақте, ки дар тани кӯраҳо олудаи мису биринҷиро пайдо кардем, тахминҳо дар бораи аз берун ба Саразм овардани маъданҳо аз байн рафтанд.

Ҳоло бо камоли қаноатмандӣ гуфта метавонем, ки сокинони шаҳраки Саразм дар ҳазорсолаи IV пеш аз мелод ҷустуҷӯи чор намуди ҷинсҳои кӯҳии таркибашон мис, қӯрғошим, нуқра ва тилло доштаро медонистанд. Сангшиносони қадим сар то сари водии Зарафшон пиёдаю савора гашта, ҷойи онҳоро муайян мекарданд. Бо олоти сангӣ, шохӣ ва чӯбӣ аз қаъри кӯҳҳо маъданҳои зарурииро аз сангҳои бегона ҷудо мекарданд. Азбаскуи ба манзил овардани онҳо кори хеле душвор буд, қисми зиёди корҳои маъдангудозӣ дар назди конҳо иҷро карда мешуданд. Ба Саразм асосан маъдани хоми нимтайёрро меоварданду ба истеҳсоли олот шурӯъ мекарданд. Ҳамин тавр низ мешуд, ки баъзан, душвор бошад ҳам, худи ҷинсҳои маъдандорро ба шаҳраки Саразм кашонида дар ҳавлиҳо коркарди онҳоро бо ёрии аъзоёни дигари қабилаву оилаҳо идома медоданд.

Саволе ба миён меояд, ки зарурияти кашфи маъдан ва аз он сохтани олот чӣ буд?

Сабаб дар он, ки олоти номбурдаи сангину устухонӣ, корду пайконҳо ва сӯзану дарафшҳо пешравии зиндагониро пурра таъмин карда наметавонистанд. Дар кишоварзӣ, ҳунармандӣ, хонасозӣ ва хоҷагидорӣ он мардум доим ба душвориҳо дучор мешуданд. Кашфи намудҳои дигари олотро зарур буд. Вале ҳамаи ин фикри шахсии мост, ягон лаҳзаи зиндагонии одамони шаҳраки Саразм аз тарафи шахсе китобат нашудааст ва шуда ҳам наметавонист, он замон хат вуҷуд надошт. Умедвор шудан ба бозёфти осори хаттӣ асос надорад. Ба ҳар ҳол, ба ҳар як бостоншинос зарур аст, ки бозёфтҳои худро ба забон ораду аз шаклу намуди онҳо хулосае барорад.

Олоти маъдании саразмиён чӣ гуна буданд? Инҳо табар, теша, корд, ханҷар, дарафш ва сӯзан буданд, ки дар зиндагии инсон мавқеи ҳалкунанда доранд. Мо дар Саразм аввалин маротиба ба ин намуди олоти мисӣ дучор шудем. Ҳамин тариқ, мис дар ҳаёти инсон аввалин маъдане буд, ки одамон аз он олоти аввалиндараҷа ва аз ҳама заруриро месохтанд. Ин ихтирооти инсон дар таърихи рушди ҷомеа табаддулоти куллӣ ба шумор меравад. Ин табаддулоти куллӣ дар Саразм дар ҳазорсолаи IV қариб шаш ҳазор сол қабл аз ин рӯй додаст. Вале ин ҳоло нуқтаи охирини кашфиёти бостоншиносон нест, умедворем, бостоншиносон дар дигар навоҳии ҷумҳуриву берун аз он кашфиётҳои нав карда хулосаи моро бо далелҳои нав пурратар менамоянд.

Пеш аз он, ки оид ба мавқеъ ва хоситяҳои бозёфтҳои маъдании шаҳраки Саразм сухан ронем, хотиррасон мекунем, ки истифодаи мис нисбат ба қӯрғошим, қалъагӣ, нуқра ва тилло, бештар буд. Асос он аст, ки то соли 1990 мо зиёда аз 200 намуди олоти мисин пайдо кардем, ки онҳо аз 15 намуди олоти истеҳсолию рӯзгории саразмиён иборатанд. Аз ин рӯ барои равшан намудани ҳунари ниёгон дар зинаи аввалини рушдашон зарур аст оид ба хосияти ин бозёфтҳо батафсил истода гузарем. Олоту ашёи мисиро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Гурӯҳи аввал олоти истеҳсолию ҳунармандӣ, яъне дарафш, сӯзан, ҷуволдӯз, симчаи бофандагӣ мебошанд.

Сокинони Саразм тавассути онҳо имконияти дӯхтании либосҳои нисбатан базебу бадошти пашмию чармӣ, пойафзолро доштанд. Ба ин кор қариб тамоми аҳли оила машғул мешуд. Агар вазифаи мардҳо аз тайёр намудани пӯсту пашм иборат бошад, ресидан, бофтан ва дӯхтани либосу пойафзолро бештар занону духтарон иҷро мекарданд. Писарбаччаҳои 10-15 сола аз рӯи имконияти ҷисмониашон ба мардҳо дар кишоварзӣ, чорводорӣ, маъдангудозӣ ва хонасозӣ ёрӣ мерасониданд.

Ба гурӯҳи дуюми олот: корд, ханҷар, пайконҳои камону найза, чангакҳои моҳигирӣ ва табар-тешаи дудамаро шомил намудан мумкин аст.

Онҳо аз рӯи зарурият якчанд вазифаро иҷро мекарданд. Масалан, корду ханҷар баробари олоти рӯзгор будан аслиҳаи ҷангӣ низ буданд. Чангакҳои моҳигирӣ, камону найза вазифаи аслиҳаи шикор ва ҷангиро, низ иҷро карда метавонистанд. Табар-тешаи дудама бошад дар буридани дарахтҳо, чӯбкорӣ, кандани ҷинсҳои кӯҳӣ истифода мешуд.

Баробари дар ҳаёти ҳаррӯза истифода намудани олоти мисӣ ва биринҷӣ тарзи зиндагонии одамон беҳтар гардид. Кишоварзону чорводорон, ҳунармандону шикорчиён меҳнати пурмашаққати каммаҳсули асри сангиро бо меҳнати нисбатан осону пурмаҳсул иваз намуданд. Кишоварзон соҳиби аробаи боркаш ва ҷуфти гову дос, чорводорону шикорчиён соҳиби корду ханҷарҳо, камону пайконҳо шуданд. Ҳунармандон олоти сангиро бо олоти бадошти мисию биринҷӣ иваз намуданд. Пӯсту чарм, пашму устухонҳоро на бо олоти сангӣ, балки ба корду ханҷарҳои биринҷӣ барои лавозимоти зиндагию рӯзгор омода мекарданд. Вале ин ҳоло маънои онро надошт, ки инсон бо ихтироъи маъдан ба дараҷаи баланди зиндагӣ расида бошад. Ихтироъи маъдан дар назди одамони ҷомеаи ибтидоӣ талаботи нав гузошт. Инсон роҳи боз ҳам инкишоф додани сохти ҷамоатиро пеш гирифт.

Пешравии иқтисодиёт ба инкишофи ҳаёти фарҳангӣ ва маънавӣ замина гузошт. Баробари хӯроки фаровон, либоси наву тоза одамон лозим донистанд, ки дар бораи ороишот ва фарҳанг низ фикр кунанд.

Аз ин рӯ, сокинони Саразм барои занону духтарон аз мису биринҷӣ, сархора, дастпона, ойина ва ҳаргуна шаъбаю марҷонҳо месохтагӣ шуданд. Барои мардон бошад теғи сартарошӣ ва дигар лавозимоти маъданӣ ихтироъ мешуд. Ин лавозимот гурӯҳи сеюми маҳсулоти мисию биринҷии ҳунармандони Саразм мебошанд. Бале инсон таърихан мӯҳтоҷи зебоӣ буд.

Баъди азхуд намудани мис ва биринҷӣ талаботи одамон ба маъданҳои дигар пайдо шуд. Акнун навбати аз ҷинсҳои дигари кӯҳӣ ҷудо намудани қӯрғошим, нуқра ва тилло буд. Аз

рӯи бозёфтҳои шаҳраки Саразм метавонем гӯем, ки ниёгони мо аз ӯҳдаи иҷрои ин масъала низ баромаданд. Дарёфт шудани мӯҳри қӯрғошимии косиб ё сардори қабила далели он аст. Аҷдодони мо дар ҳазорсолаи IV-III пеш аз мелод тарзи дастрас намудан ва гудохтани ин намуди маъданро ба хубӣ медонистаанд. Қаҳрамони ҳикояти мо, кашшофи Саразм Ашӯр-ако рӯзе аз байни замини шудгоршуда ғӯлаи яклухти қӯрғошимиро дарёфт намуд. Ғӯла чоркунҷа буда, зиёда аз 10 кило вазн дошт. Шояд барои он ки дарозии он 45 см буду аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдан ноқулай буд, вайро ҳанӯз дар гармиаш дуққат намуда химча карда буданд. Дар натиҷаи баҳсу мунозира бо бостоншиносони Фаронса Ролан Безенвал ва Анри-Пол Франкфорт ба хулоса омадем, ки ин ғӯлаи қӯрғошим дар кӯраи Саразм гудохта шудааст. Чунки ба таркиби химиявии олоти мисӣ ва биринҷии Саразм чун ҳамешагӣ миқдори муайяни қӯрғошим омехта карда мешуд.

Нуқра ва тилло аз қадим маъданҳои қимматбаҳо ҳисоб мешуданд. Қабилаҳои гуногун бидуни маслиҳату ёрии якдигар аввал гудохтани мисро азхуд карда буданд, нуқраву тилло барои баъзеи қабилаҳову кишварҳо ҳазорҳо сол номаълум буд. Аз ин рӯ он қабилаҳое, ки дар рӯзгори худ ин ду маъдани охирро доштанд, аз дигар қабилаҳо пеш меистоданд. Бинобар ин аз рӯи бозёфтҳои нуқрагину тиллоии шаҳраки Саразм водии Зарафшонро яке аз марказҳои қадими ихтирооти маъданҳои қимматбаҳо номидан мумкин аст. Он бозёфтҳое, ки аз дигар ёдгориҳои сарзамини Моваруннаҳр дарёфт шудаанд, таърихан аз бозёфтҳои Саразми мо 1000-1500 панҷсад сол ҷавонтаранду ба ҳазорсолаи II пеш аз мелод мансубанд.

Бозёфтҳои нуқрагину тиллоии шаҳраки Саразм мисли олоти биринҷӣ сершумор нестанд. То ҳол ҳамагӣ як ҷому қариб 30 дона марҷону шаъбаҳои нуқрагинро дарёфт кардем. Вале ин бозёфтҳо далели онанд, ки саразмиҳо истеҳсоли нуқраро нисбат ба ҳамзамонони ҳиндустониву покистонӣ, эрониву афғонӣ ва дигар сокинони Осиёи Марказӣ пештар ихтироъ кардаанд. Ин гуфтаи моро бостоншиносони

амрикоӣ К.К. Ламберг-Карловский, ки дар ёдгории Яҳётеппаи Эрони ҷанубӣ солҳои 1970-1980 ҳафриёт гузаронида аст, дастгирӣ намуд.

Мавқеи тилло ҳамчун маъдани қимматбаҳо ба ҳар як шахс маълум. Оид ба кашфиёт ва истеҳсоли тилло дар Саразм ҳаминро гуфтан даркор аст, ки бозёфтҳои тиллоини ин ёдгорӣ – панҷ намуд марҷонҳо ва бозубанди яклухт, санъат ва фарҳанги ниёгони асри сангу биринҷиро бо тамоми ҳастиву бузургиаш собит менамояд. Одамон маъданҳои қимматбаҳоро чӣ гуна истеҳсол мекарданд?

Баъзан тамошобинон дар шарҳи бозёфтҳо ба шубҳа меафтанд.

Дар ҳақиқат ниёгонамон зиёда аз 5000 сол қабл аз замони мо маҳорати баланд доштаанд. Имрӯз мо ба анҷому олоти бо дастони онҳо сохташуда бо ҳайрат менигарем. Баробари ин, муҳаққиқ бояд ба тамошобину хонанда асрори бозёфтҳои худро кушояд.

Дар фасли ихтирооти мису биринҷӣ чанд мисол оварда, тарзи коркарди онҳоро шарҳ дода будем. Ба ақидаи мо тарзи коркарди нуқра низ шояд монанди мису биринҷӣ ва қӯрғошим бошад. Нуқраро низ аз ҷинси кӯҳие, ки дар таркибашон нуқра доранд истеҳсол мекарданд. Вале гудохтани нуқра нисбат ба мису қӯрғошим душвортар буд. Барои он ҳарорати баланди 1000-1200$^0$ лозим аст. Ба маъдангудозон зарур буд, ки шакли кӯраҳои маъдангудозиро дигар ва ба гудохтани ҷинси кӯҳии нуқрадор мутобиқ кунанд. Азбаски дар Саразм марҷон, ҷоми нуқрагин дарёфт кардем, метавон гуфт, ки ҳунармандони қадим роҳҳои истеҳсол ва коркарди нуқраро низ азхуд карда буданд.

Тарзи истеҳсоли тилло аз маъданҳои номбаршуда фарқ надорад. Зеро тиллоро низ аз таркиби санг ҷудо мекунанд. Тиллои яклухти табиӣ хеле кам дучор мешавад. Маълум, ки дар ҳудуди водии Зарафшон тиллои яклухт дучор нашудааст. Он тиллоҳое, ки одамон тасодуфан пайдо кардаанд, шакли ороишот ва ашёи рӯзгорро доранд ва бо дасти ҳунармандон сохта шудаанд. Ниёгонамон якчанд роҳи истеҳсоли ин

маъдани зебову гаронбаҳоро медонистаанд. Аз рӯи таҳқиқоти геологҳо ва навиштаи дастхатҳои асримиёнагӣ дар водии Зарафшон захираи зиёди маъдани тилло мавҷуд аст. Дар замони мо дар водӣ ду кони калони тилло ҳаст: яке дар мавзеъи Йингичкаи ноҳияи Каттақӯрғони вилояти Самарқанд, дигаре дар ноҳияи Панҷакент.

Аз ин рӯ дарёфти васоити ороишӣи тиллоини шаҳраки Саразм моро ба шубҳа наандохтанд. Баръакс, мо то ба андозае чуқур будани решаҳои истифодаи онро медидем. Ба таҷрибаи таърихӣ рӯ меоварем. Яке аз роҳҳои қадимтарини истеҳсоли ин қумшӯйкунӣ буд. Ин боварибахш аст, якум дар соҳили дарёи Зарафшон аз Мастчоҳ то Бухоро соле зиёда аз як миллион тонна қум ҷамъ мешавад, ки таркибаш микдори зиёди зaррачаҳои тилло дорад. Дуюм, дар саноати имрӯза низ роҳи бо об шустани тилло вуҷуд дорад. Қумшӯйкунӣ хеле оддӣ буда, иҷрои он аз дасти ҳар як шахс меояд.

Ба фикри ман, сокинони Саразм роҳи дастӣ шустани тиллоро ба дараҷаи баланд медонистанд. Тахмин карда мешавад, ки онҳо барои аз қум ҷудо кардани зарачаҳои тилло моҳҳою солҳо ҳазор тонна қуми Зарафшонро обшӯй мекарданд. Афсӯс, ки тарзи обшӯйкунии қумро имрӯз касе пурра гуфта наметавонад. Вале ба ҳар ҳол иҷрои ин кор меҳнати зиёдро талаб мекард.

Бале сокинони Саразм зиёда аз 5000 сол пеш тарзи истеҳсоли тиллоро медонистанд.

Бостоншиносони шуравӣ ва хориҷӣ ба хулоса омаданд, ки дар ҳазорсолаи III пеш аз мелод водии Зарафшон яке аз марказҳои маъдангудозии Шарқ ба шумор мерафт. Мис, биринҷӣ, қӯрғошим, нуқра ва тиллои водӣ дар болоравии иқтисодиёти мардуми ин ҷо нақши боризе бозид.

# МОДАРШОҲИ САРАЗМ

Мувофиқи таълимоти илм замони модаршоҳӣ – замони ибтидои ташаккули тамаддуни инсонист.

Вале тасвири воқеии ин давраро тасаввур кардан душвор аст. Осори тамаддуни замони модаршоҳӣ дар қаъри асрҳо мондааст. Дар куҷо пайдо шудани онро низ касе гуфта наметавонад. Охир он фарҳангу тамаддун ба замоне рост меомад, ки инсон дар арафаи ташаккули нажодӣ меистод. Тасвири сохти модаршоҳӣ ва тамаддуни он давра дар ягон катибаҳои рӯи сангу сафол ва асарҳои таърихи қадима навишта нашудааст. Зеро замони модаршоҳӣ 5000-6000 сол қабл аз ин то пайдоиши хат гузашта буд. Аз ин рӯ, дар бораи ҳаёти маданиву иқтисодии он давра чизе гуфтан душвор мебошад.

Пас ҳастии ҷомеаи модаршоҳӣ, дараҷаи инкишофи он, ҳаёти маънавӣ ва ҷойи модаршоҳро дар ҷомеаи ибтидоӣ чӣ гуна бояд донист? Барои равшан намудани ин савол имрӯз қудрати илми бостоншиносӣ ва далелҳои ба даст омада кофӣ нестанд. Ба ҳар ҳол, далелҳои дастрасро баён месозем.

Бале, илми бостоншиносӣ дар миқёси ҷаҳон ба омӯзиши сарчашмаҳо: қабристонҳои чандинҳазорсола, кӯшку шаҳрҳо, маъбаду қасрҳо, ки он ҷо ҷавонмардону силсиладорони бузург хобидаанд, машғул аст. Бостоншиносон пас аз ҳафриёт ҷасади беному нишони онҳоро дарёфта, аз рӯи осори ашёи ҳамроҳи онҳо хобида, қисмати онҳоро ҷӯё мешаванд.

Қабри маликаи Саразм низ аз ҳамин қабил ёдгориҳо буда, зиёда аз 5000 сол боз мунтазир буд, ки рӯзе «фарзандонаш» қабри нахустмодари худро дарёб мекунанд. Ин лаҳза фаро расид. Бо ифтихор мегӯем, ки онро дар сарзамини суғдиёни қадим, дар шаҳраки Саразм дарёфт намудем.

Ин кашфиёт тирамоҳи соли 1986 даст дод. Пеш аз дарёфти қабри маликаи Саразм аз зери хоктӯдаҳои бинои 4-ум мо якчанд хонаҳои истиқоматию хоҷагидорӣ ва ҳавлии васеъро кушодем. Баъди ба анҷом расидани ковишҳо

мувофиқи талаботи илми бостоншиносӣ барои равшан намудани таркиби хок дар гӯшаи яке аз хонаҳои истиқоматӣ хандак кофтем. Дар рафти ҳафриёт ба қатори сангҳо дучор шудем, ки онҳо шакли мудаввар дошта ба тартиб ҳалқамонанд мисли девор чида шуда буданд. Ба кушодани ҳамон девори сангӣ машғул шудем. Баъд аз чанд рӯз мо онро пурра кушодем, дохили девор ба 150 метри мураббаъ баробар буда, худи девор ба шакли мудаввар сохта шудааст. Доираи девор зиёда аз 45 метр буда, 60-75 см баландӣ дорад. Ин иншоотро бо кашфиётҳои бостонии ба мо маълум қиёс карда фаҳмидем, ки бо яке аз қабристонҳои сокинони Саразм сару кор дорем. Акнун мо кофтуковро дар дохили девори сангӣ идома намуда, дар муддати кӯтоҳ ба кушодани 5 қабри алоҳида ноил гардидем.

Моҳияти бузурги илмии ин қабрҳо дар он буд, ки аввалан онҳо дар бораи расму оини дафнкунии одамони замони сангу биринҷӣ маълумоти аниқ медоданд ва баъдан аз рӯи косахонаи сари фавтидагон хусусияти нажодии онҳоро маълум кардан мумкин буд. Дар ин қабрҳо фавтидагонро яктоӣ, дутоӣ ва ҳатто сетоӣ дар як қабр гузоштаанд. Аз 5 қабри номбаршуда дар ду қабр яктоӣ, дар ду қабри дигар дутоӣ ва дар як қабр се ҷасад гӯронида шудаанд. Қисми зиёди майдони қабристонро истифода накардаанд. Аз ин рӯ, қабристони номбурдаро ба оила ё авлоди алоҳида бояд мансуб кард, зеро ки дар он дафн кардани аъзоёни авлоди дигар манъ буд.

Дар яке аз ду қабри яккаса устухонҳои марди тахминан 30-35 сола, ки дар чуқурии 1,20 см гӯронида шудааст, ёфт шуд. Устухонҳо дар як ҷой ғун карда шудаанд, пойҳову дастҳо дар болои шикам гузошта шудаанд. Дар назди ҷасад чизе набуд.

Қабри дигаре, ки қариб як метр дуртар аз қабри якум дар самти ҷанубӣ дарёфт шуд, ба кӯдаки 6-7 сола мансуб аст. Кӯдак шояд духтарча бошад, ки дар гарданаш шадаи марҷонҳои лоҷувардӣ ва нуқрагӣ дошт. Азбаски риштаи марҷонҳо пӯсидааст, лозим омад, ки хоки қабрро бо ғилбол бехта, марҷонҳои чени мошу нахӯд ҳаҷмдоштаро ҷамъ

орем. Маълум шуд, ки духтарчаи фавтида дар гарданаш 331 марҷони лоҷувардӣ ва 27 марҷони нуқрагӣ дорад. Ҷасад дар қабр монанди дар батни модар хобида гузошта шудааст. Бори аввал ба мо муяссар гардид, ки расму одати дафнкуниро бинем. Баробари ин набудан ё камии ҷиҳози шахсӣ моро каме дар ҳайрат гузошт. Маълум, ки дар асрҳои сангу биринҷӣ одамонро бо тамоми бойигариашо ба хок месупориданд. Ҳатто дар баъзе ҳолатҳо ҳамроҳи шахси фавтида одамони ба ӯ наздик ё аз ӯ вобастабуда низ ба хок супорида мешуданд. Инро мо дар мисоли қабристонҳои деҳшаҳрҳои ҳамзамони Саразм – Хуросони Шимолӣ, Эрон ва Афғонистон дидаем.

Тарзе, ки хотиррасон кардем, дар ду қабри дигар чор ҷасад дарёфт шуданд, ки онҳо ҷуфт-ҷуфт (ду нафарӣ) дафн карда шудаанд. Аз рӯи таҳқиқоти антропологӣ (ҷасадшиносӣ А.И.) маълум гардид, ки дар як ҷуфт зан ҳамроҳи мард бо пойҳову дастҳои дар оринҷу зону қат кардашуда, дар ҳолати батнӣ, хобидаанд. Дастҳои онҳо аз оринҷ дуқат шуда, то ба маннаҳашон, пойҳояшон то ба думғоза мерасанд. Мутаасифона, дар дохили қабр ашёи ночиз дарёфт шуд. Онҳо аз як адад зарфи мармарӣ, як адад сафолӣ ва як адад нуқрагӣ иборатанд. Ба ҳар ҳол, аз рӯи шакли ашёи номбаршуда, дараҷаи ҳаёти моддии дафншудагон ва санаи пайдоиши қабрҳову шахсони дар онҳо хобидаро равшан карда тавонистем.

Илова бар ин, дарёфт шудани қабри панҷум, ки дар он се ҷасад хобида буданд, маълумоти моро ғанитар гардонид. Бояд қайд кунем, ки то оғози кофтуков мо рӯи ин қабр харсангеро дидем, ки зиёда аз як тонна вазн дошта, нимаш зери хок буд. Анъанаи ба болои қабри шахси обрӯманд гузоштани нишона аз замонҳои қадим маълум аст. Харсанги дар болои қабр гузошташуда ба он далолат мекард, ки дар зери он асроре ниҳон аст. Мо мувофиқи қоидаи ҳафриёт, харсангро аз ҷояш наҷунбонида, атрофи онро оҳиста кофтан гирифтем. Танҳо дар чуқурии 2,80 см ба мо муяссар шуд, ки косахонаҳои сар ва устухонҳои ҷасади одамонро дарёфт кунем. Аз ин ба хулоса омадем, ки мо ҳақиқатан қабри панҷумро дарёфт намудаем.

Дар рафти ҳафриёт равшан гардид, ки қабри номбурда доирашакл буда, майдони он ба 7 метри мураббаъ баробар ва барои дафни якчанд нафар фавтидагон пешбинӣ шудааст. Вале тавре, ки дар боло гуфтем, дар он ба ҷасади се нафар одамони гуногунҷинсу гуногунсол дучор шудем. Устухонҳои онҳоро бо оҳистагӣ аз хок тоза намуда, тарзи дафнкунии онҳоро омӯхтем. Анҷоми кор равшан намуд, ки тарзи гӯронидани ҷасадҳо ғайриоддӣ буданд. Пойҳо аз зону ва дастҳо аз оринҷ ба тарафи шикаму сар ба шакли секунҷа қат карда шудаанд. Дар асрҳои сангу биринҷӣ яъне 7-4 ҳазор сол муқаддам дар қитъаҳои Осиёву Аврупо ва ҳатто дар баъзеи ҷойҳои дигар фавтидагонро дар он шакле ба хок месупориданд, ки инсон дар батни модар инкишоф меёфт. Аз он ҷо бостоншиносон ин тарзи ба қабр гузоштанро тарзи батнӣ меноманд.

Пас чаро дар як қабр се касро гузоштаанд? Муносибати байни якдигарии онҳо чӣ гуна буд? Мо аз рӯи хулосаи антрополог, доктори илми таърих Т.К. Хоҷайов ҷавоб ёфтем. Олим, ки ҳар се ҷасади Саразамро муайян намудааст, дар ҳисоботи пешакии худ чунин навиштааст: «Устухонҳои ҳар се ҷасад ба одамони синну сол ва ҷинсашон гуногун мансубанд. Скелети якум ҷасади зани 19-20 сола буд, ки як то кӯдак таваллуд кардааст. Скелети дуюм ҷасади марди синну солаш 20-21 сола ва скелети сеюм ҷасади духтарчаи 13-14 сола мебошанд. Тахмин зан ва мард шояд аъзои як оила бошанд, вале духтарча фарзанди онҳо буда наметавонад, зеро тафовути синну соли зан (19-20 сола) ва духтарча (13-14 сола) имконият намедиҳад, ки онҳо модару духтар бошанд».

Қатъи назар аз муносибати ҷинсӣ ва қаробат доштани скелетҳо гуфта метавонем, ки ин тарзи дафнкунӣ ба оини ҷомеаи ибтидоӣ хос аст. Дар ин ҷо ба фикри мо мавқеи асосиро зани 19-20 сола мебозад, зеро ҳамаи бозёфтҳо, ки аз ин қабр дарёфт намудем, мансуби ҷавонзан мебошанд.

Анҷому ашёи зан, ки асоси муайянкунандаи мавқеи ӯ мебошаду дониши моро оид ба санъату ҳунари ниёгонамон боз ҳам бойтар мегардонанд, моро водор менамояд, ки ба таҳқиқу тасвири он диққати махсус диҳем.

# САЛОМ «МОДАРШОҲ»

Одат кардаем, ки ба зиндагон салом диҳем. Ҳоло ба ҷасади кайҳо симои худро гумкардаи зан бо ифтихор салом мегӯем. Сабаб дар он, ки ӯ «модаршоҳ» аст. Бостоншиносоне, ки дар ҳафриёти Саразм иштирок доштанд, бе дудилагӣ ба ҳамин қарор омаданд, зеро то он дам ба ягон бостоншиноси Осиёи Марказӣ ва ҳатто кишварҳои қадимаи Шарқи Наздик муяссар нашудаст, ки ба чунин кашфиёт ноил гарданд.

Бостоншиносони дигар низ кашфиётҳои зиёде кардаанд. Чунончӣ В.М. Массон, И.Н. Хлопин дар қабристонҳои Кабутаки Шимолӣ, Ҳасан Аҳмад Донӣ дар Гумлаи Покистон, А.М. Манделштам дар мавзеъи Бешканди Шаҳритус, Б.И. Сарианидию Ӯ.П. Пӯлодов дар Тиллотеппаи Афғонистон қабрҳои зиёдеро кашф кардаанд. Вале кашфиётҳои номбурда тибқи санаи пайдоиши худ ба давраҳои гуногуни таърихӣ мансубанд. Бузургии қабри «модаршоҳ» -и Саразм дар он аст, ки аз кашфиётҳои номбурда таърихан аз 1000 то 3000 сол қадимтар аст.

Ин дар илми бостоншиносӣ аввалин қабрест, ки ба замони охири асри санг ва ибтидои асри биринҷӣ шомил аст. Ин замонро дар таърихи ҷомеаи инсонӣ замони модаршоҳӣ меноманд.

Барои боз ҳам равшантар ифода намудани сохти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи модаршоҳӣ ба чанде аз далелҳои таърихӣ ва илмӣ рӯй меорем. Дар он замон гурӯҳи муайяни одамон, ки авлод ҳисоб меёфтанд, дар атрофи зани донишманд, кордону серҳаракат, ки бо хислату рафтори худ дар байни авлод ном баровардааст, муттаҳид мешуданд ва онро модаршоҳи худ мехонанд. Аз ин ҷо авлоди модарӣ ибтидо меёбад. Ҳанӯз дар замоне, ки мардҳо бо шикорчигию чидахӯрӣ машғул буданд, занҳо дар қароргоҳҳо монда ба нигоҳдории оташу тарбияи кӯдак машғул буданд. Баъзан чунин ҳодиса рух доданаш мумкин буд, ки падарони ба шикор рафта, дар натиҷаи дучор шудан ба ҳодисаҳои маргбори табиат ё бо гурӯҳи қабилаҳои ношинос рӯ ба рӯ

шудан дар заддухӯрд маҳв мешуданд, ё ҳамроҳи онҳо ба дигар қабила гузашта мерафтанд. Модарони дар қароргоҳ монда маҷбур буданд тамоми ташвиши рӯзгору зиндагиро ба зиммаи худ гиранд.

Аввалин будани зан дар зироаткорӣ ва ҳунармандӣ исбот шудааст. Дар «Авесто» - китоби муқаддаси Зардушт, ки қариб 3000 пеш аз замони мо навишта шудааст, Ардвисура-Аноҳита худои ҳосил ва об мебошад. Баробари ин муҷассамаи занро, ки аз ёдгориҳои замони сангу биринҷӣ, дар кишварҳои Шарқи Наздику Осиёи Марказӣ дарёфт шуданд, худои ҳосил ва фаровонӣ донистаанд. Ин албатта беасос нест, зеро дар он замонҳо асоси хоҷагидорӣ дар дасти зан буд. Кишоварзони қадим муҷассамаҳои аз лой сохташудаи занро рамзи худои худ медонистанд.

Албатта баробари рушд ёфтани воситаҳои истеҳсолот, монанди рӯи кор омадани омоҷ, воситаҳои дигари заминкобӣ ва ниҳоят истифодабарии қувваи ҳайвонот пеш аз ҳама барзагов, мавқеи зан дар кишоварзӣ суст шуд ва ин корро мардҳо ба зиммаи худ гирифтанд. Бо ҳамин дар сохти ҷамъиятии одамони ҷомеаи ибтидоӣ шакли нави ҷомеаи авлодӣ - падаршоҳӣ сар шуд. Вале ин ҳанӯз маъное надошт, ки зан-модаршоҳ дар ҷомеа мавқеи худро пурра аз даст дода бошад. Зан дар ягон сохти ҷамъиятӣ мавқеи худро пурра аз даст надодааст. Баръакс, вай ифодакунандаи сохти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва мураббии аввалини узви ҷомеа буд ва мемонад.

Ҳамин тариқ, ҷасади дар Саразм дарёфтшуда, ки бори аввал дастраси илми бостоншиносии тоҷик гардиду мо онро «модаршоҳ» номидем, дар ҷомеаи саразмиҳо мавқеи асосиро соҳиб аст. Ин зан ба хок бо ҳамаи бойигарии ба ӯ тааллуқдошта гӯронида шудааст. Баъди аз хок тоза намудани устухонҳои вай мо шоҳиди ҳолати аҷоибе гаштем. «Модаршоҳи» Саразм, ки дар як қабр ҳамроҳи ду ҷасади дигар – мард ва духтарча дафн шуда буд, аз онҳо бо бойигарии худ бакуллӣ фарқ мекард.

Аввалан «модаршоҳ» бо кулоҳу сару либос ва тамоми ороишоташ гӯронида шудааст. Худи ҳамин боло будани

мартабаи ӯро ифода менамояд. Маълум гардид, ки либоси дар тани «модаршоҳ» буда, бо сангҳои қиматбаҳо – ақиқи сурх, лоҷуворд, фирӯза ва дигар намуди сангҳо зеб дода шудаанд. Ороишҳои номбурдаро дар болои кулоҳ қад-қади остину шарвор ва домани ҷасад, ки кайҳо пӯсидаанд дида тахмин намудем, ки «модаршоҳ» бо либоси хосаи худ гӯронида шудааст. Агар қисми марҷонҳо кулоҳу мӯйҳо, гардану пештанаи ӯро зеб диҳанд, пас қисми дигари онҳо ба либос дӯхта шудаанд. Оид ба миқдори онҳо танҳо ҳаминро гуфта метавонем, ки аз ҳазор дона ҳам зиёданд. Шаклан ва ҳаҷман онҳо 16 намуданд.

Ғайр аз ин, дар вақти тозакунии қабр мо дар ҳама ҷойи он шаъбаҳоеро ҷамъ намудем, ки ҳаҷман монанди донаи арзананд. То ҳол миқдори онҳоро муайян карда натовонистем. Гап дар сари он, ки онҳо хеле гароншумор буданд ва барои он лозим омад, ки қариб ду тонна хоки қабрро обшӯй намуда, бо сӯзанҳои ниҳоят борик ба риштаҳо гузаронем. Ҳоло мо зиёда аз 10 метр чунин шаъба дорем. Аҷиб аст, ки шаъбачаҳои майда басе устодона ба чодаре, ки болои ҳар се ҷасадро мепӯшид дар шакли нақш дӯхта шуда буданд.

Бузургии мавқеи «модаршоҳ» боз дар он таҷассум меёбад, ки мӯйҳои он бо марҷони тиллоӣ оро ёфта буданд. Пас аз пӯсидани кокулҳо 49 дона марҷонҳо дар ҷояшон қатор хобидаанд. Агар мо онҳоро дуртар аз ҷасади зан дарёфт мекардему исбот карданӣ мешудем, ки ин донаҳои тиллоӣ ба ҳазорсолаи IV пеш аз мелод мансубанд, ҳатто ихтисосмандон низ бовар намекарданд. Зеро дар Осиёи Марказӣ коркарди тилло асосан хоси ҳазорсолаи III-юми пеш аз мелод аст.

Дар қатори ороишоти номбаршудаи «модаршоҳ» мо ду дастпонаи аз устухони гӯшмоҳӣ сохташударо ёфтем. Ҳарчанд онҳо дар як замон сохта шудаанд ва моли як кас мебошад, аз рӯи тарзи сохт ба ду намуди алоҳида мансубанд. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо маҳсули дастони ҳунармандони алоҳидаанд. Бо вуҷуди ин, дар куҷо ва аз

тарафи кӣ сохта шудани онҳо ба мо равшан нест. Мо медонем, ки ин гуна гӯшмоҳиҳои калон, ки аз устухони онҳо дастпона омода мекунанд, танҳо дар баҳрҳои калону уқёнусҳо мавҷуданд. Дар наздикии Саразм ин гуна ҷойҳо нестанд. Ба замми ин, айнан ҳамин намуд дастпонаҳои аз устухони гӯшмоҳӣ сохта шуда, то ҳол танҳо дар шаҳраки Моҳанҷодорои Ҳиндустону Меҳргари Покистон дарёфт шудаанд. Аз ин рӯ метавон таваккал кард, ки дастпонаҳои «модаршоҳ»-и Саразм низ шояд дар ҳамин ҷойҳо сохта шуда, бо роҳи тиҷорат оварда шуда бошанд. Чунки дар бораи роҳи тиҷоратии сокинони Саразм дар боби оянда муфассал истода мегузарем, дар ин боб аз шарҳи он худдорӣ мекунем.

Ғайр аз он ороишоти номбаршуда, дар масофаи ним метр дуртар аз ҷасади зан чанд бозёфти дигарро пайдо кардем. Онҳо аз ойинаи мисӣ, дарафши устухонӣ, ду муҷассамаи тасвири зан ва 5 дона сари дарафш иборатанд. Тибқи татбиқи худ ҳамаи онҳо ба «модаршоҳ» тааллуқ доранд. Дар ин ҷо зарур мешуморем, ки дар бораи ду муҷассама батафсил шарҳ диҳем. Зеро онҳо аз як тараф осори санъати муҷассамасозиро ифода кунанд, аз тарафи дигар рамзи оини кишоварзӣ мебошанд. Муҷассамаҳо аз гил сохта шуда қади муҷассамаи аввалӣ 4 см бошад, дуюмӣ ҳамагӣ 2 см аст. Бо вуҷуди он, ки онҳо шакли оддӣ доранд, дар муҷассамаи якум тамоми нишонаҳои занро мебинем. Мӯйҳои дарози тор-тори он ба ду тараф мисли бодбезак паҳн шуда болои китфҳо хобидаанд. Чашмонаш бодомшакл буда, қошҳои камоншаклаш бо сиёҳӣ оро ёфтаанд. Монанди ин муҷассамаҳо дар ёдгориҳои Хуросони Шимолӣ ба миқдори зиёд дарёфт шудаанд. Муҳаққиқон В.М. Массон ва В.И. Сарианиди онҳоро модархудоҳои кишоварзон номидаанд.

Ҳамин тариқ, муҷассамаҳои дар қабри «модаршоҳ»-и Саразм ошкоршуда низ тасвири модархудо буда рамзи серҳосиливу фаровонӣ ва офариниши ҳаёт дар рӯи замин мебошанд.

Муҷассамаи дуюм, ки аз муҷассамаи якум ду баробар хурд аст, дар болои биниаш барои гузаронидани ришта сӯрох дорад, метавон гуфт, ки дар он замон ин нишонаи муқаддас буд. Вале ин сухани ниҳоӣ нест, зеро ақоиди фалсафии ниёгонамон норавшаниҳои зиёде доранд, ки дарккунии онҳо бозёфтҳои наву солҳои тӯлониро талаб мекунад.

Дар айни замон метавон гуфт, ки кашфиёти қабри «модаршоҳ»-и Саразм ба мо имконият дод, то мавқеи занро дар ҷомеаи шаҳраки Саразм омӯзем ва хулоса кунем, ки дар шаҳраки Саразм нисбатан ҷомеаи модаршоҳӣ ҳукмрон буд.

Бале, қабристони шаҳраки Саразм ва ҷасадҳои аз он дарёфтшуда оид ба нажоди сокинони водии Зарафшон низ маълумот медиҳад. Дар ҳалли ин масъала аз кӯмаки антропологи Институти бостоншиносии АИ Ӯзбекистон, Т.К. Хоҷаев баҳраманд шудем. Номбурда баробари муайян намудани қадду баст ва синну соли ҷасадҳо ба кадом нажод мансуб будани онҳоро дар асоси илми нажодшиносӣ муайян кард. Тибқи хабари ӯ саразмиҳо бо мардуми марказҳои кишоварзии дигари Шарқи Наздик ҳамнажоданд. Ба гуфти Хоҷаев дар ҳазорсолаи IV-III-юми пеш аз мелод аз соҳили баҳри Миёназамин то Ҳиндустон, аз Хуросон (Эрони шимолу шарқӣ - А.И.) то соҳили уқёнуси Ҳинд як шакли нажодӣ паҳн шуда буд. Дар водии Зарафшон, аз ҷумла дар шаҳраки Саразм низ, ҳамин тариқа одамон зиндагӣ мекарданд ва ин ягонагии нажодии мардуми тамоми кишварҳои Шарқи Наздику Миёнаро бори дигар исбот менамояд. Ба замми ин, табқи маълумоти Телман Хоҷаев дар замони пайдоиши Саразм нажоди муғул дар сарзамини Мовароуннаҳр ҳанӯз арзи ҳастӣ накарда буд.

Бале, ман ба он ақидаам, ки дар ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод аз дарёи Сир то уқёнуси Ҳинд ватани эронинажодҳост ва маҳз онҳо ташаккулдиҳандаи фарҳанги кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии мардуми Осиёи Марказӣ мебошанд.

# ҲУНАРМАНДӢ

***Заргарони заршинос.*** Исбот шуда, ки ороиши хешро инсон баробари ба саҳнаи таърих қадам гузоштан сар кардааст. Одами бараҳнаи замони полеолиту мезолит 40-10 ҳазор сол қабл аз замони мо он чизе, ки ба назараш зебо менамуд шадаҳои марҷон сохта ба дасту гардан меовехт. Он ороишот аз гӯшмоҳичаҳои баҳрӣ, дандонҳои хуку хирс, сангҳои хушнамуди кӯҳӣ ва дарёӣ, баъзе намудҳои меваҳои ёбоӣ иборат будаанд. Касе аз он дороӣ бештар дошт фахр ҳам мекард.

Чӣ хеле гуфта будем, дар ҳазорсолаҳои VII-VI пеш аз мелод ҷомеаи инсонӣ ба сохтани баъзе намудҳои шаъбаҳо, марҷонҳо, бозубандҳо сар карда буд. Тадриҷан дар ҳазорсолаҳои V-IV баробари афзудани талабот ба ашёи ҳунармандӣ, ҳунармандон ба ашхоси писандидаи ҷомеа табдил ёфтаанд. Дар шаҳраки Саразм марҳилаи аз кишоварзон ҷудо шудани ҳунармандонро мушоҳида намудем. Ҳарчанд қадами аввал буд, вале ҳунармандони Саразм ба чанд гурӯҳ тақсим шуда буданд. Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки саразмиён 15 намуд ҳунарҳои дастиро ба хубӣ азхуд карда буданд: кулолгарӣ, маъдангудозӣ, меъморӣ, сангтарошӣ, чармпазӣ, ресандагӣ, бофандагӣ, дӯхтани пойафзолу сару либос, палосу бӯрёбофӣ, рангтайёркунӣ, наққошӣ, заргарӣ ва ғ. Номгӯи ҳунарҳои мардуми Саразм бо ин хотма намеёбад. Идомаи ҳафриёт шояд ҳунарҳои дигарро ба миён орад. Аз бозёфтҳои дастрасшуда, хонандагонро ҳоло бо санъати ҳунармандии саразмиён ба таври мушаххас шинос мекунем.

Бояд гуфт, ки ҳеҷ як ҳунар аз тарафи шахси алоҳида ба ҷо оварда намешуд. Дар офаридани ҳар як чиз аз 3 то 15 нафар ва шояд аз он ҳам зиёдтар ҳисса мегузоштанд. Дар ресидану бофтан ва дӯхтани сару либос шояд 3-5 нафар кифоя бошад, ҳунари кулолгарӣ, сангтарошӣ, маъдангудозӣ, биносозӣ ширкати одамони зиёдро талаб мекард. Исбот шудааст, ки ҳунармандони Саразм истеҳсоли ашёи заруриро

тарзе ба роҳ мондаанд, ки аз як тараф талаби оила ва қабилаи худро таъмин кунанд, аз тарафи дигар моли зиёдатиро бо одамони касбу кори дигар ба маҳсулоти зарурӣ иваз мекарданд. Ҳунармандӣ касби қадимист, онро яке аз омилҳои ҳалкунандаи иқтисодиёт ҳисобидан мумкин аст.

***Заргарӣ.*** Бозёфтҳо гувоҳанд, ки масолеҳи асосии зарагрони шаҳраки Саразм сангҳои гуногуни хушнамуд, мисли: булӯр, ҷаз, ақиқ, лоҷуворд, фирӯза, санги Сулаймон, йашма, метали мис, биринҷӣ, қӯрғошим, нуқра ва тилло буданд. Баъзан сипари гӯшмоҳӣ, устухони ҳайвонҳои хурду калонро низ истифода мебурданд. Сарчашмаҳои онҳо гувоҳанд, ки ҳунармандон аз чунин ашё танқисӣ намекашиданд, зеро қариб ҳамаи намудҳои онҳо то ҳол дар кӯҳҳои Зарафшон, Суғд ва Ҳисор маҳфузанд.

Дар баробари ин робитаи тиҷоратӣ ва ивази мол, ки байни қабилаҳо аз баҳри Арал то Бадахшон паҳн шуда буданд, идома дошт. Дар шаҳраки Саразм пайдо намудани лоҷуварди Бадахшон, ақиқу гӯшмоҳиҳои Ҳиндустону Балуҷистон ва соҳили уқёнуси Ҳинд, Эрон ба он водор менамояд гӯем, ки ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои IV-III дар кишварҳои Шарқ робитаи байниҳамдигарии одамон хеле рушд карда буд.

Заргарони Саразм санъати баланд доштанд, ҳангоми офаридаи онҳоро ба шаклу гурӯҳҳо ҷудо кардан маълум гардид, ки заргарони Саразм 33 намуди марҷону шаъбаҳо ва бозубандҳоро месохтаанд. Аз ақиқи сурхи ҷигарӣ 9 адад намудҳои марҷонҳо, лоҷувардӣ 6 адад, фирӯзагӣ 7 адад дарёфт шуданд. Ин дар ҳолатест, ки ҳарчанд заргарон дар зинаи аввали рушдёбии ҳунар истода бошанд ҳам, бо дастгоҳҳои оддӣ асрори санъати коркарди сангҳоро дарёфта будаанд. Бозёфтҳои зарагарӣ аксаран марҷону бозубандҳо мебошанд. Онҳо ҳамчун ороишот дар тӯли садсолаҳо аз авлод ба авлод мерос монда истифода шудаанд.

Шояд саволе ба миён ояд, ки дар он замон ягон таҷҳизоти техникӣ мавҷуд набуд, заргарон бо кадом олот сангҳоро мебуриданду мешикофиданд? Чӣ гуна онҳоро сайқал дода зебоӣ бахшидаанд?

Мақсади ҷустуҷӯҳои мо низ – донистани сирру асрори ҳунари аҷдодон аст. Дар замони мо заргарон чунин корро бо дастгоҳҳои барқӣ ва чарху арраҳои механикӣ ба ҷо меоранд. Дар Саразм бошад заргарон онро дастӣ бо олоти оддитарин ба ҷо меоварданд. Боварии кас намеояд, ки сангро бо санг мебуриданд ва ҳатто шикоф мекарданд.

Ашёи дигари заргарон маъданҳоянд. Дар Саразм қариб 100 дона марҷонҳои нуқрагӣ ва тиллоӣ дарёфт шудаанд. Марҷонҳо гуногуншакл буда, аз ҳунари баланди заргарӣ дарак медиҳанд. Масалан, ман чор намуд марҷонҳои тиллоиро пайдо кардам, ки ҳар яке аз якдигар фарқ мекунанд. Шаклан онҳо ба новача, саққоча, баргак, ҷӯвача ва донаи лӯбиё монанданд. Тоҷе барои доҳии қабила сохтаанд, ки мисоли баргҳои гули шукуфтаистода аст. Ва ҳамаи инро аз тиллои яклухт бурида дар мобайни он нигини фирӯзаро васл кардаанд. Чунин тарзи ороиши тоҷи қабила танҳо дар тоҷи ҳокимони Шумери Байнаннаҳрайн дида мешавад.

Хулоса, асрори санъати заргарони Саразм то ҳол ба мо пурра аён нест. Бояд иқрор шуд, ки сокинони водии Зарафшон тамоми нафосату нозукиҳои санъати заргариро пурра азхуд карда будаанд.

***Ресандагӣ, бофандагӣ ва дӯзандагӣ.*** Либос кай пайдо шуд? Бешак дар охири асри сангу ибтидои асри биринҷӣ, яъне дар ҳазорсолаи V-III пеш аз мелод. Барои тасдиқи ин фикр, хонандагони азиз, биёед як саёҳати олами сару либос кунем. Не, ин аз олами хаёлот нест, балки мо танҳо дар асоси далелҳои таърихӣ шарҳи ҳол мекунем. Нахуст ҷомеаи ибтидоиро дида мебароем.

Таърихи ташаккули инсониятро мо ба бештар аз 7000 сол нисбат дода будем. Дар асарҳои илмии таърихшиносӣ, пеш аз ҳама дар бостоншиносӣ, пайдоиши одамро аз се миллион сол низ бештар меҳисобанд. Ин ҳарду дурустанд. Ба ақидаи мазкур аввалин олоти аз чӯбу санг сохташуда таърихи се миллионсола дорад. Аммо офарандагони олоти аввалин ҳанӯз тӯда-тӯда зиндагӣ мекарданд. Бешазорҳои гарми аз олами набототу ҳайвонот бой, соҳили дарёю

кӯлҳоро ҷойи иқомат интихоб карда буданд. Манзили онҳо ғору камарҳо, заминканҳои табиӣ ва зери дарахтону сояи шохҳо буданд. Тамоми неъматҳои хӯрданибоби табиат ғизои онҳо ҳисоб мешуд. Тобистону зимистон лучу урён мегаштанд.

Дар таълимоти китобҳои муққадаси динӣ: Забур, Инҷил, Таврот ва Қуръон аввалин инсонҳо ин ҳазрати Одам ва Момоҳавво мебошанд, ки онҳоро Худованд офаридааст. Барои рӯзгузаронӣ ба Одаму Ҳавво Худованд афрӯхтани оташ, гудохтани маъдан, кишоварзӣ ва чорводориро ёд медиҳад. Китобҳои муқаддаси номбурда ин санаро ҳафт ҳазор сол нишон медиҳанд. Ин гуфтаҳо то чӣ андоза асосноканд, намедонам, лекин илми бостоншиносӣ ҳам зиёда аз 150 сол боз таърихи пайдоиши ҷомеаи инсониро 7 ҳазор сол медонад.

Бояд гуфт, ки то ба асри мису биринҷӣ одамон се давраи калони асрҳои сангиро аз сар гузаронидаанд, ки онҳоро илм палеолит, мезолит ва неолит меномад. Ин давраҳо якҷоя таърихи як миллионсоларо дар бар мегиранд. Тарзи зист ва ҳолати иҷтимоию фарҳангии онҳо дар боло ёдрас шуд.

Ин тавр бошад, таърихи пайдоиши инсон кадом аст? Шояд 7 ҳазор сол пеш бошад. Ин замон давраи охирини асри санг - неолит (тарҷумааш – санги нав) аст. Дар замони неолит, ки қариб 10 ҳазор сол давом кардааст, фарзанди одам хонасозӣ, кишоварзӣ, чорводорӣ ва ҳунармандиро азхуд кард. Одамони замони неолит аз пашму пӯст сару либос, пойафзол дӯхта метавонистанд. Сохтани намудҳои аввалини олоти сангӣ – корд, дос, омоч, дарафш, сӯзан ва кулолгарӣ аз ҳамин замон сар шуд ва инсон аз побандии табиат озод гашт.

Офаридани камон, найза, пайкон, табари сангӣ ба рӯзгор табаддулоти куллӣ ворид намуд. Дар давраҳои охирини неолит одамон аз лой ва чӯб сохтани хонаҳои истиқматиро ёд гирифтанд. Акнун аз гармиву сардӣ, ҳайвоноти дарранда ва ҳаводиси табиат худро муҳофизат карда метавонистанд. Бо вуҷуди ин, ҳаёт бо сахтиву душворӣ мегузашт. Ашёи асосӣ барои бофтани палосу дӯхтани либос ва пойвфзол пашму пӯст ҳисоб мешуд. Он замон ҳанӯз истеҳсоли пахтаву абрешимро наомӯхта

буданд. Аз ин рӯ, инсон дар замонҳои неолит, энеолит (замони сангу мис) ва асри биринҷӣ асосан либосҳои пашмину чармин мепӯшид.

Аз ҳафриёти Саразм, ки оғози ҳаёт дар ин ҷо ба охири замони энеолит рост меояд, миқдори зиёди олоти ресандагию бофандагӣ, ба монанди ӯрчуқҳо, мокуҳо, пояи чархҳои ресандагӣ ва сангҳои гуногунвазни хоси бофандагӣ ёфт шуданд. Мутаассифона, ягон порчаи матоъ то ҳол наёфтаем. Ҳақиқат он аст, ки дар зарфи 5500-6000 сол онҳо пусида хок шудаанд. Бо вуҷуди ин, мувофиқи олоти номбурда метавон гуфт, ки сокинони Саразм бараҳна намегаштанд. Халқе, ки истеҳсоли тиллову нуқраро азхуд кардааст, бешак қодир аст дигар намудҳои лавозимоти зиндагиро низ истеҳсол кунад.

Акнун лаҳзаҳои кори ресандагӣ, бофандагӣ ва дӯзандагиро пеши назар меорем. Тахмин меравад, ки ин корҳоро асосан занону духтарон иҷро мекарданд. Албатта пашм ҳамоно баъди аз бузу гӯсфанд тарошидан якбора ресида намешавад. Онро мешустанд, мехушкониданд ва нафис мекарданд. Ин кори занони кордида буд. Дар ресидани риштаҳои пашмӣ қариб ҳамаи аъзоёни қобили меҳнати оила иштирок мекарданд. Аз калобаҳои пашмӣ бофтани матоъу палосҳоро, албатта зану мардҳои соҳибкасб ба зимма мегирифтанд, зеро ин кор маҳорати баландро талаб мекард. Корҳои рангкунӣ ва омода намудани дастгоҳҳои бофандагиро марду занҳои калонсол анҷом медоданд.

Азбаски ягон намуди осори либоси саразмиҳо дарёфт нашудааст, оид ба шакли онҳо чизе гуфта наметавонем. Вале аз рӯи осори дастраси санъати Мисри қадим, Шумер ва Аккад, ки дар девornигорҳову рӯи тобутҳо акс ёфтаанд, метавон гуфт, ки либоси одамони қадим ба табъи эстетикии онҳо хос буд. Он сару либосҳо пеш аз ҳама гуногунрангу кушоду васеъ буданд.

# АЗ ЗАРАФШОН ТО ХУРОСОН

Тиҷорат асоси муносибати байни одамон аст. Додугирифти байниҳамдигарии одамон тавассути тиҷорат таърихи бисёрҳазорсола дорад. Дар осори хаттӣ танҳо таърихи сеҳазорсолаи он сабт шудааст. Минбаъд, то ба таърихи зиёда аз ҳафтҳазорсолаи инсон, ин робита боз ошкор хоҳад шуд. Барои донистани зинаҳои аввалини муносибат ва тиҷорат мо ба кашфиётҳои бостонӣ такя менамоем, ки дар ҳалли ин масъала далелҳои равшан пешкаш менамоянд.

Дар навбати худ бозёфтҳои ҳафриётгоҳи Саразм низ таърихи баъзе гӯшаҳои робитаи тиҷоратии ниёгонамонро равшан менамояд. Он албатта ҳоло пурра нест, ҳарчанд таърихи 5500-6000 сола дорад, яъне қабатҳои қадимаи шаҳраки Саразм ба ҳамин сана рост меояд. Ҳаққонӣ, далелу бурҳонҳои мо аз рӯи бозёфтҳо буда онҳо шоҳидони «зинда»-и таъриханд. Бо вуҷуди ин, аз забони онҳо суханронӣ кардан ба назар осон тобад ҳам, заҳмати зиёду корҳои таҳқиқотиву муқоисавиро металабад. Зеро одамони замони Саразм дар кишварҳои Шарқи Наздик аз якдигар ҷудо дар масоҳати аз 1000 то 2500 километр дур зиндагӣ мекарданд. Онҳо имконияти омӯхтани касбу ҳунари якдигарро надоштанд. Замоне, ки нақлиёти асосӣ аспу уштур буд, аз як манзил ба манзили дигар рафтан хеле душвор буд. Ба ҳар ҳол, ковишҳои ёдгориҳои бостонӣ собит менамоянд, ки робитаи тиҷоратӣ, ҳунармандӣ ва фарҳангӣ байни одамони марказҳои асосии кишоварзию шаҳрдорӣ аз қадим вуҷуд дошт.

Дар бозёфтҳои Саразм ва дигар ёдгориҳои водии Зарафшон баъзе намудҳои зарфҳои сафолии нақшдор, шаъбаҳо ва бозубандҳо ёфт шуданд, ки аз сангҳои қиматбаҳо ва устухони гӯшмоҳиҳо сохта шудаанд, санъати офариниши онҳоро мо дар боло шарҳ додаем. Маълум шуд, ки дар ёдгориҳои Хуросони Шимолӣ, Эрони шимолу ғарбӣ 6000-5000 сол пеш дар рӯи зарфҳо наққошӣ мекардаанд. Тавссути ёдгориҳои қадими Теппаи Ҳисор, Сиалк, Теппаи Шоҳ, Сӯзи Эрон, Ҷайтун, Намозгоҳтеппа, Геоксюр, Анав

илми бостоншиносӣ Шарқи Наздикро ҳамчун маркази қадимтарини санъати зарфсозӣ мешиносад. Ин аст, ки байни як гурӯҳ бостоншиносон ақидае пайдо шуд, ки гӯё ҳудуди шимолии фарҳанги зарфҳои нақшини мардуми кишоварз Эрону Хуросони Шимолӣ аст.

То кашфиёти Саразм ин ақидаро кулли бостоншиносон маъқул медонистанд. Вале баъди кашфиёти Саразм, ки ин ҷо низ чунин зарфҳои нақшин пайдо гардиданд, ин ақида моҳияти худро гум кард. Айни замон водии Зарафшон ҳудуди шимолтарини фарҳанги зарфҳои мунаққаш шинохта шудааст. Илова ба ин равшан шуд, ки дар замони худ шаҳраки номбурда ва шояд тамоми болооби Зарафшон яке аз марказҳои тиҷоратии маъдан буд. Ба дурию душвории роҳ нигоҳ накарда тоҷирону савдогарони бисёр музофотҳо ба ин ҷо меомаданд. Албатта ин ақида беасос нест ва мо оид ба ин се далели раднопазир дорем.

Якум: дар Саразм дарёфт шудани зарфҳои мунаққаши ба зарфҳои ёдгории Кабутаки Шимолӣ, Эрон, Афғонистон, Покистон ва Ҳиндустон монанд аз робита ва муносибати тиҷоратии водии Зарафшон бо тоҷирони музофотҳои номбурда дарак медиҳад.

Дуюм: дар қабатҳои мадании Саразм намудҳои гуногуни шаъбаю марҷонҳо, бозубандҳои аз ақиқу лоҷуvard, фирӯзаву йашмо сохташуда хеле зиёд дарёфт шудаанд. Маълум, ки ақиқи Ҳиндустону лоҷуварди Бадахшон бо сифати баланди худ дар ҷаҳон ном баровардаанд. Онҳоро бостоншиносон В.М. Массон, И.Н. Хлопин, В.И. Сарианиди, М.Тоси, Р.М. Мунчаев, Г. Картер дар аксари ёдгориҳои Эрону Хуросон, Ироқ, Сурия ва ҳатто Мисри қадим дарёфт кардаанд. Ёдгориҳои номбурда таърихан ҳамдаври Саразманд. Пас дар водии Зарафшон низ дарёфт шудани онҳо тассодуфӣ нест, ин натиҷаи робитаи дутарафа мебошад.

Саввум: то имрӯз аз ҳафриётгоҳи Саразм қариб даҳ намуд васоити ороишии аз гӯшмоҳиҳои баҳрию уқёнусӣ сохташударо, аз ҷумла ду дастпонаи «Маликаи Саразм», зарфчаҳо ва дигар ҷиҳози ороиши занҳоро ёфтем.

Оё дар ҳазорсолаҳои IV-III дар наздики Саразм баҳр ё уқёнусе вуҷуд дошт? Албатта не!

Бостоншиносони Ҳиндустон – Баби Лал, Покистон – Аҳмад Ҳасан Донӣ, Фаронса – Касал, Ҷариш, Анаик Самзун ва Амрико – Маккейн, Ферсервис аз ҳафриётгоҳҳои Моҳонҷодоро, Ҷонҳудоро, Амрӣ, Мундигак, Гумла, Меҳргар, Киветта миқдори зиёди васоити ороишии аз гӯшмоҳӣ сохташударо дарёфт кардаанд. Дар ёдгориҳои сарзамини Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Саразм, ин гуна бозёфтҳо нисбатан камтар вомехӯранд. Бо вуҷуди ин, ашёи баҳрии дарёфткардаи мо аз мавҷуд будани тиҷорат тавассути ёдгориҳои номбурда дарак медиҳанд. Ин аст, ки савдо ҳамон вақт дар авҷ буду рафту омад вуҷуд дошт.

Баробари ин саволе би миён меояд, ки тоҷирони Хуросону Ҳиндустон, Покистону Афғонистон аз водии Зарафшон ба ҷойи моли худ чӣ мебурданд?

Маълум, ки дар он замон пул бо маънои имрӯзааш мавҷуд набуд. Савдо байни кишварҳо бо шакли моливазкунии байниҳамдигарӣ амалӣ мегашт. Масалан, байни қабилаҳои чорводорони бодиянишин ва сокинони кишоварз гӯшт, равған, пашм, матоъҳои пашмӣ, пойафзол ва сару либоси пӯстӣ бо олоти ҳунармандӣ, маҳсулоти кишоварзӣ иваз карда мешуд. Дар вақти ивазкунии мол сифат, меҳнату вақти сарфшуда ва зарурияти мол барои рӯзгор ба эътибор гирифта мешуд. Тахмин аст, ки як кило пашм ё даҳ кило гӯшт ба як корд ё ханҷари биринҷӣ, ду дарафш ё 2-3 кило гандум ё ҷав иваз карда мешуданд. Таносуби ивази молҳо ҳама вақт як хел набуд. Пеш аз ҳама аз манбаъи ашёи хом ва тарзи истеҳсол вобаста буд. Дар ҷое, ки ҳунармандӣ шакли ҷамъиятӣ дошт, маҳсулоти онҳо нисбат ба маҳсулоти шахсӣ арзонтар меистод.

Ба савол бармегардем, саразмиён чӣ доштанд? Сокинони Саразм кишоварз будаднд. Онҳо шуғли хонасозӣ, ҳунармандӣ, маъдангудозӣ ва чорводорӣ доштанд. Асоси иқтисодиёти онҳоро маҳсулоти кишоварзӣ ва чорводорӣ ташкил мекард. Ба ин бойигарии табиӣ, яъне ҷангалзору дарахтзори соҳили дарёи Зарафшон, дараву водиҳои пур аз

набототу растанихои худрӯи хӯрданибобро илова мекунем. Имрӯзҳо дар водиҳои Моғиён, Шинг, Заврон, Мазори Шариф, Кулолӣ меваҳои худрӯи себ, нок, бодом, чормағз, дӯлона ва растаниҳои ангат, зирк, нахӯд, ҷавдорро пайдо мекунем. Бо камоли бовари метавон гуфт, ки дар замони сангу биринҷӣ низ миқдор ва намуди меваҷоту набототт нисбат ба имрӯза гуногуну беҳисоб буданд.

Илова ба ин бояд гуфт, ки дар арчазорҳои кӯҳҳои Зарафшону Суғд палангу гург, рӯбоҳу шағол ва дигар намуди ҳайвонҳои ваҳшӣ зиёд буданд, пӯсти онҳо яке аз манбаъҳои асосии тиҷоратии одамон ҳисоб мешуданд. Оид ба фаровонии моҳиҳо дар дарёи Зарафшон ва ҳар гуна паррандаҳо дар бешазорҳои он ҳоҷати суханронӣ нест. Он мурғобиву тазавр, харгӯшу хукҳои ёбоӣ, ки то ҳол дар бешазорҳои соҳили Зарафшон дучор мешавад, 5000-6000 ҳазор сол пеш 15-20 баробар зиёдтар буданду кам не.

Ин гувоҳи он аст, ки сокинони Саразм дар замони қадим аз ҷиҳати моддӣ танқисӣ намекашиданд. Шояд ба ҳамин асос дар ин ҷо мардум қариб 1500 сол зиндагӣ карда ақлу заковати асосии худро ба истеҳсоли олоти мисию биринҷӣ, нуқрагию тиллоӣ равона кардаанд.

Тарзе, ки дар бахши фарҳанги маъдангудозӣ хотиррасон кардем, дар замони худ мардуми Шарқи Наздику Осиёи Марказӣ болооби водии Зарафшонро маркази истеҳсоли маъданҳои гуногун шинохтаанд. Дар ин ҷо саразмиҳо ҳанӯз дар ҳазорсолаи IV-III пеш аз мелод коркарди 6 намуди маъданро медонистанд. Дасти маъдангудозон қалъагӣ, нуқраву тилло, мису биринҷӣ, қӯрғошим ва дигар олоти гуногуни рӯзгорро меофариданд. Илова ба ин, бозёфтҳои қадима низ аз натиҷаи ҷустуҷӯҳои имрӯзаи геологҳо гувоҳанд, ки дар бағали кӯҳҳои Суғду Зарафшон захираи зиёди маъданҳои гуногун ва ангиштсанг маҳфуз аст.

Далели сеюмро оид ба дороии саразмиҳо шарҳ медиҳем. Тоҷирон дар замони қадим моҳу солҳо пиёдаву савора корвони худро ба манзил мерасониданд. Меҳмонони Ҳинду Балуҷ, Афғону Эрон дар ҳавлиҳои кушоди Саразм ашёи худ, аз қабили васоити ороишии аз сангҳои

қиматбаҳову гӯшмоҳиҳо сохташуда, либосу кулоҳҳо ва шояд баъзе намуди ғалладонаро бо олоти биринҷию мисӣ, нуқрагию тиллоӣ ва ҳатто қӯрғошимӣ иваз мекарданд. Шояд аз ҳамин вақтҳо сар карда тилло ва нуқра ҳамчун ченаки арзиши мол ба майдони тиҷорат баромада бошанд.

Бояд гуфт, ки дар рафти таҳқиқоти илмӣ назди мо муаммоҳои нав ба нав пайдо мешаванд. Яке аз ин муаммоҳо бо якдигар шабоҳат доштани шаклу нақшҳои зарфҳои сафолӣ мебошанд. Баъзе аз бостоншиносон ин якрангиро натиҷаи робитаи тиҷоратии мардум ҳисобида мегӯянд, ки зарфҳои ба ҳам монанд аз як ёдгорӣ ба ёдгории дигар оварда шудаанд. Дигар гурӯҳ мегӯяд, ки ин натиҷаи омӯзиши маҳорати касбии байниҳамдигарии кулолону зарфсозон мебошад. Ҳарчанд ҳарду ақида ба назар асосноканд, вале пояи мустаҳкам надоранд. Аввал он, ки бо корвонҳои аспу шутур ба масофаи 1000-2500 километр бурдани зарфҳои сафолӣ, илова ба ин, дар тӯли якчанд моҳ хеле душвор аст, баъдан он вақт ҷомеа ба дараҷае нарасида буд, ки байни худ робитаи ҳунарӣ дошта бошад.

Аз ин рӯ камина ақидае дорам, ки ҳолати мазкур дар натиҷаи аз як ҷо ба ҷойи дигар кӯчидани гурӯҳи одамон пайдо шудааст, кулолон дар ҷойи нав ҳунари зарфсозии худро идома ва инкишоф додаанд. Вале аз назар дур намудани маҳорати одамони таҳҷоӣ нодуруст мебуд. Гап дар он аст, ки қонунияти фалсафавии идроки муҳит барои тамоми ҷомеаи инсонӣ як аст. Аз ин рӯ, ихтироъи як намуд олоту ашёи рӯзгор ва нақшу нигор хоси муҳити як маҳалла мебошад. Шояд дар сохтани зарфҳо одамон кулчаҳои чуқури доирашакл, сангҳои табиии косашакл ва амсоли инҳоро ба назар гирифта бошанд. Аз ин рӯ, онҳо зарфҳои аввалини худро ба ашёи мазкур монанд месохтанд, яъне таги зарфҳоро ҳамвор намекарданд. Вақте зарфҳо бо пояи худ наистода ба ҳар тараф ғелиданд кулолҳо маҷбур шуданд, таги зарфҳоро пахну ҳамвор бисозанд.

Нақшу нигори рӯи зарфҳо аз тасвироти набототу растанӣ, ҳайвоноти ваҳшию хонагӣ иборат аст. Баъзан дар рӯи зарфҳо мавҷи об, рамзи офтоб ва сайёрагонро акс менамуданд. Ниҳоят баробари пешравии ҷаҳонбинӣ ва

оламшиносии онҳо санъати наққошӣ такмил ёфт. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ба ҳамдигар монанд будани наққошиҳои рӯи зарфҳои чанд ёдгорӣ он маъноро надорад, ки таҷрибаи як қабиларо қабилаи дигар омӯхта бошад, гарчанде чунин буданаш низ имкон дорад.

Бо вуҷуди ин, камина ҷонибдори ақидаест, ки шахсу ҷомеа дар алоҳидагӣ пеш рафта наметавонад. Асоси пешравии истеҳсолоти моддӣ ва ҳаёти фарҳангӣ маҳсули чандинасраи робитаи байниҳамдигарии одамон ва ҷомеаҳо мебошад.

Аз муносибати байниҳамдигарии сокинони водии Зарафшон бо мардумони кишварҳои дигар мӯҳрҳои қӯрғошимину сангин низ дарак медиҳанд. Вақте бостоншиноси Фаронса Ролан Безенвал аз Саразм мӯҳри қӯрғошимии дар рӯяш аломати секунҷадорро дарёфт намуд, бо ҳаяҷоне гуфт, ки чунин мӯҳр дар ёдгории Сиалки Эрони шимолу ғарбӣ низ ёфт шудааст. Мӯҳрҳои аз санг сохташуда низ дар ёдгориҳои Моҳонҷодорои Ҳиндустон, Шаҳри Сӯхтаи Эрон ва дар ёдгориҳои Байнаннаҳрайн дарёфт шудаанд. Биёед, акнун андешем: ватани аслии пайдоиши ин мӯҳрҳо куҷост?

Ҳангоми тоза намудани тӯдаи сангҳо дар яке аз хонаҳои бинои IV-и Саразм бостоншиносон сангчаи ғӯламонандро дарёфт намуданд, ки дар рӯяш расми барзагов устокорона буррида шудааст. Чунин бозёфтҳо дар ёдгориҳои Месопотамия (Ироқ, Сурияи шарқӣ, Эрони шимолу ғарбӣ), Балуҷистон (Покистон) ва ёдгориҳои Ҳиндустони соҳили дарёи Ҳинд низ хеле зиёданд. Ҳоло мо ҳамагӣ як дона чунин мӯҳри ғӯламонанд дар даст дорем. Аз ин хотир гуфта наметавонем, ки ин мӯҳри сокинони Саразм аст. Бале, ҳоло хулоса кардан душвор аст. Умедворем, ки дар идомаи кор ба бисёр саволҳо ҷавобҳои возеҳ хоҳем ёфт. Ҳоло тахмин менамоем, ки мӯҳри номбурда ба водии Зарафшон, пеш аз ҳама ба шаҳраки Саразм, аз кадом кишваре дар натиҷаи тиҷорат омадааст.

Аз гуфтаҳои боло яқин мегардад, ки дар замони худ – асрҳои сангу биринҷӣ сокинони шаҳраки Саразм мардумони яккаву танҳо набудаанд. Кишоварзону ҳунармандон, санъаткорону меъморон аз Мисру Ҳиндустон, аз Мовороуннаҳру Уқёнуси Ҳинд ин ҷо зиндагӣ мекардаанд.

# САРАЗМ - ОҒОЗИ ТАМАДДУНИ ТОҶИКОН

Дар табиату ҷомеа чизе бе реша нест. Ҳар чизе ва ҳодисае ибтидо ва асоси  пайдоиши худро дорад. Рушд ва ташаккули ҳар як мавҷудоти олам таърихи чандинҳазорсола дорад. Тамаддуни ҷомеаи инсонӣ низ ҳамин тариқ, зина ба зина, рушд ёфтааст. Ҳар он чизе, ки имрӯз насли муосир бунёд мекунад, давомоти ақлу заковати ниёгонамон мебошад. Тарзе, ки аз фаслҳои пешина огоҳ гаштем, гузаштагонамон тарзи хонасозию каналкобӣ, кишоварзию чорводорӣ, маъдагудозию кулолгарӣ ва дигар намудҳои ҳунармандиро дар шакли оддитарин азхуд карда буданд. Солҳо гузаштанду қарнҳо. Мо имрӯз он роҳи дурударози насли одамиро паси сар карда, техникаву иншооти нав бунёд карда истодаем.

Афсӯс, ки имрӯз на ҳамаи мардуми шарифи тоҷик, аз ҷумла зиёиён, оид ба таърихи аҷдоди худ маълумоти кофӣ доранд. Зарурияти омӯзиши рӯзгори гузаштаро ҳазор сол қабл устод Абуабдулло Рӯдакӣ таъкид карда буд. Гуфтаҳои одамушшуарро «Ҳар, ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор, Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор»-ро ҳар яке хуб медонем, аммо ба амал татбиқ карданро ба таъхир мегузорем, ба комёбиҳои рӯзгори ниёгонамон ба чашми хирад назар намекунем. Ин кӯтоҳандешӣ насли муосирро дар як муддати кӯтоҳ аз ғизои маънавӣ ва ахлоқӣ маҳрум сохтааст.

Сабаб чист? Аввал, дар мактабҳо то ҳол оид ба мероси ниёгон маълумоти зарурӣ намедиҳанд. Дуввум, асарҳои махсуси бостоншиносию мардумшиносӣ барои хонандагони мактабу донишгоҳҳо хеле каманд. Аксаран умри худро сарфи омӯзиши таъриху мероси мисриёну юнониёни қадим ё халқҳои дигар намуда аз мероси ниёгони худ бехабар мемонем. Ҳол он, ки таъриху фарҳанги аҷдодони мо дар аксар ҳолатҳо аз таърихи дигарон қадимтар ва ғанитар аст.

Аз ин лиҳоз, камина зарур мешуморам дар фасли охирини китоб оид ба  баъзе лаҳзаҳои рушди таъриху фарҳанги ниёгонамон гуфтугӯе доир созам.

Бахри такрор нашудани гуфтаҳои фаслҳои пеш дар ин фасл маълумоти илмиро ба таври оммафаҳм баён хоҳем кард ва мавқеи фарҳанги шаҳраки Саразмро, ки сарoғози таърихамон мебошад, дар рушди баъдинаи фарҳанги сокинони Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик равшан хоҳем намуд.

Пас, чаро мо маҳз деҳшаҳри Саразмро пешоҳанги таърихи тамаддуни ниёгонамон медонем? Шояд дар пешниҳоди мо аз тарафи як зумра таърихшоносон, бостоншиносон, мардумшиносон ва файласуфону олимони дигар эродҳо пайдо шаванд. Мо тарафдори эродҳо мебошем ва медонем, ки ҳақиқат ва ҳастии таърих дар натиҷаи баҳсу мунозираҳои илмӣ пурра мегарданд.

Ҳоло мо бахри ҳимояи ақидаи худ оид ба сарoғози тамаддуни тоҷикон будани ёдгории бостонии шаҳраки Саразм ба кашфиёту бозёфтҳои он такя мекунем. Бори дигар хотиррасон мекунем, ки шаҳраки Саразм дар сарзамини Мовароуннаҳр ҳамтою ҳамзамони худро надорад. Аз ин рӯ, шаҳраки Саразм модари тамоми шаҳрҳои байни дарёҳои Сиру Ому шуда метавонад. Зеро шаҳрҳои қадимтарини ин сарзамин: Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Ӯротеппа, Чуст ва даҳҳои дигар таърихи 3000 ё 2500 сола доранду Саразм зиёда аз панҷуним ҳазор сол пештар ташкил ёфтааст.

Саразм, – тибқи шарҳи суғдшиноси шинохта В.А. Лившитс, маънои «Сари Замин»-ро дорад. Барои дастгирии шарҳи олими забоншинос зарур аст бигӯем, ки сокинони кӯҳистони Фалғар Саразмро – Саразмин талаффуз мекунанд.

Боварӣ дорам ин шакли тағйирёфтаи ҳамон Саразм мебошад. Аҳолии маҳалии гирду атрофи ёдгорӣ, онро Саразм мегӯянд. Барои равшан кардани мақсад гуфтанием, ки Саразм ё Сари Замин ин на номи ёдгорӣ асту на номи деҳа, ин ном ба манзили васеъ хос аст, ки асосан аз замини ҳамвор иборат буда, майдони он қариб ба 10 км$^2$ баробар аст. Хато нахоҳем кард, агар гӯем, ки ин ибтидои замини Суғдиён мебошад. Модоме, ки аз Саразм то Бухоро танҳо ҳамворист ва он ҳамворӣ ба маънои пурааш замини васеъ аст, ин ҷойро

Сари Замин номидани аҷдодонамон дурусту ҳаққонист. Дар асл имрӯз аз Саразм сар карда то баҳри Каспий (дар асри миёна Хазар меномиданд) дар пеш ягон кӯҳи баландеро намебинем.

***САРАЗМ*** **-** ҳоло ин номро дар аксар донишгоҳҳою марказҳои бостоншиносии ҷаҳон медонанд. Зеро оид ба ҳафриёти он дар як муддати кӯтоҳ, тарзе ки баррасӣ шуда буд, зиёда аз 40 мақола ва 2 китоби мукаммал навишта шуданд. Аксари ин асарҳои илмӣ дар китобхонаҳои калони марказҳои бостоншиносии ватанамон ва дар давлатҳои хориҷӣ маҳфузанд ва ҳар як шахс, агар каме хоҳиш дошта бошад, метавонад бе мамоният бо мошини аксбардор барои худ онҳоро нусхабардорӣ кунад.

Ҳоло ба сари мақсад бармегардем ва баҳри исботи тамаддуни тоҷикон будани Саразм сухан меронем. Ёдгориҳои бостонии сарзамини Тоҷикистонамонро таҳлилу баррасӣ намуда ба хулоса омадем, ки шаҳраки Саразм қадимтарин манзилу маскани ниёгонамон ҳисоб меёбад. Баъдан дар ин ёдгорӣ аввалин кишоварзону чорводорон, ҳунармандону меъморон дар тӯли зиёда аз 1500 сол зиндагӣ карда касбу ҳунари худро ҳамаҷониба рушд додаанд. Боз Саразм дар рушди тамаддуни мардуми Мовароуннаҳр, ки асоси сарзамини Осиёи Марказӣ мебошад, саҳми боризе гузоштааст. Ҳоло ҳар як далелу бурҳони мо аз бозёфтҳои сершумори осори сокинони Саразм маншаъ мегиранд. Ин гуфтаҳо маҳсули таҳқиқи 15 солаи муаллифи китоби шумост, ки танҳо пас аз омӯхтани ашёи моддии 10 ҳафриётгоҳ ва 12 шурф тасдиқи худро ёфтаанд.

Ба замми ин ба ман лозим омад, ки аз рӯи таҳқиқоти бостоншиносони сершумор, ки даҳҳо ёдгориҳои ҳамзамони Саразмро дар Хуросон, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон ва ҳатто Ироқу Миср кашф намуда омӯхтаанд, мутолиа кунам ва ба як фикри мушаххас оям. Аз баррасиҳои ҳафриёти ёдгориҳои кишварҳои номбурда равшан гардид, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо одамон авлод-авлод ҷойҳои алоҳидаро интихоб намуда зиндагӣ

мекардаанд. Масалан, профессор В.М. Массон аз рӯи ҳафриёти ёдгории Олтинтеппаи Хуросони шимолӣ равшан намудааст, ки дар ин шаҳри ҳамзамони Саразм мардум аз рӯи касбу ҳунар дар маҳаллаҳои алоҳида зиндагӣ мекардаанд. Ба таҳқиқотчӣ даст додааст, ки дар ёдгории номбурда маҳаллаҳои кулолгарон, маъдангудозон, ҳунармандон ва ашрофонро кушояд ва аз рӯи далелҳои ҳосилшуда оид ба сохти ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии мардуми Хуросон хулосаи амиқе барорад.

Бостоншиносони амрикоӣ – К.К. Ламберг-Карловский, фаронсавӣ – Ҷ. Касал, А.П. Франкфорт, Ҷ.Ф. Ҷариш, итолиёвӣ – М. Тосси дар натиҷаи омӯзиши ёдгориҳои Яҳётеппаи Эрон, Мундигак ва Шӯртӯқайи Афғонистон, Меҳргари Покистон ва Шаҳри Сӯхтаи Сиистон (Эрони ҷанубӣ) низ ба хулоса омадаанд, ки ташаккули шаҳрҳои асри сангу биринҷӣ дар Шарқ ба якдигар хеле наздикӣ доранд. Бинобар ин, дар шарҳи хоҷагидорию зиндагонии сокинони Саразм мо бо маҳалгароӣ, нажодпарастӣ ва муҳобот роҳ намедиҳем. Пешравии ҳаёти ҷомеаҳои гуногунро аз рӯи ҳастиаш баҳо додан вазифаи муқаддаси ҳар як муҳаққиқ аст.

Маҳз бо ҳамин ақида мо шаҳраки Саразмро – оғози тамаддуни тоҷикон номидем ва дар ин гуфтанӣ комилҳуқуқ низ ҳастем.

Пеш аз он, ки ба далелу исботҳои аз шаҳраки Саразм ба даст даровардаамон рӯ оварем, лозим аст гӯем, ки дар таҳлилу таҳқиқи он мо ягон осори хаттию ривоятӣ надорем. Зеро дар замони арзи ҳастӣ доштани ин ёдгорӣ, ҳанӯз дар кишварҳои Шарқи Наздику Осиёи Марказӣ ва азҷумла дар Саразми водии Зарафшон алифбову хатнависӣ пайдо нашуда буд. Бо вуҷуди ин, мардуми ин кишварҳо забони гуфтугӯиву муомилотӣ доштанд. Тӯрониёну Эрониён бо забони ягонаи ба ҳамдигар фаҳмо байни ҳамдигар муколама мекарданд.

Ин ақидаро мутахассисони соҳаи забон комилан тасдиқ намуда забони қадимаи ин кишварҳоро «забони эрониёни қадим» меҳисобанд. Он далелу исботҳои хаттие, ки аз нахусткитоби ниёгонамон «Авесто» ва катибаҳои

ёдгориҳои кишварҳои Шарқи Наздик, пеш аз ҳама аз навиштаҷоти «Бесутун»-и шаҳри назди Кирмоншоҳи Эрони Ғарбӣ баррасӣ шудаанд, тасдиқи гуфтаҳои болоянд. Ҳарчанд он осор аз фарҳанги Саразм 2500 сол дертар пайдо шуда бошанд ҳам, онҳо қадимтарин осори хаттӣ ва забонии мардуми Шарқӣ Наздиканд. Ҳоло мо бостоншиносон ақидаи забоншиносонро, ки дар таҳлилу таҳқиқи он миқдори зиёди олимони ҷаҳон ширкат варзида ба хулосаи ягона омадаанд, низ ҷонибдорӣ мекунем.

Бо вуҷуди ин, мо умедворем, ки идомаи ҳафриёти шаҳраки Саразм рӯзе осори хаттӣ ва забонии ниёгонамонро ошкор месозаду мо мисли муҳаққиқони ёдгориҳои Миср Шумеру Аккад хат ва забони ниёгони асри биринҷиамонро равшан хоҳем намуд.

Ҳоло мо маҷбурем бо забони баррасиҳои ҳафриёт, бозёфтҳои нодири шаҳраки Саразм суханронӣ кунем. Дар ҳалли ин мушкилот зарфҳои мунаққаши сафолӣ, олоти сангию металӣ, хонаву толорҳо, осори кишоварзию чорводорӣ, маъбаду оташгоҳҳои динӣ ва асари боқимондаи даҳҳо касбу ҳунари мардуми Саразм кӯмак мерасонанд. Гарчанде ин кор таҳлилу таҳқиқи зиёдеро талаб мекунад, мо аз рӯи имкон тавонистем ки онҳоро «ба забон» дарорему лаҳзаҳои алоҳидаи ҳаёти моддӣ, маънавӣ ва суннатҳои кайҳо аз байн рафтаи ниёгонамонро аз нав зинда кунем. Баҳри ҳалли ин қазияи масъулиятнок, муайян намудани ҳақиқати таърих, ҳама комёбиҳои илми замонавиро истифода бурда истодаем. Масалан, барои муайян намудани санаи ёдгориҳо физикҳову химиядонҳоро ҷалб намудем, нажоди одамони қадимро антропологҳо – нажодшиносон муайян карданд. Дар муайян кардани намуди ғалладона, зоту намуди чорво аз хизмати ботаникҳо ва зоологҳо, маъданҳою сангҳо аз маслиҳати геологҳо баҳраманд шудем. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат метвон гуфт, ки танҳо бостоншиносон дар натиҷаи таҳқиқоти мукаммали ҳаматарафа зинаҳои рушди фарҳанги замонҳои қадимро бо тамоми ҳақиқати таърихиаш исбот карда метавонанд.

Тарзе, ки дар фаслҳои боло хотиррасон кардем, сокинони шаҳраки Саразм қариб тамоми касбу ҳунарҳои мардумиро азхуд карда будаанд. Бо корҳои сохтмонӣ муҳандисону меъморон, чӯбкорону хиштрезон, похсачинҳову андовагарҳо машғул буданд. Кулолон, мисгарон, заргарон, сангтарошон ва мардуми касбу ҳунарҳои дигар бо амали худ лавозимоти зарурии рӯзгорро истеҳсол мекардаанд. Таъмини маводи ғизоии ҳамаи онҳо ба дӯши кишоварзону чорводорон буд. Албатта ба ҷомеаи Саразм ғизои фарҳангию маънавӣ низ лозим буд, вагарна онро ҷомеаи инсонӣ наменомидем. Ин ғизоро тоифаҳои ашрофон, санъаткорон ва пешвоёни дину мазҳаб арзонӣ медоштанд.

Ҳоло аз рӯи имкон мавқеи ҳар як ихтирооти ниёгонамонро дар рушди фарҳанги бостонии аҷдодонамон баррасӣ менамоем.

Дар натиҷаи ҳафриёти Саразм чор тарзи биносозиро муайян намудем. Инҳо хонаҳои алоҳидаи истиқоматӣ, анборҳои махсуси ғалланигоҳдорӣ, ибодатгоҳҳо ва қасрҳо мебошанд.

Ба гурӯҳи якум иморатҳои шахсию-оилавӣ дохил мешаванд. Майдони хонаҳои шахсӣ нишон медиҳанд, ки ҳар як оила дар ду ё се хона истиқомат мекардаанд. Дар навбати худ хонаҳо гурӯҳ-гурӯҳ дар биноҳои алоҳида ҷой гирифтаанд. Ҳар як бино аз 8 то 15 хонаҳои истиқоматӣ доштанд, ки дар ин гуна биноҳо аз 20 то 30 кас зиндагӣ карда метавонист. Ин тарзи биносозӣ далолат мекунад, ки як бино ба 4-6 оила мансуб будааст у онҳо таҳти назорати «модаршоҳ» ё «падаршоҳ»-и худ зиндагӣ мекардаанд.

Баробари ин ҳар як бино бо ҳавлии кушод ё кӯчаю тангкӯча аз якдигар ҷудо буд. Вале бо вуҷуди ин, аз ҳавлӣ ҳамаи истиқоматкунандагон баробар истифода мебурданд. Дар он дегдонҳо, оташдонҳо ва анборҳои хоҷагии оилаҳои мазкур ҷой гирифта буданд.

Аз тарзи иморатсозӣ сохти ҷамоатиро муайян кардан мумкин аст. Яъне саразмиҳо дар ҳолати ҷомеаи ибтидоии модаршоҳӣ буданд. Дар ҳар як бино оилаҳои калон ва дар

маҳаллаҳо як ё якчанд авлоди калон зиндагӣ мекарданд. Азбаски то ҳол як маҳалла пурра кушода нашудааст у ҳафриёт дар ин ҷо идома дорад, мо шумораи ҳамаи одамони ба як авлод тааллуқдоштаро равшан гуфта наметавонем. Вале аз масоҳати кушодашуда тахмин кардан мумкин аст, ки дар 61 хонаи аз зери хоктӯдаҳо кушодашудаи маҳаллаи алоҳида зиёда аз 100 кас зиндагӣ карда метавонистанд. Ба ин майдони ҳоло нокушодаро илова кунем, метавон гуфт, ки дар як маҳаллаи шаҳраки Саразм 150-200 нафар одамони хурду калон зиндагӣ мекарданд, ки онҳо ба як авлоди калон тааллуқ доштанд.

Мушиҳидаи тамоми масоҳати шаҳраки Саразм ва натиҷаи кофтукови хандақҳову ҳафриётгоҳи 10 маҳаллаи он нишон медиҳанд, ки дар ҳазорсолаи сеюми пеш аз мелод дар давраи аз ҳама ҷиҳат рушд кардани шаҳраки Саразм, дар он ҷо зиёда аз 5000 нафар одамон зиндагӣ мекардаанд.

Гурӯҳи дуюми иморатҳо аз анбори ғалланигоҳдорӣ иборат аст, ки ҳафриёти он дар фасли боло хотиррасон шуда буд.

Дар мисоли ин бино мо санъати баланди меъмории саразмиҳоро мебинем. Бино аз таҳкурсии яклухти тарафҳояш 15x15 метр иборат буда аз рӯи замин 75 см боло бардошта шудааст. Дар вақти бо обтарозу санҷидани кунҷҳои таҳкурсӣ маълум гардид, ки меъморони 5000 сол пеш ин биноро офарида, ҳамагӣ 5 см сахв кардаанд. Хонаҳои истиқоматӣ ва анборҳоро дар болои ҳамин таҳкурсӣ бино карда, бо ин аз намиву заминҷунбӣ эмин мондани анбори ғалларо таъмин намудаанд. Хонаҳои болои таҳкурсӣ аз рӯи сохт ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Гурӯҳи аввал, бевосита худи анборҳои ғалла мебошанд, ки онҳо аз 3 хонаи дароз иборатанд. Гурӯҳи дуюм, аз 8 хона иборат аст. Онҳо аз ҷиҳати майдон қариб якхела буда дохили онҳо ба 9-10 м$^2$ баробаранд. Дар мобайни яке аз хонаҳои кунҷӣ оташгоҳи мудаввар дарёфт шуд. Аз рӯи ин тахмин карда шуд, ки хонаҳои бино истиқоматгоҳи шахсони мутасаддӣ буда, хонае ки дар мобайн оташгоҳ дошт, маъбади онҳост.

Худи пайдо кардани ғаллахона – анбор шоҳиди он аст, ки сокинони шаҳраки Саразм худро аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин карда метавонистанд. Шояд саволе ба миён ояд, ки асри биринҷӣ, ки ҳанӯз ҷомеа шакли давлатдориро намедонист, ғаллаи иловагӣ аз куҷо пайдо шуд? Нигоҳдорӣ ва тақсимоти онро кӣ таъмин мекард? Бояд гуфт, ки ин вазифа ба зиммаи сардорони авлоду қабила ё «доҳии қабила» гузошта шуда буд. Агар як қисми ғалла барои тухмии соли оянда нигоҳ дошта шавад, қисми дигарашро дастнорас нигоҳ дошта, дар ҳолати зарурӣ, ба аъзоёни қабила тақсим мекарданд. Агар чунин зарурият пайдо нашавад, онро пеш аз ҳама бо чорводорон ва ҳунармандон, ки шуғли кишоварзӣ надоштанд, ба молҳои зарурӣ – пашм, гӯшт, шир, воситаҳои ҳунармандӣ ва ғ. иваз мекарданд.

Ба гурӯҳи сеюми санъати меъморӣ ибодатгоҳҳо дохил мешаванд. Дар давраҳои аввали арзи вуҷуд доштани шаҳраки Саразм, дар ҳазорсолаи чорум пеш аз мелод, вазифаи ибодатгоҳҳоро яке аз хонаҳои истиқоматӣ ба ҷо меовард. Он барои як оила пешбинӣ шуда буд. Баробари пешравии ақлу заковати ҷомеа афкори динии он низ рушд меёфт. Аз ин рӯ, дар давраҳои баъдина ибодатгоҳҳои махсуси ҷамъиятӣ пайдо шуданд. Онҳо аз бинои алоҳида иборат буда, аз ду то чор толору хонаҳои барҳаво доштанд. Деворҳои онҳо аз хишти чоркунҷа сохта шуда ҳам аз даруну ҳам аз берун муттакоҳо доштанд. Саҷдагоҳи ибодатхона то 110 $м^2$ майдон дошт. Илова ба ин, дар натиҷаи ҳафриёт мо маъбади сохти меъмории дигар доштаро низ пайдо кардем. Тавре, ки дар боло қайд кардем, ин бино доирашакл буда аз бинои маъбадҳои пешина бакуллӣ фарқ мекунад.

Бино 7 метр буриши кундалангӣ дошта, рамзи офтоб ва нурпошии онро мемонад. Пас аз баҳсу мунозираҳои зиёд бо бостоншиносон мо онро «маъбади офтоб» номидем.

Гап сари он, ки маъбад бо хиштҳои хом сохта шуда, аз ду ҳалқаи мудаввар иборат аст. Хиштҳои ҳалқаи беруна шакли нури офтобро дошта ҳалқаи дохилӣ дар вакти дар дохили он афрӯхтани оташ офтобро ифода мекунад.

Азбаски ин маъбад ҳамтои худро надорад, ҳоло шакли аслии онро пурра тасвир карда наметавонем. Бо вуҷуди ин, тахмин кардан мумкин аст, ки он гунбазпӯш буда дар дохили он шахсони офтобро парастиш кунанда оинҳои худро ба ҷо меоварданд.

Гурӯҳи чоруми фарҳанги меъмории саразмиҳо қасри доҳиёни қабилаҳо мебошад. Дар ҳафриёти ёдгориҳои Олтинтепаи Хуросони Шимолӣ, Мундигаки Афғонистони ҷанубӣ бостоншиносон В.М. Массон, Ҷими Касал яке аз биноҳои бошукӯҳи ёдгориҳои номбурдаро қасри доҳиён номидаанд. Аз он, ки ин ёдгориҳо ҳамзамони Саразманд, мо низ бинои нисбатан бузурги ҳафриёти 5-умро қасри доҳиёни қабилаҳо номидем.

Қасри Саразм аз ду толори васеъ ва 4 хонаи алоҳидаи масоҳаташ 150 метри мураббаъ иборат аст. Хонаҳои дигар чӣ вазифа доштанд, то ҳол номаълум аст. Вале 2 толори кушоду барҳавои ин бино бевосита ҷамъомадгоҳи пешвоёни қабила мебошанд. Толори аз ҳама калон, ки масоҳаташ зиёда аз 80 метри мураббаъ аст, дар девори шимолиаш 4 тирезаи кушод дорад. Тирезаҳо барои даромадани равшанӣ ва ҳам барои тозакунии ҳавои толор хизмат мекарданд. Дар мобайни толор оташгоҳи муқаддаси доирашакли буришаш 1 метру 30 см ҷойгир аст. Ин нишони он аст, ки бошандагони толор дар мавриди зарурӣ ба оташи муқаддас саҷда карда, иҷроиши ин ё он корро аз худои оташ дар назди доҳӣ ва намояндагони қабилаҳои дигар талаб менамуданд.

Азбасаки ягон осори хаттӣ ё аққалан ривояте дар даст надорем, дар толор дар бораи чӣ сухан мекарданд, гуфтан душвор аст. Вале худи кашфиёти қаср водор месозад гӯем, ки саразмиҳо зиндагонии худро бо роҳнамоии «доҳӣ» ва донишмандони барӯманди қабилаҳои худ пеш мебурданд.

Аз ин мебарояд, ки «қаср» аҳамияти ҷамъиятӣ дошт. Аз ин ҷо, дар бунёди чунин бинои дар замони худ боҳашамат меъморон, хиштрезон, чӯбкорон, андовагарон ва одамони касбу кори гуногуни Саразм саҳм доштаанд.

Зеро сохтани чунин бино ҳанӯз дар ҷомеаи ибтидоӣ аз ҷониби шахсе ё оилаи алоҳида имконнопазир буд.

Кушода шудани анбори ғалла, «қасри доҳии» шаҳраки Саразм ва маъбадҳои дар боло ишорашуда санъати бузурги меъмории қадими ниёгонамонро нишон медиҳад. Ин бори дигар собит менамояд, ки гузаштагони суғдиёни қадими тоҷикони муосир ҳанӯз дар зинаҳои аввали тамаддун ба деҳқадаву шаҳрсозӣ шуғл доштаанд. Ин фарҳангро мардум аз ягон халқи бегона мерос нагирифта, баръакс ба халқи худ, ҳамсоягони худ мерос гузоштаанд.

Аз оғози ҳафриёт то ин дам ҳамагӣ дар 2 гектар ҳафриёт гузаронида шудааст, ки ин аз сад як ҳиссаи ёдгориро ташкил мекунад. Илова кардан ҷоиз аст, ки ёдгорӣ чор давраи зистро аз сар гузаронидааст, ки зиёда аз 1000 сол тӯл мекашад. Равшан гардид, ки ҳар як давраи зист аз 150 то 300 сол, дар баъзе ҷойҳо то 400 сол давом кардааст. Дар рафти ҳафриёт мо қабатҳои алоҳидаи осори зистро давра ба давра омӯхта роҳҳои рушди зисту зиндагии ниёгонамонро муайян намудем. Ҳоло исбот шудааст, ки ҳар як давра бо тарзи иморатсозӣ, кулолгарӣ ва намудҳои алоҳидаи ҳунармандӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Он биноҳои номустаҳками похсагине, ки дар давраи аввал истиқоматгоҳи мардум буданд, дар давраҳои дуюму сеюм аз хиштҳои бузургҳаҷм бо деворҳои паҳну баланд сохта мешуданд.

Агар дар ду деворҳои аввал саразмиҳо яке аз хонаҳои худро ба ибодатгоҳ табдил дода, дар он ибодат кунанд, минбаъд дар давраҳои сеюм ва чоруми зиндагӣ ибодатгоҳро дар ҷойи алоҳида сохта якчанд авлоду қабила дар маъбади умумӣ якҷоя ибодат мекарданд. Аз ин бармеояд, ки саразмиҳо пешвои афкори худро доштаанд. Ин далел дараҷаи баланди маънавиёти онҳоро ифода менамояд. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки ҳар як аъзои ҷомеа дар танҳоӣ рафтор накарда дар атрофи «доҳӣ» ва ашрофи дин муттаҳид шуда буданд.

Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки оид ба сохти ҷомеаи ниёгонамон хулосае барорем. Сохти ҷомеаи сокинони

Саразм демократӣ-умумихалқӣ буд. Дар навбати худ оила, авлод ва қабилаҳои алоҳида албатта пешвоёни худро доштанд ва аз рӯи нишондодҳои онҳо амал мекарданд. Пешво ё сардор аз ҳисоби шахсони алоҳидаи дар кору зиндагӣ бомаҳорат интихоб карда мешуданд, дигарон аз рӯи гуфтаҳои ӯ амал мекарданд. Дар ҳолати пайдо шудани як-ду шахси ҷасур, ки ба кору зиндагонии аъзоёни ҷомеа халал мерасониданд, онҳоро бори аввал танбеҳ медоданд, дар ҳолати ислоҳ нашудан аз ҷомеа меронданд.

Барои мутаҳиддии ҳамаи авлодҳо ва қабилаҳо пешвоён «доҳии» худро интихоб мекарданд. Ба зиммаи «доҳӣ» вазифаи нигоҳдории суннатҳои ҷамъиятӣ, бехатарӣ ва ба роҳ мондани намудҳои алоҳидаи истеҳсолот ва тақсимоти неъматҳои моддии ҷамъиятӣ гузошта мешуданд.

Дар истеҳсоли неъматҳои моддӣ, ашёи рӯзгор ва фарҳанги зисти одамон низ тафовути куллӣ ба мушоҳида мерасад. Тарзе, ки баррасӣ шуда буд, саразмиҳо дар замони ибтидои рушди зиндагӣ зарфҳои сафолӣ, олоти шикорӣ доштанд, ҳунарманд ва кишоварз буданд. Ҳунармандон қариб ҳамаи олоти худро аз сангҳо ва устухонҳо месохтанд.

Ба саволе, ки саразмиҳо кадом намуди маъданҳоро истеҳсол ва истифода мекарданд дар фаслҳои боло гуфта будем. Аввалин маъданҳое, ки сокинони ин ҷо дар ҳаёти фарҳангии худ истифода мебурданд, мис ва тилло буданд. Аз ин хотир метавон гуфт, ки давраҳои якум ва дуюми зисти сокинони Саразм ибтидои азхудкунии намудҳои гуногуни ҳунармандӣ, азҷумла касби маъдангудозӣ буд.

Дар рафти ҳафриёти давраҳои сеюм ва чорум мо миқдори зиёди осори ҳунармандиро дарёфт намудем, ки дар байни онҳо олоти хоҷагӣ, ҷангӣ-мудофиавӣ ва санъатҳои фарҳангию маънавӣ мавқеи калон доранд. Тарзе, ки дар фасли «Маъдан ва маъдангудозӣ» хотиррасон карда будем, сокинони Саразм аз ибтидои ҳазорсолаи 3-юми пеш аз мелод аз қаъри кӯҳҳо роҳи кандани сангҳои гуногуни қиматбаҳо ва маъдандорро ба хубӣ азхуд карда буданд. Аз ҷиҳати илмӣ ошкор гардид, ки дар замони мису биринҷӣ

саразмиҳо зиёда аз 15 намуди ашёи истеҳсолию хоҷагиро сохта метавонистанд, ки қисми зиёди онҳо васоити робитаи тиҷоратӣ буданд.

Фарҳанги моддӣ ва маънавии сокинони Саразмро ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои 4-ум ва 3-юми пеш аз мелод дар аксари марказҳои кишоварзӣ ва ҳунармандии кишварҳои Шарқи Наздик мешинохтанд.

Дар ҳафриётгоҳи Саразм дарёфт шудани васоити ороишӣи аз устухонҳои гӯшмоҳиҳои баҳрию уқёнусӣ ва сангҳои қиматбаҳо: ақиқ, лоҷуворд, фирӯза, йашмо сохташуда, ки аз Эрон, Балуҷистон, Ҳиндустон ва Бадахшон оварда шудаанд, далели роҳҳои алоқаи мардуми болооби Зарафшон бо ҳунармандони кишварҳои номбурда мебошад.

Тоҷирони Байнаннаҳрайн, Сиистон, Хуросон, Бадахшон, Афғонистону Балуҷистон ва Ҳиндустон ба водии Зарафшон пеш аз ҳама ба шаҳраки Саразм ашёҳо оварда онҳоро бо тилло, нуқра, қӯрғошим ва олоти мисиву биринҷӣ иваз мекарданд. Вале бояд иқрор шуд, ки то ҳол ба ғайр аз васоити ороишии номбурда бисёр намудҳои дигари молҳои аз кишварҳои дигар овардашуда ба мо маълум нестанд.

Тахмин меравад, ки тоҷирон аз кишварҳои номбаршуда боз баъзе намудҳои матоъ, васоити рангубор ва шояд шолию биринҷ оварда бошанд. Дар бораи аз кишварҳои ҷануб, хусусан Покистону Ҳиндустон, овардани шолию биринҷ мо далели бешубҳа дорем. Қадимтарин донаҳои шолӣ дар кишварҳои Шарқ аз тарафи бостонштиноси фаронсавӣ Ҷ.Ф. Ҷариш дар харобаи ёдгории Меҳргар дарёфт шудаанд. Муҳаққиқ бозёфти худро ба ҳазорсолаи 6-5-уми пеш аз мелод мансуб медонад. Дар Саразм то ҳол шолӣ дарёфт нашудааст. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки саразмиён парвариши ин намуди ғалладонаро азхуд накарда буданд. Вале эҳтимол, ниёгонамон зиёда аз 4000 сол қабл аз замони мо, дар охирҳои ҳазорсолаи 3-юм ва ибтидои ҳазорсолаи 2-юми пеш аз мелод шояд фарҳанги шоликориро низ азхуд карда бошанд.

Тарзе, ки дар фасли «Кишоварзон ва чорводорон» ёдрас шудем, қадимтарин намуди ғалладонаи мардуми водии Зарафшон ҷав, гандум, нахӯд, зағир ва мушунг буданд, ки онҳо даҳҳо ҳазор сол пеш дар доманакӯҳҳо ва водиҳои ин кишвар худрӯй буданд.

Ҳоло мавриде расидааст, ки оид ба иқтисодиёт ва маънавиёти ниёгонамон сухан ронем. Натиҷаҳои бостоншиносӣ гувоҳанд, ки иқтисодиёти сокинони Саразм хеле серсоҳа буд. Манбаъи асосии хӯрока маҳсулоти кишоварзӣ, чорводорӣ, шикор, моҳидорӣ буд. Ҳамаи ин соҳаҳоро саразмиҳо нисбати замони худ ба дараҷаи баланд медонистанд.

Дар ҳар як давру замон инсон ба ғайр аз ҷойи истиқамат ва неъматҳои моддӣ, ки қисман дар боло ишора шудааст, ба либосворӣ низ эҳтиёҷи калон дошт. Дар ҳолате, ки ҳанӯз сокинони Саразм дар ибтидои тамаддун меистоданду асрори кишти пахта ва истеҳсоли шоҳиро намедонистанд, ҳалли масъалаи бо сару либос ва пойафзол таъмин намудани аъзоёни ҷомеа хеле душвор буд. Вале бо вуҷуди ин саразмиҳо урён намегаштанд. Дар тан либосу дар пой пойафзол доштанд. Ин ҳоҷат аз пӯсту пашми чорво бароварда мешуд.

Дар ҳафриёти Саразм то ҳол зиёда аз 500 дона сари ӯрчуқҳои ресандагӣ, даҳҳо дарафшу сӯзанҳо ва дигар олоти бофандагию дӯзандагӣ дарёфт шудаанд, ки дар бораи онҳо дар фасли боло сухан ронда будем.

Хулоса, ниёгони мо дар Саразм барои насли оянда касбу ҳунари гуногунро мерос гузоштаанд. Ин касбу ҳунар дар тӯли ҳазорсолаҳо такмил ёфтаанд. Вале афсӯс, ки қисми зиёди касбу ҳунари ниёгонамон аз хотирҳо зудуда шудаанд. Имрӯз оҳангарону кулолон, чармгарону бофандагон ва дигар ҳунармандони халқ мероси бойи ниёгонро ба хотир намеоранд. Аз байн рафтани ҳунарҳои мардумӣ харобшавии фарҳанг мебошад, харобшавии фарҳанг ба нестшавии миллат оварда мерасонад.

Шукри худованд, ки бо ибтикори асосгузори сулҳу ваҳдат, пешвои миллат, президенти маҳбубамон Эмомалӣ Раҳмон имсол (2018) азҷумла соли ҳунарҳои мардумӣ эълон шудаасту орзуву ормонҳои олими шаҳири варзида, сарсупурдаи ватану миллат Абдуллоҷон Исҳоқӣ дар амал татбиқи худро пайдо карда истодаанд (*Шарҳи муҳаррир*).

Ҷамъбасти мушаххаси кашфиёту бозёфтҳои шаҳраки Саразм моро водор мекунад гӯем, ки фарҳанги Саразм дар натиҷаи робита бо мардуми Шарқ рушд ёфтааст. Кишоварзону ҳунармандон, санъаткорону меъморон дар тамоми марказҳои тамаддуни Шарқ аз баҳри Миёназамин то Бадахшон, аз Хоразм то уқёнуси Ҳинд арзи ҳастӣ доштанд. Ин сарзаминҳои паҳновар дар натиҷаи робитаи тиҷоратию фарҳангӣ, додугирифти маҳсулоти кишоварзию ҳунармандӣ, қариб баробар тараққӣ карданд. Дар ин мубодила сокинони болооби водии Зарафшон бо тиллову нуқра, мису қӯрғошими худ ширкат меварзиданд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз фарҳанги тоҷикони қадиму муосир ба фарҳанги моддию маънавии мардуми Шарқ: эрониёну афғонҳо, ҳиндувону балуҷҳо, панҷобиҳою кашмириҳо ва арабҳо наздикӣ дорад.

Ҳоло замон – замони худшиносист. Ҳар як қавму миллат дар ҷустуҷӯи сароғози таърихи худ мебошад. Мо тоҷикон ба туфайли шаҳраки Саразму осори моддӣ ва маънавии он сароғози худро дарёфт кардем, ки вай дар айни замон решаи беш аз 5500 сола дорад ва ин ҳақиқат ва ҳастии таърих мебошад.

**ИСОҚОВ АБДУЛЛОҶОН**

# ПАНҶАКЕНТИ СУҒД

## ДАР ЗАМОНИ ҚАДИМ ВА ИБТИДОИ АСРҲОИ МИЁНА

# САРСУХАН

Панҷакент яке аз шаҳрҳои қадимтарин ва зебоманзари кишвари Суғди қадим ва Тоҷикистони муосир ба шумор меравад.

Панҷакент дар масофаи 60 км аз шаҳри диёри қадимаи Суғдиён –Самарқанд, дар соҳили чапи дарёи Зарафшон, мобайни қаторкӯҳҳои Зарафшону Суғд ҷойгир шудааст. Кӯҳҳои номбурда хазинаи бебаҳои мардуми ҳавзаи Зарафшон мебошанд. Доманаҳои онҳо аз қадимулайём макони ҳайвоноти гуногун ва дарахтони мевадиҳанда буданд ва мебошанд. Дар умқи ин кӯҳҳо қариб тамоми намуди бойигарии барои зиндагии инсон зарурӣ, аз тилло то ангиштсанг мавҷуданд. Маҳз бо ҳамин сабаб Панҷакенту деҳаҳои он аз замонҳои асри сангу биринҷӣ маскани одамон гардидаанд.

Имрӯз Панҷакент ягона шаҳри Тоҷикистон аст, ки олимони бостоншинос зиёда аз панҷоҳ сол боз беисту бефосила таъриху фарҳанги онро омӯхта истодаанд. Аз рӯи кашфиётҳо ва бозёфтҳои ин шаҳр асарҳои сершумор навишта шудаанд, ки онҳо дастраси бостошиносон ва таърихшиносони ҷаҳон гардидаанд. Дар ин ҷода хизмати таърихшиноси оламшумул Бобоҷон Ғафуров ва асосгузорони илми бостоншиносии кишварамон А.Ю. Якубовский, М.М. Дяконов ва А.М. Беленитский хеле бузург аст.

Панҷакент бо ёдгорихои зиёду беназири осори санъату фарҳанг ва зинаҳои таърихии сершумори худ аз дигар шаҳрҳои ҷумҳурӣ бакуллӣ фарқ мекунад. Ана аз чист, ки тӯли зиёда аз ним аср қариб сад нафар мутахассисон умри бобаракати худро сарфи омӯзиши илму фарҳанг, иқтисодиёту маънавиёти Панҷакент кардаанд.

Бузургии мавқеи Панҷакент дар он зоҳир мегардад, ки дар ин кори хайр олимони даҳҳо муассисаҳои илмии Тоҷикистон ва чандин давлатҳои ҷаҳон ширкат варзидаанд. Афсӯс, ки дар ин таърихи мухтасар мо номҳои ҳамаи муассисаҳои илмиро номбар карда наметавонем. Бо вуҷуди

ин, номҳои як зумра марказҳои калони илмӣ ва хизмати олимони намоёни онро дар омӯзиши таъриху фарҳанги Панҷакент манзури хонандагон мегардонем.

Инҳо – собиқ Шӯъбаи Тоҷикистонии Институти забон, адабиёт ва таърихи АИ ИҶШС, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти фарҳанги моддии АИ Россия, Эрмитажи давлатии шаҳри Санкт-Петербург мебошанд. Умедворем, ки дар таърихи мукаммали Панҷакент, ки сар то сар илмӣ мебошад, ҳамаи муассисаҳои илмии ватанӣ ва хориҷиро бо олимонашон, ки дар омӯзиши Панҷакент ширкат варзидаанд, номбар намоем.

Омӯзиши таърихи Панҷакент чун таърихи шаҳр давраҳои зиёдеро фаро мегирад. Ҳарчанд олимони Юнону Рим, Чину Араб, Эрону Ҳинд, Олмону Россия ва Осиёи Марказӣ оид ба таърихи Панҷакент асари мукаммале навиштаанд, вале дар саёҳатномаҳо, асарҳои таърихшиносӣ, ҷуғрофишиносӣ, мардумшиносӣ ва бостоншиносии худ аз тарзи зист, иқтисодиёт, санъату фарҳанги Панҷакент ва деҳаҳои он маълумот додаанд. Хусусан ин маълумот ба таърихи Суғду суғдиён, ки Панҷакент дар солҳои 712-721 маркази он буд, вобастагӣ дорад.

Мақолаҳои аввалини илмӣ оид ба таърихи фарҳанги Панҷакент ва болооби Зарафшон солҳои 1925 аз тарафи бостоншинос М.Е. Массон ва мардумшинос М.С. Андреев – устодони Донишгоҳи Осиёи Марказии ш. Тошканд навишта шудаанд.

Соли 1932, вақте, ки аз Қалъаи болои кӯҳи Муғ чӯпони деҳаи Хайрободи ноҳияи Заҳматобод (Айнии имрӯза) Ҷӯраалӣ Мухаммадалӣ аз зери хок сабадчаеро бо ҳуҷҷатҳои ҳокими Панҷакенти Суғд – Деваштич ёфт, Панҷакент дар саҳфаҳои таърихи ҷаҳонӣ маълуму машҳур гардид. Суғдшинос А.А. Фрейман, арабишинос И.Ю. Крачковский, шарқшинос А.Ю. Якубовский дар кашфиёти Қалъаи кӯҳи Муғ саҳифаҳои бебаҳои таърихи сокинони Панҷакенти қадим ва болооби водии Зарафшонро дида омӯзиши

таърихи ин сарзаминро аввалиндарача донистанд. Аммо саршавии Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 садди роҳи иқдоми хайри олимон гардид.

Соли 1946, ба душвориҳои иқтисодии баъдиҷангӣ нигоҳ накарда, ҳукумати Тоҷикистон корҳои ҳафриётии ёдгориҳои суғдиёну бохтариёнро, ки аҷдодони қадимаи тоҷикони муосир мебошанд, оғоз намуд. Аз ҳамин сол сар карда бостоншиносон дар шаҳраки Панҷакенти қадима ба ҳафриёт пардохтанд ва он сол соли аввали омӯзиши таърихи Панҷакент ҳисобида мешавад.

Бояд хотиррасон кард, ки аз соли 1946 то имрӯз ҷӣ дар ҳудуди шаҳр ва ҷӣ дар деҳоти он зиёда аз 100 ёдгориҳои бостоншиносӣ дарёфт шудаанд, ки қариб 20 адади онҳо аз тарафи бостоншиносон омӯхта шудаанд. Дар байни онҳо кашфиёти деҳшаҳри Саразм (1976) дар омӯзиши таърихи қадимтарини Панҷакент мавқеи асосиро ишғол мекунанд.

Саразм деҳшаҳри асрҳои сангу мису биринҷӣ буда, дар ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод ташаккул ёфтааст. Вай аввалин ва қадимтарин маскани шаҳрнишини бани одам дар сарзамини Мовароуннаҳр ба шумор меравад. Ҳафриёти он ба мо имконият медиҳанд, ки зинаҳои аввалини таърихи Панҷакенти Суғдро омӯзем, зеро сокинони Саразм асосгузорони фарҳанги кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, тиҷоратӣ, меъморӣ, маъдангудозӣ ва касбу ҳунарҳои дигар буданд. Маҳз дар ин асос метавон гуфт, ки суғдиён халқи қадимтарини водии Зарафшонанд.

Дар навбати худ ёдгориҳои дигари ноҳияи  Панҷакент, Қабри назди мазори Зардча Халифа (асрҳои XXII-XX пеш аз мелод), ки дар самти ғарбии Панҷакент ҷойгир аст, гӯрхонаи деҳаи Дашти Қозӣ (асрҳои  XII-XI пеш аз мелод) гуфтаҳои болоро тақвият медиҳанд. Таърихи замони ибтидоӣ, антиқа, ва асри миёнагии Музофоти Панҷакент аз асрҳои III то мелод – то асри VIII мелодӣ дар асоси осори хаттӣ, маълумоти муаррихони Эрону Юнони Қадим ва Осиёи Марказӣ навишта шуд. Азбаски ин маълумот то ҳадди даркорӣ пурра набуданд,  мо дар ҳалли масъалаҳои сиёсию

иқтисодӣ, илму маориф, фарҳанги шаҳрсозию ҳунармандӣ ба баррасиҳои ҳафриёти Панҷакенти қадим ва ёдгориҳои бостоншиносии дигари ноҳия такя намудем. Албатта дар ин ҷода асарҳои олимони варзидаи илми бостоншиносӣ А.Ю. Якубовский, М.М. Дяконов, А.М. Беленитский, Н.Н. Неъматов, А.Ҷ. Ҷалилов, А.А. Фрейман, Ю.Ё. Ёқубов, В.А. Лившитс, О.И. Смирнова, Б.И. Маршак, В.И. Распопова, Б.Я. Ставитский, В.Л. Воронина, Д.А. Абдуллоев, П.И. Костров, И.Б. Бентович, У. Эшонқулов, А. Раззоқов, С. Бобомуллоев ва даҳҳо дигарон сарчашмаи асосии кори мо буданд.

Таърихи замони феодализм ва нав, то асри XX, қисми асосии таърихи Панҷакент мебошад. Бузургии ин бахши таърих дар он аст, ки дар асрҳои IX-XI тоҷикон ҳамчун миллат ташаккул ёфтанд, забони дарӣ-тоҷикӣ сар то сари ҳудуди давлати Сомониён ба забони давлатӣ табдил ёфт. Илму маърифат, адабиёту санъат дар ташаккули сохтори давлатӣ мавқеи асосиро ишғол намуданд.

Таърихи баъдинаи Панҷакенту болооби водии Зарафшон асрҳои XII-XIX сар то сар аз муборизаҳои байниҳамдигарии феодалони дохилӣ ва аҷнабиёни хориҷӣ иборат аст. Дар ин асрҳо Қарохониҳо, Муғулҳо, хонадони Темуриён, Шайбониҳо ва Аштархониҳо, ки асосан турку муғулу қипчоқ буданд идоракунандаи ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии Осиёи Марказӣ гардиданд. Дар ин асрҳо чандин шаҳрҳову деҳкадаҳо ба хок яксон шуданду боз дар ҷойи дигар пайдо шуданд. Намояндагони илму фарҳанг, санъату ҳунар ҷойҳои гарми худро тарк карда ба ҳар тараф фирор намуданд. Ин таназзул хусусан ба замони ҳукмронии қипчоқҳою муғулҳо рост меояд. Ниҳоят дар замони ҳукмронии хонадони Темуриён болоравии нисбии ҳаёти сиёсӣ ва маънавии Панҷакент ва мардуми водии Зарафшонро мебинем.

Дар замони ҳукмронии хонадони Манғитиён ва Россияи подшоҳӣ аз нимаи дуюми асри XVII сар карда то соли 1870 ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии Панҷакент ба сиёсати амирони Бухоро вобаста буд. Ниҳоят аз соли 1870, пас аз

Панҷакенту болооби Зарафшонро ба худ тобеъ кардани армияи Россияи подшоҳӣ, тақдири мардуми ин сарзамин ба ихтиёри генерал губернаторҳои Россия гузашт. Таърихи баъдинаи Панҷакент ба сиёсати мустамликадории Россия алоқаманд буда ҳукмронии Панҷакент ба дасти амаладорони маҳаллӣ гузашт, ки аз тарафи генерал-губернаторҳо таъйин мешуданд. Панҷакент ба уездҳои алоҳида тақсим карда шуд.

Хулоса дар саҳифаҳои китоби дуюми таърихи Панҷакент бояд то ҳадди имкон саҳифаҳои таърихи диёрамон бо тамоми ҳастию бузургиаш ба таври мушаххас пешниҳод шавад.

Албатта, саволе ба миён омаданаш мумкин, ки чаро таърихи замони наву навтарини Музофоти Панҷакент дар ин китоб акс наёфтаанд. Ин қисми таърихи Панҷакент бо таърихи замони Шӯравии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва замони истиқлолияти вай зич алоқа дорад ва бахшҳои алоҳидаи онҳо дар асарҳои мукаммали «Таърихи халқи тоҷик» нашрияҳои солҳои 1964-1965 ва 1998-2004 ба табъ расидаанд. Бо вуҷуди ин ман ният дорам, ки иншоаллоҳ, пас аз нашри ин китоб таърихи мукаммали шаҳрамонро бо тамоми бахшу басташ манзури хонандагон гардонам.

Дар охир ба раиси ҳукумати вилояти Суғд Қосимҷон Раҳбарович Қосимов, ки ғамхори бузурги илми таърихнигорӣ ҳастанд ва раиси ҳукумати шаҳри Панҷакент Шакарбек Самадов, ки хароҷоти нашри ҳамин китобро ба зимма гирифтанд, мо, аҳли оилаи марҳум Абдуллоҷон Исоқов миннатдории худро изҳор менамоем. Чунин миннатдориро ба сармуҳаррири китоб академики АИ Тоҷикистон профессор Н.Н. Неъматов, ки дар таҳрири он саҳм гузоштаанд, низ раво мебинем.

Нисбати гурӯҳи кормандони маркази бостоншиносии шаҳр А.Р. Раззоқов, Ш.Ф. Қурбонов, С.Ғ. Бобомуллоев ва дигарон, ки барои дастрас намудани бозёфтҳои бостоншиносӣ ба муаллиф дасти ёрӣ дароз кардаанд, сипосгузорем.

# ПАНҶАКЕНТ ВА МУЗОФОТИ ОН ДАР АСРИ САНГ

Асри санг давраи аввали ташаккули инсон дар кураи Замин ба шумор меравад. Аз рӯи бозёфтҳои бостоншиносӣ дар Танзанияи Африқо 3,000,000 сол қабл аз ин инсонҳои аввалин пайдо шудаанд. Ҳоло олимони бостоншинос пайдоиши одами аввалинро ба 6,000,000 сол кӯчонидаанд. Баробари ин, бояд тазаккур дод, ки марҳилаи пойдоиши инсон дар ҳама ҷойи кураи Замин якхела набудааст. Ба ин пеш аз ҳама мавзеъ, муҳити ҷуғрофӣ, бойигарии табиӣ ва ғайраҳо сабаб мешуданд. Аз ин нигоҳ, сарзамини Осиёи Марказӣ, азҷумла болооби водии Зарафшон бо тамоми хусусиятҳои табииаш, пеш аз ҳама бо обу ҳавои мӯътадил, бойигариҳои зеризаминӣ, рӯизаминӣ, замини серҳосил ба пайдоиши инсони аввалин мусоид будааст, аз ин хотир ба қатори кишварҳои қадимтарини рӯи олам дохил шуда метавонад.

Замонеро, ки тамоми олот аз сангҳои гуногун иборат буданд ва ягон намуди метал аз тарафи инсон кашф нашуда буд, кулли бостоншиносони олам асри санг номидаанд. Мувофиқи ташкилёбӣ ва рушди олоти сангӣ ва қисман тағйирёбии сохти одамони ҷомеаи ибтидоӣ бостоншиносон ин замонро ба се давраи алоҳида тақсим намудаанд: палеолит (санги қадим), мезолит (санги миёна) ва неолит (санги нав). Дар навбати худ палеолит, яъне замони санги қадим ба давраҳои Олдувей (3,000,000 – 700,000 сол), Апел (700,000 – 100,000 сол) ва Мусте (100,000-35,000 сол) тақсим мешавад. Одамони ин давраҳо ваҳшӣ буда ҳанӯз қобилияти фикр кардан ва сохтани ягон олотро надоштанд. Онҳо тӯда-тӯда гашта дастҷамъона ғизо пайдо мекарданд. Онҳо дар фаслҳои гармо дар ҷангалҳо, соҳилҳои баҳру кӯлҳо, дарёву чашмаҳо ва дар вақти сармо дар камару ғорҳо мезистанд.

Ҷомеаи инсонӣ ин ҷомеаи ихтироъкорӣ ва эҷодкорист. Дар замони мезолит – санги миёна, 12,000 сол қабл аз ин инсон ба сохтани олоти оддитарини сангӣ, устухонӣ ва чӯбӣ малака пайдо кард. Ниҳоят дар замони неолит – санги нав (8-

6 ҳазор сол пеш аз замони мо), инсон шаклан ва ҷисман рушд ёфта бо дастони худ ба сохтани найза, тиру камон, корд ва табари сангӣ оғоз кард. Дар охири замони неолит дар ҳаёти инсон бо сохтани зарфҳои гилӣ ва хонаҳои истиқоматӣ табаддулоти куллӣ ба вуҷуд омад.

Ҳамин тариқ, инсон дар тӯли зиёда аз 3,000,000 сол давраҳои гуногуну мушкилтарини таърихиро аз сар гузаронида то имрӯз расидааст.

Пеш аз тасвири зиндагии одамони асри сангии музофоти Панҷакент бояд хотиррасон намуд, ки бо вуҷуди дар ин ҷо аз соли 1946 инҷониб гузаронидани ҳафриёти бостоншиносӣ, тарзи зисти одамони асри санги Панҷакенту болооби дарёи Зарафшон то ҳол пурра омӯхта нашудааст. Бо ин сабаб маълумоте, ки мо манзури хонандагон мекунем он қадар пурра набуда, дар асоси бозёфтҳои ҷудогонаи дар солҳои гуногун дарёфтшуда навишта шудаанд.

Қадимтарин олоти сангӣ дар назди чашмаи Қайнар-ато, аз харобаҳои шаҳраки Панҷакенти қадима, ёдгориҳои Оқтеппаи назди мазори Зардча-Халифа, деҳаи Косатароши соҳили рости дарёи Моғиён ва шаҳраки Наврӯзшоҳи назди деҳаи Навобод аз тарафи бостоншиносон Б.И. Маршак, А. Исоқов, Д. Абдуллоев ва Ю. Ёқубов ёфт шудаанд. Ин олот, ки асосан аз теғҳои гуногун иборат буданд, барои забҳи ҳайвонот, пӯст кандан ва ба қисмҳо тақсимкунии онҳо истифода мешуданд. Муҳаққиқони асри санг, олимон В.А. Ранов ва шодравон А. Юсуфов бозёфтҳои номбурдаро ба замони охири палеолити (қабати палеолити боло) давраи Мустаърӣ мансуб медонанд. Маҳз дар ҳамин асос метавон гуфт, ки 100,000 сол пеш аз замони кунунӣ дар ҷойи имрӯзаи Панҷакенту атрофи он одамони ҷомеаи ибтидоӣ зиндагӣ мекарданд (Исоқов, 1982, с.7). Олоти корӣ ва шикории замони мезолит, таърихи 12,000-9,000 сола доранд ва аз олоти замони палеолит фарқ мекунанд. Миқдор ва сифати онҳо аз олоти пешина бештар, беҳтар ва мураккабтаранд. Аз ин ҷост, ки ин замонро бостоншиносон замони мезолит, яъне санги миёна номидаанд. Дар ин давра ташаккули қувваҳои истеҳсолкунанда мушоҳида мешаванд. Одамон бо ақлу заковати худ

табар, тиру камон ва найза месозанд, бо ин олот шикору ҷанг мекунанд. Одам, бо ихтироъ кардани камону найза дар зиндагии худ табаддулоти куллӣ ворид кард. Баъд аз тиру камон одамони замони мезолит ба ихтироъи олоти кишоварзӣ ноил гардиданд. Ба ин хотир бостоншиносони олам замони мезолитро ибтидои пайдоиши фарҳанги кишоварзӣ ва чорводорӣ мешуморанд.

Тавре, ки хотиррасон шуд, бо сабаби то ҳол пурра тасдиқ нашудани қароргоҳҳои асри сангии болооби водии Зарафшон мо наметавонем оид ба тарзи зисту олоти мезолитии ин ҷой маълумоти кофӣ диҳем. Бо вуҷуди ин, бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки кишвари номбурда ҳеҷ гоҳ ҷойи беодам набуданд. Дар асри санг Панҷакенту деҳаҳои гирду атрофи доманакӯҳҳо шодоб ва соҳили дарёву сойҳои сершумори он то ба худи Мастчоҳи Кӯҳӣ қароргоҳи одамони ҷомеаи ибтидоӣ будаанд.

Дар замони мезолит дар ноҳияи Панҷакент зиндагӣ кардани одамони ҷомеаи ибтидоиро бостоншинос А.П. Окладников, ҳанӯз соли 1952 исбот карда буд. Ӯ дайн кард, ки дар деҳаи Мазор, дар назди ёдгории меъмории Муҳаммади Башоро қароргоҳи одамони замони мезолит вуҷуд дорад. Якчанд олоти сангии аз он ҷо дарёфтшуда бар ин гувоҳанд (Окладников, 1958, с. 12).

Соли 1987 муаллифи ин сатрҳо дар доманаи ёдгории Гали Хамтӯда, ки дар масофаи 600 метр ба самти шимолии мақбараи Муҳаммади Башоро ҷойгир аст, нуклеусеро (пораи санги чаҳмоқӣ - А.И.) дарёфт намуд.  Таҳқиқоти болоӣ аз он башорат медиҳанд, ки ноҳияи Панҷакент яке аз масканҳои қадима буда сокинони он дар ташаккули фарҳанги ҷомеаи ибтидоӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ саҳмгузорӣ кардаанд.

Замони неолит – замони санги нав 9000-6000 сол таърих дорад. Ин давраи охирини асри санг мебошад. Одамони замони неолит аслиҳаи хуби шикорӣ, мисли найза ва камон, олоти чӯбину устухонии заминкобӣ ва баъзеашон олоти моҳидорӣ доштанд. Онҳо дар он замон, мисли замони мезолит, вале бо олоти нисбатан мукаммалтар бо шикор, моҳидорӣ, ҷамъоварии сабзавот, донаҳо ва меваҳои худрӯй машғул буданд.

Яке аз омилҳои пешравии ҳаёти моддии одамони ин давра бо заминкобакҳои сангӣ, устухонӣ ва чӯбӣ нармкунии замин ва ба он пошидани ҷаву дигар ғалладонагиҳо буд. Аз ин рӯ бостоншиносон одамони замони неолитро – кишоварзони рӯи замин мешуморанд.

Маҳз туфайли азхуд намудани роҳҳои оддии кишоварзӣ ва ром намуда хонагӣ кардани бузу гӯсфанд ва говҳои ёбоӣ, одамони замони неолит маҷбур шуданд, ки дар як қароргоҳ солҳои тӯлонӣ сокин бошанд. Барои ин пеш аз ҳама сарпаноҳ лозим буд, ки онҳо тамоми фасли сол дар як ҷой зиндагӣ карда тавонанд. Танҳо мавҷуд будани хонаи истиқоматӣ ин мушкилиро осон карда метавонист.

Бар асари кофтуковҳои сершумори бостоншиносӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ «шаҳраки» одамони замони неолит бо хонаҳову ҳавлиҳояшон дар ёдгории Ҷайтун, дар шимолу ғарби кӯҳи Кабутак (Купетдоғ) дарёфт шуд. Муҳаққиқи ин ёдгорӣ В.М. Массон менависад, ки биноҳои қабилаҳои замони неолити Ҷайтун аз якчанд хона иборат буда, деворҳои онҳо аз хиштҳои дарозиашон 60-70см сохта шудаанд (Массон, 1971, с. 15). Ҳар хона аз рӯи масоҳаташ барои зиндагии 2-3 то 4 нафар одамон мутобиқ буд. Дар ҳар ҷо ҳар ҷойи хонаҳо ҷойгир будани оташдонҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки сокинони Ҷайтун муқимӣ будаанд.

Дараҷаи болоравии фарҳанги моддии Ҷайтуниҳоро ба ғайр аз биноҳо намудҳои сершумори олоти сангӣ: досҳо, дарафшҳо, пармачаҳо, сари найзаю камонҳо ва ҳар гуна теғҳо муайян карданд. Ниҳоят дар ин давра инсон санъати кулолгариро омӯхта аз гил сохтани зарфҳои гуногуни рӯзгорро ба роҳ монд ва ин яке аз касбҳои асосӣ гардид. Дар ин ҷода, махсусан кулолҳои Ҷайтун аз ҳама пешдаст буданд. Дар ин ёдгорӣ дарёфт шудани зарфҳои бо нақшҳо ороёфта аз болоравии завқи бадеии одамони қадима шаҳодат медиҳад. Ин дар сарзамини Осиёи Марказӣ қадами аввалини инсон ба сӯи зебоӣ ва фарҳанг мебошад. Қароргоҳҳои замони неолит дар ҳудуди Тоҷикистон низ кам нестанд. Онҳо асосан дар водиҳои Ҳисору Вахш дарёфт шуда дар ташаккули фарҳанги баъдинаи Тоҷикистони ҷанубӣ нақши ҳалкунандаро

бозидаанд. Яке аз намоёнтарин қароргоҳи неолитӣ ин қароргоҳи Ҳисор мебошад, ки онро мутахассисон ёдгории кишоварзони аввалини Тоҷикистон мешуморанд (Окладников, Ранов, 1964, с.84; Ранов, 1982, с.37).

Баробари ин ёдрас мекунем, ки то чӣ андоза ба пайдоиши фарҳанги кишоварзии ноҳияи Панҷакент, пеш аз ҳама Саразм асос гузоштани қабилаҳои кишоварзони водии Ҳисор то ҳол ба мо номафҳуманд. Ба ақидаи мо дар пайдоиши фарҳанги кишоварзии Саразм ва атрофиёни он мавқеи қабилаҳои ёдгории Сазагон, ки дар қисми ҷанубу ғарбӣ (27км) ҷойгир аст наздиктар менамояд. Бо вуҷуди гуфтаҳои боло, мо умедворем, ки дар солҳои наздик ихтисосмандони фарҳанги асри санг ба омӯзиши ин давраи муҳими таърихи ноҳияи Панҷакент ва болооби водии Зарафшон шурӯъ намуда ин масъаларо ҳал менамоянд. Новобаста аз ин дар даст ду далел дорем, ки аз мавҷуд будани ин қабил ёдгориҳо шаҳодат медиҳанд. Далели аввал он, ки бостоншиносон: У. Эшонқулов (1990с.) ва Н.А. Москаленко (1991), дар вақти таҳқиқот дар 4-5 км ба ҷанубу ғарби деҳшаҳри Саразм, яъне дар дашти Саразм чанд намуд олоти сангии замони неолитро дарёфт намуда, ақидаи дар гирду атрофи Саразм мавҷуд будани қароргоҳҳои неолитиро пешниҳод намуданд. Вале ба фарҳанги кишоварзии Саразм то чӣ андоза алоқаманд будани олоти номбаршуда он қадар равшан нестанд (А. Исоқов, 1991 с. 12).

Далели дуюм он, ки дар қабатҳои якум ва дуюми мадании деҳшаҳри Саразм, ки дар болои замини табиӣ ҷойгиранд миқдори зиёди олоти аз сангҳои гуногуни чаҳмоқӣ сохташуда дарёфт шуданд. Онҳо аз боқимондаи кордҳо, шикастаи досҳо, нӯги тирҳои камону найза, пармачаҳо, болғачаҳо иборатанд ва бевосита ба замони охири неолит ва аввали энеолит мутаалиқанд. Аз ин сабаб метавон гуфт, ки шояд қароргоҳҳои охири замони неолит дар зери деҳшаҳри Саразм бошанд. Танҳо дар ин ҳолат гуфта метавонем, ки фарҳанги қадимтарини кишоварзии Саразм дар натиҷаи рушди баъдинаи неолити маҳал ташаккул ёфтааст.

Бо вуҷуди ин, то ҳол ба мо тарзи зисти замони неолит бо тамоми ҷузъиёташ он қадар равшан нест. Ҳаминаш маълум, ки одамони ин давра аз нигоҳи шакл ва узвҳои бадан ба одамони ҳақиқӣ монанд буданд. Акнун онҳо, тавре ки дар мисоли сокинони ёдгории Ҷайтуни Кабутак дидем, аз ғору камарҳо берун баромада дар хонаҳои аз хишту похса сохташуда зиндагӣ мекарданд. Баъд аз омӯхтани соҳаҳои кишоварзӣ, чорвордорӣ ва шикор одамони давраи неолит ҷиҳати иқтисодии зиндагии худро нисбати одамони замони палеолит ва мезолит қадре беҳтар карданд. Албатта болоравии дараҷаи зисту зиндагӣ ба болоравии маънавиёт таъсири мусбӣ мерасонад. Инро мо дар мисоли тасвирҳои рӯисангии ноҳияи Панҷакент дида метавонем.

Соли 1947 А.Н. Далский дар ҳайати экспедитсияи бостоншиносии Суғду Тоҷик кор карда, якчанд деҳаҳо ва мавзеъхои ноҳияамонро аз назар гузаронид. Дар натиҷа ба ӯ муяссар гардид, ки дар ҳавзаҳои дарёҳои Моғиён, Киштӯд, Шинг ва сойи Мосариф 25 тасвири рӯисангиро дарёфт кунад (Далский, 1950, с.232). Аз ин пештар кишваршинос И.Ф. Ломов ва бостоншинос Г.В. Парфенов низ дар сойи Гурбик ин гуна тасвирҳоро кашф намуда буданд (Парфёнов, 1947). Тасвирҳо дар рӯи тахтасангҳои ҳаҷмашон гуногун акс ёфтаанд, ки калонтарини онҳо 2,90 метр баландӣ ва 3,50 метр паҳноӣ доранд. Тасвирҳое, ки саҳнаи шикорро мемонанд бо маҳорати бағоят баланд иҷро шудаанд. Дар онҳо нақши бузҳои кӯҳӣ, одамони камонбадаст ва ҳатто бузғолачаҳои навзоди дар оғӯши модарашон хобида тасвир ёфтаанд. Аз рӯи навиштаи А.Н. Далский «тасвирҳо хеле бо санъати баланд дар натиҷаи зарби якхела ба рӯи санг акс шуда аз 1 то 2 мм чуқурӣ доранд» (Далский, 1950, с. 233). Маҳз бо сабабе, ки тасвирҳо дар рӯи тахтасанг дар чуқурии муайян кандакорӣ шудаанд аз замони неолит то имрӯз бетағйир боқӣ мондаанд.

Ҳамаи далелҳои боло бори дигар исбот мекунанд, ки ноҳияи Панҷакент аз замони палеолит сар карда яке аз масканҳои одамони асри санг буда, сокинони он тамоми зинаҳои рушди ҷомеаи ибтидоиро аз сар гузаронидаанд.

# ПАНҶАКЕНТ ВА МУЗОФОТИ ОН ДАР АҲДИ ЭНЕОЛИТ ВА БИРИНҶӢ (ҲАЗОРСОЛАҲОИ IV-II ПЕШ АЗ МЕЛОД)

Дар боби аввал мо оид ба давраҳои асрҳои санг мухтасар маълумот дода будем. Давраи охирини он неолит буда ҳазорсолаҳои VII-VI-ро дар бар мегирад. Сокинони ин давраи Осиёи Марказӣ дар зиндагӣ истифодабарии маъдании миси коркард нашуда ва дар баъзе мавридхо аз он маъданҳо сохтани олоти оддитаринро азхуд намуданд. Вале дар гудохтани маъдан ва аз он сохтани олоти корӣ ҳанӯз таҷрибаи кофӣ надоштанд.

Дар ҳазорсолаи VI-V пеш аз мелод инсон гудохтани маъдани мис ва аз он сохтани дарафш, корд, ханҷар ва дигар намуд теғҳои ба рӯзгор заруриро азхуд кард. Вале аксари олоти шикорӣ, кишоварзӣ ва ҳунармандӣ ҳоло асосан аз сангҳо буданд. Замони якҷоя истифодабарии олоти сангӣ ва мисиро «энеолит», яъне давраи «санги охирин» ё «халколит» - сангу мис меноманд (Пиатровский, 1957 с.67, 1976 с.132-133). Бостоншиносони шӯравӣ дар асарҳои илмии худ, бештар ибораи «энеолит»-ро истифода карданд. «Энеолит, - навишта буд, Б.Б. Пиатровский, - дараҷаи фарҳанги ибтидоиест, ки ҷомеа шакли хоҷагидорӣ ва дигар бахшҳои фарҳанги моддиро бо тамоми ҷузъиёташ якранг офаридааст» (Пиатровский, 1949 с.41).

Таҳлили гуфтаҳои боло моро водор месозад, ки «энеолит» -ро замони гузариш аз асри санг ба асри метал – мису биринҷӣ шуморем.

Аз ин хотир ин давра давраи ҳалкунандаи рушди ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Бе нишондоди хусусиятҳои замони энеолит таърихи халқу кишварро пурра ҳисобидан нодуруст аст. Тавре гуфтем ин давраро халқҳои Осиёи Марказӣ 7000-5000 сол қабл аз замони мо аз сар гузаронидаанд. Баррасиҳои бостоншиносӣ исбот намуданд,

ки ин раванди то замони таърихӣ ба монанди давраҳои асри санг дар ҳама мавзеъҳо баробар нагузаштааст. Ин давра дар Музофоти Хуросони Шимолӣ, дар ёдгориҳои Анав, Намозгоҳтеппа, Дашлитеппа, Қаротеппа, Илчинлӣ ва миёнаоби Зарафшон – Саразм 7000-5000 сол қабл аз замони мо гузашта бошад, дар Музофоти Хоразм дар ёдгории Калтаманор пас аз 1000 сол гузаштааст. Дар дигар мавзеъҳои Осиёи Марказӣ, то ҳол ёдгориҳои замони энеолит дарёфт нашудаанд. Маҳз бо ҳамин сабаб В.М. Массон ва А.И. Исоқов дар ин сарзамин мавчуд будани ду маркази кишоварзони қадим, Кабутаки Шимолӣ (Купетдоғ) ва водии Зарафшонро пешниҳод намуданд (Массон, 1989, с. 143, Исоқов, 1991, с. 12).

Бояд тазаккур дод, ки пеш аз навиштани китоби мазкур, муаллиф тамоми бозёфтҳои замони энеолиту биринҷии Музофоти Панҷакентро аз назари таҳқиқ гузаронида ба хулоса омад, ки ин давраи таърихии музофоти Панҷакент нисбати асри санг аз нигоҳи мадракҳои таърихӣ афзалияти зиёдтар дорад.

Набояд фаромӯш кард, ки замони энеолиту биринҷӣ пас аз асри санг, давраи тӯлонтарини таърихи ҷомеаи ибтидоӣ будааст. Он дар қаламрави Осиёи Марказӣ ва кишварҳои Шарқи наздику миёна зиёда аз 4000 сол давом кардааст ва ба ҳазорсолаҳои V-II пеш аз мелод рост меояд. Аз нигоҳи фарҳанги моддӣ ва маънавӣ ин давра давраи ташаккули тамаддуни инсонӣ ба шумор меравад. Он олоти рӯзгоре, ки дар замони энеолиту биринҷӣ сохта шудаанд – олоти аввалин дар таърихи инсоният ба шумор мераванд.

Хулоса, тавре дар боло гуфтем, одамони ин давра офаридагони тамоми намудҳои фарҳанги моддии он замонанд.

Боиси хушбахтист, ки ҳоло мо соҳиби зиёда аз сад ҳазор осори фарҳанги моддӣ ва маънавии аҷдодонамон ҳастем. Онҳо аз ҳафриёти Саразм, Зардча – Халифа, шаҳраки Панҷакенти қадим, Дашти Қозӣ, ва дигар

ёдгориҳои ноҳия дарёфт шудаанд. Бинобар ин, мо имконият дорем, ки ин давраи таърихи ноҳияамонро бо далелҳои раднопазири зиёде баррасӣ намоем.

Бозёфтҳои бостоншиносии мавҷуда имконият медиҳанд, ки таърихи асри энеолит ва биринҷии музофоти Панҷакентро нахуст ба ду давраҳои калон: давраи энеолит – аз ҳазорсолаи IV то нимаи аввали ҳазорсолаи III ва давраи биринҷӣ – аз нимаи дуюми ҳазорсолаи III то охири ҳазорсолаи II пеш аз мелод тақсим кунем.

Дар навбати худ замони энеолит мувофиқи рушди фарҳанги моддӣ, яъне сохтмону ҳунармандӣ ба се давра: энеолити аввал, мобайн ва охир ҷудо мешавад. Ба фикри ман ин тақсимбандӣ ба сохти ҷамъиятии қабилаву авлодҳо табадуллоти ночизе ворид кардааст. Агар дар давраи энеолити аввал ҷомеа аз нигоҳи моддӣ  дар зинаи баробар қарор дошта бошад, дар давраи энеолити охир нобаробарии ҳаёти моддӣ тоифаҳои дорову камбизоатро ба миён овард, вале ин ҳанӯз маънои пайдоиши синфҳоро надошт. То пайдоиши синфҳо бояд боз 2000 соли дигар паси сар шавад. Нишонаҳои аввалини ҷомеаи синфӣ дар асри оҳан ба чашм мерасад.

Аз давраҳои гуногун иборат будани таърихи инсоният то пайдоиши синфҳо моро водор месозад, ки ба таҳлили ҳаёти моддӣ ва маънавии  ҳар як давра алоҳида истода гузарем.

Тавре, ки дар боло зикр намудем фарҳанги замони энеолит – сангу мис дар ноҳияамон дар ҳазорсолаи IV пеш аз мелод арзи вуҷуд карда буд. Дар натиҷаи рушди ақлу заковат ва афзудани малакаи зиндагӣ одамони замони неолит – санги нав бошишгоҳҳои собиқи худ ғору камарҳо, кашару заминканҳоро тарк намуда дар заминҳои ҳамвору фарроҳ, соҳили дарёҳо ва чашмаҳо ба маскансозӣ шурӯъ карданд ва соҳиби истиқоматгоҳ гаштанд. Ин ба онҳо имконият дод, ки баробари истифодаи неъматҳои тайёру

нимтайёри табиӣ: меваи дарахтон, шикор, моҳидорӣ ва ғ. инчунини бо хоҷагидорӣ низ машғул шаванд. Хоҷагидории аввалини сокинони ноҳияи Панҷакент ин – кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ ва иморатсозӣ будааст. Дар натиҷаи ривоҷи хоҷагидорӣ, ки сокинони музофоти Панҷакент ба дараҷаи муайян азхуд карда буданд, аҷдодони қадимтарини мо аз тоифаи азхудкунандагони неъматҳои тайёри табиӣ ба тоифаи истеҳсолкунандагони неъматҳои моддӣ сабзида расиданд. Бори дигар хотиррасон мекунем, ки ҳамаи ин далелу бурҳонро мо дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносии Саразм (Саразм – А.И.) ба даст овардем. Маҳз ба ин хотир мехоҳем дар поён оид ба ин ёдгории беназири диёрамон мукаммалтар маълумот диҳем.

# САРАЗМ ВА ОҒОЗИ ТАМАДДУНИ СУҒД

Деҳшаҳри Саразм тирамоҳи соли 1976 аз ҷониби сокини деҳаи Авазалии Шӯрои деҳаи Чимкӯрғони ноҳияамон – Ашӯралӣ Тайлонов кашф шуда буд. Омӯзиши археологии онро муаллифи ин сатрҳо соли 1977 оғоз намуда то ҳол бо ин кор машғул аст. Айни замон ин ёдгорӣ 1500м дарозӣ ва аз 400м (қисми ғарбиаш) то 800 м (қисми шарқиаш) паҳно дорад. Масоҳати умумии он наздик ба 100 гектар аст. Худи ёдгорӣ дар сарҳади қисмати кӯҳистонӣ ва ҳамвории ҳавзаи дарёи Зарафшон, 15км ғарбтари Панҷакенти имрӯза доман густурдааст. Хулоса, ёдгории мазкур дар водии Зарафшон байни Мастчоҳу Бухоро ҷойгир шудааст.

Дар тӯли солҳои 1977-1994 дар ҷойҳои гуногуни ёдгорӣ 10 ҳафриёт ва 12 хандаки археологӣ кофта шудааст, ки майдони якҷояи онҳо ба 10,000 метри мураббаъ баробар аст. Чаҳор қабати мадании рӯиҳамхобидаи ёдгорӣ гувоҳи он аст, ки деҳшаҳри Саразм дар таърихи маскунии худ чор маротиба вайрона гашта аз нав барқарор шудааст. Таҳқиқ ва таҳлили ҷамъи бозёфтҳо нишон доданд, ки деҳшаҳри Саразм дар ду давраи ҷомеаи ибтидоӣ тараққӣ кардааст. Бозёфтҳои фарҳанги моддӣ ду қабати поёнии он, ки онҳоро замони Саразми I ва II номидем хоси фарҳанги давраи энеолит буда, 3500-3000 қабл аз мелод вуҷуд доштаанд. Ду қабати дигари он – Саразми III ва IV ба асри биринҷӣ хосанд, ки рушди ин давра ба солҳои 3000-2000 то мелод рост меоянд (Исоқов, 1991, с.111-112).

Бинобар ин мо имконият дорем, ки ин давраҳои қадимтарини таърихи Панҷакентро алоҳида-алоҳида бо тамоми ҷузъиёт ва мақомот ба ҳаводорони илму фарҳанг пешкаш намоем.

Осори фарҳанги замони энеолити Саразм дар ҳафриётгоҳ, ки дар қисмҳои ҷудогонаи деҳшаҳр ҷойгиранд дарёфт шудаанд. Онҳо аз хонаҳои истиқоматӣ, маъбадҳо, анборхонаҳо, ӯраҳои ғалланигоҳдорӣ, гӯрхона, зарфҳои сафолӣ, олоти сангию мисӣ, муҷассамаҳои гилӣ, шабаву

марҷонҳои тиллову нуқра ва сангҳои қимматбаҳо иборатанд. Мадракҳои мазкур аз нигоҳи миқдор ва сифат ба ман имконият медиҳанд, ки тамоюлҳои ташаккули фарҳанги замони энеолити деҳшаҳри Саразмро, ки оғози таърихи Музофоти Панҷакент мебошад, банавбат баррасӣ намоям.

Аввалин фарҳанге, ки ниёгонамон азхуд намуданду он сабагори пайдоиши фарҳангҳои дигар гардид, ин фарҳанги кишоварзӣ буд. То оғози фарҳанги кишоварзӣ одамон донаҳои ҷаву гандуми ёбоӣ ва меваю сабзавоти табииро тӯда-тӯда гашта аз сойу адирҳо, талу теппаҳо ва водию дараҳо ҷамъ менамуданд. Дар охир аз ин сарсонӣ дилгир шуда ба хулоса омаданд, ки дар ҷое маскан гиранду оромона рӯз баранд, қисме аз донаҳоро худашон рӯёнанд ва бо кишоварзӣ машғул шаванд. Вале то ба дараҷаи фарҳангӣ расонидани зироаткорӣ ба онҳо лозим омад садҳо маротиба як корро такрор кунанд. Нармкунии замин, интихоби ғалладона, олоти меҳнат, интихоби ҷойи кишт марҳилаҳои асосии ташаккули фарҳанги кишоварзӣ ҳисоб меёфтанд. Аз ин сабаб онон пеш аз он, ки ба коркарди замин машғул шаванд, олоти заминкобиро ихтироъ намуданд. Тибқи баррасиҳои бостоншиносӣ ин олот аз «омочҳо» дар шакли санги нӯгтез, шохи ҳайвонот ва чӯбҳои нӯгтез иборат буданд. Кишоварзони нахустин дар замин чуқурчаҳои 10-12см кофта донаҳоро ба хотири сабзидан дохили хоки нармшуда мекоштанд. Дар он ҷое, ки замин табиатан нарм буд одамон ду-секаса «омоч»-ро кашола мекарданду нафаре онро ба замин мехалонд. Чунин олоти заминкобии тибқи мадракҳои мо ва ёдгориҳои дигар дарёфтшуда оғози кишоварзӣ дар ҷомеаи замони энеолит дониста шуд, ки он ба сокинони Саразм низ хос будааст.

Одамони замони энеолити диёрамон ду навъи фарҳанги кишт: лалмӣ ва обиро медонистанд. Оид ба мавҷуд будани каналҳо ва ба таври сунъӣ обёкунии заминҳои кишт дар Саразм дар замони энеолит, мо маълумоти аниқ надорем. Ба фикри ман ин фарҳанг дертар, дар замони биринҷӣ пайдо шуд, ки оид ба ин масъала дар боби оянда сухан хоҳем кард.

Аввалин намуди ғалладонагие, ки дар ноҳия кишт карда мешуд ин ҷави дуфарға буд. Ин намуд ҷавро бостоншинос В.М. Массон дар ёдгориҳои энеолити Кабутаки Шимолӣ, Муллолитеппа, Олтинтеппа дарёфт карда ба хулоса омад, ки он яке аз намудҳои ғалладонагие буд, ки дар ин давра дар тамоми кишварҳои шарқ кишт карда мешуд (Массон, 1982а, с.53). Ихтисосманди соҳаи кишоварзии қадим Г.Н. Лиситсина фарҳанги кишти ҷави дуфарғаро аз рӯи бозёфтҳои Чигилитеппа, Анав, Геоксюр I ба замони энеолити миёна мансуб медонад, ки ин ба ҳазорсолаи IV пеш аз мелод рост меояд (Лиситсина, 1970, с.92, 1978, с.92). Маҳз ҳамин далел исбот карда метавонад, ки ноҳияи Панҷакент яке аз марказҳои аввалини кишоварзии сарзамини Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Бо вучуди ин, ҳанӯз гуфта наметавонем, ки масолеҳи ғаллагӣ дар зиндагии одамони ҷомеаи ибтидоӣ чӣ гуна мавқеъ дошт. Ба ҳар ҳол дар он замон на ҷав ва на ғаллаҳои дигар ғизои асосии одамон ҳисоб намешуданд. Фарҳанги на он қадар тараққикардаи кишоварзӣ, олоти номукаммали заминкобӣ, мавҷуд набудани обёрии сунъӣ ва инчунин дар кишоварзӣ истифода нашудани чорвои калон намегузоштанд, ки аз замин ҳосили фаровон ба даст ояд. Ин чунон маъно надорад, ки онҳо аз маводи ғизо танқисӣ мекашида бошанд. Баръакс водии Зарафшон дар қадим ба туфайли иқлими мусоид аз меваҷоту рустаниҳои хӯрданӣ, ҳайвоноту паррандаҳо яке аз гӯшаҳои бойтарини рӯи замин буд. Хулоса, дар он давра таносуби истеъмолкунандагон – азхудкунандагони ноҳия нисбати бойигарии он якчанд маротиба кам буд.

Аз рӯи далелҳои боло хулоса бармеояд, ки дар зиндагии он замона, чидахурӣ, шикор ва моҳидорӣ яке аз асосҳои хоҷагидории одамон ба шумор мерафтанд. Маҳз дар асоси шикор, ром ва хонагисозии ҳайвоноти ёбоӣ оғози чорводорӣ ба амал омад. Дар рафти ҳафриёти қабатҳои давраи энеолит Саразм миқдори зиёди устухонҳои буз, гӯсфанд, хук ва паррандаҳоро дарёфт намудем. Устухонҳои гов ва говмешҳо хеле кам дучор шуданд. Худи ҳамин исбот

менамояд, ки сокинони ноҳияамон аз ҳама пештар ба рому хонагисозии ҳайвоноти майда сар кардаанд, ки яке аз воситаҳои таъминоти доимии иқтисодиёти онҳо буд. Ба ибораи дигар – кишоварзӣ ва чорводорӣ ду манбаъи иқтисодиёти одамони замони энеолит ҳисоб меёфтанд. В.М. Массон ин марҳиларо табадуллоти куллӣ дар хоҷагидории одамони қадим меномад (Массон, 1982а, с.52). Оид ба фарҳанги кишоварзӣ ва чорводории сокинони Хуросони Шимолӣ А.И. Шевченко навиштааст, ки кишоварзӣ ду шакли истеҳсоли иқтисодӣ буда, асоси хоҷагидории қабилаҳои Кабутаки Шимолӣ дар Намозгоҳтеппаи I (ҳазорсолаи V пеш аз мелод – А.И.) мебошад (Шевченко, 1960).

Барои рушди баъдинаи фарҳанги кишоварзию чорводорӣ аҳолӣ бояд муқимӣ бошад, ки бе манзили зист, ҳавлии кушод шароити мутобиқ фароҳам намеояд. Ҳамаи ин зарурияти зиндагиро сокинони ноҳияи Панҷакент дар замони энеолит доштанд. Дар симои сохтори Саразм мо осори аввалини фарҳанги биносозиро мебинам. Аз зери хоктӯдаҳои ҳафриёти Саразм хонаҳои истиқоматӣ, анборҳои ғалланигаҳдорӣ ва маъбаду парастишгоҳҳо кушода шуданд. Нисбати таъиноти худ, онҳо аз нигоҳи ҳаҷм ва тарзи сохтмонашон аз якдигар фарқ доранд, Хонаҳои истиқоматӣ он қадар васеъ ва барҳаво набуданд. Масоҳати дохилии онҳо аз 9 то 10м$^2$ барои зисти 2-3 нафар хизмат мекарданд. Оилаҳои сернуфуз аз 4 то 12 нафара дар бинои алоҳидаи 3-4 хонадор зиндагӣ мекарданд, ки яке аз онҳо ҳамчун маъбад истифода мешуд.

Маъбади оилавӣ аз хонаи истиқоматӣ бо он фарқ мекунад, ки дар мобайни он оташгоҳи мудаввар ё чоркунҷа мавҷуд аст.

Сокинони деҳшаҳр захираҳои худ, пеш аз ҳама ғалладонаашро дар ӯраҳо (чоҳҳо – А.И.) ва қазноқҳои махсус нигоҳ медоштанд. Дар дохили яке аз ӯраҳо, дар фарши хонаҳои истиқоматии ҳафриёти II, VI кушодашуда донаҳои ҷави дуфарға ёфт шуданд. Ба хулоса омадем, ки онхо махсус барои нигоҳдории ҷав, гандум, нахӯд ва ғ.

кофта шудаанд.  Илова ба ин оилаҳои алоҳида, хусусан истиқоматкунандагони ҳафриётгоҳи II, барои нигоҳдории ғаниматҳои худ хоначаҳои ҳаҷмашон 2х2, 3х2 метра месохтанд, ки тоҷикони муосир онҳоро қазноқ меноманд.

Ҳафриётҳо исбот намуданд, ки сокинони Саразм дар ҷобаҷогузории биноҳои истиқоматӣ, ба муваффақияти калон ноил гардидаанд. Кӯчаю тангкӯчаҳо, хонаҳои истиқоматӣ ба ду-се гурӯҳ тақсим карда шудаанд, ки барои гардиши одамон хеле мувофиқ буданд. «Кӯчаи калони марказӣ»  ҳамагӣ 1,80-2 метр паҳно дошта бошад, тангкӯчаҳо ва роҳравҳои байни хонаҳо ҳамагӣ 1,20-1,50 метр мебошанд.  Тахмин меравад, ки кӯчаҳо ва тангкӯчаю роҳравҳо шояд болорпӯш бошанд.

Дар байни биноҳо майдони кушод мавҷуд буд, ки барои якчанд оила хизмат мекард. Дар ин ҷо оташдон ва танӯри нонпазӣ мавҷуд будаанд, ки аз онҳо ба таври умумӣ истифода мебурданд. Аз эҳтимол дур нест, ки  дар ин ҳавличаҳо, ки қисман болопӯшида буданд, онҳо бузу гӯсфанд медӯшиданд, ғалла мекӯфтанд ва дигар корҳои хоҷагиро ба анҷом мерасониданд. Ба ҳар ҳол тарзи зиндагонии бошандагони Саразм хоси ҷомеаи ибтидоӣ буда ҳамаи корҳоро якҷоя ба ҷо меоварданд.

Яке аз дастовардҳои сокинони ин ёдгорӣ дар ин давра мавҷуд будани ибодатгоҳ ба шумор меравад. Зеро дар замоне, ки ҳанӯз инсон дар ибтидои зинаи истеҳсолот меистаду ризқу рӯзии худро бо машаққат аз табиат пайдо мекард эҳтиёҷот ба тоату ибодат набуд. Аз ин рӯ дар Саразм мавҷуд будани ибодатгоҳҳо бо оташгоҳҳои муқаддас моро маҷбур месозад, ки  оид ба ин масъалаи бағоят муҳим дар фасли алоҳида истода гузарем. Аз шаш ибодатхонае, ки дар ин ҷо кушодем се ададаш хоси замони энеолитанд. Аз онҳо ду адад дар ҳафриётгоҳи VI ва як адад дар ҳафриётгоҳи V кушода шуданд. Ду ибодатхонаи ҳафриёти IV ба ҳамдигар хеле наздик ҷойгир шудаанд. Байни онҳо як хонаи дарозрӯя ҳаст, ки ибодатхонаҳоро аз ҳамдигар ҷудо мекунад. Худи ибодатхонаҳо аз як толори

васеъ ва хонаҳои ба ҳамин бино тааллуқдошта иборатанд. Дар мобайни толорҳо як ададӣ оташгоҳи қутрашон 1,10-1,25 метра истодаанд. Аз рӯи нишонаи деворҳои чуқурчаи дар маркази оташгоҳ ҷойгиршудаи қутраш 25-30 см буда, ки аз тасфи оташ ба танӯри пухта монанд шудаасту дохилаш пур аз хокистар аст, ба хулоса омадем, ки онҳо барои оташи доимӣ (хомӯшнашаванда) пешбинӣ шудаанд. Илова ба ин яке аз деворҳои ибодатхона бо ранги сурх андова шудааст, ки ин бешубҳа, ба хотири оташи муқаддас, рамзи қурбонӣ мебошад. Маҳз бо ин далелҳо кашфиёти бинои IV-ро ибодатгоҳи парастишги оташ номидем.

Биное, ки дар хафриётгоҳи V кушодем аз рӯи сохт аз ибодатгоҳҳои ҳафриётгоҳи IV бакуллӣ фарқ мекунад. Ин бино даромадгоҳи танги бараш ҳамагӣ 80см дошта дарозиаш қариб 4 м аст ва хонаи алоҳида дорад. Хонаи номбурда доирашакл буда, аз ду ҳалқаи мудаввари дарун ба дарун иборат аст. Ҳалкаҳо аз хишти хоми ҳаҷмашон 52х25х10-11 см сохта шудаанд. Буриши кундалангии ҳалқаҳо мутаносибан ба 6,70 м (берунаш) ва 3 м (дохилаш) баробаранд. Тарзи ҷойгиршавии хиштҳои ҳалқаи беруна хеле ҷолиби диққатанд. Онҳо шаклан ҷирми мунирро мемонанд, ки бешубҳа ишора ба парастиши офтоби нурфишон аст. Барои исботи гуфтаҳо хотиррасон менамоем, ки байни ҳалкаҳои номбурда роҳраве ҳаст, ки бараш 80 см буда барои озодона гаштан имконият медиҳад. Дар мобайни ҳалқаи дуюм ягон осори сохтмон мушоҳида нашуд. Вай ба хоначаи доирашакл монанд аст. Тахмин меравад, ки бинои номбурда бо тамоми шаклу сохташ тасвири офтоб дар рӯи замин асту бас. Он аъзоёни ҷомеа, ки офтобро ҳамчун як қувваи бузурги самоӣ ва таъсиррасон дар тақдири инсон мепарастиданд, дар ин бино расму русуми худро баҷо меоварданд. Маҳз дар асоси ин далел мо бинои номбурдаро «маъбади офтоб» номидем (Исоқов, 1991б, с.9).

Албатта ин қабил биноҳои мудаввар маҳз хоси меъморони Саразм набуданд. Бостоншиносон аз ёдгориҳои замони энеолити Туркманистони Ҷанубӣ, Яланғочтеппа ва

Муллолитеппа биноҳои мудаввареро пайдо карданд, ки онҳо аз 31 то 8 м паҳнои доштанд. Бо сабабҳои барои мо номаълум муҳаққиқи ёдгории Яланғочтеппа ин қабил биноро, ки майдонаш ба 28,5м$^2$ баробар аст «хонаи махсуси занҳо» номидааст (Хлопин, 1962, с.17). Лекин чунин биноҳоро қабилаҳои ҳиндуи штати Мексикаи Нави Амрико – «кива» – ибодатгоҳ номида, дар дохили он расму русуми динии худро ба ҷо меоварданд (Карди, 1984 с.104).

Далелҳои дар боло зикрёфта ба мо имконият медиҳанд, ки бинои номбурдаро яке аз намудҳои парастишгоҳи офтоб шуморем ва гӯем, ки сокинони Саразм парастиши олами пурасрору табиати тавоноро аз офтоб оғоз карда будаанд.

**Фарҳанги ҳунармандӣ.** Дар баъзе мавридҳо ақидаи пешниҳодкардаи К. Маркс ва Ф. Энгельс «Меҳнат инсонро офаридааст» (К. Маркс, Ф. Энгельс, 1922) то ҳол маънои худро гум накардааст. Ман низ ин назарияро ҷонибдорӣ карда гуфтаниям, ки маҳз ба туфайли меҳнати бошуурона инсон олоти зарурии корию рӯзгорро офарида, бо ин аз дараҷаи ҳайвонӣ ба дараҷаи инсонӣ расидааст.

Ин ҳақиқат далели он аст, ки меҳнат яке аз омилҳои ҳалкунандаи ташакулли ақлу идроки бани башар мебошад, тибқи ҳамин нишондод метавон гуфт, ки сокинони деҳшаҳри Саразм ҳанӯз аз замонҳои сангу мис яке аз офарандагони фарҳанги ҳунармандӣ дар сарзамини Мовароунаҳр будаанд. Дар ин давра онҳо асосан аз гилу санг ва устухон намудҳои гуногуни зарфҳо, ӯғурчаҳо, ғармичҳо, дарафшҳо, досу кордҳои чаҳмоқӣ, сари ӯрчуқҳо ва дигар олоти заминкобиро месохтанд. Ба замми ин, ресидани пашму бофтани матои пашмӣ, коркарди пӯсту дӯхтани пойафзол машғулияти доимии Саразмиҳо будааст. Ниҳоят, онҳо коркарди маъдан пеш аз ҳама мисро, ки дар ҳарорати наздик ба 900$^{\circ}$ об мешуд, аз худ карда буданд. Ҳоло дар поён оид ба касбу кори сокинони ёгории номбурда дар замони энеолит ба таври мухтассар истода мегузарем.

Ба ақидаи мо дар муайян кардани дараҷаи рушди фарҳанги ҳунармандӣ шаклу намудҳои зарфҳои гилӣ нақши хешро мебозанд. Кулолгарони Саразм дар минтақаи Шимолу Шарқӣ Осиёи Марказӣ аввалин шуда ба сохтани зарфҳо, нақшбандии онҳо шурӯъ намуданд. Ин зарфҳо аз тағора, коса, пиёла, дӯлча, ҷом, кӯза, хурма иборат буданд. Дар кашидани нақшҳои тани зарфҳо Саразмиҳо рангҳои сиёҳ, сурх, ҷигарӣ, зард, лоҷувардӣ, кабуд ва сафедро истифода мебурданд. Зарфҳои гилӣ аз рӯи намуди берунаашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: зарфҳои нақшдор ва бенақш. Дар навбати худ ин ду гурӯҳ боз ба ду зергурӯҳи дигар тақсим мешаванд: зарфҳои нақшини дуранга (монохромӣ) ва серанга (полихромӣ). Зарфҳои рӯяшон нақшдошта аз гили зард, гулобӣ ё сиёҳ сохта шудаанд. Ҳамаи зарфҳо дастӣ, бе истифодаи чархи кулолгарӣ сохта шудаанд. Чунки одамони ин давраи Саразм ҳоло чархи кулолгариро ихтироъ накарда буданд. Бо вуҷуди ин онҳо дар хоҷагии худ даҳ намуди зарфро истифода мекарданд, ки дар ибтидои зиндагии одамони ҳамон замона хеле муваффақияти калон буд. Баробари ин хотиррасон мекунем, ки дар дигар гӯшаҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои Шарқ низ ин гуна фарҳанг рушду нумӯ доштанд. Ҳафриёти бостоншиносӣ нишон доданд, ки дар Балуҷистони қадим (Покистони имрӯза – А.И.) Гули Гулмуҳаммад, (Кардӣ, 1965, с.118, 11, 14) Кветта Сур Ҷангал (Ферсервис, 1959, 38), Афғонистони Миндучак ва Амрӣ (Касал, 1961, рас. 55. 77, 1964 рас. 51.21), Эронтеппа – Яҳё. (Беале, 1986, с. 56) Силк (Г. Гиршман, 1938 нақш. XII), Тали Иблис (Сарраф, 1980, с.125) Туркманистони ҷанубӣ – Яланғочтеппа (Хлопин, 1969, нақш. XXIV, 30), Анов (Массон 1982, нақш. XV, №2), Намозгоҳтепа (Массон, 1982 б, нақш. IV, 15А), Геоксур (Сарианиди, 1965, нақ. 12) ва даҳҳо дигар ёдгориҳои Ироқу Арабистон низ тарзи сохтан ва ороиши зарфҳои мунақққашро медонистаанд.

Ин нукта чунин маъно дорад, ки фарҳанги кулолгарии Панҷакент пайваста бо фарҳанги дигар марказҳои тамаддуни кишварҳои Шарқи Наздику Миёна тараққӣ

кардаст ва ин фарҳанг бо фарҳанги кишварҳои дигар таърихи муштарак дорад.

Ба гайр аз зарфҳо аз ҳафриётгоҳҳо намудҳои гуногуни ашёи аз гил сохташуда дарёфт шуданд, ки онҳо аз ӯрчуқҳо, тугмаҳо, қолабҳои рехтагарии табару корду ханҷар, ҳайкалчаҳои одаму ҳайвонот иборатанд. Хулоса лойу гилро сокинони Саразм ба таври васеъ дар корҳои сохтмонию ҳунармандӣ истифода мебурданд.

Намуди дигари ҳунармандӣ ин коркарди санг буд. Пас аз лойу гил ниёгони қадимтаринамон аз сангҳои гуногун сохтани чил намуди олоту ашёро аз худ карда будаанд. Досу болға, тиру камону найза, ӯғӯраки дастӣ, ҳар гуна пармачаҳо, искинаҳо, ҷом, пиёла, коса, дег ва ғармичҳоро бо дараҷаи баланди ҳунармандӣ сохта дар тамоми соҳаҳои хоҷагӣ ба таври васеъ истифода мебурданд. (Исоқов, 1991а, с.87-84: Раззоқов, 1994 с. 68).

Ҳунармандии сангтарошони Саразм то ба дараҷае расида буд, ки онҳо аз сангҳои қиматбаҳо: лоҷувард, ақиқ, фирӯза, намудҳои гуногуни марҷону шабаҳо, бозубанду мӯҳраҳоро сохта сокинони деҳшаҳри худ ва мардумони берун аз марзи  Панҷакенту водии Зарафшонро таъмин мекарданд.

Бозёфтҳои асбобу анҷоми  сангии Саразм қисман ба бозёфтҳои  ёдгориҳои замони энеолити Туркманистони Ҷанубӣ, Қаротеппа, Айнатеппа, Намозҷо I-II, Яланғочтеппа, Геоксюр хеле монандӣ доранд (Массон, 1982, нақш. IX, 21-26).  Ин далелҳо бори дигар шоҳиди онанд, ки коркарди сангу олоти сангӣ хоси фарҳанги кишоварзони қадима мебошанд. Дар он замони санг ашёи асосӣ барои сохтани намудҳои гуногуни олоти корӣ, шикорӣ ва хоҷагӣ будааст.

Тавре, ки ёдрас кардем, дар ин замон ашёи дигари олотсозӣ ин устухон будааст. Аз устухони дасту пои гӯсфанду буз ниёгонамон дарафш, сӯзан, найчаҳо, дастаҳои корду ханҷар, олоти бофандагӣ созанд аз шоху устухони гову говмешҳо олоти заминкобӣ омода мекарданд. Қисме аз

тӯмору бозубандҳо (барои чашм нарасидан – А.И.), дастпонаҳо аз устухони гӯшмоҳиҳои баҳрию укёнусӣ сохта мешуданд. Аз тарзи сохт ва зебогии ин ашёҳо маълум гардид, ки ҳунармандони Саразм дарачаи баланди эстетикиро соҳиб буданд. Бо вучуди ин дар хочагидории ниёгонамон мавқеи асосиро фарҳанги коркарди маъдан ишғол мекард. Ҳанӯз дар сароғози ин намуди ҳунармандӣ, қариб 6000 сол пеш, ноҳияи Панчакент ба яке аз марказҳои калонтарини коркарди маъдан табдил ёфта буд. Ҳанӯз дар ибтидои ҳазорсолаи IV пеш аз мелод дар ин чо аз таркиби сангҳо бо роҳи гудозиш чудо кардани тилло, мис, биринч, сурб, қалъагиро бо тамоми нозукиҳояшон аз худ карда буданд.

Бояд тазаккур дод, ки то кашф шудани деҳшаҳри Саразм, ҳанӯз дар солҳои 20-ми асри гузашта аз сойи деҳаи Ёрӣ табар-тешаи дудамаи биринчӣ дарёфт шуда буд ва аз он вақт инчониб бостоншиносон умедвор буданд, ки дар ҳудуди ноҳияи Панчакент ёдгории асри биринчиро пайдо кунанд. Аммо то кашфиёти Саразм ин муаммо ҳалли худро наёфта буд. Дар навбати худ бостоншинос-таърихшиносон А.И. Тереножкин (1947, с.27), Б.Ғ. Ғафуров (1955), Б.А. Литвинский (1961, с.59), Е.В. Зеймал (1959, с.20) оид ба табар-тешаи Ёрӣ мақолаҳо навишта, решаи тамаддуни сокинони ноҳияи Панчакентро мансуби замони ин давра дониста буданд.

Ниҳоят кашфиёти Саразм ва бозёфтҳои мисию биринчии он, гуфтаҳои олимони номбурда, пеш аз ҳама гуфтаҳои Б.Ғ. Ғафуровро тасдиқ карданд.

Дар зинаи аввали тамаддуни энеолитӣ ниёгонамон коркарди мисро азхуд карда будаанд. Бозёфтҳои мисӣ ҳанӯз он қадар гуногуннамуд, мураккаб ва нафис набуданд. Дар ин давра ҳамагӣ 8-10 намуди асбобу анчомро сохта метавонистанду халос. Ҳоло мо корд, ханчар, дарафш, сархора, устура, чангаки моҳидорию бофандагӣ, сари найзаро дарёфт кардем, ки онҳо дар кору пайкори инсон нақши калон мебозиданд. Ба замми ин якчанд қолибҳои

гилӣ ва кӯраи мисгудозиро пайдо кардем. Маҳз аз рӯи ҳамин далелҳо мо бо камоли қаноатмандӣ гуфта метавонем, ки тамоми марҳилаҳои коркарди мис дар ҳудуди ёдгорӣ ба ҷо оварда мешуданду ниёгонамон барои аз хориҷи Панҷакент овардани он эҳтиёҷ надоштанд.

Қисме аз бозёфтҳои мо аз ҷиҳати сохту шакл ва татбиқ ба бозёфтҳои мисини ёдгориҳои энеолити дигар марказҳои тамаддун монандӣ доранд. Корду ханҷарҳои Саразм ба корду ханҷарҳои ёдгории Ингинлӣ Туркманистони Ҷанубӣ монанд мебошанд (Массон, 1982, нақ. VII) саркораҳо бо бозёфтҳои Геоксюри I ва Анави Туркманистон (Массон, 1982, нақш. VIII) ва Сиалки Эрон (Гиршман, 1938, нақ, 1, XXXIV, 5, 168, 3, 1643) якранганд.

Инчунин бояд гуфт, ки сокинони ноҳияи Панҷакент, пеш аз ҳама Саразмиҳо дар коркарди маъданҳои қиматбаҳо, тилло ва нуқра нисбати дигар ҳамзамонони худ хеле пеш рафта буданд. Аз рӯи намуд ва сифати марҷонҳои тиллоиву нуқрагии «Маликаи Саразм», ки дар бораи он дар поён муфассалтар нақл мекунем, маълум мегардад, ки коркарди ин маъданҳоро ниёгонамон аз ибтидои пайдоиши тамаддун азхуд карда будаанд. Маҳз ҳамин баррасиҳо чӣ бостоншиносони Тоҷикистон ва чӣ хориҷиёнро водор намуд, ки Саразми ноҳияи Панҷакентро яке аз марказҳои нахустини маъданкоркунии Мовароуннаҳр ҳисобанд (Исоқов, Ламберг-Карловский, Колл, Маддин,1987, с.100), (Безенвал, Исоқов, 1989, с.19).

Месазад ба гуфтаҳои боло илова кунем, ки бо ин фарҳанги ҳунармандии сокинони ноҳияи Панҷакент ба охир намерасад. Дарёфти сангҳои гуногуннамуду гуногунҳаҷми мобайнашон барои овехтан ҷӯякдошта далели онанд, ки мардуми ин сарзамин ба бофтани матоъҳои пашмию палосҳо низ шуғл доштаанд. Қолабҳои сангии кафшу чоруқ бошанд аз касби чармгарию пойафзолдӯзии онҳо дарак медиҳанд. Бинобар ин метавон гуфт, ки дар ин ҷо намудҳои дигари ҳунармандӣ низ аз рӯи имкон тараққӣ карда буданд.

**Расму оинҳо**. Аз рӯи намудҳои гуногуни расму оинҳои одамони ҷомеаи ибтидоӣ мо танҳо оид ба дафни аъзоёни ҷомеаи он замона каму беш маълумот додему халос. Ин маълумот дар натиҷаи ҳафриёти гӯрхонаи то ҳол ягонаи Саразм дастрас гардид.

Гӯрхона шакли мудаввар дошта атрофи он бо девори сангӣ иҳота шудааст, ки баландиаш ба 60-75 см баробар аст. Майдони дохили девор ба 150 м$^2$ баробар буда дар қисми марказӣ ва ҷанубу шарқии он панҷ қабри алоҳида дарёфт шуданд. Қабрҳо дарозрӯя ва доирашакл мисли чоҳ кофта шудаанд. дар ду қабр яктоӣ, дар ду қабри дигар дутоӣ ва дар як қабр се ҷасад гӯронида шудаанд. Агар чор қабри аввал 1,20-1,40 метр чуқурӣ дошта бошанд, қабри панҷум 2,80 метр чуқурӣ дошт, тавре ки гуфтем, дар он се ҷасад хобида буданд. Аз як қабри яккаса ғайри устухонҳои ҷасад чизи дигаре ёфт нашуд. Дар чор қабри дигар ҳамроҳи устухонҳо коса, кӯза, ӯрчуқ, марҷону шабаҳои ба фавтидагон мансуб дарёфт шуданд. Маҳз дар натиҷаи батафсил омӯхтани ҷасадҳо ва ашёи дохили қабрҳо мо расму оинҳои дафнкунии одамони замони энеолитро донистем.

Равшан гардид, ки ҳамаи 9 ҷасади кушодашуда, дар қабр якхела хобидаанд. Дастҳои онҳо то сина, пойҳояшон то шикам қат буда, мисли дар батни модар будан ба хок супорида шудаанд. Оид ба ин тарзи дафнкунӣ дар поён алоҳида таваққуф мекунем. Ҳоло мо имконият пайдо кардем, ки тавассути ашёҳои ҳамроҳи ҷасад гӯркардашуда мақоми шахси фавтидаро дар ҷояш муайян кунем. Тарзе, ки ёдовар шудем ҷасадҳо якхела дафн шуда бошанд ҳам аз рӯи ашёҳои ҳамроҳашон дафн шуда мақоми якхела надоштанд. Дар ин маврид қабри панҷум, ки дар он се ҷасад хобидаанд аз дигар қабрҳо бо чуқурӣ (2,80м), паҳно (7 м$^2$) ва бойигариаш бакуллӣ фарқ мекунад.

Аввалан бояд хотиррасон кард, ки ҷасадҳо бо тартиб аз ҳамдигар ҷудо сарҳояшон ба самти ҷанубу ғарб дафн шудаанд. Ҷасади якум зани 19-20 сола буда, сар то по бо

марҷонҳои тиллоӣ, нуқрагӣ, лоҷувардӣ, ақиқӣ ва сангҳои дигар оро дода шудааст. Дастони ӯро дастпонаҳои аз гӯшмоҳии уқёнусӣ сохташуда зеб медоданд. Аз рӯи оне, ки марҷонҳо дар болои сар, аз китф то банди даст ва аз думғоза то панҷаҳои пой бо тартиб ба устухонҳо часпида хобидаанд, тахмин меравад, ки ҳамаи ин ороишҳо ба либоси камзулу шалвори зан дӯхта шуда буданд. Васоити ороишие, ки аз болои сар ёфт шуданд зебу зиннати кулоҳи ӯ мебошанд. 49 адад марҷони аз тиллои холис бо қолиб рехташуда дар паси сару гардан ва китфҳои ӯ парешон хобида буданд. Аз ин ба хулоса омадем, ки онҳо кокулҳои занро оро медоданд. Ғайр аз ин, ҳамроҳи зан ойинаи биринҷӣ санги ӯрчуқ ва дарафши аз устухони пойи мурғ сохташуда, дафн шудаанд.

Ду ҷасади дигар, ки яке марди 21-23 солаву дигарӣ духтарча ё писарчаи 13-14 солаанд, дар тарафи шимолу шарқӣ ва шимолии зан хобидаанд. Дар вақти аз хок тозакунии устухонҳои онҳо ба ҷуз резамарҷонҳои оҳаксангӣ чизе пайдо нашуд. Резамарҷонҳои номбурда дар тамоми майдони қабр ба миқдори зиёде дучор шуданд ва тахмин меравад, ки болои онҳоро бо чодар пӯшида, резамарҷонҳоро ба чодар дӯхта буданд. Худи ҳамин далели он аст, ки ҳар се ҷасадро дар як вақт дафн кардаанд.

Барои таҳлил ва таҳқиқи гӯрхона мо антрополог Г.К. Хӯҷайоврo, ки яке аз мутахассисони хуби илми симошиносист, даъват намудем. Баъди таҳқиқот олим ба хулоса омад, ки ҳамаи ҷасадҳо дар зиндагиашон шаклан ба нажоди ҳинду-аврупоӣ таалуқ дошта, ба одамони Шарқи Наздику Миёна монандӣ доштаанд ва дертар аз ин нажод, тоҷикон, ҳиндуён, эрониён ва ҳатто аврупоиён ташаккул ёфтаанд. Аз ин бармеояд суғдинажодон, ки аҷдодони қадимаи тоҷикони муосиранд дар ҳамин сарзамин, дар водии Зарафшон ташаккул ва рушд ёфта будаанд. Ин исботи он аст, ки ниёгони мо аз ҷое наомадаанд ва дар тӯли ҳазорсолаҳо дар замини бобоёнамон шаҳрҳо, деҳаҳо, қасру кӯшкҳо бино карда аз насл ба насл мерос гузоштаанд.

Акнун бармегардем ба таҳлилу таҳқиқи ҷасади зане, ки бо зару зевари қиматбаҳо дафн шуда буд. Бояд таъкид намуд, ки ин гуна гӯрхонаи бойи замони энеолит дар таърихи мардуми Мовароуннаҳр бори аввал кашф шудааст. Ин кашфиёт барои муайян намудани дараҷаи рушд ва фарҳангу бойигарии одамони ҷомеаи ибтидоии Панҷакент аҳамияти калоне дорад. Шабаву марҷонҳо ҳамагӣ аз сангҳои гуногуни қиматбаҳо сохта шуда хеле рангорангу гуногуннамуданд, зимнан қисме аз онҳо, хусусан лоҷуварду ақиқ дар водии Зарафшон то ҳол дарёфт нашудаанд. Ба замми ин дастпонаҳои аз ниқоби гӯшмоҳӣ сохташуда, ки дастони занро зеб медоданд, танҳо дар ёдгориҳои дар соҳили баҳру уқёнусҳо ҷойгиршуда ёфт мешаванд. Ҳол он, ки дар водии Зарафшон на баҳр ҳасту на уқёнус. Аз ҳамин сабаб бояд гӯем, ки он васоити ороишӣ, пеш аз ҳама марҷонҳо ва дастпонаҳоро шояд тоҷирони Ҳинду Балуҷистон ба Саразм оварда бошанд. Агар ин ақида асоси илмӣ пайдо кунад, пас ба хулоса омадан мумкин, ки ибтидои робитаҳои иқтисодии сокинони Саразм бо кишварҳои дурдаст таърихи қариб 6000 сола дорад.

Дар ин маврид саволе ба миён меояд, ки тоҷирони хориҷӣ аз Панҷакент чиҳо мебурданд? Дар ин бора бидуни шубҳа гуфта метавонем, ки яке аз воситаҳои тиҷоратии ниёгонамон маъданҳои гуногун: тилло, нукра, мис, сурб ва қалъагӣ будаанд. Ин фикри моро ороишоти қиматбаҳои аз гӯрхонаи зан дарёфтшуда тасдиқ менамояд. Азбаски мо оид ба робитаи Саразмиҳо бо ҳамзамонони худ дар поён накл карданӣ ҳастем, ҳоло ба ин масъала мувaққатан хотима медиҳем ва оид ба расму оини дафнкунии одамони ҷомеаи ибтидоӣ чанд сухан мекунем.

Тарзе, ки ёдрас шуд, ҷасадҳо дар шакли батнӣ бо дасту пойҳои қаткардашуда дарёфт шуданд. Оид ба чунин намуди дафнкунӣ аз ҷониби бостоншиносон фикру ақидаҳои гуногун баён шудаанд. Масалан, бостоншинос А.М. Манделштам ду ақидаро пешниҳод карда буд, якум дасту пойро қат карда дафн кардан ин ҳолати хоб ё истироҳати

одамро нишон медиҳад; дуюм мумкин чанд муддат пеш аз дафн кардан дасту пойи мурдаро баста бошанд. (Манделштам, 1968, с.111). Ба фикри ман ин тарзи дафнкунӣ маънои ба ҳолати батнӣ баргардонида ба олами дигар фиристодани инсон мебошад. Яъне одамони ҷомеаи ибтидоӣ дар таърихи зиндагии одам шояд се давраро ба инобат гирифта бошанд. Даври якум – зиндагии кӯдак дар батни модар, ки бо дасту пойҳои қатшуда рушд меёфт, дуюм – зиндагии вай дар замин, сеюм – ба дунёи дигар рафтани он. Эҳтимол, аз ин хотир дар ҷомеаи ибтидоӣ дасту пойи фавтидагонро қат карда, ба ҳолати батнӣ баргардонида ба хок месупориданд. Аҳли ҷомеа ба мавҷуд будани олами дигар боварӣ доштанд. Маҳз аз ҳамин сабаб ҷасадро бо ашёҳои ба ӯ таалуқдошта якҷоя дафн мекарданд. Ҳатто дар баъзе қабрҳои замони энеолит ва биринҷӣ ҳамроҳи шахси фавтида гӯсфанд ё қисме аз онро чун ғизои муваққатӣ зери хок мекарданд.

Аз ҳамин сабаб ҷасади зане, ки дар гӯрхонаи Саразм пайдо шуд, дорои бойигарии зиёде буд. Ин ба ақидаи мо мақом ва мартабаи занро муайян мекард. Аз он, ки ороишоти занро шахсе мерос нагирифтааст ва баъди дафн касе даст нарасонидааст, маълум мегардад, ки одамони ҷомеаи ибтидоӣ комилақл будаанд. Онҳо моли касро ҳаром мешумоpидаанд, ба пиндори онҳо бойигарие, ки ба соҳибаш насиб накардааст ба каси дигар низ насиб нахоҳад кард. Ба ҳар ҳол, фикру ақидаи онҳоро пурра баён кардан душвор аст. Бо вуҷуди ин, ақидаи мавҷудияти дунёи дигар ва аз нав зиндашавии ҷон аз замонҳои санг ва энеолит пайдо шуда то ҳол идома мекунад.

# ФАРҲАНГИ ЗАМОНИ БИРИНҶӢ

Аз нимаи дуюми ҳазорсолаи III пеш аз мелод қариб ҳамаи қабилаҳои ҷомеаи ибтидоӣ гудохтани биринҷиро азхуд карданд. Ин аз онҳо дониш ва маҳорати баландро талаб мекард. Маъдани мис, ки нисбати дигар маъданҳо мулоим буд, дар бисёр корҳои хоҷагӣ – кандани сангҳои маъдандори кӯҳӣ, буридани дарахтҳо, тайёр кардани болори хонаҳо, кофтани каналу ҷӯйборҳо он қадар мувофиқ набуд. Барои ин корҳо маъдани аз мис сахттар лозим буд. Биринҷӣ чунин хӯла буда метавонист барои корҳои дар боло зикршуда истифода шавад. Барои ба даст даровардани хӯлаи биринҷӣ одамони ибтидоӣ ба таркиби мис қалъагиро илова карда онҳоро якҷоя гудохтанд. Акнун олоти аз биринҷӣ сохташуда хеле мустаҳкам ва бадошт буданд. Баробари ин олоти корию рӯзгор хеле гуногуннамуд ва хушсифат шуданд. Аммо бо вуҷуди комёбиҳо дар роҳи ихтироъи метали нав биринҷӣ олоти сангиро аз хоҷагӣ ва рӯзгор танг карда баровардан натавонист. Ин марҳилаи рушди истеҳсоли ҷомеаи ибтидоиро Ф. Энгелс чунин шарҳ дода буд: «Мис ва қалъагӣ, инчунин биринҷие, ки аз омезиши онҳо ҳосил мешавад, муҳимтарин навъҳои метал буданд, биринҷӣ яроқ ва асбобҳои боб диҳад ҳам асбобҳои сангиро аз истифода бароварда натавонист, ба ин кор танҳо зӯри оҳан мерасад, аммо оҳанро ҳанӯз ҳосил карда наметавонистанд» (Энгелс, 1967, с.186-187).

Бо оне, ки асри биринҷӣ нисбати асри мис – энеолит қариб 2000 сол дертар ташаккул ёфт, ёдгориҳои ин давра қариб дар тамоми сарзамини Осиёи Марказӣ кашф карда шуданд. Дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза асри биринҷӣ дар мавзеъи дашти Қайроқум, водии Ҳисор, Вахш, Хатлон ва Бадахшон ба миқдори зиёд пайдо шудаанд. Қариб аксарияти бозёфтҳои мавзеъҳои номбурда дар «Таърихи халқи тоҷик» (1963, ҷ. I, с.110-127), «Тоҷикон» (Ғафуров, 1983, с.33-37) ва дигар асару мақолаҳои бостоншиносони ватанию хориҷӣ баррасӣ гардида буданд. (Литвинский,

1954а, 1954б; Литвинский, Окладников, Ранов, 1962; Зеймал, 1958; Манделштам, 1989; Пянкова, 1989).

Тавре, ки ёдрас намуда будем, кашфиёти деҳшаҳри Саразм дар ҳаллу фасли фарҳанги ҷомеаҳои ибтидоӣ, энеолитӣ ва биринҷӣ мақоми воло дорад. Зеро аз рӯи бозёфтҳои ин ёдгорӣ мо нафақат фарҳанги давраҳои қадимтарини ноҳияи Панҷакент, балки водии Зарафшонро таҳлил карда метавонем. То кашфиёти Саразм бостоншиносон дар ин водӣ якчанд бозёфтҳои алоҳида ва даҳҳо ёдгориҳои асри биринҷиро кашф карда буданд, аввали омӯзиши Зарафшон табари биринҷии деҳаи Ёрӣ (Тереножкин, 1948, с.36-37), зарфи биринҷии деҳаи Фатмев (Луконин, 1977, с.40), гӯрхонаҳои деҳаи Чорбоғ (Ёқубов, 1980, с.169), дашти Ӯрдакон ва ёдгориҳои бостоншиносии Замон-бобо (Ғуломов, 1956; Ғуломов, Исломов, Аскаров, 1966; Аскаров, 1962) маъхазҳои муҳимтарини бостоншиносӣ буданд.

Аз соли 1977 ҳафриёти Саразм дар омӯзиши тамоюлҳои гуногуни фарҳанги моддӣ ва маънавии сокинони ҷомеаи ибтидоии на танҳо ноҳияи Панҷакент, балки тамоми водии Зарафшон табаддулоти куллӣ дохил намуданд. Ҳоло имконият дорем тамоми марҳилаҳои рушди хоҷагии истеҳсолӣ, тағйиру такмилёбии маънавиёти водиро баррасӣ намоем, ки дар тӯли ҳазорсолаҳои III ва II-юм рушд ёфтанд. Бинобар ин пеш аз ҳама бояд оид ба давраҳои алоҳидаи асри биринҷӣ истода гузарем.

Асри биринҷии ноҳияи Панҷакент дар давоми се давраи алоҳида ривоҷу равнақ ёфтааст. Давраи якум ин давраи ибтидоӣ буда аз нимаи дуюми ҳазорсолаи III то аввали ҳазорсолаи II (2500-2000 сол то мелод), давраи дуюм давраи мобайнӣ аз аввал то миёнаи ҳазорсолаи II (2000-1600 сол то мелод), давраи сеюм давраи охири асри биринҷӣ аз мобайни ҳазорсолаи II то аввали ҳазорсолаи I (1400-1000-900 сол то мелод) давом кардаанд. Чунин тақсимоти асри биринҷӣ имконият медиҳад ҳар як давраро, ки хусусиятҳои ба худ хос доранду аз якдигар фарқ мекунанд, алоҳида шарҳу эзоҳ диҳем. Дар ҳалли ин қазия бояд далелу исботҳои тамоми

ёдгориҳои асри биринҷии Панҷакентро истифода намоем. Хотиррасон бояд кард, ки давраи ибтидоии асри биринҷӣ пас аз ба охир расидани замони энеолит оғоз меёбад.

Фарҳанги мадании ин давраҳо аз қабатҳои мадании III-IV-уми деҳшаҳри Саразм дарёфт шуданд. Онҳо аз хонаву биноҳо, кӯчаву ҳавлиҳо, олоти сангӣ, мисӣ, биринҷӣ, сурб, нуқра, тилло, зарфҳои сангӣ, гилӣ, ҳайкалчаҳои гилӣ, мӯҳрҳо ва марҷону шабаҳо иборатанд. Фарқи осори фарҳанги моддии зиндагонии ҷомеаи ибтидоии замони энеолит дар он, ки дар ин давра миқдор ва сифати олоти истеҳсолию хоҷагӣ тағйир ёфтанд. Ғайр аз ин, давраи сеюми Саразм (Саразм III) давраи болоравии шароити зисти мардум мебошад, ки дар натиҷаи он биноҳои истиқоматӣ, ҷамъиятӣ ва хоҷагӣ пайдо шуданд. Фарҳангҳои кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозӣ пайи ҳамдигар асоси шуғли қабилаҳо буданд. Аз нимаи дуюми ҳазорсолаи III-юми пеш аз мелод, 4500 сол қабл аз ин, сокинони ноҳияамон соҳиби иқтисодиёти нисбати замони худ тараққикарда буданд, ки ин сабабгори асосии оғози робитаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ бо кишварҳои дигар гардид.

Барои дастраси умум гардидани тамоюлҳои гуногуни фарҳанги замони биринҷии барвақт дар ин фасл намудҳои хоҷагидории ниёгонамонро алоҳида-алоҳида баррасӣ менамоем.

**Кишоварзӣ ва чорводорӣ.** Дар ин соҳаҳо одамони ҷомеаи ибтидоӣ он малакаю комёбиҳоеро, ки дар давраи асрҳои сангу мис – энеолит ба даст оварда буданд, басе такмил доданд. Ин пеш аз ҳама дар хоҷагии истеҳсолӣ истифода намудани олоти нави заминкобӣ аз биринҷӣ, ба монанди зоғнӯл, бел ва қувваи ҳайвонот – барзагову хачир мебошад. Олоти нав ба онҳо имконият доданд, ки майдонҳои васеъро ҷуфт карда, оби чашмаҳою сойҳоро ба воситаи ҷӯйборҳо ва каналҳои начандон калон ба киштзорҳо равона кунанд. Вале иҷрои ин кор ба ҳамаи қабилаҳо дастрас набуд.

Сокинони қадимтарини ноҳия пеш аз он, ки мавзеъи Саразмро қароргоҳи доимии худ интихоб кунанд, шояд ду чизи асосӣ – мавҷудияти оби доимӣ ва замини кушод – хокрезро ба назар гирифта бошанд. Ба ин мавзеъ дар ҳамон замон аз доманаи шимолии кӯҳи Зарафшон оби зиёде мефаромад. То ҳол мавҷуд будани сойҳои Қирқарча, Шӯронова, Ямонқия ва сойи Мӯрчаҳо гуфтаҳои болоро тасдиқ мекунанд. Таҳқиқу таҳлили шароити табиии маҳал нишон дод, ки Саразмиҳои қадим ду имконияти обшоркунӣ доштаанд. Якум, аз рӯи ривоятҳо, оби аз сойҳои номбурда, пастхамии қисми ҷанубии деҳшаҳри Саразм ҷамъшуда кӯл мешуданд, ки онро халқи маҳал Ойимкӯл меномиданд (Исоқов, 1986, с.152). Дуюм, дар дохили деҳшаҳр 5 ҳавзҳои обҷамъкунӣ буданд, ки майдони ҳар кадоми онҳо аз 0,25 то 0,50 гектар буда то 5 метр чуқурӣ доштанд. Онҳоро бевосита обанборҳои қадимтарин шумоaccording мумкин аст. (Исоқов, 1991а, с.5., Эшонқулов, 1989, с.5). Ниҳоят, ҳанӯз дар асри биринҷӣ ниёгонамон масъалаи аз обхезӣ эмин мондани ҷойи истиқомат, киштзору хоҷагиҳои дигарашонро ҳаллу фасл намуда буданд. Онҳо аз Ойимкӯл то дарёи Зарафшон аз мобайни деҳшаҳр канали васеъияш зиёда аз 5 метр, чуқуриаш 4 метр ва дарозиаш қариб 300 метр кофта, онро низ дар мавриди зарурӣ дар ғункунии обу обёрии киштзорҳо истифода мекардаанд. Туфайли ҳамин қабил тадбирҳо одамони асри биринҷӣ хоҷагии кишоварзии худро оҳиста-оҳиста рушд додаанд. Ғайр аз ин, модоме ки то ҳол дар ноҳияамон қисми зиёди гандуму ҷав, зағиру нахӯд бо тарзи лалмӣ рӯёнида мешаванд, пас метавон гуфт, ки ин тарзи кишоварзӣ дар асри биринҷӣ оғоз ёфта буд. Ин далелҳо водор менамоянд, ки оид ба мавқеи фарҳанги кишоварзӣ муфассалтар истода гузарем.

Аввалан дар асри биринҷӣ, нисбати асри мису-санг намудҳои ғалладонагии киштӣ афзуданд. Дар натиҷаи флотатсия (полидани хок – А.И.) ки аз тарафи бостоншиносон Р.М. Безенвал, Вил Кокс ва палеоботаники Фаронса А.П. Франкфорт гузаронида шуд, маълум гардид,

ки дар замони биринҷӣ ғайр аз ҷав инчунин гандум, мушунг ва арзану нахӯди кӯҳӣ низ кишт мекардаанд. Албатта ба таври маданӣ кишт намудани онҳо гарави асосии ҳосилнокӣ буд. Аз рӯи ҳисоби мо онҳо имкон доштаанд аз як гектар замини обӣ то 1200 кг, лалмӣ то 800 кг гандум рӯёнанд. Дар ҳамин давра кишоварзони ёдгории резишгоҳи дарёи Мурғоби Туркманистони Ҷанубӣ 800-1000 кг ҷаву гандум мегирифтанд. Дар ҳолати 50 гектар заминро кишт кардан онҳо соҳиби 4000-5000 кг ғалла мешуданд. Дар Месопатамияи ҷанубӣ (резишгоҳи Даҷла ва Фурот – А.И.) ҳосилнокии як гектар замини обӣ 1200-1400 кг буд. (Шнирелман, 1988, с.12).

Захираи иловагии ғалларо одамони замони биринҷӣ аз ҳисоби ғалладонаҳои худрӯи доманакӯҳҳо меғундоштанд. Муҳаққиқ И.И.Хлопин мисол меорад, ки дар ибтидои асри XX дар назди ш.Кӯшкан Туркманистони Ҷанубӣ майдони ҷави худрӯй то 5 гектарро ташкил мекардааст ва одамон онро медаравиданд. Шароити табиии атрофи Саразм дар деҳаҳои Қирқарча, Шӯрнова ва соҳили дарёи Зарафшон низ шаҳодат медиҳанд, ки дар ин ҷойҳо заминҳои зиёди ғалладонаи худрӯй мавҷуд буданду сокинони Саразм онҳоро даравида ба хамбаҳояшон ҷой мекарданд. Далели охирин он, ки то ҳол дар сойҳои деҳаи Мазори ноҳияамон рустании худрӯй – ҷавдор рӯида дон мебандад.

Оид ба фаровонии ғалладона дар асри биринҷӣ далелҳои дигари баҳснопазир ҳастанд. Дар натиҷаи ҳафриёти биноҳои I, III ва VII ӯраҳои махсуси ғалланигоҳдориро дарёфт намудаем. Аз байни онҳо анбори ғаллаи бинои III ҷолиби диққат аст. Анбори номбурда аз се хонаи дарозиашон 11 ва барашон 1,20 метр иборат аст. Онҳо дари даромад надоштанд ва худи ҳамин ишораи он аст, ки онҳо хонаҳои истиқоматӣ шуда наметавонистанд. Пас онҳоро хонаи ғалланигоҳдорӣ номидем. Аз рӯи ҳисоби мо дар ин се анбор сокинони Саразм аз 50,000 то 60,000 кило ғалла нигоҳ дошта метавонистанд (Исоқов, 1991а, с.128).

Дар асри биринчӣ ҷомеаи синфӣ пайдо нашуда буд, меҳнат ва маҳсулоти он шакли умумиҷамоатиро доштанд. Шояд ҳамин сохтори ҷамъиятӣ дар як ҷой доштани ҳосили ғалладонаро талаб карда бошад. Аз сабабе, ки аз ҳаёти сиёсии он замона ягон ҳуҷҷат нест ва буданаш низ имкон надошт, муҳаққиқон бар онанд, ки сардорони оила ва қабила тарзи меҳнат, тақсимоти даромад ва тартиботи зиндагиро ба мизони муайян медароварданд. Маҳз онҳо лозим дониста буданд, ки ғаллаи аз талаботи солонаи зиндагӣ зиёдатиро дар як ҷойи алоҳида нигоҳ дошта минбаъд мувофиқи талаботи истеҳсолкунандагон сарф намоянд. Шояд дар ин ҷо пешвоёни қабила ғаллаи ҷамъиятиро захираи эҳтиётӣ меҳисобиданд, то барои тухмиву хушксолӣ истифода кунанд.

Баробари ин дар ҳафриёти I ва VII бостоншиносон Ҷ. Исоқов ва Р. Безенвал дар биноҳое, ки ба як авлоди сернуфуз мансуб буд, ӯраҳои барои нигоҳдории ғалла ва мева махсусро дарёфт карданд. Дар бинои I се хоначаи аз хишти хом сохташудаи ҳаҷмашон ба 1,50х1 метр баробар буда дар назди девори хонаи калони дарозиаш 4 ва бараш 2,50 метр ҷойгир шудаанд. Дар бинои VII бошад ин гуна хамбаҳо 7 адад мебошанд. Ҳарчанд дарозии онҳо якхела – 1,60 метр мебошанд, васеъии онҳо аз 60 см то 100 см буданд. Ҳамаи деворҳои байни онҳо мисли хамбаҳои бинои I, аз хишти хом сохта шуда аз ду тараф бо коҳгили нафис андова шудаанд. Тарзи сохт ва гуногунҳаҷмии онҳо далели онанад, ки аввалан оилаҳои сернуфуз соҳиби миқдори зиёди ғалла будаанд, баъдан саразмиҳо чор-панҷ намуди ғалладонагиро кишт мекардаанд ва барои ҳар як намуди он ӯра-хамбаҳои махсус тайёр кардаанд.

Акнун оид ба нигоҳдории ғалла дар ӯра-хамбаҳо истода мегузарем. Дар ӯра-хамбаҳо гили нигоҳдории ғалла, ки ҳунари хеле деринаи одамизод мебошад, молида мешуд.

Дар саргузашти ҳазрати Юсуф мехонем, ки вай хоби шоҳи Миср – Маликро чунин таъбир кардааст. Пас аз ҳафт соли фаровонии неъмат ва хайру баракат, хафт соли хушкию қаҳтӣ падид ояд ва хӯшаи хушк, ки ба он хӯшаи

сабз печида буд, аломати он аст, хушкӣ бар тарӣ ғолиб ояду қаҳтӣ даррасад... бар он, ки бояд дона дар хӯша гузоранд ва чира кунанд, то офат набинаду солҳо маҳфуз монад. (Салфуннволзин, 1991, с.53). (Сайфулвоизин)

Ҳамин тариқ, ба далели боло такя карда метавон гуфт, ки сокинони Саразм роҳи дар анборҳо солҳои дароз нигоҳ доштани ғалладонаро азхуд карда буданд.

Одамони асри биринҷӣ дар бахши чорводорӣ низ хеле пеш рафтанд. Акнун баробари хонагӣ кардани ҳайвоноти майда, ки ба он дар замони энеолит (сангу-мис – А.И. ) шурӯъ карда буданд, ромкунии ҳайвоноти калон: асп, гов ва хачирро сар карданд. Хусусан баъд аз хонагӣ кардани гову говмешҳо баробари соҳиби маҳсулоти ширӣ ва равған шудан, соҳиби ҷуфти гов ва бархаш низ гардиданд. Дар хоҷагӣ истифода бурдани барзаговҳо ба онҳо имконият дод, ки ҳама гуна бору ашёро аз ҷойи дур то манзили худ биёранд. Вале дар иқтисодиёт ва ҳунармандӣ мавқеи бузу гӯсфанд ҳоло ҳам калон буд. Аввалан онҳо хӯроки зиёдеро талаб намекунанд, баъдан пашму пӯст ва устухони онҳо барои либос, пойафзол ва олоти рӯзгор истифода шаванд, гӯшту равғанашон асоси хӯрока буданд. (Исоқов, 1991б, с.23).

Дар муайян кардани таносуби олами ҳайвоноти деҳшаҳри Саразм олими Фаронса Ж. Десс ва олими Россия А.К. Каспаров иштирок карданд. Аз рӯи таҳқиқоти онҳо маълум гардид, ки сокинони Саразм дар хоҷагии худ 87% моли майда: буз, гӯсфанд, хук, 108$^{1}/_{4}$, гову говмешҳо 1$^{1}/_{4}$, саг доштанд. Дар байни устухонҳои омӯхташуда 1,9% - устухонҳои ҳайвоноти ваҳшӣ дучор шуданд. (Раззоқов, 1994, с.14).

Аз рӯи ин далелҳо метавон гуфт, ки дар асри биринҷии аввал сокинони ноҳия ва пеш аз ҳама деҳшаҳри Саразм хоҷагии дар замони худ нисбатан пешрафтае доштаанд, ки асоси иқтисодиёти онҳоро ташкил мекардааст.

# ФАРҲАНГИ БИНОКОРӢ. ПАЙДОИШИ АВВАЛИН ШАҲР ДАР СУҒД

Пешравии хоҷагии кишоварзӣ ва чорводорӣ, ки яке аз омилҳои болоравии иқтисодиёт гардиданд ба рушди фарҳанги сохтмонӣ таъсири худро расониданд. Дар давраи аввали асри биринҷӣ меъморону муҳандисон чор намуди аз ҳамдигар фарққунандаи бинокориро дар деҳшаҳри Саразм ҷорӣ карданд. Ҳар яки онҳо аз ҷиҳати сохт, тартиби ҷойгиршавӣ, санъати меъморӣ ва иҷроиши мақсад аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар симои биноҳои кофташуда якум хонаҳои истиқоматии аъзоёни ҷомеа; дуюм ғаллахонаҳо, анбор, хамбаҳо ва қазноқҳои хоҷагӣ; сеюм маъбаду парастишгоҳҳо; чаҳорум қасру бӯстонсаройҳоро фарқ кардан умкин аст.

Дар рафти кофтуков муяссар шуд, ки аз 11 ҳафриётгоҳ зиёда аз 150 асарҳои сохтмони ниёгонамонро кушода нақшаи аввалаи онро барқарор кунем. Аз рӯи сохт, миқдор ва ороиши онҳо мазмун ва соҳаи татбиқи ҳар як хонаву толор муайян шуданд. Хонаҳои истиқоматии оилавӣ, авлодӣ ва ҳатто қабилавӣ гурӯҳ-гурӯҳ дар тамоми майдони ёдгорӣ паҳн шудаанд. Барои оила аз 2 то 4 хона, барои авлод аз 10 то 20 хона, барои қабила аз 20 то 80 хонаҳо мансуб буданд. Оид ба миқдори хонаҳои қабилавӣ маълумоти мо пешакист. Зеро то ҳол истиқоматгоҳи қабилавиро кофта ба охир нарасонидаем. Пешниҳоди мо шояд пас аз пурра кофта шудани яке аз массивҳои истиқоматӣ дигаргун гардад. Ба ҳар ҳол, тибқи маълумоти мавҷуда метавон гуфт, ки оилаҳои давраи аввали асри биринҷӣ дар 2-5 хонаҳои майдонашон аз 12 то 40 м$^2$ буда истиқомат мекарданд. Тарзи зисти оила ва авлод нисбати замони энеолит (сангу-мис – А.И.) қариб тағйир наёфтааст. Оилаҳо, ҳарчанд аз якдигар ҷудо шуда бошанд ҳам, дар доираи авлоди худ, дар як бинои калони бисёрҳуҷра умр ба сар мебурданд. Дар навбати худ биноҳои авлодӣ низ дар як массив ҷойгир шудаанд, ки танҳо бо

кӯчаву тангкӯчаҳо ва ҳавлиҳои васеъ аз якдигар ҷудо шудаанд. Кашф шудани 12 бинои авлодӣ дар ҳафриётгоҳи II-и Саразм узви як қабилаи калон будани истиқоматкунандагони биноҳоро исбот менамояд. Ҳамаи онҳо якҷоя тарзи сохтмон ва ҷобаҷогузории хонаҳои деҳаҳои имрӯзаи Чоркӯҳ ва Ворухи Исфара, Ворӯ, Артуч ва Шинги Панҷакентро мемонанд.

Қисмати дуюми сохтмонҳо – амбору ғаллахонаҳо, қазноқҳо ва молхонаҳои оилавӣ ва авлодӣ бевосита ба хонаҳои истиқоматӣ пайваст буда аз кӯча ё ҳавлӣ даромадгоҳи алоҳида доранд. Аз рӯи сохт ва масоҳат онҳо аз хонаҳои истиқоматӣ фарқ мекунанд. Сохтмончиён дар бино намудани онҳо меҳнати зиёде сарф накардаанд, деворҳои онҳо мисли дохили хоначаҳо танганд. Ин далел аз оғози хоҷагидории одамони ҷомеаи ибтидоӣ дарак медиҳад.

Дар ҳафриёти III бинои махсус барои нигоҳдории анбори ҷамъиятӣ кушода шуд. Дар ин бино дараҷаи олии санъати меъморӣ-муҳандисии ҷомеаи ибтидоиро мебинем. Онҳо пеш аз оғози сохтмон майдони бинои ояндаро хеле моҳирона ҳамвор намуда дар болои он аз хиштҳои ҳаҷмашон 59х29х10, 59х30х10, 54х29х11 см таҳкурсии яклухти баландиаш 70 см сохтаанд. Ниҳоят пас аз тайёр шудани таҳкурсӣ дар болои он 12 хона бино намудаанд, ки 8 хонаи он чоркунҷаи ҳаҷмашон 3х3,75, 3х3 метр буда, чортогӣ дар ду қатор, дар мобайни таҳкурсии майдонаш 15х15 метр ҷойгир шудаанд. Дар ду тарафи хоначаҳои номбурда 2 ададӣ 4 адад хонаҳои дарозрӯяи масоҳаташон 11х1, 10х1, 20х1м сохтаанд.

Тибқи татбиқ 8 хоначаи мобайнӣ истиқоматгоҳ буда, 3 хонаи дарозрӯяи канора амбори ғалладона ва озуқаворӣи дигар будаанд, ки оид ба он дар боло нақл карда будем.

Шакли сеюми фарҳанги сохтмонро дар маъбадҳо ё марказҳои парастишгоҳ мебинем. Дар аввали асри биринҷӣ он парастишгоҳҳои оилавие, ки дар замони сангу-мис (энеолит – А.И.) амал мекарданд, моҳияти худро гум карданд. Агар дар ин давра оилаҳо дар авлод муттаҳид

бошанд, дар асри биринҷӣ авлодҳо дар атрофи қабила муттаҳид шуда ҷамоаи калонеро ташкил кардаанд. Маҳз аз ҳамин сабаб ҷо-ҷо дар деҳшаҳри Саразм ибодатгоҳҳо ва парастишгоҳҳои басе мукаммал пайдо шуданд. Ҳоло дар ин ҷо ду ибодатгоҳ (биноҳои IV ва IX) дарёфт шудаанд, ки чӣ аз ҷиҳати нақша ва чӣ аз ҷиҳати ороишу шакли оташгоҳ аз ибодатгоҳҳои замони пешина – энеолит фарқ мекунанд.

Ибодатгоҳи бинои IV аз се саҷдахона ва 6 хонаи истиқоматию ёрирасон иборатанд, ки майдони умумии онҳо қариб 150 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар мобайни се хонаи он оташгоҳҳои чоркунҷаи масоҳаташон 65х65, 70х70 ва 100х105 см ҷойгир шуданд, ки дар миёнаи ҳар яки онҳо чуқурчаи оташнигоҳдорӣ мавҷуд аст. Аз онҳо як хона ва як толор, ки бо як девор аз ҳамдигар ҷудоянд байни худ дари даромад доранд. Хонаи якум 4х7м, дуюм 7х8м масоҳат доранд. Оташгоҳи дар мобайни он ҷойгирифта (100х105см) аз оташгоҳҳои хонаҳои дигар нисбатан калон буда ба васеъии масоҳати хона мувофиқ аст.

Аз ин хотир хонаро толор номида, онро маркази саҷдагоҳ ва баҷоории оинҳои парастиши оташ мешуморем. Ин гуфтаҳоро порчаҳои гиландоваҳои дар болояшон нақшдошта тақвият медиҳанд. Нақшҳо шакли секунҷа, чоркунҷа, салибӣ дошта бо рангҳои сурх, ҷигарӣ, зард ва кабуд кашида шудаанд. Аз рӯи ин бозёфтҳо ба хулоса омадем, ки чӣ толор ва чӣ оташгоҳ дар замони худ намуди хеле зебо доштаанд. Бузургии толор ба он ишора мекунад, ки дар маросими парастиши оташ ва дигар расму оинҳо дар он то 50 нафар якҷоя иштирок карда метавонистаанд.

Қайд кардан даркор аст, ки чунин марказҳои парастишгоҳӣ дар Саразм кам набуданд. Парастишгоҳи бинои аз тарафи бостоншинос А. Раззоқов дар ҳафриётгоҳи IX кашфшуда аз парастишгоҳи дар боло зикршуда бо тарзи сохт ва хоначаҳои ёрирасон бакуллӣ фарқ мекунад. Ин парастишгоҳ низ аз толори маркazии масоҳаташ 7х7 метр иборат буда айнан дар мобайни худ оташгоҳи чоркунҷаи

75х75 см дорад. Дар назди оташгоҳи ин толор порчаҳои андоваи дар болояш нақшдошта дарёфт шуданд, ки намуди нақшу рангҳои онҳо ба чунинҳои бозёфти толори ҳафриётгоҳи IV шабоҳат доштанд. Илова ба ин, дар ин ҷо порчаҳои панҷараи аз санг сохташуда низ дарёфт шуданд, ки он дар ёдгории Саразм ва дигар ёдгориҳои Осиёи Марказӣ то ҳол дарёфт нашуда буданд.

Фарқи дигари маркази дуюми ибодатгоҳ аз аввала боз дар он аст, ки толори марказиро аз се тараф роҳравҳои барашон 1,10-1,20 метраи бо даромадгоҳ алоқаманд иҳота кардаанд. Албатта дар ин ҷо болоравии тарзи сохтмони бинои ҷамоатиро мебинем.

Мувофиқи ин ду маркази ибодатӣ ё парастишгоҳ ба хулоса омадем, ки ҳардуи онҳо маркази парастиши оилавӣ ва ҳатто авлодӣ набуда, балки қабилавӣ-ҷамъиятӣ мебошанд. Ин шаҳодат медиҳад, ки ташаккули сохти ҷамъиятии модар-шоҳии қабилавӣ ба охири асри энеолит ё аввали асри биринҷӣ рост меояд. Ин ақида дар симои қасри пешвоёни Саразм қавитар мегардад.

Намуди чоруми фарҳанги сохтмонӣ ин қасру бӯстонсаройҳои пешвоёни қабила мебошад. То ҳол дар деҳшаҳри Саразм яктои онро дар ҳафриётгоҳи V кашф кардаем. Ин бино аз рӯи сохт ва намуди дохилию беруна яке аз иморатҳои боҳашаммати қадимтарини ноҳияи Панҷакент ба шумор меравад. Бино аз 7 хонаҳои алоҳидаи тавассути даромадгоҳи ягона ба ҳамдигар алоқаманд иборат аст. Майдони он беш аз 164 метри мураббаъ буда аз дигар биноҳои ҷамъиятии деҳшаҳри Саразм бакуллӣ фарқ мекунад. Пеш аз ҳама фарқиятро дар шукӯҳу ҳашмати толори марказӣ мебинем. Толор чоркунҷа буда тарафҳои он ба 7,75х9м баробаранд, дар мобайни фарши толор оташгоҳи мудаввари буриши кундалангиаш 1,30м ҷойгир аст. Илова ба ин, дар танаи девори шимолии толор панҷ панҷара барои даромадани рӯшноиву ҳаво бурида шудаанд. Мавҷуд будани панҷараҳо ба он далолат мекунад, ки толор барои ҷамъ

омадани сардорони қабила ва ҳалли масъалаҳои калони ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст. «Доҳӣ»-и қабилаҳои Саразм қудрати ба ҳузури худ хондани 70-75 нафар сардорони қабила ва «падари бузургвор»-и оилаҳои калонро доштааст.

Баъди таҳлили сохти меъмории «қасри доҳӣ» ба хулоса омадем, ки толор ду вазифаро адо мекардааст. Якум, пеш аз ҳама толори қасрро, дуюм вобаста ба оне, ки дар мобайни он оташгоҳ сохтаанд, дар вақти зарурӣ ҳамчун парастишгоҳи оташи муқаддас низ истифода мешудааст.

Ба ҳам тавъам будани маъбад ва қасри доҳӣ дар Шумери қадим дар ҳазорсолаи III пеш аз мелод мушоҳида шуда буд. Аз рӯи навишти бостоншинос С. Ллойд «Дар ин давра ҳокимони шаҳр – давлат соҳиби қасрҳои калон буданд: мумкин аст пайдоиши қасрҳо ва дар дохили онҳо гузаронидани баъзе амалиётҳо ба кӯчакии ҳаҷми маъбад таъсир расонида бошад» (Ллойд, 1984, с.132). Дар ёдгории Олтинтеппа низ бинои қасри ҷомеавӣ - «Хонаи доҳӣ» дарёфт шуд, ки майдонаш 7,5х15 метр буда дохили толор ба 100 метри мураббаъ баробар буд (Массон, 1981а, с.46). Хулоса, далелҳо собит менамоянд, ки пайдоиши қасрҳои доҳиёни қабила ҳанӯз дар асри биринҷӣ ба расмият даромада буд.

Ҳамин тариқ, фарҳанг ва санъати меъморӣ-муҳандисӣ баробари болоравии омилҳои истеҳсолӣ ва иқтисодӣ тараққӣ кардааст. Ин ақидаро бозубанди тиллоии дар яке аз хонаҳои маъбади бинои IV дарёфтшуда тақвият мебахшад. Бозубанд аз тиллои яклухти тунукамонанд бурида шуда, дар мобайн нигини фирӯза дорад. Вай тариқи заргарӣ оро ёфтааст, ки асоси доирашаклаш ба берун фурӯхамида буда гирд-гирди доира 12 баргаки секунҷамонанд бурида шудаанд. Буриши кундалангии бозубанд ба 5,5 см баробар аст. Худи ҳамин ишора ба он дорад, ки одамони ҷомеаи ибтидоӣ ба маъбаду парастишгоҳҳо ва пешвоёни дину маънавиёт бо назари хайру саховатмандӣ муносибат мекардаанд.

Чанд сухан оид ба масолеҳи сохтмонӣ. Ҳамаи хонаҳои истиқоматӣ, толорҳо, қасру маъбадҳо бо масолеҳи маҳал

сохта шудаанд. Деворҳоро бо воситаи похса ва хишти чоркунҷаи дароз рост карда аз ду тараф бо коҳгил хеле хушсифат андова мекардаанд. Маълум гардид, ки дар сохтмони деворҳо хиштҳои андозаашон 47-48x23-24x10, 50x25x10-11, 52x26x9-10, 59-60x29-39x10-11см бештар истифода шудаанд. Барои бадошту мустаҳкам баромадани хиштҳо хиштрезон ба таркиби лой коҳи маҳини ҷаву гандумро омехтаанд. Ҳамаи далелҳо аз санъати баланди сохтмонии мардуми ноҳия дарак медиҳад.

Санъати сохтмоние, ки дар боло баррасӣ намудем, далели он аст, ки фарҳанги меъморӣ-муҳандисӣ дар музофоти Панҷакент решаҳои чуқури таърихӣ дорад, вай аз ҳазорасолаҳои IV-III пеш аз мелод оғоз ёфтааст. Маҳз дар охири ҳазорсолаи III-и мелод дар симои деҳшаҳри Саразм ибтидои ташаккули фарҳанги шаҳрсозиро мебинем, ки дар оянда ин фарҳанг мероси сокинони шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр гардидааст.

# ҲУНАРМАНДӢ ВА НАМУДҲОИ ОН

Аз рӯи бозёфтҳои сершумор ва гуногуни давраи асри биринҷӣ маълум гардид, ки сокинони Саразм гузаштагони асри сангу мисро оид ба истифодаи намудҳои ҳунармандӣ идома ва такмил доданд. Ин ҳунармандони нави асри биринҷӣ дар офаридани ашёи рӯзгор, асбобҳои ресандагӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, тайёр кардани чарму пойафзол, сангтарошӣ, маъдангудозӣ ва аз онҳо сохтани ҳар гуна олот ва аслиҳаҳо аз ниёгони худ хеле пеш рафтаанд.

Натиҷаи аҳқиқоти дар ин соҳа гузаронидашуда он аст, ки сокинони Саразм зиёда аз 40 намуди ҳунармандиро бо тамоми нозукиҳояш азхуд карда буданд. Боварӣ дорем, ки ниёгонамон берун аз марзи Панҷакент ҳанӯз дар замонҳои қадим ягон хел маҳсулоти ҳунари дастӣ набароварда, баръакс молу ашёи худро берун аз марзи он барои ивазкунӣ ба ашёи зарурӣ мебаровардаанд.

Бояд тазаккур дод, ки пешравӣ дар тамоми намудҳои ҳунармандӣ ба мушоҳида мерасад. Пеш аз ҳама дар кулолгарӣ ва коркарди маъдан табаддулоти куллӣ ба амал омад. Аз аввали ин давра кулолгарон шакли хумдонҳои сафолпазиро такмил доданд. Аз аввали ҳафриёт то ин дам зиёда аз 10 хумдонро дарёфт кардем, ки онҳо аз хумдонҳои замони сангу мис бакуллӣ фарқ мекунанд.

Ихтирооти навтарини одамони ин давраи Саразм чархи кулолгарӣ ва шакли нави хумдон буданд. Онҳо имконият доданд, ки зарфҳо нисбатан хушсифат, бадошт ва зебо бошанд. Акнун имконият пайдо шуд, ки қариб тамоми намудҳои зарфҳои рӯзгору хоҷагӣ аз пиёла то тағораю хумҳоро сохта хоҷагии худро бо ин намуди ашё таъмин намоянд. Ғайр аз ин ӯрчуқу ресандаҳо, тугмаҳо, ҳайкалчаҳо ва ҳатто бозичаҳои кӯдакҳояшонро аз гил сохта дар хумдон мепухтанд. Хулоса, фарҳанги коркард ва истифодабарии лойу гил хеле тараққӣ кард. Дар ёдгориҳои асри биринҷии Туркманистони Ҷанубӣ – Қаротеппа (Массон, 1960а,

нақш.V, 29), Геоксур (Сарианиди, 1960, нақш. VI, II), Эрон – Тали Бакун, Тали Иблис (Лангдорф, Мак Соун, 1932, нак. 19, 1-4: Сарраф, 1980, с.220) ҳама гуна зарф дарёфт шуда буданд ва метавон гуфт, ки фарҳанги кулолгарии ниёгонамон аз фарҳанги кишварҳои номбурда кам набуд. Баръакс кулолгарону наққошони Панҷакент поягузорони ин намуди ҳунармандии мардуми Мовароуннаҳри бузург буданд.

Дар давраҳои сеюм ва чоруми ҳаёти Саразм коркарди маъданҳо хеле рушд ёфтанд. То ҳол мо қариб 20 намуди олоти мисӣ, биринҷӣ, қӯрғошимӣ, нуқрагӣ ва тиллоиро дарёфт намудаем. Онҳо аз корд, ханҷар, нӯги найза, камон, табар, теша, дарафш, сархора, чангакҳои бофандагӣ ва моҳидорӣ, устура, ойина, мӯҳр, марҷону шабаҳо иборатанд. То ҳол (с.1994) миқдори бозёфтҳои номбурда ба 250 адад расидаанд, ки ин миқдор ашёи оҳанӣ дар ягон ёдгории Осиёи Марказӣ дарёфт нашудаанд. Албатта қариб дар ҳамаи ёдгориҳои замони ибтидоии асри биринҷии Осиёи Марказӣ ва кишварҳои Шарқи Наздику Миёна баъзе намудҳои олоти металӣ дарёфт шуданд, вале аз ҷиҳати шумора ва гуногуннамудӣ ба ёдгории Саразми ноҳияамон баробар шуда наметавонанд. Маҳз аз ҳамин сабаб мо ноҳияамонро дар илми бостоншиносӣ яке аз марказҳои коркарди кӯҳ ва маъдангудозии водии Зарафшон меномем. (Исоқов, 1991б, с.34).

Ин ақидаро бостоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ қабул карданд ва ноҳияи Панҷакентро ҳамчун маркази қадимтарини маъдангудозони мардуми Осиёи Марказӣ шинохтанд. (Исоқов, 1986б, Исоқов, Ламберг-Карловский, Колл Мадин, 1987, с. 90-102; Исоқов, Безенвал, 1989, с.5-20; Раззоқов, 1994, с.18-19). Пеш аз он, ки муҳаққиқон ба ин хулоса оянд онҳо бо таърихи корҳои геологӣ ва намудҳои бойигарии замини водии Зарафшон шинос шуданд. Ин шиносоӣ равшан намуд, ки дар қаъри кӯҳҳои Туркистону Зарафшон даҳҳо намуди маъдан маҳфузанд. Аз рӯи таҳқиқот маълум гардид, ки хӯлаи миси яклухт дар деҳаи Ёрӣ (Исоқов, 1991а, с.132), тилло, нуқра, қӯрғошим, қалъагӣ, сурма дар мавзеъҳои Қазноқ, Мушистон,

Ҷилав, Таррор, Мосариф, Учкӯл ва дигар ҷойҳои болооби Зарафшон хеле зиёданд (Раззоқов, 1994,с.5).

Кӯраҳои махсуси маъдангудозие, ки қариб дар ҳамаи ҳафриётгоҳҳои Саразм дарёфт шуданд, исботи онанд, ки эҳтимол дар ҳама мавзеъҳои ин ёдгорӣ гурӯҳҳои алоҳидаи одамон бо коркарди маъдан шуғл доштаанд. Бостоншиноси Фаронса Ролан Безенвал дар ҳафриётгоҳи VII-ум се кӯраи махсусро дарёфт намуд. Ҳар се кӯра дар майдончаи бару қадаш ба 115-150 метр баробарбуда паҳлӯи ҳам ҷойгир шудаанд. Онҳо аз гил сохта шуда қутрашон 30-35 см, чуқуриашон 50-60 см мебошад. Тана ва атрофи кӯра аз ҳарорати баланди оташ ба мисли танӯру оташдон сӯхтаанд. Азбаски ҳар се кӯра ҳамшафати якдигаранд, тахмин меравад, ки онҳо шояд ба гудохтани се намуди маъдан пешбинӣ шуда бошанд. Дар танаи кӯраи аз ҳафриёти II дарёфтшуда ҳатто олудаҳои мис боқӣ мондааст.

Ниҳоят дарёфти қолабҳои рехтагарии гилӣ ва сангии теша, табар, дарафш ва корду ханҷар равшан намуданд, ки маъдангудозони Саразм олоту ашёи металиро бо ду тарз месохтанд: якум, бо тарзи рехтагарӣ дар қолабҳо; дуюм, тавассути задану чиндан бо болға дар рӯи сангдон. Ҳарду тарзи сохтани олот дар асри сангу мис, ҳазорсолаҳои VI-IV пеш аз мелод оғоз ёфта баъдан, дар ҳазорсолаҳои III-II пеш аз мелод хеле такмил ёфтаанд. Корҳои маъдангудозӣ сар то сари кишварҳои Шарқ қариб дар як давру замон оғоз ёфта буданд. Аз ин сабаб олоти металии Панҷакент: табар, теша, корд, ханҷар, сархора, чангакҳо, ойина аз ҷиҳати шаклу намуд ба олоти ёдгориҳои Намозгаҳ, Анав, Геоксюр, Олтинтеппаи Туркманистони Ҷанубӣ (Массон, 1967, с.168; Сарианиди, 1977, с.76; Кузмина, 1966, нақ. VII) Тепаи Ҳисори Эрон (Шмидт, 1937, с.43-88), Моҳанҷо-Доро ва Ҳонҳу-Дорои Ҳиндустону Покистон (Маккей, 1976, нак.ҶҶVII, с. 1,3,4; 1943, нақ.71, 12) монанд мебошанд. Бо вуҷуди ин, мавқеи маъдангудозон ва донишмандони ин касбу ҳунари Панҷакент аз дигарҳо волотар буданд. Зеро маъдангудозони Саразм

5000-4500 сол қабл аз ин маҳсулоти худро аз Зарафшон то Ҳиндустону Эрон ба фурӯш мебаровárданд. Дарёфти се қӯрғошими (сурб) яклухт, ки ғӯлаҳои онҳо чоркунҷа ва мудаввари дастадор сохта шудаанд, ақидаи пешниҳод намудаи моро собит мекунанд.

Ақидае ҳаст, ки тоҷирон аз кишварҳои дурдаст, пеш аз ҳама аз Балуҷистон ва Афғонистон омада то тайёр шудани масолеҳи металӣ аз: тилло, нуқра, биринҷӣ ва қӯрғошим муддате дар Саразм зиндагӣ карда бошанд. Зеро дар рафти ҳафриёт мо намунаҳои дастпонаҳо аз устухони гӯшмоҳӣ, зарфҳои гилӣ ва марҷонҳои ақиқи сурху ҷигарии дар ин кишварҳо сохташударо дарёфт намудем. Боварӣ дорем, ки ашёҳои номбурдаро тоҷирони афғону балуҷ барои бо олоти металӣ иваз кардан оварда будаанд.

Тарзе, ки дар бахши фарҳанги замони энеолити ноҳия баррасӣ шуда буд, сокинони Саразм дар аввали асри биринҷӣ ҳунари сангтарошии худро ба дараҷаи баланд расонида будаанд. Бо вуҷуди оне, ки онҳо коркарди маъдан ва аз онҳо сохтани намудҳои гуногуни олоти корӣ, ҷангӣ ва хоҷагиро ба дараҷае азхуд карда буданд, натавонистанд асбобу олоти сангиро аз хоҷагии Саразмиҳо танг карда бароранд. Баръакс, дар ин давра шакл ва миқдори олоти сангӣ назар ба пешина афзуданд. Аз рӯи шумора маълум гардид, ки саразмиҳо то 40 намуди олоти корӣ, ҷангӣ ва ашёи рӯзгорро аз санг месохтаанд. Танҳо аз зарфҳои сангӣ 9 намуд дарёфт шуданд, ки онҳо аз шоҳкоса, коса, ҷом, пиёла, дӯлча ва ғ. иборатанд. Қисме аз олоти дуредгарӣ ва суфтагарӣ, ба монанди: табар, искина, парма низ сангӣ буданд. Ғайр аз ин, олоти аз санг сохташуда дар корҳои кишоварзӣ, бофандагӣ, заргарӣ, кулолгарӣ, шикор, моҳидорӣ, суфтакунӣ, коркарди маъдан ва пӯсту чарм хеле васеъ истифода мешуданд.

Қайд кардан зарур аст, ки масолеҳу олоти сангии Саразмро олими ҷавону умедбахш А. Раззоқов дар ташхисгоҳи трасологии Институти Фарҳанги Моддии ш. Санкт-Петербург, таҳти роҳбарии Г.Ф. Коробкова таҳқиқ

намуда, мавқеъ ва мақоми сангтарошони Панҷакентро дар ташаккули ин намуди ҳунармандӣ бо тамоми бузургиашон исбот намуд (Раззоқов, 1994).

Дар баробари олоти металию сангии ин давра олоти устухонӣ низ ёфт шудаанд. Дарафш, сӯзан, дастаҳои корду ханҷар ва баъзе намудҳои олоти ресандагию бофандагиро аз устухонҳои паррандагон, бузу гӯсфанд ва гову говмеш месохтанд. Чунин олот на он қадар зиёд мавҷудаанд.

Дар қатори олоту ашёи номбурда аз ҳафриётгоҳҳо якчанд намуд ашё аз устухони гӯшмоҳии баҳрӣ дарёфт шуданд. Одатан онҳоро одамони асри биринҷии Меҳргари Покистон (Жариш, 1982, рас.6-7) ҳамчун ороишот истифода мебурданд. Дар Саразм пайдошавии ин қабил бозёфтҳо аз он далолат мекунанд, ки онҳо дар натиҷаи робитаи тиҷоратӣ то ба ноҳияи мо расидаанд.

Фарҳанги ҳунармандии Панҷакент танҳо аз инҳо иборат набудааст. Ниёгонамон бо вуҷуди дар ҷомеаи ибтидоӣ қарор доштан ресидани пашму аз онҳо бофтани матоъҳои пашмӣ, дӯхтани сару либос, тайёр кардани бурёю палосҳо, аз пӯсту чарм дӯхтани пойафзолҳо, заргарӣ, ҳайкалсозӣ ва даҳҳо ҳунарҳои дастиро ба хубӣ медонистанд. Ин имконият медод, ки бошандагони маҳалро бо тамоми маводи рӯзгору зиндагӣ таъмин намуда, қисми боқимондаро ба фурӯш бароранд. Мардуми ноҳия ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод, авлод-авлод бо касбҳои алоҳида машғул буданд, яъне дар байни онҳо тақсимоти касбу ҳунар ба амал омада буд. Хулоса, дар аввали аҳди биринҷӣ маҳсулоти ҳунармандӣ пас аз кишоварзӣ ва чорводорӣ манбаъи сеюми иқтисодиёти сокинони ноҳияи Панҷакент ба шумор мерафт ва иқтисодиёти рушдкардаи мардуми ноҳияро дар кишварҳои он замонаи Шарқи Наздик медонистанд.

Бозёфтҳое ҳастанд, ки дараҷаи моддии шахсӣ, сохтори ҷамъиятӣ ва маънавии сокинони ноҳияро муайян мекунанд. Дараҷаи моддӣ – дороии шахсони алоҳида мебошад, ки аз

рӯи мансубияти ашёи тиллоӣ, нуқрагӣ, мисӣ ва ғ. ба онҳо муайян мегардад. Ин гуна далелро танҳо дар натиҷаи кушодани қабрҳо пайдо кардан мумкин аст. Масалан, дар чор қабре, ки ба давраҳои III-IV-уми Саразмӣ мансубанд, ду қабр, ҳарчанд дар онҳо устухони шахси болиғ буд, ба ғайр аз устухон чизе надоштанд, дар ду қабри дигар, ки яке ба бачаи 3-4 сола тааллуқ дошт, 200 дона шабаи лоҷувардӣ ва 20 дона нуқрагӣ дарёфт шуданд. Аз қабри дигар, ки устухонҳои ду шахс ба тарзи батнӣ хобида буданд, як ҷоми нуқрагӣ ва як деги гилӣ ёфт шуданд. Аз ин ҷо хулоса мебарояд, ки бачаи 3-4 сола фарзанди одами доро буда боқимронда аз ҷиҳати моддӣ камбизоат будаанд.

Сохтори замони ҷомеаи ибтидоиро аз рӯи мӯҳру нишон фарқ кардан мумкин аст. Аз ҳафриётгоҳҳои Саразм то ин дам 4 мӯҳр дарёфт шуданд, ки аз гил, қӯрғошим ва санг сохта шудаанд. Ба ақидаи мо, онҳо ба падари бузурги оила ё пешвои қабила мансубанд, зеро аз ҷиҳати сохт ва нақшаҳо бакуллӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Мӯҳри якум – гилӣ, дуюм – сангӣ буда шакли чоркунҷаи баробарпаҳлӯ доранд дар рӯяшон нақши секунҷа, ротиб мавҷуд аст. Мӯҳри сеюм қӯрғошимии тангашакл буда аз байнаш бо хати рост ба чор қисм тақсим карда шудааст. Дохили қисмҳо чортогӣ секунҷаи дарун ба дарун доранд. Ин намуд мӯҳри дар рӯи зарфи гилӣ дарҷшудаи дар шаҳраки Сиалки Эрон дучор шударо бостоншиноси Фаронса Гиршман тамғаи шахсӣ номида буд. (Гиршман, 1938, рас.8.1). Мӯҳри чорум аз санг буда шаклан ба ғӯлача монанд аст, дарозиаш 4,2 ва ғафсиаш 2 см буда дар тани он нақши барзагов кандакорӣ шудааст. Ин гуна мӯҳрҳо асосан дар Осиёи Наздик дар ҷанубии Месопатамия дар ёдгориҳои бостоншиносии УР (Вулле,1933, нак.I.ҶIV), Ҳиндустон Чапҳу-Доро (Маккей, 1978, нак.ҶҶҶҶIII, IҶҶҶVI; Гупта, 1982, рас.8, 19) дарёфт шудаанд. Ҳамин тариқ, мӯҳри ғӯлашакли Саразм ва дигар мӯҳрҳо доираи робитаи ниёгонамонро бо кишварҳои гуногун васеъ мекунанд.

Оид ба фарҳанги маънавӣ ва эътиқодии ниёгонамон дар замони аввали асри биринҷӣ ҳаминро бояд қайд намуд, ки маънавиёти онҳо бо фарҳанги моддиашон ҳамранг буд. Бозубанд, шабаҳои тиллоӣ, ҷому марҷонҳои нуқрагӣ, оташгоҳҳои мудаввару чоркунҷаи муқаддас, ҳайкалчаҳои одаму ҳайвоноти аз гилу санг сохташуда ва нақшҳои сеҳрноки дар танаи девору зарфҳо кашидашуда дараҷаи баланди рушди маънавии онҳоро муайян мекунанд.

Аз рӯи баъзеи кашфиётҳои дар боло номбаршуда хулоса мебарорем, ки ноҳияи Панҷакент ва тамоми сарзамини Мовароуннаҳр дар ҳазорсолаҳои IV-III ба унсурҳои асосии ҳаёт: офтоб, замин, об ва оташ эътиқод доштаанд. Кашфи маъбади офтоб дар ҳафриётгоҳи V ва ибодатгоҳҳои ҳафриёти IV бар он водор менамояд гӯем, ки диёри мо яке аз ҷойҳои парастиши офтобу оташ, обу замин буд. Парстиши онҳо дар оянда ба равияи асосии динҳои зардуштӣ ва ислом оварданд. Маҳз бо ҳамин сабаб мо ақидае пешниҳод намуда гуфтанием, ки азҷумла ноҳияи Панҷакент дар пайдоиши «Авесто» ва дини Зардуштӣ дар водии Зарафшон шояд саҳме гузошта бошад. Дар ин ҷода дар баробари баррасиҳои ҳафриёти Саразм инчунин ба гуфтаҳои олимон Б.Ғ. Ғафуров, Х. Нюберг, Ж. Дюшен-Бойман, В.В. Струва, А.И. Абаев ва дигарон такя мекунем. Онҳо ба минтақаҳои пайдоиши «Авесто» Осиёи Марказӣ ва азҷумла кишвари Суғдро дохил карданд. (Ғафуров, Тоҷикон, 1972, с.52, 1983, с.70). Оид ба пайдоиши «Авесто» ва оинҳои Зардушт дар поён алоҳида сухан меравад.

### Фарҳанги музофоти Панҷакент дар асри биринҷӣ.

Ин давраи аз нимаи дуюми ҳазорсолаи III то ҳазорсолаи II пеш аз мелод, 4500-3000 сол қабл аз замони мо гузаштааст. Фарҳанги моддӣ ва маънавии ин қисми таърихи Панҷакентро мо аз рӯи бозёфтҳои давраи таназзули деҳшаҳри Саразм, қабри ягонаи Зардча-Халифа, қабристони Дашти Қозӣ,

Ӯрдакони Панҷакенти Қадим, Чорбоғ ва осори алоҳидаи ба ин бахши таърих мансуб буда гирд овардем.

Осори фарҳанги моддии Саразм, олоти металӣ, зарфҳои гилӣ ва боқимондаҳои сохтмони деҳшаҳри Саразм ба он ишора мекунанд, ки ин шаҳраки қадимтарини Зарафшону Мовароуннаҳр дар охири ҳазорсолаи III пеш аз мелод, яъне 4000 сол қабл аз замони мо рӯ ба таназзул оварда буд. Аммо ин чунин маъно надорад, ки таърихи ҷомеаи Панҷакент ба охир расида бошад. Баръакс, фарҳанги замони энеолитиву аввали асри биринҷӣ барои рушди баъдинаи тамаддун, ки ба ҳазорсолаҳои III-II хосанд, замина гузоштаанд.

Доираи рушди худро одамон дар давраҳои баъдина хеле васеъ гардониданд. Дар Хоразм, соҳил ва резишгоҳи дарёи Мурғоби Туркманистон, Афғонистони шимолӣ, қисми ҷанубии водии Сурхандарё, водии Ҳисор, даштҳои Данғара, водии Фарғона ва ҳатто Бадахшон чун марказҳои нави тамаддуни замон тараққӣ карда ба охиршавии асри биринҷӣ оварда расониданд.

Фарҳанг ва таърихи Панҷакент ҳамоно қисми муайянкунандаи фарҳанги қадимаи Мовароуннаҳр боқӣ мемонд. Зеро деҳшаҳри Саразм дар замони рушди асри биринҷӣ низ арзи ҳастӣ дошта давраи охирини мавҷудиятро сипарӣ мекард. Ҳарчанд тарҳи пурраи хонаҳоаю толорҳо, оташгоҳҳо ва устухонҳои ба ин давра хосро наёфтаем, осори зиёди ҳунармандонро пайдо кардем, ки аз рӯи онҳо метавонем зинаҳои рушди фарҳанги моддии ниёгонамонро баррасӣ намоем.

Дар ин давра сохти зарфҳо бакуллӣ тағйир меёбанд. Ҳарчанд дар сохтани онҳо чархҳои кулолгарӣ истифода шудаанд ва онҳоро дар хумдонҳо пухтаанд, аз зарфҳои давраҳои пешина пастсифат буданд. Илова ба ин, миқдори олоти сангӣ аз ҷиҳати намуд ва сифат ба олоти пешина баробар набуданд. Ниҳоят, дар байни олоти мисию биринҷӣ намуду шаклҳои нав он қадар зиёд набуданд. Ин далелҳо пеш аз ҳама аз таназзули фарҳанги ҷомеаи Саразмиҳо дарак медиҳанд.

Баробари ин дар ҳафриётгоҳҳо мо якчанд намуди зарфҳои гилӣ ва корду ханҷарро дарёфт кардем. Онҳо хоси фарҳанги қабилаҳои чорводори бодиянишин буданд, ки охирҳои ҳазорсолаи III ва аввали ҳазорсолаи II ба водии Зарафшон омада даштҳои васеъи ин ҷойро маскани худ интихоб кардаанд. Бостоншиносон Я.Ғ. Ғуломов бо иштироки А.А. Аскаров ва У.И. Исломов солҳои 50-60-уми асри XX дар қисми поёноби водии Зарафшон зиёда аз 40 ёдгориҳоро таҳқиқ намуда ба хулоса омаданд, ки дар поёноби водии Зарафшон фарҳанги чорводорони бодиянишин дар охири ҳазорсолаи III ва аввали ҳазорсолаи II рушд кардааст. (Ғуломов, 1956, с. 149-161; 1965, с. 17-21; Ғуломов, Исломов, Аскаров, 1966, 1962а).

Баробари ин муҳаққиқон натоиҷи ҳафриёти ёдгории бостоншиносии Замин-Боборо, ки дар самти ҷанубу ғарбии Бухоро ҷойгир аст, ҷамъбаст намуда хулоса баровардаанд, ки сокинони Замин-Бобо соф чорводор набуда бо кишоварзӣ низ машғул будаанд. (Ғуломов, Исломов, Аскаров, 1966, с. 187).

Ғайр аз ин, А.А. Аскаров тамоми ёдгорриҳои имконпазири ҳавзаи миёна ва поёноби водии Зарафшонро омӯхта хулоса кард, ки дар ҳазорсолаи II пеш аз мелод ин қисмҳои водӣ асосан маскани чорводорон буд.

Дар ин давра қабилаҳои калони чорводорони бодиянишин дар водии Фарғона, дашти Ашт, Қайроқум ва дар доманаи шимолии кӯҳи Туркистон (Оқтангӣ - А.И.) иқомат доштанд. Ба ақидаи муҳаққиқони ёдгориҳои ин ҷойҳо Б.А. Литвинский, А.П. Окладников ва В.А. Ранов фарҳанги сокинони ҷойҳои номбурда ба нимаи дуюми ҳазорсолаи II ва аввали ҳазорсолаи I мансуб мебошад.

Ҳамин тариқ, аз баррасиҳои бостоншиносӣ маълум шуд, ки дар атрофи шаҳри Панҷакент чорводорони бодиянишин бо фарҳанги ба худ хос зиндагӣ мекардаанд. Ин фарҳанг дар археология ҳамчун «Фарҳанги Тозабоғоб» маълум гаштааст. Муҳаққиқон ҷойи баромад ва ташаккули

«Фарҳанги Тозабоғоб»-ро музофоти Хоразм мешуморанд (Толстов, 1948, с.328, 1955, с.89; 1962, с.324; Ғуломов, Исломов, Аскаров, 1966, с.167).

Тарзе, ки ёдрас шуд, ба ноҳияи Панҷакент қабилаҳои чорводорони бодиянишин дар охири ҳазорсолаи III пеш аз мелод омада буданд. Ин далелро бо бозёфтҳои деҳшаҳри Саразм қувват медиҳем. Зеро аз қабатҳои сеюму чоруми ёдгорӣ якчанд зарфҳо ёфт шуданд, ки хоси «Фарҳанги калтамунор»-и музофоти Хоразм мебошад. Онҳо аз гили сиёҳ сохта шуда дар танаашон нақшҳои гуногун доштанд. Чӣ муаллиф ва чӣ бостоншиносони дигар ин намуди зарфҳо ва нақшҳои дар танаи зарфҳо кашидаро мансуби фарҳанги чорводорони бодиянишин медонанд (Исоқов, 1991а, рас.4.9-10, рас. 26.20; Исоқов, Лионе, 1988).

Аз таҳқиқи пайдоиши намудҳои алоҳидаи олоти металӣ, сангӣ, таҳкурсии аз сангҳо сохтаи истиқоматгоҳи мудаввар, ки юрти ҳозиразамони чорводорони туркману қазоқу қирғизро хотиррасон мекунад, метавон гуфт, ки чорводорони бодиянишин омада аввал сабабгори таназзул ва баъдан абадӣ қатъ гардидани ҳаёти мадании деҳшаҳри Саразм гардидаанд. Албатта, дар бораи парокандашавии ҳаёт дар Саразм далелҳои дигар низ ҳастанд. Ин номусоидии обу ҳаво, хушкшавии оби сою сойчаҳои кӯҳӣ  ва ғ. Аммо ба фикри мо, дар ин масъала  ду далел ба ҳақиқати таърихӣ наздиканд.

Якум, дар натиҷаи рушди воситаҳои истеҳсолӣ, болоравии нисбии ҳаёти моддӣ ва мадании авлодҳо ва қабилаҳои Саразм; онҳо дар ин давра аз рӯи касбу кор ба гурӯҳҳои алоҳида: маъдангудозон, кишоварзон, чорводорон, ҳунармандон ва тоҷирон ҷудо мешуданд. Тахмин меравад, ки дар натиҷаи чунин тақсимшавии истеҳсолкунандагон, ҳар як қабила ба худ ҷойҳои мувофиқро ҷустаанд. Маъдангудозону чорводорон ҷониби кӯҳистонро, кишоварзону ҳунармандон водиҳои обшорро интихоб намудаанд. Дуюм, чорводорони кӯчманчии омада барои ҷорӣ намудани тарзи хоҷагидорӣ ва фарҳанги худ кӯшиш намуданд. Сабаби дуюм боиси он

гардид, ки кишоварзону ҳунармандон ҷойи муқимии худро тарк карда ба дигар манзилҳо кӯч банданд. Дере нагузашта деҳшаҳри Саразм абадан фарҳанги худро қатъ намуд.

Аз ҳамин сабаб байни солҳои 2000-1500-уми пеш аз мелод фарҳанги ноҳия хеле афгор шуд, ки мо то ҳол ягон ёдгории нимаи якуми ҳазорсолаи II-и пеш аз мелодро дар ноҳияи Панҷакент пайдо накардаем.

Ёдгории ба таъриху фарҳанги баъдинаи Панҷакент хос ин қабри Зардча-Халифа мебошад, ки барои асоснок намудани фарҳанги шаҳрамон аҳамияти бағоят бузург дорад. Ин ёдгорӣ дар қисми ғарбии шаҳр, дар соҳили чапи дарёи Зарафшон ҷойгир аст. Ҳоло дар ҷойи ёдгорӣ иншооти обтозакунии шаҳр амал мекунад, ки ин ёдгорӣ ба туфайли ҳамин иншоот, соли 1986 кашф шуда буд.

Муҳаққиқони Зардча-Халифа А. Раззоқов ва Н. Исоқова дар чуқурии 3 метр аз рӯи замин устухонҳои як одам ва як оҳуи кӯҳӣ ва асбобу анҷомҳои зиёдеро дарёфт намуданд. Дохили қабр доирашакли дарозрӯя буда, майдонаш 3,20х2, 10 см мебошад. Ин майдон нисбати қабрҳои оддӣ хеле кушод (6 метри мураббаъ)аст, барои он ки дар он марди миёнсол дар шакли батнӣ – дасту пойҳояш қатшуда, оҳубарраи ҷуссакалон ва дар ҳар ҷои қабр 32 асбобу анҷомҳои гуногун хобидаанд. 319 адад ашё аз биринҷӣ, 3 адад тиллоӣ, 8 адад устухонӣ, 3 адад сангӣ ва 3 адад зарфҳои гилӣ иборат буданд. Танҳо ашёи биринҷӣ аз 3 зарфи гуногун, 3 тугма, 2 пайвандак, 2 сулуқ, ҳиссаи лаҷом, 1 корд, 1 ханҷар ва 1 сархора иборатанд. Ашёи устухонӣ қисмҳои лаҷоми асп ва тасмаро мемонанд. Се зарфи номбаршуда, кӯзачаҳои гуногунҳаҷми обу майнӯшӣ буда дар чархи кулолгарӣ сохта шудаанд, ки сифати хеле баланд доранд. Олоти сангӣ аз шабаҳои фирӯза, сари ӯрчуқ ва дастаи ӯғур иборатанд.

Нақши ашёи тиллоӣ - гӯшвора, шаба ва ашёи номаълуми қуббамонанд барои муайян кардани дараҷаи моддии шахси дар қабр хобида аҳамиятнок аст. Аз ин ҷо ба хулоса омадем, ки шахси фавтида соҳиби сарвати калон ва

мартабаи баланд будааст. Барои дар он дунё ишғол намудани мавқеи худ баъд аз вафоташ қисме аз бойигариашро наздаш гузоштаанд. Ин қабил ашё ва тарзи дафн дар гӯрхонаҳои Осиёи Миёна дер боз маълум буданд. Бостоншиносон А. Аскаров, Д. Абдуллоев дар ёдгориҳои Сафолтеппа ва Ҷаркутан миқдори зиёди зарфҳои гилиро дарёфт карда онҳоро хоси фарҳанги кишоварзони сокинони Ӯзбекистони ҷанубӣ ҳисобидаанд (Аскаров, 1973, с. 1977, 32, IҶ, 3; Аскаров, Абдуллоев, 1983, рас.7.11.1-3). Ин намуд зарфҳоро бостоншинос В.И. Сарианиди дар ёдгории бостоншиносии Афғонистони Шимоливу Дашлӣ-3, низ дарёфт намуда буд (Сарианиди, 1977, рас.46, 6).

Яке аз ашёи биринҷӣ аз рӯи сохташ чойники ҷумакдор аст, ки дар кишварҳои Осиёи Марказиву Шарқи Наздик хеле паҳн шуда буд. Ин намуд чойникҳоро аввал дар ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод аз гил (Исоқов, Лионе, 1988, рас.2) ва дертар дар ҳазорсолаи II пеш аз мелод аз биринҷӣ месохтанд. Бозёфти чойникҳо аз ёдгории Теппаи ҳисори Эрон (Шмидт, 1937, нак.II. IV, н.4383) ва Сафолтеппа (Аскаров, 1977, рас.) тасдиқи гуфтаҳои боло мебошанд.

Дар байни ашёи биринҷӣ сархорае, ки дар болояш ҳайкалчаи асп дорад, хеле

муҳим мебошад. Ҳарчанд сархораҳо дар ёдгориҳои ин давраи Осиёи Марказӣ дар Намозгоҳ, Олтинтеппа, Пархай, Сафолтеппа Ҷаркутан ва Дашлӣ-3, бойгонии Хоки-Фарғона ба миқдори зиёд дарёфт шудаанд, сархораи Зарча-Халифа сифатан ва мазмунан аз онҳо фарқ мекунад.

Дараҷаи бойигарӣ ва ҳунармандии сокинони Панҷакентро ашёи тиллоии аз ҳудуди шаҳр дарёфтшуда бори дигар собит карданд. Гӯшвори ҳалқашакл, шаба ва қуббаи тиллоӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки заргарони Панҷакент аз ниёгони худ саразмиҳо тарзи гудохтани маъданҳо ва сохтани васоити ороиширо мерос гирифта баъдан онро боз бештар такмил додаанд. Ин гуна гӯшвораҳоро, ки аз нуқра ва биринҷӣ сохта шуданд, бостоншиносон дар ёдгориҳои Сафолтеппа

(Аскаров, 1977, нақш. XXXIX, 17-19), Дашлӣ (Сарианиди, 1977, с.85), Сумбар (Хлопин, 1984, с. 15), Эрон (Шмидт, 1937, нақш.XXII, с. XXII H 1021, Шафер, 1948, рас. 232, 14, 17, 18), Тоҷикистони Ҷанубӣ (Манделштам, 1958, нақш. XVI, 6, 9) ва дигар ҷойҳо дарёфт намуда буданд.

Ҳамаи бозёфтҳои назди мазори Зардча-Халифа фарҳанги кишоварзии маскунӣ буда, дар миёнаи ҳазорсолаи II пеш аз мелод сохта шудаанд ва таърихи 3500 сола доранд. Ҳамин далел исботи он аст, ки қисме аз сокинони Саразм пас аз қатъшавии ҳаёт ба Панҷакент омада фарҳанги қадимаи кишоварзӣ, маъдангудозӣ ва ҳунармандии аҷдодони худро идома додаанд.

Аз рӯи бозёфтҳои назди мазори Зардча-Халифа чунин хулоса менамоем, ки ин миқдор ашёи зиёд танҳо хоси одамони маскун мебошанд. Онҳоро одамони фарҳангашон хеле боло рафта сохтан метавонистанд. Бо ҳамин сабаб тахмин мекунем, ки дар ҷойи Панҷакенти қадим ё наздикии он шояд шаҳраки асри биринҷӣ арзи вучуд дошта бошад, ки мутаасифона мо то ҳол онро дарёфт накардаем. Ба ҳар ҳол кашфиёти номбурда бостоншиносонро умедвор менамояд, ки минбаъд онро пайдо кунанд.

Таърихи музофоти Панҷакенти давраи охири асри биринҷӣ, ки дар нимаи дуюми ҳазорсолаи II ва чоряки аввали ҳазорсолаи I-уми пеш аз мелод гузаштааст, хеле мураккаб ва назаррас мебошад. Ин давраи таърихи фарҳанг аз рӯи бозёфтҳои сершуморе навишта шуд, ки дар якчанд ёдгориҳои Панҷакент дарёфт шудаанд. Ба онҳо кашфиёти ду қабри гӯрхонаи Ӯрдакони Панҷакенти қадим, гӯрхонаҳои Дашти Қозӣ, Чорбоғ ва табарҳои биринҷии деҳаҳои Ёрӣ ва Бедак дохил мешаванд. Таҳлилу таҳқиқи ёдгориҳо ва бозёфтҳои номбурда исбот намуданд, ки ниёгонамон дар ин давра низ фарҳанги баланди ба худ хос доштаанд.

Аввалин бозёфти асри биринҷии ноҳия - табари деҳаи Ёриро мо дар боло ёдрас шудем, ки вай ба таърихи 4000 сол пештари Панҷакент мансуб аст. Пас аз ин, солҳои 70-ум

чойники ҷумаку дастадор дар деҳаи Фатмеви ноҳия Айнӣ дарёфт шуд (Луконин, 1977, с.40). Аз паси ин соли 1975 бостоншинос Ю. Ёқубов дар ҷанубтари деҳаи Чорбоғ дар назди яке аз корезҳои Ҷӯи Эшон, дар соҳили рости дарёи Моғиён қабреро дарёфт намуд, ки дар он ҳамроҳи ҷасад якчанд ороишоти занона, азҷумла се дастпона, ду гӯшвораи зангӯламонанд, зиёда аз 20 марҷон ва як зарф хобида буданд. Ҳамаи ороишот аз биринҷӣ буда, зарф сафолӣ буд. (Ёқубов, 1980, с.169).

Соли 1976 дар рафти ҳафриёти гӯрхонаи Ӯрдакони назди шаҳраки Панҷакенти қадим ду қабри асри биринҷии ба асрҳои XII-XI мансуббуда дарёфт шуданд. Дар яке аз онҳо ҳамроҳи устухонҳои ҷасади одам як зарфи сафолӣ низ хобида буд, ки хоси фарҳанги қабилаҳои чорводори кӯчманчии Сибири Ғарбӣ - андрониҳо мебошад (Беленитский, Маршак, Распопова, Исоқов, 1977, с. 559, 1982, с. 217). Пас аз ғармичи асри биринҷии ҳафриёти Панҷакенти қадима (Абдуллоев, 1992, с. 64) ва қабри назди мазори Зардча-Халифа (Исоқов, 1991б, с. 33) қабрҳо ва зарфи сафолини дашти Ӯрдакон далели сеюманд, ки аз мавҷуд будани ёдгории асри биринҷӣ дар Панҷакент шаҳодат медиҳанд. Дар ин ҷода мо пешниҳоди бостоншинос Д. Абдуллоевро ҷонибдорӣ менамоем, ки навиштааст: «Ғармичҳои сангии аз ҳафриёти Панҷакенти қадима дарёфтшуда ба мо имконият медиҳанд тахмин кунем, ки дар наздикии сойҳои Қӯштеппа ва Зебон қарияи асри биринҷии ҳамзамони Саразм вуҷуд доштааст». (Абдуллоев, 1992, с.65).

Албатта кашфиёту бозёфтҳои номбурда барои равшан намудани тамоюлҳои таърихи фарҳанги Панҷакент мавқеи калон доранд, вале маълумоти пурраи таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавии Панҷакентро кашфиёти гӯрхонаи Дашти Қозӣ дода тавонист.

Гӯрхонаи номбурдаро соли 1983 сокинони деҳаи Дашти Қозӣ муаллими фанни таърихи мактаби миёна Аслиддин Садриддинов кашф намуд. Гӯрхона дар масофаи

45км аз Панҷакент ва 60 км аз деҳшаҳри Саразм, дар минтақаи кӯҳистони болооби дарёи Зарафшон ҷойгир шудааст. Ёдгорӣ дар самти шимолу шарқии деҳаи Дашти Қозӣ, дар яке аз баландиҳои доманакӯҳи Туркистон вокеъ гардидааст. Омӯзиши ин таҳти роҳбарии муаллифи китоб ва бостоншиносон Г.М. Потёмкина, А.Р. Раззоқов ва С.Г. Бобомуллоев чор мавсим (1983-1986) давом кард. Пас аз ҳафриёт маълум шуд, ки гӯрхона аз 30 қабрҳои хурду калон иборат буда майдони 40-30 метрро ишғол кардааст.

Дар натиҷаи ҳафриёт 22 қабри якнафара, 4 қабри дунафара, як қабри сенафара ва як қабри 7 нафара дарёфт шуданд. Ҳамаи мурдаҳоро бо дасту пойи қатшуда, тавре, ки дар боло гуфта будем, дар ҳолати батнӣ ҳамроҳи асбобу анҷомашон дафн кардаанд, ки асосан аз ороишот ва зарфҳои сафолӣ иборатанд.

Ғайр аз ин, қабрҳое пайдо шуданд, ки дар дохили онҳо сангтӯдаҳои алоҳида-алоҳида гузошташуда мавҷуд буданд. Ду қабри дигарро аз рӯи устухонҳои паҳну парешон тахмин мекунем, ки дар замони худ яғмогарон ғорат кардаанд.

Дар натиҷаи ҷамъбасти таҳқиқоти илмӣ ба мо муяссар гардид, ки аз рӯи асбобу анҷомҳои ҳамроҳи ҷасадҳо ба қабр гузошташуда сохти сиёсӣ, моддӣ, маънавӣ ва расму оинҳои ҷомеаи давраи охири асри биринҷии Панҷакентро муайян намоем.

Аз қабрҳо 24 адад зарфҳои сафолии гуногуншаклу гуногунҳаҷм, ки танаи онҳо бо нақшҳо оро ёфта буданд, ба даст омаданд.

Омӯзиши тарзи сохт ва шакли онҳо нишон доданд, ки танҳо 3 адади онҳо ба фарҳанги кишоварзон хос буда боқимондаашон мансуби фарҳанги бодиянишинҳо - кӯчманчиёни чорводор мебошанд. Зарфҳое, ки хоси фарҳанги дуюманд дар байни зарфҳои сафолини дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, азҷумла дар Маҳанкӯл, Гуҷайлии поёноби дарёи Зарафшон (Ғуломов, Исломов, Аскаров, 1966, нақш. XXVI, 1,7), Қайроқум (Литвинский, Окладников, Ранов, 1962,

с.249), Кӯкчаи Хоразм (Итине, 1959, с, 44, рас.4,8), Оқтангии Шаҳристон (Литвинский, Ранов, 1961, рас. I), Мӯминободи ноҳияи Ургути Ӯзбекистон (Аскаров, 1969, нак. 2,1) ва ҳатто Сибири Ғарбӣ низ дарёфт шудаанд (Грязнов, 1956, рас. 312). Маҳз ҳамин далел барои муайян кардани мавқеи фарҳанги Панҷакент дар охири асри биринҷӣ кифоя мебошад. Ғайр аз зарфҳои номбурда аз Дашти Қозӣ миқдори зиёди васоити ороишии биринҷӣ ва ду гӯшвори зангӯламонанди тиллоиро низ дарёфт намудем.

Ҳоло дар хазинаи пойгоҳи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва осорхонаи ба номи Рудакии шаҳрамон зиёда аз 1250 шабаву марҷонҳо, 10 ҳалқа, 9 гӯшвор - дутоаш тиллоӣ, 4 оина, 26 дастпона ва даҳҳо ашёи ороишии дигари занонаву мардонаи Панҷакент маҳфузанд. Танҳо ҳамин бори дигар исбот мекунад, ки фарҳанги ҳунармандӣ барои сокинони Панҷакент ва мардуми ноҳияи он касби меросӣ будааст.

Кашфиёти гӯрхонаи Дашти Қозӣ ва осори фарҳанги маънавии он моро водор намуданд, ки тамоюлҳои фарҳанги ҷомеаи гӯрхонаро равшан намоем. Оид ба ин масъалаҳои муҳим бояд тазаккур дод, ки кулли бозёфтҳои Дашти Қозӣ ба асрҳои XII-XI пеш аз мелод (3600-3000 сол қабл аз замони мо) мансубанд. Тавре дар боло ёдрас намуда будем, дар ин замон дар саросари Зарафшон, Фарғона, Вахш, Хатлон ва Бадахшон қабилаҳои кӯчманчиёни чорводор паҳн шуда буданд. Модоме, ки тарзи кофтани қабрҳо, ҳолати дафнкунии фавтидагон, шаклу намуд, нақшҳои дар танаи зарфҳои сафолӣ кашидашуда ва васоити ороишии гӯрхонаи Дашти Қозӣ монанди кашфиёти ба кӯчманчиён мансуббудаи Осиёи Марказӣ бошад, пас маълум мешавад, ки фарҳанги ин ёдгорӣ хоси чорводорони бодиянишин аст. Ин фарҳангро бостоншиносон ҳамчун «фарҳанги аҳди биринҷии саҳроӣ» қабул кардаанд.

Акнун метавон гуфт, ки дар аҳди биринҷӣ ду фарҳанги ҷамъиятӣ: фарҳанги кишоварзони сокин ва фарҳанги чорводорони саҳроӣ вуҷуд дошт. Ҷомеаи кишоварзони дар як ҷой маскуншуда ба ғайр аз зироаткорию чорводорӣ инчунин ба корҳои сохтмонӣ, кофтани каналҳо, ҳунармандӣ ва тоҷирӣ низ машғул буданд. Онҳо дар як ҷой, агар ягон офати табиӣ таъсир накунад, зиёда аз ҳазор сол зиста, дар тӯли ин солҳо манзили худро сол то сол ободу зебо мекарданд. Аввал қария бунёд карда баъдан онро васеъ кардаву атрофашро девор кашида ба шаҳр табдил медоданд. Зиндагии доимӣ дар як ҷой имконият медод, ки дастовардҳои фарҳанги моддӣ ва маънавиро аз насл ба насл мерос гузоранд. Мисоли ин тарзи рушдро мо қариб дар тамоми ёдгориҳои кишоварзони Туркманистони ҷанубӣ: Намозгоҳ, Қаротеппа, Олтинтеппа, Геоксюр, Ӯзбекистони ҷанубӣ, Сафолтеппа, Кучуктеппа, Миршодӣ, Афғонистон, Мундичак, Дашли 3,  Эрон, Шаҳри Сӯхта, Яҳё Теппа, Тали Иблис, Покистон, Кулли, Амри, Кветта ва Саразм, Панҷакенту даҳҳо ёдгориҳои дигар дида метавонем. Борҳо исбот шудааст, ки қария ва деҳшаҳрҳо хоси фарҳанги кишоварзианд, ки дар оянда ба шаҳрҳо табдил ёфта дар пешравии ҳаёти моддӣ ва маънавии ҷомеаи ибтидоӣ нақшии ҳалкунанда бозидаанд.

Он чиро, ки мо дар бораи фарҳанги ҷомеаи кишоварзон гуфтем, дар ҳаққи ҷомеаи чорводорони саҳроӣ гуфта наметавонем. Ин ҷомеа дар замонҳои энеолиту биринҷӣ бештар дар даштҳои беканори Сибиру Қазоқистон, соҳилҳои ҷанубии дарёҳои Волга, резишгоҳи Сиру Ому ва атрофи баҳри Арал васеъ ташаккул ёфта чорводориро касби аввалини худ интихоб карда буданд. Аз ин хотир ҳар як оила вобаста ба аъзои он ва қувваи корӣ миқдори муайяни чорвои худро дошт. Дар аввал агар авлод-авлод зиндагӣ мекарданд, баъдан ин авлодҳо дар қабилаҳо муттаҳид мешуданд. Ин имконият медод, ки ҳамагон якҷоя миқдори зиёди чорворо сар то сари даштҳои бекарон чаронанд. Чорвои калони шохдор хӯрокаи

зиёд истеъмол мекарданд ва ин намуди ҳайвонот нисбатан кам парвариш карда мешуданд. Аз ҳайвоноти калон онҳо бештар аспу хачир ва дар баъзе ҷойҳо шутур мепарвариданд, ки воситаи асосии нақлиёти онҳо ҳисоб мешуданд. Зеро чорвои зиёд одамони саҳроиро маҷбур мекарданд, ки доимо барои пайдо кардани хӯрокаи чорво дар ҳаракат бошанд. Аз ҳамин сабаб дар илми бостоншиносию ҷомеашиносӣ онҳоро «чорводорони кӯчаманчӣ» меноманд. Аммо чунин нест, ки «чорводорони бодиянишин» бо дигар тарзи истеҳсолот машғул намешуданд. Дар ҷомеаи ибтидоӣ мақоми зиндагии аҳолиро муҳити зист муайян мекард. Он қабилаҳое, ки дар соҳили дарёҳо, кӯлҳо ва баҳрҳо рушд ёфта буданд бо шикору моҳидорӣ низ машғул мешуданд. Тибқи маълумоти С.П. Толстов, ҷомеаи резишгоҳи Оқча Дарёи Хоразм аввал шикорчию моҳидор буда, дар охири ҳазорсолаи II ва аввали ҳазорсолаи I пеш аз мелод ин тарзи рӯзипайдокунии худро бо кишоварзию чорводорӣ иваз кардаанд. (Толстов, 1962, с. 43). Айнан ҳамин раванд бо баъзе қабилаҳои соҳили дарёҳои Ому ва Сир низ рӯй дода буд.

Он қабилаҳое, ки соф бо чорводорӣ шуғл доштанду чорво – рама асоси иқтисодиёти ҷомеаро ташкил медод, мутеи чорвои худ буданд. Чорвои сершумор имконият намедод, ки соҳибонаш дар як мавзеъ мисли кишоварзону ҳунармандон солҳои тӯлонӣ умр ба сар бурда бо корҳои сохтмонӣ машғул шаванд. Аз ҳамин сабаб дар ҷомеаи чорводорони саҳроӣ фарҳанги шаҳрсозӣ нисбати ҷомеаи кишоварзон он қадар тараққӣ накарда буд. Аммо онҳо доимо дар ҳавои кушод, дар зери офтоби тафсону борону барф намезистанд, аввалан ин тамоман имконнопазир буд, баъдан расму оини маънавии худро доштанд, ки иҷроиши ҳар гуна парастишҳо бояд дар дохили сарпаноҳе гузаронида мешуд. Аз рӯи баррасиҳои бостоншиносӣ оид ба зисту зиндагии одамони ин ҷомеа, муҳаққиқони намоёни музофоти Хоразм С.П. Толстов, дашти Ашту Қайроқум Б.А. Литвинский, поёноби водии Зарафшон Я.Ғ. Ғуломов, У.И. Исломов, А.А. Аскаров ва даҳҳо дигарон

ба хулоса омаданд, ки қабилаҳои чорводор-бодиянишин истиқоматгоҳҳои худро доштаанд.

Қабилаҳои тозабоғобиҳои Хоразм (Толстов, 1948 ё 67) дар хонаҳои калонҳаҷми росткунҷа зиндагӣ мекардаанд. Тибқи таҳқиқоти С.П. Толстов ба ҳисоби миёна майдони хонаҳои онҳо ба 10х12 метр ва 12х15 метр баробар буда нисфи онҳо дар зери замин буданд. «...вале онҳо пурра заминкан набуданд. Қисми рӯи заминии деворҳои хонаҳо аз лой буданд...» (Толстов, 1962, с. 50).

Аз рӯи навишта Б.А. Литвинский масоҳати хонаҳои чорводорони саҳроии дашти Қайроқум ба 240-300 метри мураббаъ баробар аст (Литвинский, 1963, с. 116). Ин гуна хонаҳои бузургҳаҷм ба аҳолии қарияҳои аҳди биринҷии саҳроии  Қазоқистон, даштҳои назди Урал ва соҳилҳои Волга низ хос мебошанд. Дар водии Зарафшон ин қабил хонаҳои нимзаминкани васеъ дар поёноби водӣ, дар қарияи Замон-Бобо кашф шуданд (Ғуломов, Исломов ва Аскаров, 1966). Албатта шуғли ҷомеаи саҳроиро соф чорводорӣ гуфтан хато мебошад, зеро аз қабрҳои онҳо намудҳои гуногуни олоти корӣ, кишоварзӣ, шикорӣ, рӯзгор ва миқдори зиёди ғалладонагиҳо низ дарёфт шудаанд. Тибқи нишондоди Б.А. Литвинский, А.П. Окладников ва В.А. Ранов қабилаҳои чорводорони саҳроии Қайроқум ва Дашти Ашт бо маъдангудозӣ, ҳунармандӣ ва кишоварзӣ низ машғул будаанд (Литвинский, Окладников, Ранов, 1962, с. 262-276).

Ҳунармандию кишоварзиро қабилаҳои чорводори Дашти Қозӣ (Исоқов, Патёмкина, 1988, с. 514; 1989, с.163), Чорбоғ (Ёқубов, 1975), Мӯминобод (Аскаров, 1966), водии Зарафшон ва Фарғонаи Марказӣ (Гашбург, Гарбунова, 1956, с.89) касби дуюми худ қарор додаанд.

Баррасиҳои куллии далелҳои фарҳанги моддӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки сокинони соҳилии Панҷакент дар асрҳои XVI-XV пеш аз мелод асосан бо кишоварзию чорводорӣ ва аз асри XIV то асри IX, яъне то оғози асри

оҳан, бо чорводорӣ машғул будаанд. Бойигарии табиати рӯизаминии ноҳия: марғзорҳо, ҷангалзорҳо ва алафзору буттазорҳои Ворӯю Сармад, Моғиёну Фароб, Шингу Рашна, Кулоливу Шингак ва сойҳои Роҷ, Ёрӣ, Равот, Чинор, Зебон барои парвариши чорвои майда хеле мувофиқ буданд. Тобистон онҳо чорвои худро ба чарогоҳҳо бурда 2-3 моҳ мечаронидaнд. Ин тарзи чорводорӣ то ҳол дар байни аҳолии Панҷакент идома дорад.

Аммо аз гӯрхонаи Дашти Қозию Чорбоғ ва деҳаҳои Фатмеву Бедак дарёфт шудани олоти ҳунармандӣ: чойник, табар ва васоити ороишии тиллоию биринҷӣ исботи онанд, ки сокинони водӣ ба коркарди маъдан ва ҳунармандӣ низ мароқи калон доштаанд. Ба замми он робитаи тиҷоратии байниҳамдигарии қабилаҳои чорводорон ва кишоварзон хеле тараққӣ карда буд. Сокинони ноҳия бо ҳасмоягони худ сокинони музофоти Ургут (Мӯминобод), Бухоро (Замон-Бобо), Қайроқум (Фарғона) ва ҳатто Хоразм (Кӯкга) доду гирифти молӣ доштанд.

Сохтори ҷамъяти ноҳия дар нимаи дуюми ҳазорсолаи II ва чоряки аввали ҳазорсолаи I пеш аз мелод падаршоҳӣ буд. Аз сардори оила сар карда, то сардори қабила мардон буданд. Онҳо тамоми масъалаҳои ҳаётии ҷомеаро бо машварати якдигар ҳаллу фасл мекарданд. Акнун фарзандонро бо номи падарон мешинохтанд. Занҳо бошанд бештар бо тарбияи фарзандон, сарфу дахли рӯзгор ва албатта бо ҳунармандӣ, аз қабили ресандагӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ машғул буданд. Ба замми ин ҳунарҳои кулолгарӣ, танӯру дегдонсозӣ, тайёр кардани намату пӯстак ва бофидани палосҳои зебо вазифаи занону духтарон ҳисоб меёфтанд.

Бо вуҷуди ин ҳиссагузориҳо, дар оила ва ҷомеа дар замони падаршоҳӣ мавқеи зан хеле паст рафта буд. Бо ибораи Ф. Энгелс «Аз байн рафтани ҳуқуқи модарӣ шикасти умумиҷаҳонӣ - таърихии ҷинси зан буд. Шавҳар дар хона низ лаҷоми ҳукмрониро ба дасти худ гирифт, зан мавқеи

боэҳтироми худро аз даст дода канизи нафси ӯ... шуда монд» (Энгелс, 1987, с. 61-62).

Дар натиҷаи пайдоиши олоти нави корӣ ва истеҳсолӣ, афзудани чорвои шахсӣ, рушди ҳунармандӣ, коркарди маъдан, пайдоиши шабакаҳои обёрӣ ва ба туфайли ин оғози шодобсозии сунъии заминҳои лалмӣ зисту зиндагии одамони ҷомеаи ибтидоиро бакуллӣ тағйир дод. Дар ҷомеа тақсимоти меҳнат ба дараҷаи баланди худ расид. Дар зинаи аввал меҳнат байни марду зан тақсим шуд, ки ҳар ҷинс аз рӯи ақлу заковат ва тавоноию қудрати ҷисмонӣ касб интихоб кард. Масалан, корҳои каналкобӣ, ҷуфтронӣ, маъдангудозӣ, чӯпонӣ ва инчунин ҷангидан дар ҷангҳои байниқабилавӣ соф вазифаи мардон буд. Вазифаи занҳоро мо дар боло ёдрас карда будем. Ин давраи ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии одамонро Ф.Энгелс чунин шарҳ дода буд: «Мувофиқи тақсимоти меҳнат тамоми маҳсулот ба ҳисоби мард медаромад: зан дар истеъмоли ин маҳсулот иштирок мекард, аммо ба ягон ҳиссаи он соҳиб набуд».

Хулоса, дар ҷомеаи падаршоҳӣ – мард дар оила, авлод ва қабила ҳокими мутлақ буд ва ҳар сухани вай барои узви оила ва авлоду қабила ҳукми қонунро дошт. Эҳтимол, қабилае, ки аз якчанд оилаҳои мустақил иборат буд, аз тарафи пешвои қабила идора карда мешуд. Пешвои қабиларо оилаҳо интихоб мекарданд. Дар навбати худ пешвои қабила - «падари бузургвор» бояд шахси оқилу фозил буда ба касе хиёнат намекард.

Акнун чанд сухан оид ба маънавиёт. Маънавиёти ин давра ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сохтори ҷамъиятӣ мувофиқ буд. Ҳарчанд дин ҳамчун идеологияи ҷамъиятӣ ташаккул наёфта буд, одамон ба мавҷуд будани олами дигар ва ба он дунё рафтани рӯҳ боварӣ доштанд**.** Ин далелро мо аз рӯи бозёфтҳои дар қабрҳо пайдо кардаамон, тавре ёдрас шудем, дар қабрҳои Ӯрдакони Панҷакент, Чорбоғ, Мӯминобод ва Замон-Бобо дида метавонем. Дар ин ҷо одами доро ва қамбағалро пайдо карданд. Дар қабрҳои 3 ва 25-и

Дашти Қозӣ ҷасадҳо бо миқдори зиёди ороишот ва зарфҳои нафис ёфт шудаанд. Мурдаи қабри 3 ҳатто бо ду гӯшвори тилло дафн шуда буд. Хилофи он, дар назди ҷасадҳои қабрҳои 2,4,7,13 яктогӣ хурмача пайдо шуданду халос. Ин маънои мавҷуд будани нобаробарии иқтисодии одамони замони охири асри биринҷиро дорад, вале то кадом андоза бою камбағал будани онҳо то ҳол равшан нагардидааст. Ба ҳар ҳол, ҷомеа ҳанӯз дар шароити форматсияи ибтидоӣ буда ба синфҳо тақсим нашуда буд ва давлат ба маънои пурааш ташаккул наёфта буд. Барои пайдоиши институти давлатдорӣ: хат, дин ва воситаҳои дигари он боз 400-500 сол (қарнҳои VII-V пеш аз мелод) лозим буд.

Тибқи мушоҳидаҳо қариб дар тамоми қабрҳои Дашти Қозӣ боқимондаҳои хокистарро пайдо кардем. Маълум гардид, ки парастиши оташ дар маънавиёти сокинони ноҳия мақоми хосе доштааст. Онҳо оташро дар мавриди дафнкуни ду навбат истифода мекардаанд: якум пеш аз ҷасадро гузоштан оташ афрӯхта қабрро аз нопокӣ тоза мекардаанд, то мурда дар ҷойи тоза хобад, дуюм – пас аз хокпӯш кардани ҷасад ва асбобу васоити ороишӣ ба 25-50 см боз оташ меафрӯхтанд. Ин барои аз гуноҳҳо тоза сохтани рӯҳи одами фавтида будааст. Ин анъана то замони мо қисман дар байни ҳиндуҳо боқӣ мондааст.

Ғайр аз ин қабилаҳои ҷомеаи ибтидоӣ оини қурбоникуниро, ки аз аҳди сангу мис омадааст, нигоҳ доштаанд. Дар гӯрхонаи Дашти Қозӣ қабрҳоеро дучор омадем, ки ба болои ҷасад ва ба дохили қабр хокаи сурхи ҷигарӣ пош додаанд. Рамзу оинҳое, ки баррасӣ гардиданд, собит менамояд, ки маънавиёти сокинони ноҳияамон дар давраҳои куҳан мувофиқи давру замони худ буда маҷрои рушди ҷомеаро ба як самти муайян равона карда тавонистаанд. Албатта ҷомеаҳои баъдина аз кору амали гузаштагон дунёи маънавии худро бой гардонидаанд. Дигар бахшҳои маънавиёт дар замони зуҳури Зардушту таълимоти ӯ ва иншои «Авесто» такмили худро ёфтаанд.

# УМУМИЯТИ ФАРҲАНГИ МОДДӢ ВА АЪНАВИИ ВОДИИ ЗАРАФШОН БО ТАМАДДУНИ ОРИЁИИ МИНТАҚАҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ҲАЗОРСОЛАҲОИ IV-II ПЕШ АЗ МЕЛОД

Натоиҷи ҳафриёти бостоншиносӣ, ки дар манотиқи Осиёи Марказию Шарқи Наздик дар тӯли зиёда аз сад сол гузаронида шудаанд, ба олимон – бостоншиносон имконият доданд, ки оид ба баъзе тамоюлҳои таърихy фарҳанги ҷомеаи аҳди биринҷии кишварҳои мазкур равшантар ҳарф зананд. Пеш аз ҳамаи ин масъалаи ягонагии фарҳанги моддӣ ва маънавии одамони он замона буд. То ба охир пурра ташаккул наёфтани хат, давлат ва дин кори муҳаққиқонро басе душвор мекарданд. Он бозёфтҳое, ки бостоншиносон аз ёдгориҳои маҳалҳои алоҳида дарёфт менамуданд, танҳо нишонаҳои ночизи осори фарҳанги моддӣ буданд. Ин душвориҳо сабаби он гардиданд, ки баъзеи муҳаққиқон дар ҳаллу фасли проблемаҳои илмию фарҳангӣ ба кашфиётҳои худ аз будаш зиёд баҳо медоданду ҳақиқати таърихиро қисман инкор мекарданд.

Вале аксарияти муҳаққиқон аз қабили Б.Ғ. Ғафуров, Б.А. Литвинский, В.М. Массон, Н.Н. Неъматов, А.М. Манделштам, И.В. Пянков, Э. Нигоҳбон, М. Бойс ва чанде дигарон ба ин масъала нисбатан одилона муносибат карда, ба хулоса омаданд, ки дар аҳди биринҷӣ, дар ҳазорсолаҳои III-II пеш аз мелод кишварҳои Осиёи Марказӣ, Эрон, Афғонистон, Покистон (Балуҷистон - А.И.) фарҳанги моддӣ ва маънавии одамон шакли умумӣ доштаанд.

Масъалаҳоеро, ки мехоҳем шарҳ диҳем, дар илми таърихшиносии ҳар мамлакат аҳамияти хос доранд. Зеро ҳалли ин масъалаҳо тамоми сокинони Осиёи Марказиро бо решаҳои пайдоиши нажодӣ, этникӣ ва забонӣ шинос менамоянд. Шояд даъвогароне бошанду гӯянд, ки ба хотири таърихи як ноҳия ба ин масъалаи бағоят васеъ даст задан зарурияте надорад. Мо бо он мақсад ба ин масъала

дахолат мекунем, ки ҳафриёти зиёди ёдгориҳои Панҷакент оид ба ягонагии фарҳанги моддӣ ва маънавии мардуми водии Зарафшону Мовароуннаҳри бузург далелҳои баҳснопазир дода тавонистанд. Ин маъракаҳоро олимон кайҳо боз интизор буданд, ки дар илми таърихшиносӣ хеле навинанд. Оне, ки олимон оид ба ин масъала аз қарни VIII то солҳои 80-уми қарни XX навишта буданд то ҳол моҳияти худро доранд ва баробари ин баъзе хулосаҳо, ки баҳсталабанд ташреҳу тавзеҳ мехоҳанд.

Дар давраи бисту панҷ соли охир саросари кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик даҳҳо ёдгориҳои замони аҳди биринҷӣ кашф шуданд. Баррасиҳои онҳо ба баъзе фикру ақидаҳои пешина навигарии илмӣ дохил карда метавонанд. Мо дар ин ҷода кашфиёти А.А. Аскаров ва Т. Шириновро дар ҳавзаи Сурхандарё, Б.А. Литвинский, Л.Г. Пянкова, А.Г.Виноградоваро дар ҳавзаҳои Вахшу Ҳисор, В.М. Массон, И.Н. Хлопин, В.И. Сарианиди, Ю.Э. Берёзкинро дар Хуросони Шимолӣ ва ниҳоят А.И. Исоқов, А.Р. Раззоқов, Т.М. Потёмкинаро дар ноҳияи Панҷакент дар назар дорем. Дар айни замон ба баррасиҳои ҳафриёти бостоншиносии ёдгориҳои Намозгоҳ, Олтинтеппа, Илчинлӣ, Қаротеппа, Геоксур, Саполтеппа, Миршодӣ, Ҷарқутон, Кучуктеппа, Саразм, Дашти Қозӣ, Замон-Бобо, водии Зарафшон, Чуст, Дилварзин, Қайроқуми водии Фарғона, Гӯрхонаҳои Тулхор, Тандирйӯл, Тугузак, Даштлӣ, Мундигак (Афғонистон), Меҳргар, Кулли, Амри, Кветта, Моҳенҷодаро, Чапку-Дари, Хараппа (Ҳиндустону Покистон), Шаҳри Сӯхта, Тали Иблис, Теппаи ҳисори Эрон ва ғ. такя карда изҳор менамоем, ки фарҳанги моддӣ ва маънавии қариб ҳамаи сокинони ин кишварҳо дар он замон ба ҳамдигар наздикӣ доштаанд. Тарзи биносозӣ, маъдангудозӣ, зарфсозӣ, намудҳои олоти меҳнат якранганд. Дар маънавиёт намудҳои ороишот, фарҳанги дафнкунӣ, нақшу нигори зарфҳову деворҳои хонаҳо, оташгоҳҳо як хел буда парастиши офтоб, моҳтоб, об, оташ, замин мавқеи асосӣ доштаанд. Албатта ҳар як

халқу кишвар маънавиёти ба худ хос дошт, вале он дар дохили доираи муайян амал мекард. Зеро асоси маънавиёт ин эътироф намудани мавҷудияти дунёи дигар, зиндашавии рӯҳ ва эътиқод ба қувваҳои бузурги олам, замину об, оташу офтоб буданд.

Албатта, ҳарчанд монандӣ ё наздик будани эътиқоду парастиш ба якрангии фарҳанги моддӣ қудрати таъсир расонидан дорад, ба фикри мо, дар ин масъала ба ҳам наздик будани забон мақоми калон дорад. Аз рӯи таҳқиқоти олим Э.А. Грантковский маълум мегардад, ки «дар шимолии баҳри Сиёҳ то ба ин ҷо омадани қабилаҳои синфҳою сарматҳо аҳолии форсизабонҳо иқомат доштанд... дар охири асри биринҷӣ интиҳои ҳазорсолаи II ва аввали ҳазорсолаи I пеш аз мелод дар Ҷанубу Шарқи Аврупо форсзабонҳо буданд». (Грантковский, 1980, с. 255).

Баъди дар илми таърихшиносӣ маълум гаштани сарчашмаҳои хаттӣ оид ба таърихи аҳолии Осиёи Марказӣ чандин маълумоти маъхазӣ баррасӣ гардиданд. Б.Ғ. Ғафуров ба он маъхазҳо такя карда навишта буданд: «Нахустин сарчашмаҳо... маълумот медиҳанд, ки ... дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод дар ин сарзамин қавму тоифаҳои ориёинажод – суғдиён, бохтариҳо, марғиён, хоразмиҳо, портҳо қабилаҳои гуногуни саноӣ ва ғайраҳо сукунат доштаанд» (Ғафуров, 1983, с. 38).

Айни замон бозёфтҳои бостоншиносии ёдгориҳои Осиёи Марказӣ моро водор мекунанд хулоса барорем, ки: агар моро нишондоди олимон... забонҳои бохтарӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва хутану саноӣ (Герсенберг, 1965, с.31) ба гурӯҳи забонҳои шарқӣ-эронӣ дохил шаванд (Ғафуров, 1983, с. 39) пас асоси забони эрониён ин забонҳои аҳолии Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар ин бахш далели дигар он аст, ки тибқи маълумоти «Авесто» кишвари нимафсонавии Арйанам ваеҷаҳ - «Фараҳнаи ориёно» дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ҷойгир аст

ва ин фараҳно сарзамини қадимаи тоифаҳои эронӣ (ё умуман ориён) мебошад.

Азбаски масъалаи Ориёно ва ориёиҳо то ҳол дар илми таърихшиносӣ ҳалли худро наёфтааст, зарур донистем ба хонандагон дар ин хусус чанд сухан бигӯем.

## Ориёно ва ориёиҳо

Оид ба сарзамини Ориёно ва аҳолии он, ки ориёиҳо мебошанд дар илми таърихшиносӣ баҳсу мунозираҳои зиёде вуҷуд доранд. Сокинони соҳили Дон, Днепр, Ҷанубии Урал, даштҳои Қазоқистон, Мовароуннаҳр, Эрон ва ҳатто Ҳиндустон решаи таърихи тамаддуни худро фарҳанги Ориё ва ориёниҳо мешуморанд. Муҳаққиқони таърихи кишварҳои номбурда баҳри исботи ақидаи худ оид ба гуфтаҳои боло далелу исботҳои зиёд меоранд. Вале 200 сол инҷониб ин масъала ҳалли худро интизор аст.

Пас саволе ба миён  меояд, ки ориёиҳо кистанду ватани аввалини онҳо куҷост? Ва чаро то ба имрӯз аксарияти халқҳои қитъаҳои Аврупою Осиё мехоҳанд, ки Ориёнажод бошанд? Аввал мо ба маъхази назариявии Ф. Энгелс «Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат» муроҷиат мекунем, зеро ин асар қариб 150 сол инҷониб аҳамияти худро гум накардааст. Вай ду қавмро қадимтарин медонад: яке ориёиҳо, дигаре сомиҳо, ки дар ром ва парвариш намудани ҳайвонот қадами аввалин гузоштаанд. Ва ҳақиқат ҳам ҳамин тавр аст.

Ҷомеаи инсонӣ то омӯхтани фарҳанги кишоварзию хонасозӣ бо шикор ва чорводорӣ машғул буд. Ниҳоят пас аз мурури замон ҷомеаи чорводорон аз шикорчиён ҷудо шуда бо ин давраи аввали тақсимоти меҳнат ба амал омад. Инро шарҳ дода Ф. Энгелс навишта буд: «ром ва парвариш намудани ҳайвонот сабаби аз дигар тӯдаҳои варварҳо (нимваҳшиҳо – А.И.) ҷудо шудани ориёиҳо ва сомиҳо гардидааст».

Тақсимоти меҳнат пас аз ташаккул ва рушди ҷомеа аз рӯи муҳити зист, шароити табиӣ ба чорводорону кишоварзон

ҷудо шуд. Акнун чорводорон барои чаронидани рамаҳои сершумори худ ҷойҳои васеъ – дашту биёбон ва бешазору ҷангалзорҳоро интихоб карданду кишоварзон соҳилу резишгоҳи дарёҳо, кӯлҳо ва чашмаҳоро. Тақсимоти сеюми меҳнат аз кишоварзон ҷудо шудани ҳунармандон мебошад. Зеро соҳибони ин касбу ҳунар дар ҳамин масъалаи иҷтимоии одамони ҷомеаи ибтидоӣ вазифаи ҳалкунандаро мебозиданд.

Ба фикри мо, тақсимоти якуми меҳнат, яъне аз тоифаи шикорчиён ҷудошавии чорводорон дар ҷойҳое оғоз ёфт, ки табиати бой дошт ва дар ин ҷойҳо ҳайвоноти ёбоӣ зиёд буданд. Ин мавзеъҳо на дашту биёбон, балки ҷойҳои серобу алаф ва буттазору бешазор буданд. Аз ин рӯ пайдоиш ва ташаккули ориёиҳоро даштҳои беканор гуфтан хатои таърихист.

Акнун бармегардем ба ҷавоби саволи дигар, ки ватани ориёиҳо куҷо будааст.

Ба фикри ман, ин масъала аз оғози таҳқиқ пояи боэътимод надошт. Ба ин пеш аз ҳама норасоии ҳафриёт ва бозёфтҳои бостоншиносӣ сабаб шудаанд. Вагарна П. Гилес ватани ориёиҳоро Маҷористон (Венгрия – А.И.) намешумориду онҳоро бо воситаи сарзамини Осиёи Хурд (бештар Туркияи имрӯза – А.И.), Месопотамия, Эрони Шимолӣ ба Ҳиндустон намебурд. Аҷибаш он, ки муҳаққиқ ориёиҳоро аз Ҳиндустон ба шимол, ба Осиёи Марказӣ омаданд гуфтааст. (Гилес, 1922, с.68-79). Ин гуна иштибоҳҳо дар асарҳои олимони хориҷӣ ва собиқ Иттиҳоди Шуравӣ тез-тез дучор мешаванд. Вале аксарияти бостоншиносон оид ба ватани ориёҳо ақидаҳои ба ҳам наздик доранд. Гурӯҳе даштҳои шимолии баҳри Сиёҳ ва Кавказы шимолӣ ва даштҳои Урали ҷанубии Поволжеро ватани ориёиҳо меноманд (Камерон, 1936, с.138-141, Грантовский, 1981, с.260, Сарианиди, 1977, с.5). Вале аксарияти муҳаққиқон: Б. Ғафуров, Н.Н. Неъматов, Б.А. Литвинский, С.П. Толстов, К.Ф. Смирнов, В.М. Массон, аз хориҷиён И. Меркварт, Э. Бенвенист, А. Кристенсон ватани

ориёиҳоро Аерянам ваэҷаҳ - «Паҳноии ориёно» яъне Осиёи Марказӣ ва кишварҳои ҳамҳудуди он мешуморанд. (Ғафуров, 1983, с. 44-45).

Дар навбати худ ин пешниҳод низ моро қаноатбахш намесозад. Азбаски то ҳол барои ҳалли ин проблемаи бағоят муҳим маълумоти бостоншиносӣ нокифоянд, хулосаи ниҳоӣ баровардан нодуруст аст. Бо вуҷуди ин, ватани ориёиҳоро танҳо бо сарзамини Осиёи Марказӣ маҳдуд кардан, аз ҳақиқати таърихи дур шудан аст.

Бинобар ин, нисбати ватани ориёиҳо ҳаминро мегӯем, ки то оғози рому хонагикунии ҳайвонот аҷдодони ориёиҳо дар ҷойҳои табиати бойу барои зист мусоид бо азхудкуниии неъматҳои табиат: чидахурӣ, шикор ва моҳидорӣ машғул буданд. Ин гуна шароитро дар доманакӯҳҳо, водиҳо соҳилҳои дарёву кӯлҳо, баҳрҳо ва билохир дар ҷангалзорҳо пайдо кардан мумкин буду халос.

Ниҳоят, вақте ки ақлу заковати инсон тараққӣ карду дар зиндагӣ олоти шикор – тиру камон, корду ханҷар ва барои бастану нигоҳ доштани чорвоҳо ресмону қаиш пайдо шуданд, кори шикорчиён хеле омад кард. Дар хоҷагӣ ҳайвоноти зиёдати пайдо шуданд, ки ин ибтидои фарҳанги чорводорӣ буд. Миқдори чорвои хонагӣ зиёд шуда, ба пода ва рама табдил ёфт, ки барои онҳо чарогоҳҳо лозим шуд. Бо ибораи Ф. Энгелс гӯем «Ташкил ёфтани пода ва рама дар ҷойҳои барои ин кор муносиб зиндагии чӯпониро амал овард». (Энгелс, 1987, с. 25).

Аз рӯи ин далел хулоса бармеояд, ки ҷойҳои аввалаи собиқ азхудкунандагони неъматҳои табиат: чидахӯрону шикорчиён, акнун ба чорводори касбӣ тангӣ мекард, ва онҳо маҷбур шуданд, ки чорвои худро ба чарогоҳҳои васеъ баранд. Ин гуна чарогоҳҳо даштҳои Осиёи Марказӣ, Қазоқистон, соҳилҳои баҳри Каспию Арал, дарёҳои Дон, Волга, Урал ва қисми дарахтзорҳои Сибири ғарбӣ буда метавонанд. Доираи хеле васеъ доштани кишвари ориёиҳоро ҳанӯз дар нимаи дуюми қарни XIX Ф. Энгелс

даштҳои «Ҳиндустон, инчунин соҳилҳои Амударё, Сирдарё, Дон ва Днепр» мешуморад (Энгелс, 1987, с.25).

Дар асоси баррасиҳои дар боло зикршуда эътироф намудан метавон, ки аҷдодони скифҳо, сарматҳо, хоразмиҳо, суғдиён, бохтариҳо ва портҳо ориёиҳо буданд. Ин ақидаро ягонагии забон, фарҳанги моддӣ ва маънавиёти халқҳо ва кишварҳои номбурда дар замони ахди биринҷӣ, ки дар ҳазосолаҳои III ва II пеш аз мелод арзи вуҷуд доштааст, собит мекунад.

**Авесто - нахустсарчашмаи таърихи ақвоми ориёӣ**

Масъалаи дигаре, ки қариб 200 сол инҷониб ҳалли худро интизор аст, ин замони пайдоиши «Авесто» ва ҷои баромади он мебошад. Пеш аз он, ки ба ин масъала дахолат кунем, лозим донистем, хонандагонро бо ин нахустсарчашмаи таъриху фарҳанги мардуми Осиёи Марказиву Шарқи Наздик шинос намоем, зеро он қадимтарин асари сарчашмавии илмӣ ва адабии форсу тоҷик буда баробари ин китоби муқаддаси зардуштия - оини эронинажодон ба шумор меравад.

Аз рӯи навишти муҳаққиқон И.С. Брагинский, Ҳошим Розӣ ва Пури Довуд, И. Горшевич, В.А. Лифилли, Э.А. Грантовский, И.М. Дяконов, И.М. Стеблин-Каменский ва олимони дигар «Авесто» сарчашмаи аввалини хаттии мардумони Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик ба шумор меравад.

Ҳақиқатан, то ҳол ягон сарчашмаи хаттии аз «Авесто» қадимтар дар сарзамини Эрону Тӯрон дарёфт нашудааст. Катибаҳои Бесутуну Нақши Рустам, Персеполис, ки дар Эрон маҳфузанд пас аз «Авесто» пайдо шудаанд.

Б. Ғафуров дар асари худ «Тоҷикон» оид ба «Авесто» таҳқиқоти бағоят муҳимеро ба ҷо оварда аз рӯи чандин асарҳои олимони ватанию хориҷӣ хулосаи комил бароварда чунин навиштааст: «Китобати «Авесто» бо алифбои то замони мо расидааш (асрҳои XIII-XIV мелодӣ – А.И.) аслан

дар асоси нақли лафзии он сурат ёфтааст» (Ғафуров, 1983, с. 65). Авестошинос ва донандаи хатҳои паҳлавию суғдӣ, олими англис Б. Хенинг номи «Авесто»-ро бо забони форси миёна (паҳлавӣ – А.И.) чунин шарҳ додаст: «Авесто» дертар асос, «гузориш», «дастур»-ро ифода мекунад (Хенинг, 1958, с. 52).

Моҳияти бузурги «Авесто»-ро аз ҳама пештар забоншиноси фаронсавӣ Анкетил-Дюперон дарк карда буд. Бо мақсади омӯхтани расму оинҳои зардуштиёни форс, вай якчанд сол дар Ҳиндустон зиндагӣ карда боқимондаи «Авесто»-ро ёфта соли 1771 дар Лондон ба табъ расонид. Тавассути ин тарҷума «Авесто» дар Аврупо маълуму машҳур гардид.

Тарҷумаи русӣ ва шарҳи «Авесто» то соли 1990 порча-порча аз тарафи як зумра забоншиносону адабиётшиносони Россия ба табъ расида буд. (Брагинский, 1981, с.20-42). Чопи интихобии онро, яке аз иштирокчиёни ҳафриёти Панҷакенти қадим И.М. Стеблин-Каменский соли 1990 дар Душанбе анҷом дод. Тибқи тақризи навиштаи суғдшинос В.А. Лившитс, тарҷумон дар ин кор тамоми комёбиҳои навини давраи охирро оид ба шарҳу эзоҳи «Авесто» ба назар гирифтааст (Лившитс, 1990, с.9).

Акнун чанд маълумоти мушаххас оид ба «Авесто». Аз рӯи маълумоти таърихӣ «Авесто» аслан аз 21 китоб иборат буда 350,000 калимаро дар бар мегирифт, ки дар пӯсти 40 барзагов навишта шуда буд. То замони мо ҳамагӣ 83,000 калимааш боқӣ мондааст хуло.

Тибқи таҳқиқот аксари олимон ба хулоса омаданд, ки «Авесто» бо алифбои дар асрҳои VI-V пеш аз мелод дар Эрону Осиёи Марказӣ мавриди истифодаи оромӣ (арамейӣ – А.И.) навишта шудааст (Ғафуров, 1983, с. 64). Худи алифбои оромӣ яке аз қадимтарин аломатҳои хаттии мардуми машриқзамин мебошад, ки баъдан дар асоси он алифбои яҳудӣ, арабӣ, паҳлавӣ ва бохтарию суғдӣ рӯи кор омаданд. Ғайр аз ин ривоят ҳаст, ки гӯё бо фармони Виштасп, ки 265-266 сол то Искандари Мақдунӣ дар Эрони

бостон подшоҳӣ мекард, матни «Авесто» аз даҳони Зардушт ба пӯсти барзагов бо оби тилло навишта шуда буд ва Искандари Мақдунӣ дар вақти забти Эрон дар шаҳри Истахр ин навиштаҷотро сӯзонидааст.

Ҳарчанд матни аслии он тамоман аз миён рафта буд, ҷонибдорони «Авесто», ки онро аз ёд медонистанд боз аз нав барқарор карданд. Матни «Авесто»-и то замони мо расида ба асрҳои VIII-VIV мансуб аст.

Бо вуҷуди баррасиҳои дар боло овардашуда, қисме аз муҳаққиқони Зардушт ва «Авесто» санаи пайдоиши китоби муқаддаси дини зардуштияро нисбатан қадимтар меҳисобанд. Масалан, зардуштшиноси замони мо, олими англис Мери Бойс навиштааст, ки санаи ҳаёти Зардуштро аниқ муайян кардан мумкин нест, зеро вай дар замоне зиндагӣ кардааст, ки халқи ӯ ҳоло дар ҳолати ҷомеаи ибтидоӣ (то таърихӣ – А.И.) буд. Забони готҳои (байтҳо) «Авесто» қадиманду ба забони «Ригведа» – асари динии ҳиндувон, ки дар соли 1700 пеш аз мелод пайдо шудааст, наздиканд. (М.Бойс, 1986, с. 26). Барои исботи фикри худ Мери Бойс менависад, ки халқи «Авесто», ки аз он худи Зардушт низ пайдо шудааст, камбағал ва аз олами беруна ҷудо буд, ки тағйиротҳои асри биринҷӣ таъсири худро ба зудӣ расонида натавонист. Аз ин гуфтаҳо муҳаққиқ хулоса бароварда навиштааст: «Ҳамин тариқ, метавонем тахмин кунем, ки Зардушт шояд дар байни солҳои 1500-1200 то мелод зиндагӣ карда бошад» (М. Бойс, 1986, с. 27).

Муҳаққиқи дигар И. Гершевич аз рӯи омӯзиш дар ҷомеаи «Авесто» мавҷуд будани чаҳор табақаро ишора мекунад. Аз рӯи «Яшт» Ҷ, 115: сарвари динии хонадон танайа, сарвари динии авлод – висйа, сарвари динии қабила –зантума, сарвари динии мамлакат – даҳюма будаанд. (Гершевич, 1959, с. 131).

Сарвари олии динии ҷомеаи «Авесто» - «заратуштротэма» буд. Б. Ғафуров ақидаи И.Гершевичро рушд дода навишта буд: «Ба ҳамин тариқ, оила – нмана ном дошт. Сарвари чунин

оилаи патриархалӣ (падаршоҳӣ – А.И.) кадхудо – нманопати, яъне «худованди хона» буд. Зани калонӣ дар оила – нманопатни – «кадбону» номида мешавад». (Б. Ғафуров, 1983, с. 73).

Д.Г. Редер навиштааст: «Дар қисмҳои қадимтарини ин китоб (Авесто – А.И.) дар «Готҳо» таъсири анъанаи сохти ҷомеаи ибтидоӣ ҳис карда мешавад». (Редер, 19., с. 20). Ба фикри мо «Авесто» дар охири сохти ҷомеаи ибтидоӣ, дар замоне, ки ориёиҳо фарҳанги шаҳрсозиро медонистанд, пайдо шудааст. Аҳолии минтақаи шаҳр бештар ба ду чиз: иқтисодиёт ва маънавиёт эҳтиёҷ доранд. Худи тарзи зисти муқимӣ ва мутаҳиддии зиндагӣ ба рушди фарҳанг ва ҳунармандӣ мусоидат мекунад. Дар Мовароннаҳр ва ҳатто кишварҳои Шарқи Наздик шаҳрсозӣ дар охири асри биринҷӣ 1500-1300 сол пеш аз мелод пайдо шуд. Он асрҳо дар сарзамини Тӯрону Эрон сохтори падаршоҳӣ ҳукмрон буд. Ҷомеа аз оила, авлодҳо ва қабилаҳо иборат буд.

Хусусиятҳои чорзинадории ҷомеаи «Авесто»-ро дар «Яшт»-и Ҷ, 115, И. Гершевич ва Б. Ғафуров дар таҳқиқоти худ баррасӣ кардаанд. Хотиррасон бояд сохт, ки «Авесто»-и қадимтарин шояд дар мобайни асрҳои XIV-IX пеш аз мелод бо ҳуруфоти то ҳол номаълум навишта шуда бошад. Дар ин маврид боз як масъалаи дигар, яъне пайдоиши дини Зардуштӣ ва ватани он ба миён меояд, ки дар ин масъала низ бояд истода гузарем.

## Зардуштия ва пайдоиши он

Масъалаи ватани аввалини ин дини мардуми эронинажод дар асарҳои таърихӣ-бостоншиносӣ то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Оид ба ин масъала олимон ба гурӯҳҳо тақсим шудаанд, фикру ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Агар ба саҳифаҳои таърихи омӯзиши дини Зардуштӣ нигарем, дар асрҳои V-IV пеш аз мелод дар асарҳои олимони Юнони Қадим номи Зардушт ва дини Зардуштиро дар асарҳо

вомехурем. Юнониҳо санаи ҳаёти Зардуштро 6 ҳазор сол пеш аз Афлотун меҳисобанд.

Дар қарни XVIII як зумра олимони Аврупо ба омӯзиши шахсияти Зардушт ва дини зардуштӣ шурӯъ карданд. Яке аз онҳо олими фаронсавӣ Анкетел Дюперон буд, ки соли 1757 ба иёлоти Гуҷароти Ҳиндустон омада забону хати аз байн рафтаи китоби зардуштиёнро омӯхта боварии намояндагони ин динро ба даст овард. Зардуштиён дар Ҳиндустони Ғарбӣ то асри XVIII боқӣ монда буданд. Онҳо Аслан эронӣ буда баъди дар Эрон ҷорӣ шудани дини Ислом ба Ҳинд муҳоҷират карда буданд. Онҳо китоби муқаддаси Зардуштӣ – «Авесто»-ро ҳамроҳ оварда буданд.

Пеш аз он, ки оид ба шахсияти Зардушту равияти зардуштия сухан ронем, бояд гуфт, ки худи калимаи «Зардушт» то ҳол мафҳум нест. Муҳаммади Рашод дар асари худ «Фалсафа аз оғози таърих» менависад: «Калимаи «Зардушт» бар хилофи он чӣ, ки аксари муаррихин тасаввур кардаанд исми шахс нест, балки чун калимаҳои коропон, хирбад, мӯъбад, озарвон, зуф, ростби, кови, ки ановони рӯҳониёни Эрони Қадим буданд, ки ба муҷаҳҳидини хеле бузург, ки ҳарчанд замоне як тан ба онҳо ба зуҳур пайваст ва оини маздаясноро мекарданд итлоқ мешудааст». (Муҳаммад Рашшод, 1990, с. 87-88). Ва тибқи навишта ин олим «... яке аз зардуштҳо дар 6 ҳазор сол қабл аз мелод зуҳур карда, дигаре дар аҳди Пешдодиён ва севум дар аҳди ҳахоманишиён» (Муҳаммад Рашшод, 1990, с. 88). Агар ин тавр бошад, аз зардушти аввал аз аҳди Пешдодиён осоре боқӣ намондааст. Зардушт ва зардуштия, ки то замони мо расидааст ба давраи ҳукмронии ҳахоманишиён байни қарнҳои VII ва VI пеш аз мелод шомил аст.

Зардушт ном шахс аз рӯи навишти Рашшод аз хонаводаи Сито аст, падараш Пурушаб, аз аҳли Рай будааст. Давраи ҷавонии худро дар Эрон гузаронида, 10 сол худро аз халқ канора гирифта, дар 30 солагӣ ба таълими Аҳурамазда, ки худои яккаву ягонаи офарандаи оламу мавҷудоти рӯи

замин, аҳкоми шарифи худ мепардозад ва баъдан онро дар байни мардуми эронинажод таблиғ менамояд. Аммо аз тарафи рӯҳониёни озорӣ мухолифати шадид дида дар 40 солагӣ аз Озорбойҷон ба Балх, ки пойтахти кишвари Бохтар буд, муҳоҷират мекунад. Баъди шоҳи Балхро ба дини худ даровардан шариатро сар то сари Эрон паҳн мекунад.

Шояд дар ин бобат ҳақ ба ҷониби Рашшод бошад. Вале дар ин бора, ки сухан оид ба зардуштҳое меравад, ки 6 ҳазор сол қабл аз мелод, яъне дар аҳди Пешдодиёну ҳахоманишиён будаанд, муҳақиқ далеле пешниҳод накардааст. Зеро 6 ҳазор сол қабл аз мелод аз рӯи илми бостоншиносӣ хоси замони санг – неолит буд. Тарзе, ки ёдрас шудем, дар ин давра ҳоло хат пайдо нашуда буд. Илова ба ин мо ҳатто забони одамони неолитро тасаввур карда наметавонем.

Ягона маълумотро оид ба расму оинҳои замони сангу биринҷӣ аз рӯи кашфиёти ҳафриётҳо ба даст овардан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, маълумоти бостоншиносӣ ҳарчанд пояи таърихӣ дорад, вале ба ҳақиқат пурра ҷавоб дода наметавонад. Сабаб он аст, ки ҳар як бостоншинос аз рӯи бозёфтҳои ба даст овардаи худ хулоса мебарорад. Зимнан, мо низ фикру ақидаи худро аз рӯи маълумоти ҳафриётгоҳи Саразм баён хоҳем кард. Маълумоти худро барои ба ҳақиқати тахрихӣ наздик кардан бори дигар бо гуфтаи устод Рашшод пурра мекунем. Зеро ёдгории замони энеолити Саразм таърихи 6 ҳазорсола дошта дар ин ҷо рамзҳои офтоб, моҳтоб, об, замин ва оташро дарёфт намудан мумкин аст, ки асоси зардуштия мебошанд. Дини Зардуштия, чӣ тавре маълум аст, макрӯҳ сохтани ҳатто яке аз унсурҳои муқаддас: оташ, хок ва обро гуноҳи азимтарин медонад (Рашшод, 1980, с.469). Модоме, ки ин тавр бошад, маъбадҳо ва оташгоҳҳои ёдгориҳои Саразм, водии Зарафшон, Геоксюр, Олтинтеппа, Илгинли, Қаротеппа, Пархай ва чанде дигарони Туркманистони Ҷанубӣ, Турангтеппаи Эрон дар музофоти Мозандарон ба маънои томаш ёдгориҳое мебошанд, ки сокинонашон 6 ҳазор сол қабл аз ин офтобу моҳтоб, обу оташ ва заминро парастиш мекарданд. Пас ватани зардуштиёни аввалин маҳз ҳамин кишварҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, ватани Авесто кишвари Фарохии Эрон аст. Ва мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки ватани зардуштиёни аввала, низ ҳамин сарзамин мебошад. Дар ин бора далелҳои дигар низ ҳастанд. Аввал ҳангоми таҳлили асарҳои Ҳеродот, Ксенофонд, Страбон таърихшинос В.В. Струве қайд намудааст, ки дар навитаҷоти Доро ва Ксеркс номи Зардушт дучор намешавад, дар системаи динии ҳахоманишинҳои аввал Зардушт ва пайғамбар Аҳура-Мазда бо номи шоҳи Ҳахоманишиён ёд шудааст (Струве, 1945, с. 35). Муаррихи муосир М.А. Дандамаев менависад, ки дар байни халқҳои форс дар тамоми давраи ҳукмронии ҳахоманишиён Зардуштия муваффақият пайдо намуда буд, то замони Сосониён оинҳои Зардуштия барои форсҳо бегона буд (Дандашаев, 1963, с. 236). Далели дуюм аз ақидаи Б. Ғафуров бармеояд. Олим асарҳои сершуморро таҳқиқ карда ба хулоса омадааст: «...замони фаъолияти Зардушт ва офариниши Готҳо (сурудҳо ва гимнҳо – А.И.) ба пештар аз охири қарни VII аввали қарни VI пеш аз мелод мансуб аст... Доир ба макони пайдоиши «Готҳо», ҳарчанд ҳоло ягон ноҳияи муайянеро бо боварии қатъӣ ном бурдан мумкин нест, бо вуҷуди ин метавон тасдиқ кард, ки он дар минтақаи Осиёи Марказӣ ё ноҳияи ҳамсарҳади он воқеъ буд. Дар ин бора ҳудуди географӣ ва маҷмӯи мамолики дар «Авесто» номбаршуда мӯътамад шуда метавонанд». (Ғафуров, 1983, с.70).

Яке аз муҳаққиқони «Авесто» ва «Зардуштия» И.М. Дяконов ватани пайдоиши Авесторо Осиёи Марказӣ ё Шарқи Эрон (кишвари Хуросони асримиёнагӣ) ва Афғонистон мешуморад (Дяконов, 1965, с. 385). Далели сеюм. Зардуштшинос Мери Бойс навиштааст: «Санаи дақиқи зиндагонии Зардуштро гуфтан душвор, вале маълумоте ҳастанд, ки тахминан Зардушт дар вақти гузариш аз қарни санг ба биринҷӣ, яъне шояд 1700-1800 сол пеш аз мелод зиндагӣ карда бошад». (М. Бойс, 1979, с. 226). Ҳамин тариқ, аксари олимон В.В. Струве, Е.Э. Беретеле, М.М. Дяконов, Б. Ғафуров, И.М. Дяконов, В.И. Абаев, И.

Алиев, Э.А. Грантовский, С.П. Толстов, Н.Н. Неъматов, Б.А. Литвинский, Х. Хуберг, Р. Фрай ва дигарон ватани зардуштияро шимолу шарқии Эрон ё вилоятҳои ба он наздики Осиёи Марказӣ меҳисобанд. Олими Олмон Х. Хюберг ватани зардуштияро кишвари суғдиён мешуморад. Бозёфтҳои бостоншиносии даҳсолаи охир аз ҳафриётгоҳҳои Хуросону Мовароуннаҳр, Хоразму Бохтар бадастомада бозгӯи он аст, ки Зардуштия дар ибтидо аз ин кишварҳо дар ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод сар зада пас тавассути Осиёи Марказӣ ба кишварҳои ҷануб –Ҳиндустону Эрон фирор кардани форсинажодон ба он мамлакатҳо паҳн шудааст. Давраи дуюми ташаккули Зардуштия хоси замони ҷомеаи синфӣ мебошад. Бешак дин ва идеология як рукни давлатдорӣ ба шумор мераванд. Аз он сабаб дар Эрон то ба сари қудрат омадани ҳахоманишиҳо Зардуштия дар афкори ҷамъиятӣ мавқеъ пайдо карда буд. Аммо дар китобҳои ҳахоманиши аввал Дорои бузург (Дорюш – А.И.) аз Зардушт сухан намеравад. (М. Рашшод, 1990, с. 87), зеро то Зардушт ба эрониён дини зардуштӣ бегона буд. Агар Зардуштия бевосита дар сарзамини Эрон пайдо мешуд, барои пойдории давлати худ ҳахоманишиён онро ҳамчун воситаи муттаҳидкунии мардум ва пойдоркунии давлати худ истифода мекарданд.

Баробари ин оид ба санаи пайдоиши ватани Зардуштияву Зардушт муаммои дигар пеш меояд. Дар «Ғиёс-ул-луғот» омадааст, ки Зардушт, Зардуҳушт – номи мардест аз насли Манучеҳри шогирди Фисоғурас дар замони Гуштосп, ки даъвои нубувват кард ва дини оташпарастӣ вазъ сохт ва маҷус пайғамбар донанд ва номи ӯ Иброҳим гӯянд. Ва китоби Жанд (Занд), ки сохтаи ӯст, онро  осмонӣ донанд (Ғиёс-ул-луғот, 1987, с.391). «Ғиёс-ул-луғот» маъхази боварибахштар аст. Дар он навишта шудааст, ки Гуштосп аз сулолаи ҳахоманишҳо 2,5 аср пештар гузаштааст. Ҳамчунин вобаста ба он, ки падари Зардушт Пурушаспа, модараш Дугдона ном дошт, Зардушт шахсияти асотирӣ набуда, шахсияти воқеъист ва зодгоҳи аниқ дорад.

Ҷои тавлиди Зардуштро дар боло қайд карда будем. Вале бо ин масъалаи ҷойи пайдоиши дини Зардуштияро ҳал шуда ҳисобидан номумкин аст, зеро дар байни олимон оид ба ин қазия ҳоло ҳамфикрии ягона нест.

Аз рӯи ҳафриёти ёдгориҳои аҳди биринҷии Осиёи Марказӣ (аз баҳри Каспий то Бадахшон) равшан мегардад, ки мардуми ин сарзамин оташу об, офтобу моҳтоб, замину хокро парастиш мекардаанд. Тарзи дафнкунӣ, ашёи ҳамроҳи ҷасад ба қабр гузошташуда, парастишгоҳҳои оташ, рамзи қурбоникуниҳо – деворҳои маъбадро бо ранги сурх – рамзи хун оро додан, нақшу нигораҳои рамзи офтобу об ва монанди инҳо далели оинҳое мебошанд, ки Зардушт дар қарнҳои VII-VI пеш аз мелод ҳамчун дини Зардуштия ҷорӣ кардааст, ҳол он ки сокинони Осиёи Марказӣ 3500-4000 сол то Зардушт онро мепарастиданд.

Нишонаҳои ба оини Зардушт наздикро, ки ба ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод мансубанд, муаллифи ин сатрҳо дар ҳафриётгоҳи Саразм пайдо кардааст (Исоқов, 1991, с.12). Вобаста ба ин бешак метавонем гуфт, ки кишвари Суғд яке аз марказҳоест, ки дар ташаккули дини Зардушт мақоми хос доштааст. Оташгоҳҳо ва «Маъбади офтоб»-и Саразм далели гуфтаҳои болост. Ин расму оин дар ҳазорсолаи II пеш аз мелод баробари ҳаракати Ориёно аз ҳамин сарзамин то ба Ҳиндустону Эрон расидааст. Такдири баъдинаи равияи Зардуштия бо таъриху такдири давлатҳои номбурда алоқаманд шудааст.

Бо ҳамин дар боби таърихи пайдоиш, ҷой ва оғози равияи Зардушту зардуштия бояд илова намуд, ки ояндаи Зардуштияро, ки дини аввалини ниёгонамон мебошад, вобаста ба таърихи сокинони Панҷакент ва дигар халқҳои Осиёи Марказӣ дар бобҳои баъдина шарҳу эзоҳ хоҳем дод.

# ПАНҶАКЕНТИ СУҒД ДАР ҲАЙАТИ ДАВЛАТҲОИ ИБТИДОӢ ВА АНТИҚӢ
## (асрҳои VI то мелод - IV мелодӣ)

Тавре ки медонем, дар замонҳои сангу биринҷӣ одамон дар ҷомеаи ибтидоӣ умр ба сар мебурданд. Тамоми аъзоёни ҷомеа, комилан баробарҳуқуқ буданд шоҳ ва шоҳигарӣ вуҷуд надошт. Ҷомеа – қабила, авлод ва оиларо пешвоён идора мекарданд. Сарватҳои табииро сокинон баробар истифода мебурданд.

Ибтидои ҳазорсолаи I пеш аз мелод дар таърихи тамаддуни Осиёи Марказӣ, азҷумла сокинони Панҷакент табадуллоти куллӣ ба амал омад, ки вобаста ба ихтироъи маъдани сахттарин – оҳан мебошад. Албатта ихтироъи оҳанро танҳо ба таърихи Осиёи Марказӣ алоқаманд кардан хатост. Ихтироъи оҳан ба ҳаёти тамоми халқҳои ҷаҳон тағйирот даровард. Ба қавли Ф. Энгелс: «Оҳан аз тамоми ашёи хоме, ки дар таърих нақши инқилобӣ бозидаанд, охирин ва муҳимтарин... нави навтарин ашёи хом буда ба одам хизмат мекардагӣ шуд». (Энгелс, 1987, с.188). Олоти аз оҳан сохташуда имконият доданд, ки одамон каналҳо, ҷӯйборҳо кованд, заминҳоро бо теғҳои оҳанин нарм кунанд, дарахтҳоро буррида қасру биноҳои боҳашамат созанд ва билохир бо аслиҳаҳои оҳанӣ: табарзин, шамшер, сипар ва нӯгтири найзаву камон сохта худро аз душманон муҳофизат кунанд. Ҳамаи ин ба одамон имконият дод, ки иқтисодиёти худро беҳтар карда қисман аз вобастагӣ ба табиат озод шаванд. Хулоса, тавассути оҳан ва истифодаи он, ки яке аз сабабҳои пайдоиши ҷомеаи синфӣ гардид, нобаробарии иқтисодиёти мардум ба амал омад. Қабила ва авлоде, ки дар мавзеъи бойтари табиат зиёд зиндагӣ мекард, бойтар ва қудратмандтар мешуд, дигарон ба ӯ ҳамчун хизматгор тобеъ мешуданд.

Бо вуҷуди ин, дар бораи вазъи ҷамъиятии Зарафшон, аз сабаби то ҳол кашфу омӯхта нашудани ёдгориҳои водӣ чизе гуфта наметавонем. Дар ин бобат ба бозёфтҳои водии Мурғоби Туркманистон, водии Фарғона, вилоятҳои

Сурхандарё ва Ҷанубии Тоҷикистон такя кардан мумкин аст. Дар ин ҷо як зумра ёдгориҳои ба қарнҳои IX-VII то мелод таалуқдошта кашф шуданд, ки ҳаёти моддӣ ва мадании мардуми Осиёи Марказӣро бо тамоми паҳлӯҳояш инъикос менамояд. Дар шаҳраки Язтеппаи водии Мурғоб солҳои 50-ум бостоншинос В.М. Массон осори санъати меъморӣ, ҳунармандӣ ва асбобу анҷомҳои сафолӣ, биринҷӣ ва сангиро дарёфт намуда, онҳоро ба садсолаҳои аввали ҳазорсолаи I пеш аз мелод мансуб донист. Ин асбобу ашё оид ба таърихи охири қарни биринҷию аввали қарни оҳан – саршавии ҷомеаи синфӣ маълумот медиҳанд (Массон, 1959). Ин гуна маълумотро аз ҳафриётгоҳҳои гӯрхонаи Макони Мор дар ноҳияи Фархор (Литвинский, Муҳиддинов, 1960), шаҳракҳои Дилварзин ва Эйлатони водии Фарғона (Заднепровский, 1962), Яккапарсон, Ҷонбозқалъа, Бозорқалъаи Хоразм (Толстов, 1948, с.67-70), (Интина, 1959, с.62), пайдо кардан мумкин аст. Дар Тоҷикистони Шимолӣ нишонаҳои аввалини олоти оҳаниро Б.А. Литвинский, А.П. Окладников, В.А. Ранов охири солҳои 50 ва аввали 60 дар дашти Қайроқум ва ғори Оқтангӣ (ноҳияи Шаҳристон) дарёфт карданд.

Дар водии Зарафшон, азҷумла ноҳияи Панҷакент ёдгории аввали қарни оҳан кашф нашудааст. Вале зарфи биринҷии аз деҳаи Фатмеви ноҳияи Айнӣ дарёфт шударо олими Санкт-Петербург В.Г. Луконин ба асрҳои X-IX пеш аз мелод мансуб медонад, ба ақидаи ӯ он зарф дар замони охири қарни биринҷӣ ва аввали қарни оҳан истеҳсол шудааст. (Луконин, 1977, с.40). Табар-тешаи биринҷие, ки мо аз деҳаи Бедаки ноҳия пайдо кардем, низ ба ҳамин давра мансуб аст. Ниҳоят дар яке аз гӯрхонаҳои Дашти Саразм қабре кушода шуд, ки зарфҳои аз он ёфтшуда ба асрҳои VIII-VII пеш аз мелод мансубанд. Ин чунин маъно дорад, ки сокинони Панҷакент дар замонҳои аввали ихтироъи оҳан бо ҳунармандӣ, кишоварзӣ ва чорводорӣ машғул буданд ва ноҳияи Панҷакент дар ташаккули ҷомеаи синфӣ-ғуломдорӣ мақоми махсус дошт.

## Сарзамини Суғд ва музофоти Панҷакент дар давраи Ҳахоманишҳо

Оид ба сохтори давлатӣ ва чигунагии давлатдорӣ дар сарзамини суғдиён дар қарнҳои VIII-VII пеш аз мелод маълумот мавҷуд нест. Таърихи ҳамондавраи Бохтар ва бохтариён норавшан аст. Ҳамин тариқ, таърихи ин ду сарзамин, ки сокинони онҳо 6-4 ҳазор сол пеш офарандагони тамаддуни Осиёи Марказӣ ва кишварҳои Шарқ буданд, дар қарнҳои номбурда номаълум аст. Баъзе маълумоти заруриро баъди аз тарафи ҳахоманишҳо забт шудани кишварҳои Бохтару Суғд, дар навиштаҷоти кӯҳи Бесутун дар замони Дорои I (дар маъхазҳои Эрони қадим – А.И.) дарёфт кардан мумкин аст. Аз ин хотир лозим медонем, ки ба таърихи ташаккули хонадони ҳахоманишиҳо муроҷиат кунем.

Муассиси хонадони шоҳҳои Эрони Қадим Ҳохоманишиён буда, вай дар охири асрҳои VIII ва ибтидои қарни VII зиндагӣ кардааст. Баъди вафоти Ҳохимён, писари ӯ Чишпиш, ки солҳои 675-640 пеш аз мелод умр ба сар бурдааст, иттифоқи қабилаҳои эрониёнро ташкил кард. Аммо ӯ имкони ташкили давлати ягонаро пайдо накард. Ин корро писарони вай Куруши I ва Комбиз анҷом доданд. Солҳои 640-559 пеш аз мелод сулолаи ҳахоманишҳо пойдор шуд. Эрон дар давраи шоҳигарии Куруши II ба «империяи ҷаҳонӣ» табдил ёфт. Ӯ дар мӯҳлати кӯтоҳ душманони худ ва ҳатто шоҳи Мод Астиагро мағлуб намуда соли 550-538 то мелод Шарқи Наздикро пурра ба хоки худ ҳамроҳ намуд.

Ба гуфти Ҳеродот, Торг, Юстин, Ксенофон, Ктисей ва навиштаҷоти Бесутун Куруши II барои забти кишварҳои Осиёи Марказӣ Порт (Марғиён), Бохтар, Суғд ва Хоразм тайёрии махсус дидааст. Куруши II аз бойигарии ин кишварҳо ба хубӣ огоҳ буд. Ин кишварҳо барои Куруши II аҳамияти калон доштанд. Зеро кишварҳои номбурда, ҳахоманишиёнро аз ҳуҷуми ногаҳонии кӯчманчиёни чорводори шимоли Осиёи Марказӣ муҳофизат мекард. Дар

ҳақиқат дар сарзамини фарохи шимолии Осиёи Марказӣ қабилаҳои чорводорони бодиянишин – массагетҳо, скифҳо ва саккоиҳо дар ҳамон замон қувваи бузург доштанд. Азбаски Хоразм, Порт, Марғиён, Суғд (водии Зарафшон) дар сари роҳи кӯчманчиён ҷойгир шудаанд, метавонистанд кишварҳои Ҷануб - Бохтару Эронро муҳофизат кунанд. Сабаби дигари аз тарафи Куруши II забт намудани Осиёи Марказӣ боз дар он буд, ки ҳахоманишиҳо аз муттаҳидшавии хоразмиёну суғдиён бо кӯчманчиёни чорводор метарсиданд. Онҳо якҷо шуда бо қувваи калон ба ҳахоманишиҳо таҳдид карда метавонистанд. Маҳз бо ҳамин мақсад Куруши II дар охири умри худ фатҳи Осиёи Марказиро ба зимма гирифт.

Аз рӯи маълумот Куруши II дар аввал вилоятҳои ба Эрон наздики Осиёи Марказӣ – Бохтар ва Портро ишғол намуд. Эроншинос М.А. Дандамаев менависад, ки байни солҳои 545-539 пеш аз мелод Куруши II Марғиён, Хоразм, Суғд ва ҳатто қабилаҳои скифҳоро ба худ тобеъ кард. (Дандашмаев, 1963, с. 106). Ҳамин тариқ, Куруши II аз Ҳиндустон то соҳили Яксартро (Сирдарё – А.И.) тобеи давлати ҳахоманишиён кард. Аммо маъхазҳои таърихи собит мекунанд, ки ин маънои пурра тобеъ шудани халқҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама суғдиёнро надорад.

Ктесий, ки ӯро Куруши II ҳокими Порт таъин карда буд, менависад, ки Куруши II дар ҳуҷуми охирини худ ба муқобили массагетҳо, ки дар сарҳади Хоразму Суғд зиндагӣ мекарданд, ба мағлубият дучор шуд. Нақл мекунанд, ки дар ҷанги муқобили массагетҳо Куруши II захмӣ шуда вафот мекунад. Ҳеродот мағлубияти Куруши II-ро тасвир карда навиштааст: «Дар сари массагетҳо Томирис ном зан меистод. Куруш ба ӯ мактуби хушоматгӯёна навишта изҳор мекунад, ки ӯро ба занӣ мегирад... Томирис мефаҳмад, ки ба вай зан не, балки шоҳигарии массагетҳо лозим аст ва аз ин рӯ сафири Курушро қабул намекунад. Пас Куруш бо айёрӣ ба мақсади худ нарасида ба сари ӯ лашкар мекашад». (Ҳеродот, I, с.204-215). Мағлуб нашудани он қабилаҳоро боз он чиз исбот

мекунад, ки баъди вафоти Куруши II (соли 530 п. аз м.) шоҳи нави ҳахоманишиён Дорои I (522-486 п. аз м.) дубора ба забти кишварҳои Осиёи Марказӣ сар кард. Аксари таърихнависони ин давра сабаби аз нав ба Осиёи Марказӣ лашкар кашидани Дорои I-ро аз он медонанд, ки мардуми Осиёи Марказӣ пеш аз ҳама марғиён ба ҳахоманишиён сар нафаровარданд. Шӯриши тирамоҳи соли 522 пеш аз мелоди марғиониҳо, бо қувваи калон бераҳмона аз тарафи Дорои I хомӯш карда шуд. Тибқи маълумоти В.В. Струве аз рӯи катибаҳои Бесутун миқдори кушташудагон 55243 кас, асирафтидагон 6972 нафар буд. (Струве, 1949, с.23). Асоси таърихӣ доштани шӯриши марғиёниҳоро ба муқобили Дорои I, эроншиноси муосир М.А. Дандамаев низ ҷонибдорӣ намудааст: «Танҳо дар Марғиён дар вақти хомӯш намудани шӯриш 55000 кас кушта, 6972 кас асир гирифта шудаанд. Шӯриши марғиёниҳо умумихалқӣ буд». (Дандамаев, 1963, с.222).

Хулоса, шӯриши Марғиён далели он аст, ки мардуми Осиёи Марказӣ аз қадимулайём озодихоҳ ва истиқлолиятталаб буданд, ки ин дар ҷараёни баъдинаи таърих низ борҳо дида шуд. Ба ҳар ҳол шоҳи ҳахоманишиҳо Дорои I кишварҳои забт кардаи худро дар навиштаҷоти кӯҳи Бесутун баён кардааст: «Ин аст он кишварҳое, ки бо меҳрубонии Аҳура Мазда насиби ман гардид» ва онҳоро номбар кардааст: Порт (Парфия), Ориё, Хоразм, Бохтар, Суғд ва вилоятҳои ҷанубии Афғонистон ва Шимолу Ғарбии Ҳиндустон. Ин аст ахбори хаттӣ нисбати Суғд.

Дар замони Дорои I (522-486 п. аз м.) кишварҳои Осиёи Марказӣ ба чор сатрапӣ тақсим мешуд. Кишварҳои тобеи Эронро «сатрап» меномиданд, ҳокими вилоятро шоҳ (Доро – А.И.) таъйин мекард. «Сатрап» аз калимаи юнонии «сатрапес» ва эронии қадими «ситраб» қабул шудааст. Аз рӯи маълумоти Ҳеродот Хоразм, Суғд ва Порт сатрапии XVI-ми давлати ҳахоманишиҳо буда, соле ба Хазина 300 талант андоз медоданд. Дар ҳолати як талант ба 30 кило

нуқра баробар будан, пас кишварҳои Хоразм, Порт ва Суғд ҳар сол ба андозаи 9 ҳазор кило нуқра мепардохтанд. Ин исботи он аст, ки Суғди замони ҳахоманишҳо ҳамроҳи Хоразму Порт яке аз кишварҳои бойтарини зердасти давлати ҳахоманишиён будааст.

Таърихи баъдинаи Суғду суғдиён то замони лашкаркашии Искандари Мақдунӣ дар сарчашмаҳои хаттӣ қайд нашудааст. Вале ёдгориҳои бостоншиносии кишвари Суғд дар вилояти Қашқадарё ва шаҳри Самарқанд (Мароқанди замони Дорову Искандар – А.И.) далели онанд, ки дар асрҳои V-IV пеш аз мелод кишвари Суғд яке аз гӯшаҳои ободу зебои Осиёи Марказӣ буда дар ин ҷо фарҳангҳои кишоварзӣ, шаҳрсозӣ ва ҳунармандӣ тараққӣ карда буд. Инро аз рӯи кашфиёти ёдгориҳои бостоншиносӣ дарк кардан мумкин аст.

Яке аз ёдгориҳои замони ҳахоманишиҳои Суғд шаҳраки Ёрқӯрғон мебошад. Вай дар масофаи 10 км шимолтари шаҳри Қаршӣ (Насафи асримиёнагӣ) ҷойгир шудааст. Бостоншиносон қайд мекунанд, ки шаҳр аз ду қисм иборат буда ҳар ду қисм девору бурҷҳо доштаанд. Қисми аввал – шаҳри дарун 40 гектар, қисми дуюм – шаҳри берун (шояд работ бошад – А.И.) 150 гектар масоҳатро ишғол мекардааст (Кабанов, 1950, 1953а, 1953б, 1977; Массон, 1973; Исомиддинов, Сулаймонов, 1984).

Муҳаққиқони асосии он М.Х. Исомиддинов ва Р.Х. Сулаймонов исбот мекунанд, ки Ёрқӯрғон дар охири аҳди биринҷӣ ва ибтидои асрҳои оҳан IX-VIII то мелод ташаккул ёфта то асрҳои VI-и мелодӣ ҳамчун шаҳри марказии Суғди ҷанубӣ ҳисоб мешудааст. Деворҳои атрофи шаҳр ва бурҷҳои посбоннишин нишон медиҳад, ки шаҳр барои муҳофизати сокинонаш истеҳкоми боэътимоде будааст. Ёрқӯрғон маркази савдо, ҳунармандӣ ва санъати амалӣ буда, то ба ин ҷо омадани ҳахоманишиён Курушу Доро, соҳиби фарҳанги баланд будани суғдиёнро нишон медиҳад.

Дар асрҳои VI-V пеш аз мелод ба ғайр аз Ёрқӯрғон дар сарзамини Суғд Мароқанд низ тараққӣ карда буд. Вале оид ба ин шаҳр, ки пойтахти кишвари Суғд ҳисоб мешуд, маълумоти зарурӣ ба даст нест. Зеро бостоншиносон қабатҳои мадании ба асрҳои номбурда дахлдорро то ҳол пурра наомӯхтаанд.

Оид ба таъриху фарҳанги Панҷакент ва деҳаҳои атрофи он дар замони ҳахоманишиҳо, низ маълумоти таърихию бостоншиносӣ хеле каманд. Вале гӯрхонае, ки дар дашти Саразм соли 1982 кушода шуд бо ду зарфи сафолии худ ва устухонҳои ҷасаде, ки дар ҳолати батнӣ хобидааст, ба он далолат мекунад, ки ноҳияи Панҷакент низ дар асрҳои VIII-VII пеш аз мелод ҷойи холӣ набуда, маскани мардуми мутамаддин будааст.

## Юриши Искандари Мақдунӣ ба Эрон ва Осиёи Марказӣ

Аз нимаи дуюми асри IV пеш аз мелод дар шимоли давлати Юнон (солҳои 334-328 пеш аз мелод - А.И.) вилояти Македония (Мақдуния –А.И.), хеле тараққӣ мекунад. Ба рушди он Файлақуси II (359-336 п. аз м.) ва писари ӯ Искандар мусоидат мекунанд. Агар Файлақус қисмҳои асосии Юнонро тахти ҳукмронии худ даровարда бошад, Искандар барои васеъ намудани Македония кӯшиш намуд. Вай дар бистсолагиаш аз соли 336 пеш аз мелод сар карда аз ҳисоби дигар давлатҳо ба васеъ кардани доираи ҳукмронии худ кӯшид. Азбаски дар ин солҳо хонадони ҳахоманишиҳо рӯ ба таназзул оварда буд, Искандар фурсатро ғанимат дониста юриши худро аз Эрон оғоз намуд.

Амалиёти ҷангии Искандари Мақдунӣ дар Эрон ҳамагӣ 3 сол (334-331 пеш аз мелод) давом кард. Вай дар ҷангҳои шадиди назди наҳри Граник (майи с. 334), шаҳри Исса (тирамоҳи с. 333) ва тирамоҳи соли 331 назди Гавгамон бар ҳокимони Осиёи Хурд, Сурия, Фаластин ва ҳахоманиш Дорои III ғолиб омад. Хусусан ҷанги назди Гавгамон баъди аз майдони ҷанг гурехтани шоҳи охирини

ҳахомнишии Эрон тақдири ин империяи бузургро ҳал кард. Дорои III лашкари худро партофта ба Бохтар ба ҳимояи хеши худ Бесс, ки сатрапи ҳахоманишиҳо буд, гурехт. (Арриан, III, с. 21, 5). Ҳарчанд Искандари Мақдунӣ қатли Дорои III-ро манъ карда буд, сардорони лашкари Дорои III исён бардошта ӯро зиндонӣ карданд ва дертар ба қатл расониданд.

Дар қатли Дорои III хешбачааш Бесс низ гунаҳкор ҳисобида мешавад. Ҳисси молпарастию давлатпарастии Бесс аз болои ақлу заковати ӯ ғолиб омад. Вай пас аз қатли Дорои III худро шоҳи ҳахоманишиҳо эълон кард. Роҷеъ ба ин ҳодиса Диадор навиштааст, ки «Бесс ваъда додаст (ба лашкари Дорои III – А.И.), ки ба ҷанг сардорӣ мекунад ва мардум бовар карда ӯро подшоҳ хостанд». (Диодор, ҶVII, 74, 1-2). Ҳарчанд дар аввал Бесс «Иттифоқи сатрапҳоро» ташкил намуда якчанд вилоятҳои аз даст рафтаи ҳахоманишиҳоро баргардонд, табақаҳои васеъи аҳолии Эрон ӯро дастгирӣ накарданд. Таърихшинос Б. Ғафуров сабабҳои ноком шудани шоҳи нохонда Бессро чунин шарҳ додааст: «Яке аз сабабҳои асосии ин ба худ ном ва унвони подшоҳи ҳахоманиширо гирифтани Бесс буд. Илова ба ин, ба ӯ фурсат кифоя намекард: аз тарафи ғарб лашкари юнону мақдунӣ бо суръат наздик меомад». (Ғафуров, 1983, с. 121-122).

Ҳамин тариқ, лашкари Искандар Бессро таъқибкунон аз хоки Эрон ва Афғонистон то соҳили дарёи Окс (Аму – А.И.) расид. Бесс маҷбур шуд, ки аз Окс гузашта дар Бохтари Шимолӣ, дар сарзамини Осиёи Марказӣ аз таъқиби Искандар ва марги дар пеш истода халосӣ ёбад. Аммо ин тавр нашуд. Азбаски яке аз орзуҳои асосии юнониён ғасби кишварҳои бою ободи Осиёи Марказӣ буд, ба соҳили чапи Окс ҳуҷум карданд. Ин ҳодиса охирҳои соли 331 ё аввалҳои 330 пеш аз мелод рух дод. Б. Ғафуров оид ба ҷангҳои Бесс ва Юнону Мақдуниён чунин гуфтааст: «Тавассути муборизае, ки бо сардории Бесс вусъат пайдо намуд, ҳамлаи лашкари Юнону мақдунӣ ба

Осиёи Марказӣ якчанд моҳ (ва шояд ним сол ҳам бошад) ба таъхир афтод, зеро аскарони Искандар дар натиҷаи муқовиматҳои сари роҳи ин сарзамин заифу беҳол гардида буданд». (Ғафуров, 1983, с.122).

Пас аз он, ки Искандар кишвари бузурги овозадори Эронро таҳти тасарруфи худ даровард, дар назди худ мақсад гузошт, ки дар ягон кишвари дурдаст дар байни «ваҳишён» шаҳре бунёд намояд ва бо ин худро ҷаҳонгир эълон намояд. Аммо ба ин мақсади Искандар ҷонибдорони ӯ, пеш аз ҳама мақдуниён розӣ набуданд. (Шифман, 1988, с.126). Сабаб дар он буд, ки лашкариёни Искандар зиёда за панҷ сол инҷониб аз Ватан, хонаву ҷой ва хешу табор дур афтода буданд ва баъдан аз юришу ҷангҳо, одамкушию ғоратгариҳо хаставу дилгир шуда буданд. Бо вуҷуди ин Искандарро аз роҳу мақсадаш баргардониданд амри маҳол буд.

Дар андешаи ин ният Искандар ҳанӯз дар хоки Эрон истода барои ба Осиёи Марказӣ ҳуҷум кардан тайёрӣ медид. Бо ин мақсад вай иттифоқи ашрофони форсу юнон ва мақдуниёнро ташкил намуд. Ин чунон маъно дошт, ки дар юриши Искандар ба Осиёи Марказӣ, сарзамини имрӯзаи мо, бояд ҳама табақаҳои ашрофони ин се халқ ҳиссагузор бошанд ва фаъолона иштирок кунанд. Баъдан вай кӯшиш намуд, ки урфу одат ва ҳатто сару либоспӯшии эрониёнро қабул намояд (Диодор, 17, 77, 5, Руф.6,6,4) ва ба наздикони худ – юнониён низ инро таблиғ менамуд. (Руф, 6,6,4). Ҳадафи ӯ дар он буд, ки на ҳамчун шоҳи Юнону Македония, балки ҳамчун шахси урфу одати эрониёнро қабул карда ба Осиёи Марказӣ – аввалин ватани эрониҳо дохил шудан мехост. (Шифман, 1988, с.128).

Ба замми ин Искандар ба 30 ҳазор эрониёни ҷавон саводи юнонӣ омӯзонид ва бо қоидаҳои ҳарбии Мақдуниён шинос намуда як лашкари пурқувват омода кард, ки амалиёти онҳо дар ҷангҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ин гувоҳ аст. Ниҳоят пас аз чунин тайёриҳо Искандар аз дарёи Ому гузашта забткориҳои худро идома намуд.

## Муборизаи мардуми Мароқанд ва Панҷакент ба муқобили Искандари Мақдунӣ

Пеш аз он ки ҳуҷуми Искандарро ба Осиёи Марказӣ баён кунем лозим аст, ки оид ба тақдири баъдинаи Бесс пас аз убури дарёи Окс (солҳои 329-328 пеш аз мелод) якчанд сухан гӯем. Бесс дар кишвари худ Бохтар, пас аз худро ворисн тахту тоҷи ҳахоманишиҳо эълон намудан, барои дар дасти худ нигоҳ доштани аққалан қисми шарқӣ ва шимолу шарқии империяи ҳахоманишиҳо: Афғонистон, қисми ғарбии доманаи кӯҳи Ҳиндукуш ва кишвари Суғд ба муқобили Искандари Мақдунӣ ҷангҳои шадид карда дар баъзе мавридҳо комёб низ шудааст. Бинобар ин, Искандар Бессро яке аз душманони ашадии худ донист ва то ҳадди имкон чораҳои ҳарчӣ зудтар мағлуб намудани ӯро меандешид. Бесс ба дасти Искандар афтид ё чӣ гуна қатл шуд, тақдири баъдинаи вай номаълум аст.

Дар маъхазҳо ва асарҳои таърихӣ фикри ягона мавҷуд нест. Ба ҳар ҳол, Б. Ғафуров навиштааст, ки «Бесс аз тарафи Спитамен ва дигар ҳамсафони худ ҳабс гардида ба дасти Искандари Мақдунӣ супорида мешавад» (Ғафуров, 1983, с.125).

Бо қатли Бесс Искандар худро хӯҷаини империяи ҳахоманишиҳои бузург меҳисобад. Ӯ юришро ба Осиёи Марказӣ аз сарзамини Суғд оғоз менамояд.

Искандар барои убури лашкари бисёрҳазораи худ аз дарёи Ому ҷойи қулай мекобад. Ҳарчанд ин масъалаи аввалиндараҷа нест, ба ҳар ҳол, дар бораи ҷойи убури лашкари Искандар аз дарё чизи аниқ гуфта наметавонем. Таърихшиносон бандарҳои назди Келефи Туркманистон, Тирмиз ва Чушкагузарро номбар карданд. Муҳим он аст, ки Искандари Мақдунӣ баҳори соли 330 пеш аз мелод аз дарёи Ому гузашта вориди хоки Осиёи Марказӣ шуд.

Вай мақсад дошт кишвари Суғдро забт кунад. Яке аз сарлашкарони суғдиён Спитамен дар ҷангҳои музофоти

Бохтар муқобили юнониёну мақдуниён қаҳрамонона ҷангида буд ва аслиҳаи ҷангӣ, тартиботи лашкари Искандарро бо хубӣ медонист. Баъдан, Суғд яке аз кишварҳои рушдкарда ва калонтарину бойтарини Осиёи Марказӣ буд. Билохир вай боварӣ дошт, ки кишвари Суғдро ба даст даровардa ғалабаи баъдинаи худро дар Осиёи Марказӣ таъмин хоҳад кард. Вале Искандар хислатҳои наҷиби суғдиён: озодихоҳӣ, ватанпарварӣ, шуҷоатнокӣ ва далерии онҳоро хуб намедонист. (Ғафуров, 1983, с.126; Литвинский, 1963, с.249).

Акнун мавриди он аст, ки кишвари Суғдро сайр кунем. Аз рӯи навишти муаррихони қадим, тавре, ки дар боло ёдрас шудем, кишвари Суғд дар асрҳои IV-V пеш аз мелод яке аз рушдёфтатарин кишварҳои Осиёи Марказӣ ба шумор мерафт. Ҳудуди Суғд аз рӯи навишти муаррихон ва ҷуғрофиядонони замони антиқӣ хеле васеъбуда дар байни дарёҳои Окс ва Яксарт (Сир) ҷойгир буд. Клавдия Птоломей менависад, ки сарҳади ҷанубии Суғд соҳили дарёи Окс буда ба шарқ то доманаи кӯҳи Ҳинд (албатта Ҳиндукушро дар назар дорад – А.И.) тӯл кашидааст. Сарҳади ғарбии он Марғиён, шимолии он даштҳои скифҳо ва шарқии он дарёи Яксарт буд, ки дар он тарафаш кишвари саккоиҳо ҷой дошт. Ҳамин тариқ, Суғди қадим дар замони ҳахоманишиён – асрҳои VI-V пеш аз мелод нисбати асрҳои миёна васеътар будааст. Аз ин рӯ, вақте ки сухан дар бораи таърихи Суғду суғдиён меравад сарзамини имрӯзаи Вахшу Сурхандарё, Қашқадарёю Зарафшон ва Истаравшанро дар назар доштан набояд боиси шубҳа шавад. Зеро ин музофотҳо то асрҳои V-VI мелодӣ ба ҳудуди Суғди қадима дохил мешуданд. Ин масъала бори дигар дар мавридҳои алоҳида шарҳ дода мешавад.

Акнун калимаи Суғдро маънидод мекунем. Хотиррасон мекунем, ки Суғдиён кишвари худро Суғд меномиданд. Дертар калимаҳои Сғуд, Суғуд пайдо шуд. Аз рӯи шарҳи суғдшинос В.А. Лившитс дар баъзе мавридиҳо пасоянди «-ик»-ро истифода бурда ба вай шакли «суғдик» ё

«сғудик»-ро доданд. Ба ҳар ҳол, дар адабиёти илмӣ номи кишвар – Суғд ва мардуми он суғдиён номида шудаанд. (Лившитс, 1969, с.49).

Аввлин шаҳре, ки Искандар дар кишвари Суғд забт кард, ин Навтоқ буд. Таърихшиносон ин шаҳрро Шаҳрисабз ё Қаршии имрӯза меҳисобанд. Баъди чанд рӯзи таваққуф Искандари Мақдунӣ нақшаи забти маркази суғдзамин – Мароқанд (минбаъд ин шаҳр бо номҳои Афросиёб ва Самарқанд ёдрас мешавад – А.И.) ва дигар шаҳру ноҳияҳои Осиёи Марказиро кашид.

Вай ба лашкари худ, ки ҳаҳоманишиёнро дар як муддати кӯтоҳ ба зону шинонида буд, боварии калон дошт. Дар назари ӯ Суғд, ки як вақтҳо тобеи ҳахоманишиён гаштааст, кишвари қашоқу харобшуда намуд. Вале ин саҳви дигари Искандари Мақдунӣ буд. Зеро ҳанӯз дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод Суғду Марғиён, Уструшану Фарғона ва Хоразми дурдаст ба марказҳои ҳунармандӣ табдил ёфта буданд. Пеш аз ҳама коркарди маъданҳои гуногун ба дараҷаи баланд расида буд. Оҳангарону мисгарони Самарқанд, Марв, Курушкада, Хуҷанд, Эйлетен, Шурабашат ва даҳҳо шаҳрҳои дигар олоти гуногуни ҷангӣ: шамшер, найза, камон, табарзин, ҷавшану сипар ва тоскуллоҳое месохтанд, ки аз аслиҳаи ҳарбии Юнону мақдуниҳо босифаттар буданд. (Массон, Пугаченкова, 1959, с.20-21; Кузмина, 1958). Манбаъҳои таърихӣ маълумот медиҳанд, ки лашкари суғдиён дар ҷангҳо фалахмонро моҳирона истифода мебурданд (Арриан, IV,3,3; Квин Курсий, VII,6,22) ва дар ҷанги шаҳри Курушкада Искандар аз зарби санги фалахмон захмдор шудааст. Аз рӯи маълумоти таърихшинос Ҳеродот натанҳо сарбозон, балки ҳатто аспҳои ҷангии қабилаи массагетҳо зиреҳпӯш буданд.

Имконияту қобилияти ҷангии суғдиёнро ба назар нагирифта Искандар аз Навтоқ ба Мароқанд лашкар кашид.

Аз рӯи маълумоти муаррихон мардуми Мароқанд баъди гуфтушунид бо юнониҳо бе ҷанг ба Искандар таслим

шуданд. Ин як ҳиллаи аҷиби мароқандиҳо буд. Онҳо, ки аз қувваи Искандар ва тактикаи ҷангии ӯ огоҳ буданд, бо хубӣ дарк карданд, ки лашкари Искандар пурзӯр аст ва имконияти ба хок яксон кардани шаҳрро дорад. Бинобар ин, ба Искандар имконият доданд, ки лашкари худро дар кишвари Суғди паҳновар ба гурӯҳҳо тақсим кунад, ки ин шароити мусоид ба ҷангиро барои мароқандиҳо муҳайё мекард. Ҳамин тариқ, ҳам шуд.

Искандар аз юриши худ ба кишвархҳи Шарқи Наздику Осиёи Марказӣ пештар ният карда буд, ки то соҳили дарёи Яксарт баромада водии овозадори Фарғонаро ишғол мекунад. Бинобар ин, дар кӯҳандизи Мароқанд қисми ками лашкари худро ҳамчун дидбон гузошта худ ба ҷониби Ҷиззаху Киропол (Куркат – А.И.) лашкар кашид.

Вақте, ки Спитамен аз Мароқанд рафтани Искандарро донист, аз музофотҳои Ургуту Панҷакент ҷонибдорони зиёд ҷамъ намуда соли 329 пеш аз мелод ба ӯрдаи дар Мароқанд будаи Искандар ҳамла овард. Ба гуфтаи Б. Ғафуров дар ин ҷанг ба Спитамен «... аҳолии осоишта низ ҳамроҳ шуда буданд» ва ин имкон дод, ки вай шаҳри Мароқандро ишғол намояд. (Ғафуров, 1983, с.128). Инро шунида Искандар қисми аскарони пиёда ва савораи худро (9800 нафар) барои бори дигар ба даст овардани Мароқанд равона кард. Дар навбати худ Спитамен аз ин хабар ёфта аз шаҳр аскарони худро баровард ва тарзе, ки Арриан навиштааст: «... ба як ҷазирачаи байни дарё (дарёи Зарфшон – А.И.) пинҳон шуд. (Арриан, IV, 5,8). Аз ин амалиёти Спитамену муҳофизатгарони Мароқанд юнониён дар ғазаб шуда фармон доданд, ки кӯшк, қалъа ва деҳаҳои атрофи Мароқандро оташ зананд. Ҳар касеро ки мебинанд, сар зананд. Аммо Искандар натавонист, ки халқҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама суғдиёни Бухорову Мароқанд, Кешу (Қаршӣ – А.И.) Панҷакентро ба зону нишонад. Таърих гувоҳ аст, ки мардуми суғднажод дар зарфи се сол – солҳои 329-327 пеш аз мелод шӯришҳои пай дар пай карда ба юнониён имконият надоданд, ки ба мардуми ин сарзамин оромона фармонравоӣ кунанд.

## Панҷакент ва Искандари Мақдунӣ. Чаро Искандаркӯл мегӯянд?

Таҳқиқоти навин оид ба таърихи Панҷакент нишон медиҳанд, ки Искандари Мақдунӣ дар Мароқанд бо айшу ишрат ва сайду шикор машғул буд. Муаррихи тоҷик Усмон Эшонқулов дар мақолаи худ ақидае пешниҳод намуд, ки «Искандар аз Мароқанд баҳри шикор то ба ҷангалзорҳои соҳили дарёи Зарафшон, ки дар ҳамвории Саразм воқеъ мебошад, омадааст». Муҳаққиқ яке аз ҷангалзорҳоро «шикоргоҳи Искандар» номидааст.

Яке аз муаммоҳои таърихӣ ин ба Панҷакент омадан ё наомадани Искандар мебошад. Ҳарчанд оид ба ин масъала дар маъхазҳо маълумот нест, метавон гуфт, ки дар замони юриши Искандар Панҷакенту қисми кӯҳистонии он манзили кишоварзону чорводорон, ҳунармандону тоҷирон буд. Худи шаҳр ҳанӯз дар ҳамон замон истеҳкоми дастнорас дошт. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки ҳарчанд худи Искандар ба Панҷакент наомада буд, вале баъзе пешвоёни лашкари ӯ бо аскарони худ шояд барои талаву тороҷ омада бошанд. Далели гуфтаҳои боло он аст, ки дар музофоти Фалғари қисми кӯҳистонии Суғд бо номи Искандар кӯл ва дарё ҳаст (кӯли Искандар – А.И.). То ҳол маълум нест, ки чаро онро «Кӯли Искандар» мегӯянд. Дар ин бора ривоятҳои зиёд ҳастанд, ин ҷо яке аз онҳоро меорем: «Гӯё Искандар соли 330 аз дарёи Окс аз ноҳияи Қубодиён ё Тирмизи ҳозира убур намуда лашкариёни худро ду тақсим мекунад. Яке аз онҳо ҳамроҳи Искандар ба ҷониби Мароқанду қисми дигар ба тарафи Ҳисор равон мешавад. Минбаъд он қисме, ки ҷониби Ҳисор рафта буд, бо дараву ағбаҳои кӯҳӣ то ба қаторкӯҳи Зарафшон мерасад. Ниҳоят ба ҷое меоянд, ки аз ҳар ҷиҳат барои истироҳат мувофиқ буд. Маҳз дар ин ҷо қарор мегиранд ва ба шикор машғул шуда шаб бо фароғат истироҳат мекунанд». Дар ривоят омадааст, ки «мардуми маҳал ин «меҳмонон»-и нохондаро ҳадаф қарор медиҳанд. Онҳо сангу хоки ду кӯҳи ба ҳам

наздикро ба дарёчае, ки ба самти шимол ҷорӣ мешуд, мерезанд. Ва худашон дар талу тепаҳо камин гирифта, омодаи ҷанг мешаванд. Вақте, ки юнониён бархеста худро дар муҳосираи лашкар мебинанд, ба ҷанг мепардозанд. Ҷанги сахт ба амал меояд ва қисме аз лашкари юнонӣ наҷот ёфта то ба Мароқанд мерасанд. Шояд аз кӯчаҳои Панҷакент гузашта бошанд.

Вақте, ки ба Искандар ин воқеаро нақл мекунанд, вай ин кӯли фоҷиаборро ба номи худ мегузорад».

Маълумоти таърихи исбот мекунанд, ки Искандар худписанду шӯҳратталаб низ буд. Ҳар шаҳреро, ки забт мекард ё шаҳри наве бунёд мекард, ба он номи худро мегузошт. Аз ҳамин сабаб дар харитаи кишварҳои Шарқ, ки вай забт карда буд, зиёда аз даҳ шаҳрро бо номи Искандар мебинем. Шояд он кӯле, ки дар ривоят омадааст, чандин ҳазор сол то Искандар вуҷуд дошту сарлашкари юнониён барои шод гардонидани шоҳи худписанди худ онро «Искандар-Кӯл» гузошта бошад.

Аз ин гуфтаҳо хулоса карда метавон гуфт, ки Панҷакенту деҳаҳои он дар асри IV пеш аз мелод аз назари юнониён берун намонда буданд. Инро пеш аз ҳама бо сухани Бобоҷон Ғафуров асоснок мекунем: «Искандар гуё то саргаҳи дарёи Зарафшон омада будааст, ки дар он ҷо вуҷуд доштани кӯле ба номи Искандар (Искандаркӯл), низ ба ин гувоҳӣ медиҳад». (Ғафуров, 1983, с.132).

## Ҷангҳои Юнону мақдуниҳо дар кӯҳистони Суғд

Аз рӯи маълумоти воқеанависону муаррихон ҷангҳои охирини Искандари Мақдунӣ соли 327 пеш аз мелод дар қисми кӯҳистони кишвари Суғд гузаштааст. Вале ду таърихнавис: Аррион ва Квинт Курсий Руф оид ба ҷангҳои охирини Искандар дар Суғду Бохтар маълумоти қариб ба ҳам зид медиҳанд. Агар қисме аз муаррихон ҳамфикри Арриан бошанд, қисми дигар маълумоти Квинт Курсийро тарафдорӣ мекунанд. Ба фикри банда навиштаҳои Аррион

ба ҳақиқати таърихи наздикӣ дорад. Мо таҳқиқоти худро бо маълумоти Аррион ва бозёфтҳои бостоншиносӣ пурқувват мекунем. Аррион ва Квинт Курси Руф дар асарҳои худ се харсанги баланд ва якчанд қалъаҳои кӯҳистонро номбар карданд, ки онҳоро Искандар бо душвориҳо фатҳ кардааст. Ин харсангҳо якумаш «Харсанги Суғд», дуюмаш «Харсанги Харион» ва сеюмаш «Харсанги Аримаз» ном доранд. Онҳо то андозае истеҳкоми касногузарро мемонанд. Ба Искандар маълум мегардад, ки нафарони ба ӯ таслим шудан нахоста бо озуқаву аслиҳаи зиёд ба болои ин харсангҳо баромада, ҷони худро халос кардаанд. Вақте Искандар ба назди харсанги аввал – «Харсанги Суғд» меравад, боварӣ ҳосил мекунад, ки онро бо осонӣ гирифта наметавонад. Ба болои ин муҳофизатгарон аз боло истода ба Искандар ва одамонаш механдиданд, ки ба болои харсанг танҳо «аскарони қанотдор» баромада метавонанд. Искандар чораи фатҳ кардани харсангро меҷуст. Вай ба аскарони худ чунин эълон намуд: ба шахси аввалине, ки болои харсанг барояд 12 талант, ба дуюмӣ камтар, ба сеюмӣ боз камтар, ба шахси аз ҳама охирин баромада як талант, ки арзишаш 300 доро буд, дода мешавад. Хоҳишмандон хеле зиёд буданд. Аз байни онҳо Искандар 300 нафарро, ки таҷрибаи кӯҳнавардӣ доштанд, интихоб намуда, ба фатҳи қуллаи «Харсанги Суғд» фиристод. Онҳо бо арғамчину меху болға ба харсанг часпиданд. Муҳофизатчиён аз боло ба сари онҳо сангу хокистар мерехтанд, ки дар натиҷа 30 нафар кӯҳбароён ҳалок шуданд. (Арриан, Китоби IV, 19, с.150). Вале аксарияти онҳо ба қуллаи харсанг баромада чодари сафедро мисли байрақ алвонҷ доданд, ки ин рамзи «аскарони қанотдор» буд. Ниҳоят мақдуниён зани шоҳи Суғд Уксарт (Оксиарт) ва духтари ӯ Рухшонакро бо зану духтарони муҳофизатгарони дигари харсанг асир гирифтанд. Аскарони Искандар, ки дар забти Эрон зани Дорюшро дида буданд, мегуфтанд, ки дар Осиё ин ду духтар аз ҳама зеботаранд. Аз рӯи гуфтаи Арриан Искандар ҳамоно ба Рухшонак хушдор шуд ва ӯро ба занӣ гирифт. Дар навбати худ

шоҳи Суғд Уксарт баҳри зинда мондани зану духтараш ва дигар ҳамватанонаш ба Искандар сар фуровард ва ӯро ба фарзандӣ (ҳамчун домод – А.И.), қабул кард. Дар хабар ҳаст, ки минбаъд Уксарт яке аз ҳокимони Осиёи Марказӣ гардид.

Аз рӯи навишти муаррихони гузаштаву муосир Искандар дигар қалъаву харсанг ва истеҳкомҳои дастнораси дар кишвари кӯҳистон будаи Суғду Бохтарро низ бо ҳамин роҳ ишғол кардааст.

Бо вуҷуди он, ки Арриан ва Курсий Руф он истеҳкоми дастнорасро «Харсанги Суғд» номидаанд, муҳаққиқон макони онро муайян накардаанд. Қариб ҳама пешниҳоди бостоншиносону муаррихони хориҷиву ватанӣ пояи боэътимод надоранд. Масалан: К.В. Тревер, В. Томашек, Х. Вилсон, В.В. Григорев, И.М. Дяконов ва чанде дигарон ҷойгиршавии харсангҳои номбурдаро дар соҳили дарёи Вахш, кишвари Марғуш (Хуросони Шимолӣ – А.И.), дар кӯҳҳои Ҳисор, Бадахшон, Қаротегин, Балҷувон, Хатлон, Қабодиён, Пули Сангини дарёи Вахш медонанд. Модоме, ки онро муаррихон Арриан ва Курсий Руф «Харсанги Суғд» номидаанд, пас зарурияти маконашро дар Бадахшону Вахш ҷустуҷӯ кардан нест.

Харсангу истеҳкомҳои дигар: «Харсанги ҳориён» ва «Аримаз» ва «Сисимитра» шояд дар мавзеъҳои номбурда ҷойгир шуда бошанд, вале «Харсанги Суғд»-ро берун аз музофоти Суғд (қисми кӯҳистонии водии Зарафшон – А.И.) дидан хатост.

Бояд гуфт, ки муаллифи китоб қариб ба ҳамаи истеҳкому қалъаҳои болооби водии Зарафшон – музофоти кӯҳистонии кишвари Суғд сафар кардааст. Дар дараҳои Артучу Киштӯд, Ворӯю Заврону Моғиён, Шинг, Рӯдак, Рашна, Фароб, Рӯзиобнок, Киштӯдак, Вешист, Ёрӣ, Роҷу Равот даҳҳо харсангҳоеро, ки болояшон қалъа доранд, дидааст. Дар ҳар яки онҳо осори зиндагии замони қадим мавҷуданд. Аз ин сабаб ман ҷойгиршавии «Харсанги Суғд»-ро, ки дар болои он ҳокими Суғд Уксарт истеҳком сохта зану фарзанд ва наздикони худро аз Искандар пинҳон карда буд, танҳо дар болооби Зарафшон меҳисобам. Зимнан, он муҳаққиқоне, ки

оид ба ҷанги суғдиён бо Искандар сухан рондаанд, кӯҳистони Суғдро пурра надидаанд, бо шароити ҷуғрофии он аз рӯи китобу харитаҳо шинос шудаанд.

Ба замми ин номи шаҳру дарё, зану мард дар маъхазҳо ба юнонӣ дода шудаанд: онҳо масалан, Зарафшонро – Политимет, Амударёро - Окс, Сирдарёро – Яксарт, Самарқандро - Мароқанд (номи Самарқанд то омадани юнониён маълум набуд – А.И.), Рухшонакро – Роксана номидаанд. Пас шубҳа нест, ки онҳо номи қалъа ва шаҳрҳои дигарро низ ба тарзи худ навишта бошанд. Аз ин ҷо харсанги дигар, ки онҳо «Харсанги ҳориён» номидаанд, шояд ба талаффузи суғдиён «ҳавра» бошад. Дар ин росто метавон гуфт, ки дар дараи Киштӯд калъае ҳаст, ки хеле баланд ҷой гирифтааст у «Ҳавра» ном дорад.

Ғайр аз ин, тибқи маълумоти Арриан «Харсанги ҳориён» дар баландии 3699 м (бо ченаки юнонӣ 20 стади А.И.) ҷойгир аст. Аз ин бармеояд, ки ин истеҳком дар яке аз қуллаҳои баланди кӯҳи Зарафшон – дар кишвари Суғдиён ҷой дошт, вагарна Искандар барои фатҳи «Харсанги ҳориён» ҳокими Суғд Уксартро барои гуфтушунид ба назди ҳориён (харсанг ба номи ҳориён гузошта шудааст – А.И.) намефиристод.

Хулоса, ақидаи камина он аст, ки аз чаҳор харсанге, ки муаррихони юриши Искандар ишора карданд, ду адади он: «Харсанги Суғд» ва «Харсанги ҳориён» (ҳавра – А.И.) қалъаҳои дастнораси суғдиёни Панҷакент буданд.

## Панҷакент баъд аз истилои юнониён (асрҳои III-I пеш аз мелод)

Ҷангҳои ғоратгарона ва қатлу куштори Искандари Мақдунӣ дар Осиёи Марказӣ тобистони соли 327 пеш аз мелод поён ёфт. Дар ин ҷанг садҳо ҳазор мардуми Осиёи Марказӣ, ки қисми зиёди онҳо суғдиён буданд, кушта шуданд. Даҳҳо шаҳр вайрону валангор гаштанд, даҳҳо ҳазор гектар киштзору боғҳо хароб гаштанд. Истилои юнониён ва юриши Искандар ба мардум қашоқӣ ва вазнинии зиёд овард.

(Пигулевская, 1956, с.22). Плутарх навиштааст, ки Искандар дар Осиёи Марказӣ 70 шаҳр бунёд кардааст, ин аз ҳақиқат дур аст, зеро гуфтаи ӯро аксари муаррихон, пеш аз ҳама Тарн, Страбон ва Юстин рад кардаанд. (История таджикского народа, 1963, с.272). Бостоншинос Б.А. Литвинский ҳамагӣ аз 3 шаҳр, ки Искандар дар Осиёи Марказӣ бунёд кардааст, ёдрас мешаванд, ки онҳо: Александрия Эсхата (канора – А.И.) дар соҳили дарёи Яксарт (дарёи Сир) ва Александрия дар Мароға (Байрамалии Туркманистон). Ин ақидаро Б. Ғафуров низ ҷонибдорӣ кардааст. (Ғафуров, 1983, с.122). Аз тарафи дигар бисёр олимон оид ба шаҳрҳову кӯшкҳо ва деҳаҳои оташзадаи аскарони Искандар ҳарф назаданд.

Бешубҳа истилои мақдуниён ба иқтисодиёт ва фарҳанги мардуми Суғд зарари калон расонд. Садҳо ҳазор кас ба мисли Спитамен дар роҳи озодии Ватани худ ҷон доданд ва эҳтимол, баъзе расму оинҳои суғдиён, ки таърихи 3-4 ҳазорсола доштанду зина ба зина рушд меёфтанд, решакан гардиданд. Мароқанди бузургу Панҷакенти кӯчак вайронаву валангор гаштанд.

Искандар аз сарзамини Суғд бо нафрат рафта дар дили мардум абадӣ доғи сиёҳ гузошт.

Афсӯс, ки оид ба талаву тороҷ ва вайронкориҳои Искандар нисбати мардуми ноҳияи Панҷакент то ҳол маълумоти кофӣ нест. Аз рӯи маълумоти бостоншиносӣ ин ҷанг дар диёри мо низ осори харобкории худро гузоштааст. Инро соли 1982 дар ҳафриёт бо номи «Қалъаи Искандар» дар самти ғарбии ноҳия, дар мавзеъи Саразм пайдо кардем. Қалъа бо девори атрофи он тамоман ба хоктӯда табдил ёфтааст. Дар асл вай шакли мудаввар дошта аз як гектар иборат буд. Барои дастнорас гардонидани он дар атрофаш хандақи чуқуриаш 10, паҳноиаш 20 метра кофтаанд, ки дар замони худ дар он об пур карда буданд. Ин ягона истеҳком набуд. Тавре, ки дар боло гуфта шуд, ин гуна истеҳкомҳо дар ноҳияҳои Панҷакент, Айнӣ ва Мастчоҳ ҷой доштанд.

Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки баъди аз сарзамини Суғд рафтани мақдуниён мардуми Суғд қадре оромона нафас

кашида ба барқароркунии хоҷагӣ ва зиндагии худ шурӯъ намуданд. Дуруст аст, ки мақдуниён ба сари мамлакату шаҳрҳо ва ҳатто деҳаҳо одамони худро, чӣ аз юнониҳою чӣ аз суғдиёне, ки дар ҷангҳо тарафдори Искандар буданд, мегузоштанд. Ин ҳокимони нав аз мардум боҷу хироҷ ғундошта ба Искандар мефиристоданд. Дар он замон амволе, ки мардуми Панҷакент ба аҷнабиён медоданд аз: маъданҳои кӯҳӣ – тилло, нуқра, мис, қӯрғошим, қалъагӣ, сурма; молҳои кишоварзию чорводорӣ: ғалла, мева, гӯшт, пӯст, матоъҳои пахтагию абрешимӣ иборат буданд. Албатта илова бар ин ҳар сол ғуломони зиёде аз кишвари Суғд ба дарбори Искандар фиристонида мешуданд, ки дар қатори онҳо духтарони соҳибҷамол ва ҷавонони ҷусту чолок кам набуданд.

Хулоса, истилои мақдуниён ба сари мардуми Панҷакент ба ҷуз харобию қашшоқӣ чизе наовард ва пешравии илму фарҳанги суғдиёни Панҷакентро ба садсолаҳо боздошт.

Соли 323 пеш аз мелод Искандари Мақдунӣ дар Бобулистон (Бағдод – А.И.) вафот кард. Империяи калон аз Миср – соҳили Нил то Фарғона (соҳили дарёи Сир – А.И.) бесоҳиб монд. Искандар, ки ворис надошт «ҷаҳонро гирифту худ бо дастони тиҳӣ бадар рафт». Пас аз кашмакашҳои зиёд яке аз сарлашкарони Искандар Селевки I соли 312 пеш аз мелод ба сари ҳокимият баромад. Вай кӯшид кишварҳоеро, ки пас аз вафоти Искандар аз мақдуниҳо рӯй гардонида мустақилии худро эълон карда буданд, ба империяи юнониён баргардонад. Инҳо давлатҳои Бохтар, Порт, Суғд ва Ҳиндустон буданд. Вале ин кӯшиш пурра амалӣ нагардид. Оид ба тақдири ду давлати бузурги Шарқ: Суғду Бохтар Б. Ғафуров навиштааст: «Азбаски давлати Селевки I ниҳоят васеъ буд ва ноҳияҳои Шарқ (Эрон, Афғонистон, Покистон, Осиёи Марказӣ – А.И.) диққати доимиро тақозо дошт, вай соли 323 пеш аз мелод писараш Антиохро волии Шарқ таъйин кард. Ҷолиби диққат аст, ки Антиох фарзанди духтари Спитамен Апама буд, аз ин хотир Осиёи Марказӣ барои Антиох кишвари аҷдодии ӯ ҳисоб мешуд». (Ғафуров, 1983, с.135). Ӯ барои баланд бардоштани

иқтисодиёти Шарқ аз аввал саъю кӯшиш намуд. Аз рӯи маълумоти муаррихон Антиох Суғд, Бохтар ва Марғиёнро муттаҳид намуда, давлати пурқуввати Юнону Бохтарро ташкил намуд. Азбаски давлати навташкил дар зери назорати Селевки I буд, Антиох мустақилияти давлати Юнону Бохтарро таъмин карда натавонист. Ин корро соли 250 пеш аз мелод Диодот – ҷонишини селевкидҳо дар Бохтар ба анҷом расонид. Дар ин ҳангом Суғдиён (асосан мардуми водии Зарафшон – А.И.) баҳри муайян кардани мавқеи худ дар арсаи таърих ба ҷунбиш омаданд ва кӯшиданд, ки дар Бохтар табаддулоти давлатӣ гузаронанд. Ташаббускори ин ворисӣ юнониён, дар навбати худ ҳокими Суғд Евтидем буд. Ба Евтидем муяссар гардид, ки писари бунёдгузори Юнону Бохтар Диодоти II-ро сарнагун карда худ ҳокими Юнону Бохтар гардад. (Массон, Сорокин, 1956, с.266).

Дар давраи ҳукмронии Евтидем (230-200 пеш аз мелод) мавқеи Суғд ва мардуми водии Зарафшон мустаҳкам шуд. Бисёр нишонаҳо ва осори ёдгориҳои бостонии водии Зарафшон ва хусусан ноҳияи Панҷакент ба ин гувоҳаанд. Бояд таъкид кард, ки ёдгориҳои замони юнону бохтарии асрҳои III-I пеш аз мелод нисбати ёдгориҳои замони Искандари Мақдунӣ (асри IV п.аз м.) чанд маротиб зиёд мебошанд.

Беҳтарини онҳо қалъаҳои Холиқназар, Зебони поён, Қалъаи Искандар, Мустафотеппа, гӯрхонаҳои Сӯҷинаву Эшбек (дар деҳаи Работ) ва чанде дигар мебошанд, ки гуфтаҳои болоро асоснок мекунанд. Қайд кардан даркор аст, ки қалъаҳову гӯрхонаҳои номбурдаро як зумра бостоншиносон дар тӯли солҳои 1960-1989 дар қаламрави ноҳия боз карда дастраси илми таъриху бостоншиносӣ гардониданд. Дар ин кор саҳми бостоншиносон Б.Я. Ставитский, В.В. Зеймал, А.И. Исоқов, У. Эшонқулов, Ш.Ф. Қурбонов ва дигарон калон аст. Масалан: қалъаи Холиқназар, ки дар деҳаи Косатарош ҷойгир шудааст, ҳаматарфа барои будубоши дарозмуддат бунёд шудааст. Атрофи онро, ки дарозиаш 100 метр аст, аз се тараф бо девори паҳноиаш 2,5 метра мустаҳкам карда барои муҳофизат бо

бурҷу тиркашҳо таъмин намудаанд. Тарафи ғарбии он девор надошт, зеро ки аз сатҳи дарёи Моғиён дар баландии қариб 20 метр ҷойгир буд.

Сокинони қалъа бо кишоварзӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ машғул буданд. Онҳо дар дохили қалъа маъбади худро низ доштанд, ки тамоми оинҳои динӣ дар яке аз хонаҳои дохили қалъа ба ҷо оварда мешуданд. Ин гуна комёбии меъморӣ ва дастовардҳои иқтисодию иҷтимоиро дар мисоли қалъаҳои Искандар, Мустафотеппа низ дида метавонем.

Мавқеи худи шаҳри Панҷакент дар давлати юнону бохтариҳо аз дигар шаҳрҳои Осиёи Марказӣ кам набуд. Панҷакентиҳо пас аз озод шудан аз ҳукмронии Искандари Мақдунӣ баҳри тараққӣ додани шаҳру шаҳрдорӣ, иқтисодиёту маънавиёт саъй карданд. Ҳарчанд дар пн бора дар маъхазҳои таърихӣ маълумот нест, далели ягона натиҷаи ҳафриёти Панҷакенти қадим мебошад.

Қалъае, ки бостоншиносон таҳти роҳбарии Б.И. Маршак дар самти рости канали Тӯқсан-корез, дар назди чашмаи Қайнар-Ато кушоданд, дар асрҳои III-I пеш аз мелод сохта шудааст. Девори қалъа аз ҷиҳати сохти меъморӣ ва фортификатсионӣ (истеҳкомӣ – А.И.) ба қалъаҳои замони антиқа (асрҳои III-I пеш аз мелод) монанд аст. Девор 2-2,5 метр пахнои дошта бо бурҷҳои чаҳоркунҷа ва тиркашҳо мустаҳкам карда шудааст. Чашмаи Қайнар-Ато дар дохили қалъа буд. Худи ҳамин далели он аст, ки мардуми Панҷакент аз ҳар ҷиҳат обу нони худро таъмин намуда омода буданд, ки дар ҳолати зарурӣ ба «меҳмонон»-и нохонда муқобилият нишон диҳанд.

Дарёфт шудани миқдори зиёди зарфҳои сафолӣ, олоти корию хоҷагӣ, ҷангиву истеҳсолӣ шоҳиди рушди фарҳанги ҳунармандии панҷакентиҳо буд.

Оинҳои ба хок супоридани ҷасади мурдагонро дар замони Юнону бохтарӣ дар мисоли гӯрхонаи деҳаи Сӯҷина мушоҳида намудем. Дар ин деҳа соли 1958 дар рафти кандани хок чанд дона хумҳои калонҳаҷм дарёфт шуданд, ки дар

дохили онхо устухонҳои одамон буданд. Дар яке аз хумҳо бостоншиносон Б.Я. Ставитский ва В.В. Зеймал устухони ду одам: мард ва занро пайдо карданд, ки чаҳор пойи онҳо бо ҳам занҷирбанд буданд. Тахмин меравад, ки шояд онҳо якҷоя гуноҳе содир карда бошанду бо амри ҳокими маҳал онҳоро қатл намуда дар як хум дафн карда бошанд. Дар дигар хумҳо асосан устухонҳои одамон алоҳида гузошта шудаанд. Дар зарф гузошта дафн кардани одамон хоси дини одамони замони пеш аз исломӣ буд. Онҳо заминеро, ки асоси ҳаёт асту ҳамаро хӯронида мепӯшонад ва сарпаноҳи ҷомеа аст, бо ҷасади нопоки инсон олуда кардан намехостанд. Дар бораи қоидаву қонунҳои дафн дар давраи то ислом дар фасли алоҳида сухан меравад.

Дар бораи иқтисодиёт ва тиҷорат дар давраи ҳукмронии Юнону бохтариҳо бояд гуфт, ки Панҷакент яке аз марказҳои истеҳсолию тиҷоратии водии Зарафшон буд. Зеро ҳамаи қалъаву истеҳкомҳо дар гирду атрофи Панҷакент ҷойгир буданд. Дар навбати худ водию деҳаҳои калони он диёр: Киштӯд, Шинг, Моғиён, Фароб, Офтобрӯя, Ёрӣ, Амондара ва ғ. қалъаҳову кӯшкҳои ҳокимони худро доштанд, ки онҳо тобеи Панҷакент ё Шаҳрисабз буданд. Бешубҳа Панҷакент ҳокими худро дошт ва ҳоким байни мардум ва давлати Юнону Бохтар воситаи асосии сиёсӣ ва иқтисодӣ буд. Вале афсӯс, ки дар ягон маъхази таърихӣ ба ҷуз номҳои ҷуғрофӣ, номҳои ҳокимони Суғду Панҷакент ба забон гирифта намешавад.

## Суғд ва Панҷакент дар давраи Кӯшониён (асрҳои I-IV милодӣ)

Масъалаи кай ва аз тарафи кадом халқҳои Осиёи Марказӣ ташкил ёфтани давлати бузурги Кӯшониён зиёда аз 200 сол инҷониб ҳалли худро наёфтааст. Муҳаққиқони Ғарбу Шарқ ҳарчанд дар ин масъала китобу мақолаҳои зиёд навиштаанд, вале натиҷа ҳанӯз норавшан аст. Бори охир соли 1968 дар Душанбе барои ҳалли масъалаи мазкур «Конфронси байналхалқӣ оид ба таърих, археология ва фарҳанги Осиёи

Марказӣ дар даврai Кӯшониён» гузаронида шуд. Дар он қариб тамоми мутахассисони таърих, бостоншиносӣ ва фарҳанги замони кӯшониён аз тамоми кишварҳои Шарқу Ғарб ва қитъаи Амрико ширкат варзиданд ва бо 94 маърӯзаву ахбор баромад карданд. Бо вуҷуди ин масъала ҳалли худро пайдо накард (Осиёи Марказӣ дар даврai Кӯшониён, 1974).

Ин масъала дар асари мукаммали Б. Ғафуров «Тоҷикон» низ маркази таваҷҷуҳ карор дода шудааст. Бояд гуфт, ки ин муҳаққиқи бузург дар китобаш ақидаи худ ва ҷонибдоронашро иброз доштааст. (Б. Ғафуров, 1983, с.170-173).

Ҳарчанд масъалаи пайдоиши давлати Кӯшониён ва ҳудуди он баҳсталаб аст, камина кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки ақидаи худро иброз дорам.

Таназзули давлати Юнону Бохтар дар кишвари Суғд нисбати кишварҳои ҷануби Осиёи Марказӣ: Сурхандарёву Ҳисор, Вахшу Хатлон пештар, дар асрҳои II-I пеш аз мелод сар шуда буд. Ин се сабаби асосӣ дорад. Якум, таъсири сиёсии ҳокимони Юнону Бохтар нисбат ба Суғд камтар буд. Зеро замини Суғд аз маркази ҳокимяти давлати номбурда дур ҷойгир буд. Дуюм, суғдиён аз аввал ғоратгарони юнонро бад медиданд ва ягона халқе буданд, ки муқобили онҳо шӯриш бардоштанд. Сеюм, Искандар дар Суғд қатли оми ваҳшиёна гузаронида чандин зану мардро сар бурида буд ва ин рафтораш аз лавҳи хотири суғдиён ҳанӯз нарафта буд. Ин се далел ва далелҳои дигар сабабгори озодихоҳии суғдиён буданд. Ин гуфтаҳоро далели дигар низ исбот карда метавонад, ки дар водии Зарафшон сиккаҳои давлатии Юнону Бохтар ниҳоят кам дарёфт шуданд. Дар ҳудуди ҷанубии Тоҷикистону Ӯзбекистони имрӯза миқдори сиккаҳои шоҳони Юнону Бохтар: Диодоти I, II, Евтидем, қариб дар ҳар як ёдгории асрҳои III-II пеш аз мелод дарёфт шуданд. Ин далели он аст, ки мардуми Суғд тоҷирони Панҷакент, Самарқанд, Бухоро ҳатто Шаҳрисабз, Китоб ва Кеш (Қаршӣ) бо марказҳои асосии давлати Юнону Бохтар робитаи тиҷоратиро васеъ ривоҷ надода буданд. Робитаи асосии суғдиён бо давлати Порт, Хоразм, Фарғона ва ҳатто Чин бештар рушд ёфта буд.

Санаи ташкилёбии шоҳигарии Кӯшон то ҳол муайян нашудааст. Ҳамаи солҳое, ки олимон пешниҳод кардаанд, тахминӣ ва хилофи якдигаранд. Ю.А. Заднепровский, Б.Я. Ставитский, С.С. Сорокин менависанд: «Тахмин бояд кард, ки асоси ҳукмронии кӯшониён мобайни асри I пеш аз мелод буд ва ташкилкунандаи он ҳокими Йӯҷиҳо Герай падар ё бобои Кадфизи I буд». (Заднепровский, Ставитский, Сорокин, 1956, с.538). Аз ин рӯ оне, ки ҳамаи тангаҳо бо номи Герай дар ҷануби Тоҷикистону Ӯзбекистони имрӯза (Вахшу Тирмиз – А.И.) дарёфт шудаанд, давлати Кӯшониён дар музофоти Бохтар (Ҷануби Осиёи Марказӣ ва шимоли Афғонистон) ташкил ёфтааст. (Б. Ғафуров,1983, с.188). Аммо ақидае низ ҳаст, ки «Маркази шоҳигарии кӯшониён дар солҳои аввали ташкилёбӣ шояд дар Осиёи Марказӣ, мумкин дар Суғд (дар шаҳри Кӯшанияи водии Зарафшон) ҷойгир шуда буд». (Заднепровский, Ставитский, Сорокин, 1956, с.538).

Давлати Кӯшониён дар давраи шоҳигарии Канишка хеле тараққӣ карда мавқеи худро дар Шарқ мустаҳкам намуд. Дар ин бора Б. Ғафуров навиштааст: «Мувофиқи маълумоти мавҷуда аҳди Канишка камаш 23 сол (278-301 мелодӣ) давом доштааст. Дар аҳди вай вусъат ва тамаркузи баъдинаи мулкҳои Ҳиндустонии Кӯшон ба вукӯъ пайваст: Панҷоб, Кашмир, Синд, Утрор, Парадеш (дар шарқ то худи Банорис) дар таҳти ҳокимияти вай буд. Пойтахти давлат шаҳри Пурашапура (Пешовари ҳозира) қарор ёфт». (Б. Ғафуров, 1983, с.202).

Аммо дар аҳди Канишка ба ғайр аз вилоятҳои номбурда, Афғонистон, қисми зиёди Осиёи Марказӣ ва Туркистони Шарқӣ (кишварҳои ғарбии Хитой – А.И.) ба идтиҳодияи давлати кӯшониён дохил шуданд.

Баробари ин, аз рӯи сиккаҳои шоҳони Кӯшониён то чӣ андоза ба давлати кӯшониён тобеъ будани вилоятҳои Осиёи Марказӣ то ҳол равшан нест. Тарзе, ки хотиррасон намуда будем, сиккаҳои шоҳони ин давлати бузург, аз рӯи санашумории Е.В. Зеймал: Кудзула Кадфиз – 178-238, Вима Кадфиз 238-278, Канишкаи I 278-301, Васишка 302-306,

Хувишка 306-338, Канишкаи II 319-?, Васудева 242-376 (солҳои мелодӣ) асосан дар водиҳои Сурхандарё, Ҳисор, Вахш, Хатлон ва Афғонистону Ҳиндустони шимолӣ дарёфт шуданд. Дар водии Зарафшону Фарғона сиккаҳо (асосан тилло ва нуқра – А.И.) бениҳоят каманд. Ин далел сабабгори дар байни олимон пайдо шудани ду ақидаи мухолиф гардид.

Б. Ғафуров, Н.Н. Неъматов, Б.А. Литвинский, Е.В. Зеймал, Е.Д. Салтовская вилоятҳои шимолии Осиёи Марказӣ: Суғд, Фарғона, Чочро (музофоти Тошканд) дар ҳайати давлати кӯшониён мебинанд. (Ғафуров, 1983, с.203; Неъматов, Салтовская, 1975, с.264). Аз тарафи дигар, М.Е. Массон, Н.Г. Гарбунова изҳори ақида доранд, ки ин вилоятҳо, пеш аз ҳама Чоч, Хоразм ва Фарғона бо кӯшониёни бузург робитаи тиҷоратӣ ва иқтисодӣ доштанду халос.

Дарёфти ҳамагӣ якчанд (5-6 дона) сиккаҳои шоҳони кӯшониён дар водии Зарафшон аз он шаҳодат медиҳад, ки кишвари суғдиён мустақилияти худро нигоҳ доштааст. Пеш аз ҳама ин ба ноҳияи Панҷакенту саргаҳи дарёи Зарафшон дахл дорад. Дар тамоми ноҳия ҳамагӣ ду сиккаи кӯшонӣ аз шаҳраки Панҷакенти Қадим дарёфт шудааст (Зеймал, 1983, с.282). Бо ин болооби водии Зарафшонро ба ҳудуди сиёсию иқтисодии давлати кӯшониён дохил кардан ба ҳақиқат рост намеояд. Баробари ин, дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд низ сиккаи тозаи шоҳони кӯшон хеле кам дарёфт шудаанд. Ин далели иловагӣ водор мекунад гӯем, ки дар замони ҳукмронии кӯшониёни бузург Суғди Зарафшон бо маънои пуррааш ба ҷараёни сиёсию иқтисодии ин давлати бузург дохил нашуда буд.

Онҳое, ки бо ҳам наздикӣ доштани фарҳанги ҳунармандӣ, пеш аз ҳама зарфсозиро асос мекунанд, хусусан аз рӯи шаклу намудҳои зарфҳои гилии Афросиёб (Самарқанд), ба фикри мо далели қатъӣ надоранд. Зеро онҳо шакли умумӣ доштани фарҳанги моддии халқҳои Осиёи Марказиро аз замонҳои қадим то ин дам сарфи назар кардаанд. Дар ин ҳолат низ муҳаққиқон имконият доранд намудҳои гуногуни фарҳанги моддии Осиёи Марказӣро ба

маҳали истеҳсоли онҳо ҷудо кунанд. Масалан: фарҳанги кулолгарии Бохтар аз Суғд, Уструшану Чоч аз Фарғонаву Хоразм фарқ мекунад.

Хулоса, фарҳанги софи кӯшониёнро бо муҷассамаҳои хоси дини буддоӣ, ки дар ҷануби Осиёи Марказӣ (музофоти Тирмизу Вахшу Хатлон) ва Афғонистону Ҳиндустон дарёфт шудаанд бо фарҳанги Суғду Фарғона ва Чочу Хоразм ба як паҳлӯ гузоштан хатост.

## Фарҳанги моддӣ ва маънавии Панҷакент ва музофоти он дар асрҳои I-IV

Дараҷаи рушди фарҳанги моддӣ-маънавии ҳар як кишвару халқ аввал аз рӯи бозёфтҳои бостоншиносӣ ва баъдан аз рӯи маъхазҳои хаттӣ-таърихӣ муайян карда мешавад. Аз ҳамин сабаб аввал ба ҳафриёти бостоншиносии ҳудуди ноҳияи Панҷакент муроҷиат мекунем.

Аз аввали таҳқиқоти ёдгориҳои бостоншиносии ноҳия (с.1924) то имрӯз бостоншиносон даҳҳо шаҳракҳо, деҳаҳо ва қалъаву кӯшкҳоро қариб дар тамоми қаламрави ноҳия кашф намуданд. Дар аксарияти онҳо намудҳои беҳтарини осори фарҳанги моддии ниёгонамон аз қабили: биноҳои шахсию ҷамъиятӣ, устохонаҳои кулолгарӣ, оҳангарӣ, шишасозӣ, заргарӣ ва баъзе намудҳои дигари ҳунармандӣ бо масолеҳи истеҳсолӣ дарёфт шуданд.

Оид ба фарҳанги моддии суғдиёни Панҷакент бозёфтҳои қабристонҳои деҳшаҳри Саразм, ёдгориҳои Мустафотеппа (дар дашти Саразм), Зебони поён, Шӯрча, сойи Чинор, Қӯштеппа, шаҳракҳои Панҷакенти қадим, Санҷаршоҳ (Сӯҷина), Холиқназар (Косатарош), Тали хамтӯда (деҳаи Мазор), Қалъаи Нофин (Шинг), Моғиёну Фароб маълумот медиҳанд. Бозёфтҳои ин ёдгориҳо, ки асосан аз зарфҳои гилин, тиру камону найза, ханҷар, корд, шамшер, ҳайкалчаҳо ва ороишоти мардону занон иборатанд, якҷоя бо осорҳои дигари санъати меъморӣ аз фарҳанги ба худ хоси мардуми Панҷакент маълумот медиҳанд.

Аз ёдгориҳои номбурда дар бораи Тали хамтӯда, ки он ҷо олими ҷавон Шарофиддин Қурбонов дар тӯли се сол (1990-1992) ҳафриёт гузаронидааст, истода мегузарем. Зеро ин дар ноҳия то ҳол ягона ёдгориест, ки ба пуррагӣ омӯхта шудааст. Ёдгорӣ дар соҳили рости сойи Мазор, 600 метр дуртар аз деҳа ҷойгир шудааст. Ин асосан деҳаи на он қадар калон буда, масоҳаташ 80х80 метр мебошад. Дар қисми шимолу гарбии ёдгорӣ кӯшки ҳокими деҳа ҷой гирифта, дар ду тарафи он (шарқ, ғарб) хонаҳои аҳолии оддӣ – асосан тобеи ҳоким ҷой гирифтааст.

Ҳафриёт нишон дод, ки ҳокими асрҳои I-IV дар кӯшки махсуси дуошёна зиндагӣ мекардааст. Деворҳои кӯшк то 1,5 метр паҳнои дошта бурҷи посбонию тиркашҳои онро ба истеҳком монанд кардааст. Деворҳо бо похсаву хиштҳои чоркунҷаи 39х39х9, 40х40х10 ва дигар ҳаҷмҳо сохта шудаанд. Худи ҳамин далел фарҳанги меъмории мардуми ноҳияро бо тамоми ҳастиаш, ифода менамояд. Ғайр аз ин дар хонаҳои кофташуда зиёда аз ду ҳазор зарфҳои бутуну шикаста дарёфт шуданд. Аз ин бармеояд, ки дар деҳа якчанд кулолгарон кор ва зиндагӣ мекардаанд. Дарёфти «таблаки сафолӣ» бо ақидаи Ш. Қурбонов, нишонаи рушди санъати мусиқии сокинони ёдгории номбурда мебошад.

Муҳити ҷуғрофии ноҳия мусоидат мекард, ки сокинони Панҷакент дар асрҳои I-IV бо коркарди маъданҳои кӯҳӣ – тилло, нуқра, мис, қӯрғошим, оҳан ва сангҳои қимматбаҳо аз қабили лоҷуварду фирӯза машғул шаванд. Аз рӯи таҳқиқоти Б.Я. Ставитский, У.Э. Эшонқулов қариб тамоми заминҳои ҳамворию доманакӯҳӣ азхуд шуда буданд. Мардуми Панҷакент худро бо маҳсулоти чорвову ғалладона, меваҷоту сабзавот таъмин карда метавонистанд.

Истеҳсолоту тиҷорат узви як пайкаранд, яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Мегӯянд, ки Суғдиён дар қади роҳи тиҷоратии «Роҳи абрешим» меистоданд. Савдогарони Мисру Чин аксаран аз Хуҷанд, Панҷакент, Самарқанд ва Бухоро мегузаштанд. Дар бозорҳои шаҳрҳои калони рушдкардаи Суғд фуруд омада харидуфурӯш мекарданд. Б. Ғафуров

навиштааст: «Суғдиён низ дар ҷойҳои аз ҳудуди Суғд ниҳоят дур марказҳои калони савдо таъсис дода буданд. Дар Дун-Ҳуан (Туркистони Шарқӣ) катибаҳои асри IV пеш аз мелод ба даст омадаанд, ки бо забони суғдӣ навишта шудаанд. Дар катибаҳо гуфта мешавад, ки дар Друан (шаҳр дар Хитои Ғарбӣ – А.И.), 100 нафар самарқандии озод (ё худ асилзодагон) ҳастанд». Итминон дорем, ки дар байни онҳо панҷакентиҳо низ кам набуданд.

Мутаасифона, маълумоти фарҳанги маънавии ноҳия дар ин асрҳо нисбати фарҳанги моддӣ он қадар пурра нестанд. Бо вуҷуди ин исбот шудааст, ки дар кишвари Суғд ва қисми зарафшонии он миқдори зиёди ҳайкалчаҳои гилии дар хумдонҳо пухташуда дарёфт шудаанд. Қисми зиёди онҳо аз шаҳраки Афросиёб, Тали Барзу ва якчанд ҳайкалчаҳо дар ноҳияи Панҷакент дастраси бостоншиносон гардиданд. (РАСМ) Ҳайкалча тасвири зан-модар буда, бо ду дасташ дар сари сина анореро дошта истодааст. Аз рӯи бозёфт аксарияти бостоншиносону муаррихон ба хулоса омадаанд, ки суғдиён ва азҷумла панҷакентиҳо Анаҳита – худозани обу серҳосилиро мепарастидаанд.

Тахмин меравад, ки ин Анаҳита барои суғдиён худои ягона набуд. Пораи хуме аз деҳшаҳри Тали Барзуи назди Самарқанд ёфт шуд, ки дар рӯяш тасвири гови аз гардан болояш суратӣ одамӣ (мард) акс шудааст. Аз рӯи гуфти муҳаққиқон Г.В. Григорев, Ю.А. Заднепровский, Б.Я. Ставитский ва С.С. Сорокин ин тасвири худои табиати миранда ва зиндашаванда – Сиёвуш мебошад. Аз ин бармеояд, ки суғдиён то паҳншавии дини Зардуштӣ ба ду худо: Анаҳита ва Сиёвуш эътиқод доштаанд.

Дар баробари ин, оид ба мазҳаби суғдиён чанде аз муаррихон ақида доранд, ки қисми асосии халқҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама суғдиён зардуштияро мепарастиданд. Аммо «зардуштияи суғдӣ» хусусияти ба худ хос дошт. (Б. Ғафуров, 1983, с.223). Суғдшиноси машҳури Британия В.Б. Ҳенинг навиштааст, ки дар байни худоҳои суғдӣ ҷойи аз ҳама баландро Нана (и) мегирад. (Ҳенинг, 1965, с.250). Ин номи

олиҳаест, ки аз замони шумерҳо (ҳазораи III пеш аз мелод – А.И.) дар Байнаннаҳрайн маълум буд. Дертар ин ном дар Бохтар, Эрон, Порт, Кӯшон ва Суғд паҳн шудааст. Тахмин меравад, ки парастиши Нана ва Анаҳита дар Осиёи Марказӣ ба ҳамдигар пайваст будаанд. Суғдиён яке аз халқҳое буданд, ки аз замонҳои қадим асрҳои II-I пеш аз мелод дорои алифбову хат буданд. Мутаасифона аз ҳама аввал (1906-1909) осори хаттии суғдиён на дар ватани онҳо, балки дар музофоти Дун-Ҳуани Туркманистони Шарқӣ дарёфт шуданд. Ба ақидаи Б. Ғафуров «қадимтарин осори хаттии суғдӣ катибаи рӯи тангаҳои ибтидои замони мо аст (асри I мелодӣ – А.И.), пас аз ин «мактубҳои қадимаи суғдӣ меояд». Дар ин мактуб аломатҳои алоҳидаву хоно навишта шудаанд, ки бо ҳамдигар пайваст намебошанд». (Ғафуров, 1983, с.220).

Бояд равшан намуд, ки хатти суғдӣ аз рӯи шаклу тарзи навишт ба гурӯҳи хати оромӣ дохил шуда ҳарчанд ҳамшакли хати ассурӣ, арабӣ мебошад, боз баъзе хусисият ва аломатҳои ба худ хос дорад.

Суғдшинос В.А. Лившитс иброз мекунад, ки хатҳои суғдӣ... далолат мекунад, ки аллакай дар ҳамон замон (асри I мелодӣ – А.И.) меъёрҳои асосии забони суғдӣ ташаккул ёфтаанд ва ҳеҷ набошад то асри X пойдор мондаанд.

Нисбати забони суғдиёни Панҷакент ва тамоми кишвари Суғд бояд гуфт, ки он бо забони тахористониҳо (Тоҷикистону Ӯзбекистони Ҷанубӣ –А.И.) наздикӣ дошта ба гурӯҳҳои забонҳои эронӣ-шарқӣ дохил мешавад.

# ПАНҶАКЕНТИ СУҒД ДАР АСРҲОИ IV-VII МЕЛОДӢ

Асрҳои IV-VII дар таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ ва азҷумла водии Зарафшону Панҷакент, асрҳои болоравии фарҳанги моддию маънавӣ ба шумор мераванд. Дар ин асрҳо ҷомеаи давлати ҷамъиятӣ (қабилавӣ), ки якуним ҳазор соли пешина ҳукмрон ва муайянкунандаи мавқеи воситаҳои истеҳсолӣ ва қувваҳои истеҳсолкунанда буд, рӯ ба завол ниҳод ва дар натиҷаи тағйир ёфтани афкори сиёсӣ, маънавӣ ва иқтисодӣ тамоман пароканда шуд. Дар баробари ин давлати Кӯшониёни бузург мавқеи худро аз даст дода ба даҳҳо давлатҳои мустақили соҳибихтиёр табдил ёфт. Ҳарчанд ин давлатҳои навташкил бузург набуданд, дар харитаи Осиёи Марказӣ тағйирот ба амал омад ва ин давлатҳои феодалӣ мавқеи худро ишғол намуданд.

Бостоншинос ва муаррих А.М. Манделштам навиштааст, ки дар Мовароуннаҳри Осиёи Марказӣ иттиҳодияи шаҳру давлатчаҳо дар атрофи Самарқанд муттаҳид шуда ӯро маркази давлати Суғд интихоб намуданд. Ба иттиҳодияи давлатҳо Самарқанд, Бухоро, Иштихон, Кабидан, Панҷакент ва шаҳрҳои соҳили дарёи Зарафшон дохил шуданд (Манделштам, 1954). Аз ин бармеояд, ки баъд аз парокандашавии давлати Кӯшониён аҷдодони мо давлати худро мустақил эълон намудаанд, ки дар таърихи баъдинаи халқҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун давлати Суғд номбар мешавад. Панҷакент ҳамчун шаҳр ба маркази минтақаи кӯҳистони давлати Суғд табдил меёбад.

Пеш аз он, ки дар бораи таърихи Панҷакент сухан ронем бояд бо ҷараёни сиёсии давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ каме шиносоӣ пайдо кунем.

Дар асрҳои IV-VII қариб ду аср то юриши арабҳо дар Осиёи Марказӣ зиёда аз даҳ давлатҳои хурду калон вуҷуд доштанд. Бузургтарини онҳо давлати Сосониёни Эрон буд, ки аз ҷиҳати масоҳат, аҳолӣ ва иқтисодиёту тиҷорат мақоми хос дошт. Шоҳони он Шопури I, II, III, Баҳроми Гӯр (420-437),

Яздигурди II (437-457), Пирӯз (457-484) ва Қубод то андозае истиқлолияти ин давлатро нигоҳ доштанд. Қудрати салтанати Эрон барои давлатчаҳои Осиёи Марказӣ низ аҳамияти калон дошт.

Дар баробари давлати Сосониён дар дар ҷануби Осиёи Марказӣ давлатҳои Бохтар (Тахористон), Орун дар музофоти Чорҷӯ, Хоразм, Фарғона, Чоч, Уструшан, Суғд ва ғ. арзи ҳастӣ доштанд. Ҳар яке аз онҳо дорои ҳудуди муайян, ҳокимият, маркази давлатӣ ва сиккаи худ буда бо якдигар равобити тиҷоратӣ доштанд. Вале ин муносибати иқтисодию тиҷоратӣ нисбатан рӯякӣ буда дар навбати худ ҳар яки онҳо кӯшиш мекарданд, ки ҳудуди худро аз ҳисоби давлатҳои ҳамсоя васеъ кунанд. Аз рӯи маълумоти хаттӣ ва маълумоти ҳафриёти бостоншиносӣ, давлати Суғд, ки дар Осиёи Марказӣ ҷойгир шудааст, аз ҷиҳати иқтисодиёт, тиҷорат ва фарҳанг нисбати дигарҳо хеле пешрафта буд. Ба ин давлат ба ғайр аз шаҳрҳои водии Зарафшон, водии Қашқадарё бо шаҳрҳои Нахшаб ва Кеш (Шаҳрисабзу Қаршии имрӯза) дохил мешуданд.

Дар чунин вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ ба шимоли ин сарзамин қабилаҳои кӯчманчиёни чорводор: кидориён, хиёниён, ҳайтолиён юриш карданд. Ин қабилаҳо асосан бо чорводорӣ ва кӯчманчигӣ машғул буданд, ҳар яке аз авлодҳои сершумори ташаккулёфта иборат буданд.

Нахуст ватани онҳо кишвари Олтой ва Туркистони Шарқӣ (музофоти ғарбии Чин – Синзяни имрӯза) ва қисми ҷанубии Сибир буда, аз аввали асри I мелодӣ ба тарафи ғарб ва даштҳои ҷанубии Қазоқистон ва шимолии баҳри Арал кӯчиданд. Сабаби кӯчидан ва бодиянишин шудани онҳо дар он буд, ки асоси хоҷагии онҳо чорводорӣ буда ҳар як оила, авлод ва билохир қабила соҳиби миқдори зиёди чорво, асосан гӯсфанд ва қисман аспу шутур буданд. Албатта барои чаронидани онҳо алафзорҳои кушоду васеъ, водиҳои сарсабз лозим буд. Барои ҳамин кӯчманчиён ҷойи худро тез-тез иваз мекарданд. Мегӯянд, ки мардуми қабилаҳои чорводорони бодиянишин дар болои аробаҳо, шутуру аспҳо таваллуд шуда, дар болои онҳо вафот мекарданд.

Аз рӯи маълумоти бостоншиноси ҷопонӣ Еноки яке аз ин қабилаҳо – Кидориён дар солҳои 412-137 Тохаристонро ишғол намуда то ба Қандаҳори Афғонистон расид. Шубҳае нест, ки онҳо ба ин кишварҳои Ҷануб аз сарзамини Суғду Фарғона гузаштаанд.

Бо роҳи дигар аз тарафи баҳри Арал бо соҳили баҳри Хазар (Каспий) қабилаи дигар – хиёниён ба Эрон кӯчиданд. Солҳои аввал ба шоҳи Эрон Шопури II (346-347) муяссар гардид, ки бо онҳо сулҳ бандад ва якҷоя ба муқобили Кӯшониён ба шаҳри Балх лашкар кашад. Вале дертар ҳар ду қабила, яъне кидориёну хиёниён, ки ҳамқавму ҳамнажоданд байни якдигар муоҳада карда чанд муддат ҳукмрони қисми ҷанубии Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва қисмати шарқии Эрон буданд.

Аз рӯи навишти Б. Ғафуров, ки ба маъхазҳои хитоӣ такя дорад, бармеояд, ки «хуннҳо» (хиёниён – А.И.), ҳокими Суғдро кушта заминҳои вайро забт намуданд. (Ғафуров, 1983, с.262). Боз Б. Ғафуров менависад: «... Суғдро дар ким кадом давра хиёниён забт карда будаанд ва таҳлили санаҳо (ахбор ба соли 437 дахл дорад) нишон медиҳад, ки онҳо, эҳтимол Суғдро қабл аз пайдо шудан дар қисми ҷанубии Осиёи Марказӣ забт кардаанд, яъне аз Суғд гузашта рафтаанд... » (Ғафуров, 1983, с.262). Аз ин маълумоти ночиз бармеояд, ки дар сарзамини Суғд ва азҷумла дар водии Зарафшону музофоти Панҷакент дар асрҳои IV-V табаддулоти куллӣ ба амал наомадааст. Вале мо тахмин мекунем, ки кӯчиши кӯчманчиён бо миқдори зиёди чорвои хурд дар роҳи худ боғу киштзорҳоро поймол намуда онҳоро ба замини бегиёҳ табдил медоданд. Худи кӯчманчиён, ки аз фарҳанги кишоварзону шаҳриён бохабар буданд, дар роҳи худ чандин шаҳру деҳҳои водии Зарафшонро талаву тороҷ намуда ба вайрона табдил доданд. Далели ин гуфтаҳо он аст, ки дар музофоти Панҷакент қалъаҳои Тали хамтӯдаи назди деҳаи Мазор, Филмандар дар соҳили чапи дарёи Моғиён ва чанде дигарон айнан дар асрҳои IV-V мелодӣ ба вайрона мубаддал шуда буданд. Ин гуна вайронаҳо қад-қади дарёи Зарафшон хеле зиёданд.

Ба фикри мо, муттаҳидшавии халқҳои Осиёи Марказӣ дар нимаи дуюми асри V-и мелодӣ аз он даврае имконпазир гардид, ки давлатҳои имрӯзаи Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Афғонистон ва қисми шимолии Ҳиндустон ба ҳайати давлати ҳайтолиён шомил шуданд. Мутаасифона, оид ба ҷараёни таърихӣ, ҳаёти иқтисодӣ ва тиҷоратии мардуми Панҷакент ва умуман водии Зарафшон дар замони ҳайтолиён маълумоти дақиқ надорем, зеро дар маъхазҳои порча-порча боқимондаи асри IV-V, ки он ҷо асосан хитоиҳо маълумот медиҳанд, далеле нест. Бо вуҷуди ин, азбаски масъалаи аз куҷо пайдо шудани ҳайтолиён (нажод, забон, ватани онҳо – А.И.) зиёда аз сад сол инҷониб байни олимони шарқшиноси ҷаҳон боиси баҳсу мунозира мебошад ва то ин дам хулосаи мушаххас ва ҳалли илмии худро наёфтааст, лозим донистем, ки чанд ақидаи олимонро оид ба ин масъала, ки ба ҳақиқати таърихи наздикӣ доранд, пешкаш намоем.

Аз рӯи маъхазҳое, ки Б. Ғафуров дар шоҳасари худ «Тоҷикон» гирд овардааст, бармеояд, ки як зумра олимони Аврупо Эл Маркварт, Ф. Алтхайм, Г. Бейли, О. Менген Хелфен, Э. Херсфелд, Эр Гиршман, Бичурин, К. Еноки ва шӯравӣ Б. Ғафуров, Л.Н. Гумилёв, Б.А. Литвинский, Е.А. Давидович, А.М. Менделштам, А.Н. Бернштам, С.П. Толстов, А.Ҳ. Бобоев ва даҳҳо дигарон оид ба проблемаҳои таърихӣ, этникӣ ва лингвистии ҳайтолиён фикру ақидаи гуногун доранд. Бо вуҷуди ин бояд хотирнишон намуд, ки аксарияти онҳо ватани ҳайтолиёнро қисми шимолии Осиёи Марказӣ меҳисобанд. Масалан: Б.А. Литвинский дар ҳафриёти дашти Ашти калон Мухоназ сағонаҳо (қабрҳои махсус – А.И.) ва дигар қабрҳои холиро кашф намуд, ки мурдаҳо дар тобутҳои чӯбин гӯронида шудаанд. (Литвинский, 1956, с.45). Ин қабил дафн дар тобутҳои чӯбин дар деҳаи Ворухи Исфара низ дарёфт шуданд, ки ба асрҳои IV-V мелодӣ хос мебошанд (Литвинский, 1959, с.77). Дар доманаи ҷанубии кӯҳи Ғизолони назди деҳаи Чилгазии ноҳияи номбурда Гӯрхонаҳои «Калмоқон» (шояд қалмиқ бошад –А.И.) кушода шуданд, ки кулли бозёфтҳои он ба намудҳои олоти рӯзгори ҳайтолиён монананд. Инҳо ва

дигар далелҳои хоси замони ҳайтолиёнро ба эътибор гирифта Б. Ғафуров навиштааст: «...дар ташаккули қабилаи ҳайтолӣ қабилаҳои сокини маҳаллаҳои доманакӯҳии ноҳияи Фарғона аҳамияти махсус доштанд, зеро ин тарзи дафн маҳз дар байни ҳамин қабилаҳо маъмул буд». (Ғафуров, 1983, с.279).

Акнун ба масъалаи нажод ва забони ҳайтолиён дахл мекунем. Ин масъала низ дар байни муаррихону забоншиносон ҳаллу фасли худро наёфтааст. Аз рӯи иқтибоси Б. Ғафуров муаррихи замони антиқа Пракопи Кесарский ҳайтолиёнро «гуннҳои сафед» номидааст, вале дар баробари ин навиштааст: «...Онҳо мисли дигар тоифаи гуннҳо (киндариён ва хиёниён –А.И.) кӯчманчигӣ намекунанд ва аз давраҳои қадим дар заминҳои ҳосилхез ба тарзи муқимӣ сукунат доранд. Дар байни тамоми гуннҳо онҳо ягона тоифае мебошанд, ки пӯсти баданашон сафед аст ва симои зебои дилкаш доранд... Давлати қонунӣ доранд ва дар муносибати байни худ ва ҳамсоягони худ адолатро аз румиёну форсҳо беҳтар риоя менамоянд» (Б. Ғафуров, 1983,с.- 273).

Аз далелҳои таърихӣ бармеояд, ки ҳайтолиён натанҳо дар водию доманакӯҳҳои Фарғона мезистаанд, балки баъзе қабилаҳои онҳо дар водии Зарафшон низ маскан гирифта будаанд. Исботи ин пеш аз ҳама сурати шахсоне, ки дар деворнигорҳои Панҷакенти қадим ва Афросиёб нақш шудаанд ва ба асрҳои VI-VШ мансубанд, «сурхрӯй» ва «сафедрӯй» ин ашхос мебошанд. Тибқи гуфтаи В.А. Лившитс ин тарзи тасвир ба он далолат мекунад, ки дар сарзамини Суғд ҳамроҳи суғдиён «сурхҳиёниён» ва «сафедҳиёниён», ки ҳар ду ба тоифаи ҳайтолиён наздикӣ доранд, истиқомат мекардаанд. (Лившитс, 1965г.с. – 6). Аз рӯи маълумоти таърихнависи Хитой Сюан Сзан бармеояд, ки шумораи ҳуруфоти ҳайтолиён 25 адад буда аз чап ба рост навишта мешавад. Осори адабии онҳо аз ҳисоби осори мардуми Су-ли (суғдиён – А.И) зиёд шудааст. Худи хати ҳайтолӣ бошад нисбати хати суғдӣ хеле кам, порча-порча ёфта шудааст ва то ҳол ягон порча матни пурраи маънодор дарёфт нашудааст, ки забоншиносон монанди хату забони

суғдӣ онро маънидод кунанд. Бо вуҷуди ин, баъзе забоншиносон забони матнҳои дарёфтшудаи ҳайтолиро саккоӣ ё бохтарӣ мешуморанд.

Манбаъи дигари омӯхтани хати ҳайтолӣ ин навиштаҷоти рӯи сиккаҳо мебошад. Вале онҳо низ ягон маълумоти иловагӣ намедиҳанд. Исбот шудааст, ки ҳайтолиён сиккаҳои худро ба шакли сиккаҳои Кӯшониён ё Сосониён мебароварданд, ки дар тарафи росташ (рӯи танга – А.И) расми шоҳ бо тоҷ, дар тарафи чап (пушти танга) боз ҳамон шоҳ рост истода дар як дасташ найза ва дар дасти дигараш миҷморчаи хурдро дошта истодааст. Ин бори дигар собит месозад, ки ҳарчанд ҳайтолиён кишварҳои ҷануб Афғонистону Ҳиндустон ва ҳатто Эронро таҳти тассаруфи худ даровардаанд, вале тарзи тангасозии давлатҳои қадимии бохтариҳо, ҳиндуҳо ва эрониҳоро қабул кардаанд. Шояд ин асоси таърихӣ дошта бошад, зеро аксарияти олимони ҷаҳон Г. Бейли, К. Еноки, К. Гиршма, Б. Ғафуров, ки оид ба таърихи ҳайтолиён таҳқиқот гузаронидаанд, забони ҳайтолиёнро шарқӣ-эронӣ ҳисобиданд (Бени, 1937,с.- 892-893; Еноки, 1959,с.-39-45; Гиршман, 1948, с.-67; Ғафуров, 1983, ч. 1. с.- 277)

Ин масъаларо Б. Ғафуров таҳлилу таҳқиқ намуда навишта буд: «амалан ягон далели ҷиддие нест, ки забони ҳайтолиёнро туркӣ (ё муғулӣ) гӯем, ин забон бе шакку шубҳа забони шарқӣ-эронӣ буд». (Б. Ғафуров, 1983, ч.1.с. - 277-287).

Муаллиф, илова ба гуфтаҳои болоӣ аз рӯи маълумоти бостонии водии Фарғона, Қаротегину Бадахшон ба хулоса меояд, ки ҳайтолиён ҳамон саккоиҳо мебошанд, ки дар асрҳои IV-V қисман ба Ҳиндустону Афғонистон кӯч бастаанд ва дар он ҷо бо он халқҳои сершумори таърихи қадимадошта омезиш ёфта дину мазҳаб ва урфу одати онҳоро қабул кардаанд. Дар ин масъала ҳақ ба ҷониби Б. Ғафуров аст, ки навишта буд: ҳайтолиён дар заминаи кадом як қабилаҳои забонашон шарқӣ-эронии Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омадаанду дар таркиби онҳо унсурҳои этникии туркҳо мавҷуд мебошанд» (Б.Ғафуров, 1963, ч. 1, с.- 279).

## Панҷакент ё Панҷекат

Пеш аз он, ки оид ба таъриху фарҳанги даврахои баъдинаи Панҷакент чизе гӯем, лозим донистем дар бораи худи калимаи Панҷакент чанд сухан кунем. Зеро саволи «Чаро Панҷакент меноманд?» бисёриҳоро ба андеша водор кардааст.

Оид ба пайдоиши номи Панҷакент зиёда аз 60 сол инҷониб (агар пештар набошад) байни бостоншиносону забоншиносон ва ҳар тоифаи мардум гуногунфикрӣ вуҷуд дорад. Масалан, мардуми оддии Мастчоҳ, Варзи Мунор ва Яғноб «Пинҷикент» ё «Панҷакат», мардуми таҳҷоӣ «Панҷекат», русҳо «Пенджикент», арабҳо «Бунҷикат» мегӯянд. Дар маъхазҳои арабӣ аз сабаби он, ки арабҳо ҳарфи «П» (пе) надоранд, «Бунҷикат» навишта шудааст. Барои ҳалли ин масъала бостоншиносон умедвор буданд, ки ба хатҳои рӯи тангаҳои дар Панҷакент сикка задашуда ё хатҳои ба суғдӣ навиштапгуда равшанӣ андозад. Мутаасифона, ин хуҷҷатҳо низ ҷавоби саҳеҳ дода натавонистанд.

Аксарият медонанд, ки соли 1932-1933 аз харобаҳои қалъаи дар болои Кӯҳи Муғ ҷойгиршуда назди деҳаҳои Хайрободу Кум (ноҳияи Айнӣ) бойгонии ҳокими Панҷакент Деваштич дарёфт шуда буд. Ин яке аз гаронбаҳотарин ва қадимтарин осори хаттии суғдиён буда далели асосии номи ашхос, деҳаҳо ва шаҳрҳои асрхои VII-VIII ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, тарҷумони осори хаттии суғдӣ дар хондан номи ин шаҳрро Панҷакент хондаанд. Ҳол он, ки дар харитаву навиштаҷоти китобӣ «Панҷакент» солҳои 80-уми асри XIX, баъди ба тасарруфи Руссия даромадан пайдо шуд. Аз ин пеш «Панҷакент» дар шаклҳои Панҷекат, Панҷаканд, Панҷакат, Бунҷикат маълуму машҳур буд.

Бояд гуфт, ки решаи калима «Кат» мебошад ва он маънои хона, ҳавлӣ, манзил ва ҷойи нишастро дорад. Баромади аслии ин калима аз забони суғдист. Ин калимаи суғдиро туркзабонон ба талаффузи худ мутобиқ намуда

«кент» гуфтаанд. Аз ин рӯ, Тошканд-Тошкент шуду Пойканд-Пойкент, Панчекат-Панҷакент.

Бояд тазаккур дод, ки оид ба шарҳу эзоҳи калимаи «кат» олимони зиёд, муаррихон, номшиносон, ономистҳо, нависандагон фикру ақида изҳор кардаанд. В.В. Бартолд, С. Айни, Б. Ғафуров, М. Шукуров, А. Сатторов, Фотеҳ Абдулло, Лоиқ Шералӣ, Абдурауф Муродӣ ва чанде дигарон ба маъхазу луғатҳои зиёд истинод карда номи шаҳрро ба ду шакл: Панҷакат ва Панҷаканд пешниҳод намуданд.

Ин ҷо мо кӯшиш мекунем, ки аз рӯи навиштаҷоти рӯи тангаҳо ва ҳуҷҷатҳои хаттии Кӯҳи Муғ оид ба Панҷакент маълумот диҳем. Баробари ин, ба ҳамаи номшиносҳо гӯшрас карданием, ки навиштаҷоти рӯи тангаҳо ва осори хаттии бойгонии Деваштич оид ба номи Панҷакент аввалин ва охирин санадҳо мебошанд.

Суғдшинос А.А. Фрейман тамоми ҳуҷҷатҳои Кӯҳи Муғро хонда ҳаллу фасл намуд. Олим дар ҳуҷҷатҳои А-4 ва В-3 Деваштичро «ҷаноби Панҷа» хондааст. (Фрейман, 1933, с.-33, 35; 1962, с.-42). Олими тангашинос (нумизмат) О.И. Смирнова низ дар навиштаҷоти рӯи танга номи дигар ҳокими Панҷакент Бидкан ё Бидианро бо унвони «Ҷаноби Панҷа» хондааст. (Смирнова, 1981, с.47). Илова ба ин, О.И. Смирнова дар асари таҳқиқотии худ бештар «Панҷикат»-ро истифода кардааст (Смирнова, 1981, с.49-50).

Аз ин далелҳо бармеояд, ки решаи Панҷакент – Панҷ буда, ба он пасоянди «Кат», ки маънои хона, ҷой, манзилро дорад илова шудааст. Тавре, ки дар боло фикри олимон, муҳаққиқон, нависандагон ва шоиронро оварда будем, номи аслии шаҳр аз рӯзи пайдоишаш «Панҷ кат» будааст. Ва минбаъд ба талаффузу навишт мувофиқ намуда «Панҷакат» гуфтаанд.

Ҳоло лозим медонам, оид ба ҳар яки номҳои ин шаҳр ҳикояту ривоятҳои даҳонакии халқии ин диёрро хотиррасон намоям.

Аз ҳикояте бармеояд, дар замоне, ки ҳоло шаҳр (Панҷакат) бунёд нашуда буд, мардуми ноҳия авлод-авлод, қабила-қабила дар ҷойҳои хушманзараи барои зиндагӣ мувофиқ қалъаҳо, кӯшкҳо сохта сар то сари водӣ зиндагӣ мекарданд. Соҳибони ин қалъаву кӯшкҳо деҳқонони озод – заминдорони калон буданд.

Баробари замину чарогоҳҳо, ҷангалзору бешазорҳо, каналу чашмаҳо, дарёҳо дар ихтиёри онҳо микдори муайяни оилаҳои оддии безамин низ буданд, ки бо зироаткорӣ, чорводорӣ ва хизматгорӣ машғул буданд. Дар навбати худ деҳқонони сарватманд кӯшиш мекарданд, ки аз ҳамсоягони худ – дигар сарватмандон болотар бошанд. Роҳи ягона забт кардани заминҳои ҳамсоя буд. Ва ин водор менамуд, ки ҳар як сарватманд истеҳкоми дастнорас дошта бошад ва дар назди худ лашкари мусаллаҳ нигоҳ дорад. Ҳамин тариқ, мешуд, ки сокинони як деҳа ба деҳаи дигар ҳуҷум мекарданд, деҳаи сеюм бетараф меистод ва ҳис намекард, ки ин мусибат ба сари онҳо ҳам меояд. Ин парокандагии аҳолии ноҳияро нишон медод. Аз ин дигар душманон истифода бурда ба ноҳия ҳуҷум мекарданд. Онҳо қабилаҳои чорводори бодиянишин буда пештар дар дашту биёбонҳои Мовароуннаҳр зиндагӣ мекарданд.

Ниҳоят сокинони ноҳия хатогии худро дарк намуда қарор доданд, ки минбаъд муттаҳид бошанд. Аммо барои муттаҳиду пуриқтидор шудан ҳокими ягона ва шаҳри атрофаш бо девору бурҷҳо мустаҳкам даркор буд. Бо ин мақсад онҳо аввалан дар деҳаҳои ноҳия ҳокими ягонаро интихоб намуда розигӣ доданд, ки тамоми талабу дархости ӯро ҳатман ба ҷо меоранд. Ҳамин тариқ, ҳокими аввалини аз тарафи халқ интихобшуда, ки Зумури Оташпараст ном дошт, пеш аз ҳама сохтмони шаҳри калонеро оғоз намуд ва ба ин кор сокинони гирду атрофи Панҷакент – қалъаи модари Зумури оташпараст, қалъаи ҳақдоди Зебон, қалъаи Чинор, сокинони Қаволаву Сарманзилро ҷалб намуд. Онҳо дастҷамъ шуда дар баландии назди чашмаи Қайнар-Ато ва

Ӯрдакон ба деворкашии шаҳри оянда шурӯъ намуданд. Дертар ба шаҳрсозӣ мардуми чор мавзеъи дигар Моғиёну Фароб, Шингу Рашна, дараи Киштӯду Артуч ва аҳолие, ки аз Дашти Қозӣ то канали Шутуркаш (дар сарҳади ғарбии Тоҷикистон) зиндагӣ мекарданду онҳоро офтобрӯягиҳо мегуфтанд, ҷалб шуданд. Ҳамин тариқ, дар муддати кӯтоҳ шаҳраки Панҷакент бино ёфт ва дере нагузашта Зумури Оташпараст шаҳрро ба панҷ қисм тақсим намуда, ба ихтиёри шаҳрсозон супорид.

Номгузории шаҳр мавриди баҳс қарор гирифт. Маълум, ки дар сохтмони он одамони панҷ мавзеъ иштирок кардаанд ва ҳар яке мехост, ки ба ин шаҳр номи деҳаи худро гузорад. Аммо Зумур пеш баромада ба ҳозирин муроҷиат карда чунин гуфт: «Авлоди ман аз замонҳои қадим то ин дам дар назди чашмаи ҷӯшон (Қайнар-Ато – А.И.) умр ба сар бурда истодааст. Шумо низ зодгоҳ доред ва ҳар яки мо мехоҳем, ки шаҳр ба номи авлоди мо маълуму машҳур гардад. Вале ба шаҳр як ном кифоя аст. Модоме, ки дар сохтмони он фарзандони панҷ мавзеъ иштирок кардаанд, мехостам номи шаҳрро «Панҷакат» гузорем. Ин таклифи одилонаи Зумур мақбули ҳамагон гардид ва бо як овоз онҳо Панҷакат! Панҷакат! Панҷакат! гӯён даст боло карданд.

Аз ҳамон рӯз бо розигии ҳамагон шаҳр номи Панҷакатро гирифт. Онҳое, ки ҷонибдории ибораи «Панҷаканд» ҳастанд онро бо калимаи «канд» яъне кандан, кофтан мепайванданд. Оид ба ин маъно низ ривояте ҳаст, ки вобаста ба ҳазрати Алӣ пайдо шудааст.

Дар ривоят омадааст, ки ҳазрати Алӣ барои мусулмон кардани кишварҳои Шарқ ҷасорат нишон дода, гуё то шаҳре мерасад, ки дар баландии каснорас бино ёфта атрофи онро деворҳою бурҷҳо, тиркашҳову шинакҳо иҳота кардаанд. Он ҳазрат дар кунҷи беруни шаҳр чашмае камоберо дида дар лаби чашма истироҳат кардааст. Ҳазрати Алӣ мебинад ба замми он, ки чашма хеле камоб аст, дар дохили он морҳои зиёди заҳрнок гаштаанд. Ниҳоят он бузургвор бо каромоти

худ морҳоро аз чашма мебарораду панҷ панҷаи муборакн худро ба чашма мемолад. Ва ҳамоно аз ҷойи панҷаҳои ҳазрати Алӣ оби зулол фаввора зада ҷӯйҳо пурри об мешаванд. Аз ин лиҳоз ба хотири қудрату каромоти он бузургвор номи шаҳрро «Панҷаканд» гузоштаанд.

Аз замони ҳазрати Алӣ то ин дам касе аз бандаи мусулмон ба каромоту қудрати он кас шак наовардааст. Вале мо бояд каме ба ҳақиқати таърихӣ назар кунем.

Зеро дар ягон сарчашмаи таърихӣ оид ба омадани ҳазрати Алӣ то Панҷакент гуфта нашудааст. Чунки арабҳо аввалин маротиба соли 654 ё 660 дарёи Омуро убур карда ба сарзамини Мовароуннаҳр қадам гузоштаанд. Муаррихи маҷористонӣ Херман Вамбери ибтидои ҳуҷуми арабҳоро ба кишвари Суғд соли 666 меҳисобад (Вамбери, 1990, с.9). Агар ин далелҳо асоси таърихӣ дошта бошанд, пас равшан мегардад, ки ҳазрати Алӣ дар қайди ҳаёт набуданд, зеро он касро Ибни Мулҷам ва хонадони Умияҳо, ки даъвои мансаби халифагӣ доштанд дар вақти аз масҷиди шаҳри Қуф (дар Ироқ) баромадан бо шамшер захмдор намуданд ва ҳазрати Алӣ аз он захм пас аз ду рӯз 24 январи соли 661 вафот карданд. (Петрушевский, 1966, с.44). Бо ин асос ба Панҷакент омадани ҳазрати Алӣ ба хақиқати таърихӣ рост намеояд. Аммо метавон гуфт, ки кулли мусулмонон, пеш аз ҳама шиамазҳабон аз рӯи эҳтирому сипосгузорӣ номи ин шахси бузурги исломро дар ҳама ҷо дидан мехоҳанд.

Акнун чанд сухан оид ба шакли таллафуз ва навишти «Бунҷикат» ё «Бунҷакат»: ин шаклҳо асосан дар маъхазҳои арабӣ дучор мешаванд. Аз рӯи маълумоти устод Айнӣ: «Дар манбаҳои қадимӣ ҳам, ки қасаба ва қарияҳои Самарқанд дар онҳо ном бурда шудаанд, «Панҷакат» ба шакли «Банҷикат» навишта шуда, вай яке аз қасабаҳои Самарқанд шуморида шудааст.» (Айнӣ, 1975, с.114).

Ин ибора шояд дуруст бошад, зеро аз як тараф арабҳо ҳарфи «П» надоранд ва аз ин лиҳоз «Панҷакат»-ро «Бунҷикат» навиштаанд ва аз тарафи дигар калимаи «Бунҷ»

маънои «кӯч»-ро дорад. Тахмин меравад, ки арабҳо дар арафаи истилои ин диёр Панҷакатро «Бунҷикат» навишта бошанд, ки маънояш шаҳри кунҷакӣ ё канора аст. Ҳанӯз соли 1946 А.Ю. Якубовский Панҷакентро ба тарзи «Бунҷикент» навишта буд. Олим навиштааст: «Дар манбаъҳои хаттии ҷуғрофияшиносони асрҳои IX-X ду Бунҷикентро ёдрас кардаанд. Як Бунҷикат дар Истаравшан, дигараш дар Суғд» (Якубовский, 1946, с.32).

Ба фикри мо Панҷакентро арабҳо аз ин лиҳоз «Бунҷикат» номидаанд, ки Панҷакент дар самти шарқии давлати Суғд шаҳри канора буда, дар қисми кӯҳистонии водии Зарафшон дигар шаҳре вуҷуд надошт ва то ҳол низ вуҷуд надорад. Дар ин бора ҷуғрофҳо ва муаррихони араб дуруст гуфтаанд. Ҳар ду Бунҷикат шаҳрҳои алоҳидаи кунҷакӣ ё канора буда дар музофоти давлатҳои Суғд ва Истаравшан ҷойгиранд.

Ҳамин тариқ, ҳаллу фасли номи мазкур бо далелу бурҳонҳои таърихӣ, бостоншиносӣ ва забоншиносӣ моро водор менамояд, ки баъд аз ин номи шаҳрамонро «Панҷакат» талаффуз кунему нависем.

# ПАНҶАКЕНТИ СУҒД ДАР АСРҲОИ VII-VIII МЕЛОДӢ

Дар ин асрҳо Панҷакенти қадим ба маънои пуррааш ҳамчун шаҳри замони феодалӣ ташаккул ёфта буд.

Аввалин назариётчии тавсифи топографии шаҳрҳои асримиёнагии Осиёи Марказӣ В.В. Бартолд буд. Вай ба сарчашмаҳои таърихӣ такя намуда навишта буд, ки шаҳрҳои асримиёнагии Осиёи Марказӣ бояд аз се қисм иборат бошанд: Кӯҳандиз (ситадел) – қароргоҳи ҳоким, шаҳристон (дохили шаҳр) ва иншооту боғҳои беруни шаҳр (работ). Бояд гуфт, ки ду қисмати аввали шаҳр – Кӯҳандиз ва шаҳристон хоси фарҳанги замони тоисломианд, работ чанде дертар пайдо шудааст. Ин назарияи В.В. Бартолдро дигар олимон азҷумла А.Ю. Якубовский, М.Е. Массон, В.А. Шишкин, В.А. Лавров дастгирӣ кардаанд. Вале бозёфтҳои Панҷакенти қадим ақидаи навро ба вуҷуд овард. Дар ин бобат А.М. Беленитский навиштааст: «Харобаҳои Панҷакенти қадим, маҷмӯи мураккаби археологӣ буда, аз чор қисми алоҳидаи аз ҳамдигар ҷудо иборат аст: Кӯҳандизи ҳоким, худи шаҳристон, деҳаҳои назди шаҳр (работ) ва қабристони шаҳр (некропол)» (Беленитский, 1967,с.8). Банда ақидаи устоди худ А.М. Беленитскийро идома додам: «Чунин тақсимот он маъноро надорад, ки қисмҳои номбурда, (Кӯҳандиз, шаҳристон, работ ва қабристон) ба ҳамдигар вобаста набошанд, баръакс ин чор қисм хусусиятҳои асосии шаҳри феодалии Осиёи Марказиро ифода мекунанд» (Исоқов, 1982, с.11).

Акнун ҳар қисми Панҷакенти қадимро ба таври мухтасар тасвир мекунем.

**Кӯҳандиз (ситадел)** дар қисми шимолу ғарбии шаҳристон, ҷудо дар болои ду теппаи гуногун ҷойгир шудааст. Кӯҳандиз ва шаҳристонро аз ҳам сойи чуқури беоб (гоҳ-гоҳ об ҷорӣ мешавад) ҷудо мекунад. Боқимондаҳои атрофи кӯҳандиз шоҳиди онанд, ки замоне ин иншоотро се

қатор девор (берунӣ, мобайнӣ ва дохилӣ) иҳота намуда будааст. Девори берунии он (қатори якум) аз баландии Ғори гург поён фаромада дар кунҷи ғарбӣ бо девори шаҳристон мепайвандад. Девори мобайнии кӯҳандиз (қатори дуюм) аз самти ғарбии чашмаи Қайнар сар шуда онро аз тарафи ғарбию ҷанубӣ муҳофизат мекунад. Девори дохилии кӯҳандиз (қатори сеюм) мусовӣ бо девори дуюм тӯл кашидааст, ки он қароргоҳи худи ҳокимро дастнорас менамояд. Тахмин меравад, ки ду роҳи даромад яке аз тарафи Қайнар ва дигаре аз тарафи шарқи Кӯҳандиз онро бо дохили шаҳр мепайваст. Онҳое, ки аз берун меомаданд, метавонистанд бо шутуру аспу аробаи сабуки дучарха то бинои қасри ҳоким бароянд. Дарозии ду гардиши он (ғарбӣ ва ҷанубӣ) зиёда аз 100 метр буда қариб 30 метр баландӣ дорад. Ҳокимон бо роҳи шарқӣ вориди шаҳристон мешуданд. Дар бунёди роҳ соҳибкасбию кордонии роҳсозони Панҷакент маълум мешавад. Аз ду тараф, ҳам аз тарафи шаҳристон ва ҳам аз тарафи кӯҳандиз бо пахсаву хишт девори пирамидашакли ғафсиаш зиёда аз 10 метр ва баландиаш қариб 20 метр сохтаанд, мутаассифона ин девор то ҳол омӯхта нашудааст. Он то обрави сой байни кӯҳандизу шаҳристон идома ёфтааст. Сохтмончиён байни девори ду тарафи сой бо болорҳои ғафс кӯпрук сохтаанд ва бо ҳамин ду қисми шаҳр бо ҳам пайваст шудааст. Бо ин роҳ аз байни шаҳристон ба ҷониби Кӯҳандиз кӯчаи васеъ тӯл кашидааст, ки онро Б.И. Маршак «кӯчаи Кӯҳандиз-ситадел» номидааст. (Маршак........).

Илова ба ин камина низ ҳангоми ҳафриёти кӯҳандиз (солҳои 1966-1977) роҳрав ва ҷойи дарро пайдо кардам, ки бевосита ба ҷониби шаҳристон кушода мешуд. (Исоқов, 1977, с.92). Кӯҳандизи Панҷакенти қадим аз кӯҳандизҳои шаҳрҳои Осиёи Марказӣ Бухоро, Марв, Самарқанд, Бунҷикат (дар Шаҳристони Истаравшан – А.И.) ва дигарҳо шаҳрҳо бо он фарқ мекард, ки вай бо оби нӯшокӣ таъмин буд, зеро дар ҷониби шимолии он чашмаи сероб ҷойгир аст. Тахмин меравад, ки ин чашма (дар панҷакентиҳо бо номи Қайнар-

Ато маълум аст) аз замони пайдоиши Панҷакенти қадим сар карда бо роҳҳои пинҳонӣ - обдуздҳо ба шаҳристону кӯҳандиз алоқаманд буд ва муҳофизат карда мешуд. Порчаи девори асрҳои III-II пеш аз мелод (байни Тӯқсанкорезу чашма) далели ин гуфтаҳост.

Бармегардем, ба таърихи омӯзиши кӯҳандиз: онро аввал соли 1947 бостоншинос А.И. Тереножкин сар карда соли 1948 Б.Я. Ставитский идома дод. Ҳарчанд онҳо мӯҳлати тӯлонӣ ҳафриёт нагузарониданд, дар зарфи ду сол кӯшки ҳокимони Панҷакенти қадимро, ки замоне як бинои боҳашамати дуошёна буд, кушоданд. Аз он иншоот 6 хонаи истиқоматӣ ва хоҷагии ошёнаи якум боқӣ мондаасту халос. Дар қисми дигари кӯҳандиз ин бостоншиносон боз 5 хонаи оддии суғдиёнро кушода бо ин корро катъ кардаанд. Ҳамин ковишҳо кифоя буд, ки ҳам А.Ю. Якубовский ва ҳам А.И. Тереножкину Б.Я. Ставитский оид ба мавқеи кӯҳандиз хулосаи илмӣ бароранд.

Тарзе, ки А.Ю. Якубовский навиштааст, мақсади гузаронидани ҳафриёт он аст, ки аввал Панҷакент ҳамчун шаҳри пеш аз феодалӣ фаҳмида шавад, баъдан нисбати фарҳанги Суғд дар ҳамон давра чӣ маълумот дода метавонад (Якубовский, 1950, с.42). Хулоса, ҳафриёти бинои аввалини боҳашамат дар кӯҳандиз олимро водор кард, ки ин биноро қаср номад. Ӯ навиштааст, ки ин қисми қаср ба худи ҳокими Панҷакент Деваштич таалуқ дошт (Якубовский, 1950, с.52). Муҳаққиқони дигаре, ки бевосита ҳафриёт гузаронидаанд, хонаҳои кушодаашонро «бурҷи истиқоматӣ» номида хулосаи аниқу дуруст набаровардаанд (Треножкин, 1950, с.80-93); Ставитский, 1950, с.94-99).

Ба ҳар ҳол, ҳафриёти солҳои аввал (1947-1948) имкон доданд, ки оид ба қисми аввалини Панҷакенти қадим тасаввурот пайдо шавад.

Омӯзиши пурраи Кӯҳандиз соли 1963 ба зиммаи муаллифи ин сатрҳо вогузор шуд. Омӯзиши археологии иншооти номбурда душвор буд. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи ҳафриёти бинои XII таҳти роҳбарии Б.И.Маршак, бинои III

– О.Г. Болшаков, бинои VI – Б.Я. Ставитский, бинои VII ва XX – А.М. Беленитский боиси пешрафти кор шуд. Аз аввали кор усули мукаммали археологӣ, ки солҳои тӯлонӣ бостоншиносон М.Е. Массон, В.А. Шишкин, А.И. Тереножкин, С.П. Толстов дар ҳафриёти ёдгориҳои пеш аз исломии Осиёи Марказӣ кор бурда буданд, дар ҳафриёти Кӯҳандиз мавриди истифода қарор дода шуданд.

Аз соли 1963 то соли 1977 аз се ду қисми ин ёдгорӣ омӯхта шуд. Ҳафриёт дар ду қисми он, яъне дар арк – қароргоҳи ҳоким ва наздикони он (истеҳкоми дарунӣ) ва Қасри ҳокимон (истеҳкоми берунӣ) мунтазам давом меёфт. Қайд кардан даркор аст, ки натиҷаи ҳафриёти қисмҳои номбурдаи кӯҳандиз дар омӯзиши таърихи Панҷакент тағйироти куллӣ даровард. Аввалан, пеши назари мо намунаи яке аз кӯҳандизҳои давраи ибтидои асри миёнагии Осиёи Марказӣ бо тамоми бузургиаш пайдо гашт. Баъдан ҳафриёти 14 сола нишон дод, ки дар ҳудуди кӯҳандиз ду бинои бузург: кӯшк ва қаср мавҷуд буданд, ки намунаи беҳтарини иншооти боҳашамати асрҳои V-VIII ба шумор меравакд (Исоқов, 1982, с.17).

Бинои якум – хонаҳои истиқоматии ҳоким, ки онро бостоншинос Б.Я. Ставитский «Бурҷи истиқоматӣ» (Донжон) номида буд, дар қисми ҷануби шарқии ҳавлии даруни Кӯҳандиз ҷойгир шуда дар болои ду таҳкурсӣ бино шудааст. Майдони таҳкурсии якум 26х26 метр буда, аз рӯи ҳавлӣ 2,5 метр баландӣ дорад. Макони таҳкурсии дуюм ба 18х18 метр баробар буда, дар болои таҳкурсии якум сохта шудаасту хонаҳои дуошёнаи ҳокимони Панҷакент дар болои ҳамин таҳкурсии дуюм, ки 8 метр баландӣ дошт, сохта шудааст. Ҳардуи ин таҳкурсӣ аз пахсаи чоркунҷаи тарафҳояшон 80х80; 90х90; ҳатто 100х100 см, ки ба қисмҳои алоҳида тақсим шудаанд, бино ёфтаанд. Дар баъзе ҷойҳои таҳкурсӣ пеш аз ҳама байни қатори пахсаҳо хиштҳои ҳаҷмашон 48х24х12; 50х25х11; 52х26х121 см истифода шудаанд. Пахсаву хиштҳо чунон мустаҳкаманд, ки ҳатто бо зоғнул шикастанашон имконпазир аст. Дар натиҷаи омӯзиши таркиби хиштҳо

маълум гадид, ки лойи похсаҳоро чунон мепазондаанд, ки онҳо ҳатто дар об маҳлул намешудаанд. Дар таркиби хиштҳои хом бошад албатта коҳи нафиси ҷаву гандум ва шояд рустании дигаре мавҷуд буд. Ба ҳар ҳол бояд гуфт, ки меъмороии онвақта тамоми нозукиҳои фарҳанги меъмориро азхуд карда буданд.

Ҳамин тариқ, ин 12 хонаи дуошёнаи ҳокимони Панҷакенти қадим дар баландии сунъии 10-11 метра бино шуда буданд. Шахсан аввалан берун аз шаҳр ва баъдан алоҳида дар баландии дастнорас будани ҷойи истиқоматгоҳи ҳоким нишон медиҳад, ки ҳокимони замони ибтидои ҷомеаи феодалӣ чун дар замони антиқа то ҳадди имкон кӯшиш мекардаанд, ки ба бехатарии худ ва аҳли оилаашон диққат диҳанд, ҳокимони Панҷакенти қадим ҳарчанд дар назди хеш дар хонаҳои калон сарбозонро нигоҳ медоштанд боз истиқоматгоҳи худро дар кӯшки алоҳида дар баландӣ месохтаанд. Инчунин деворҳои хонаҳо зиёда аз якуним метр паҳнӣ доштаанд, ки бо аслиҳаи он замона: гурз, табарзин, найза, камон, шамшеру ханҷар онро шикастан имкон надошт. Ин исбот мекунад, ки дар ҳар замон ҳокимон ба табааи худ боварӣ надоранд. Шояд дар ҳамин асрҳо ибораи «Хонаи ман – қалъаи ман» паҳн шуда бошад. Тарзе ишора кардем истеҳкоми ҳоким, ки қариб дастнорас буд, ба ғайр аз кӯшк дар самти шимолӣ роҳрави васеъ дошт, ки бараш 1,50 метр ва дарозиаш 18,5 метр буд (Исоқов, 1977, с.72). Он истиқоматкунандагони дохили кӯҳандизро (аҳли хизмат ва муҳофизатчиён) ба кӯшки ҳоким мебурд. Омӯзиш нишон медиҳад, ки наздикони ҳоким дар хонаҳое, ки дар тарафи шарқии роҳрав ва ҷанубии кӯшк ҷойгир буданд, зиндагӣ мекардаанд. Аҳли хизмат: ошпаз, нонпазҳо ва дигарон дар хонаҳои васеъ, посбону лашкарон дар хонаҳои нисбатан танг ҷой гирифта буданд. Чунин ҷойгиршавии биноҳоро мо дар мисоли кӯҳандизи Варахша (наздикии Бухоро), ки бостоншинос В.А. Шишкин кушодааст, дида метавонем (Шишкин, 1963).

Ҳафриёти қисми ғарбии кӯҳандиз, ки аз қисми шарқиаш хеле паст ҷойгир шудааст ва аз ҳамвории васеъ иборат аст, боз чанд асрори фарҳанги меъмории қалъаву истеҳкомҳои асрҳои V-VIII-ро ошкор кард. Ба бостоншиносон маълум шуд, ки чунин қалъа-истеҳкомҳо (қисми аввал-кӯҳандизро дар назар дорем), дар навбати худ аз се қисм иборат будаанд: кӯшк (истиқоматгоҳи ҳоким), хонаҳои аҳли хизмат ва майдони васеъи бе сохтмон. Роҷеъ ба ду қисми аввал аз навиштаҷоти боло андак тасаввурот пайдо шуд. Қисмати сеюми Кӯҳандиз – майдони дохили он соли 1948 мавзӯи таҳқиқоти А.И. Тереножкин буд. Вай дар байни майдон ҳафриёт гузаронида боқимондаҳои 6 хонаро пайдо кард, ки онҳо аз ҷиҳати сохт ва ҷойгиршавиашон ба анборҳо, ҳезумхонаҳо ва дигар хонаҳои хоҷагӣ монанд буданд. Чоҳҳои ғалланигоҳдорӣ, оташдону танӯрҳои сафолӣ гувоҳанд, ки чунин биноҳоро мо низ солҳои 1963-1965 дар қисми ҷанубии майдон пайдо намудем.

Ҳафриёти кӯҳандиз солҳои 1963-1965 таҳти роҳбарии камина гузаронида шуд. Ҳафриёт қариб ҳамаи хулосаҳои А.Ю. Якубовский, А.И. Тереножкин, Б.Я. Ставитскийро асосан тасдиқ кард ва мо ин ҷо онҳоро такрор намекунем. (Якубовский, 1950, с.34-35; Тереножкин, 1950, с.80-93; Ставитский, 1950,с.94-99). Аммо ба мо муяссар шуд, ки ақидаҳои олимони номбурдаро бо чанд кашфиёти нав боз ҳам мукаммал намоем. Аввалан мо девори кӯшки ҳокимро аз боло то рӯи ҳавлӣ кушода, ҳашамати онро нишон додем, баъдан девори ҷанубии ҳавлии кӯҳандизро, ки 16 метр васеъӣ ва зиёда аз 12 метр баландӣ дошт, ошкор сохтем (Исоқов, 1977, с.67). Боз маълум шуд, ки ҳавлии ҳоким (ҳамон майдони назди кӯшк) ва деворҳои қалъаи он бо бурҷҳои посбоннишин аз чор тараф муҳофизат карда мешудааст, яке аз онҳоро мо дар кунҷи ҷанубу ғарбии девори қалъа пайдо намудем. Мутаассифона, девору тиркашҳои он осеби зиёд дидаанд, ки мо танҳо қисми поёнии онро пайдо кардем.

Ба замми ин боз як кашфиёте, ки ба мо даст дод ин муайян намудани тарзи деворкашии кӯҳандиз мебошад. Буриши кундалангии девори қалъаи кӯҳандиз дар қисми ҷанубии он нишон дод, ки вай аср ба аср чор маротиба дар қаду бар илова ва мустаҳкам карда шудааст. Девори аввалини он дар охири асрҳои IV-V мелодӣ сохта шуда 4 метр ғафсӣ дорад, баландиашро муайян кардан имконнопазир аст, чунки дар сохтмони баъдина болои деворро ҳамвор кардаанд. Дар навбати худ ин деворҳои на он қадар мустаҳкам (нисбати деворҳои асрҳои VII-VIII – А.И.) тиркашу дидбонҳои дарозрӯяи чаҳоркунҷа доштанд, ки аз танаи девор 1,5-2 метр ба берун бароварда шудаанд, то душман ба он наздик шуда натавонад. Тиркашҳои ба ин монанд дар шаҳристони Панҷакенти қадим (Маршак), Кӯҳандиз-кӯшки Оқтеппаи соҳили чапи дарёи Зарафшон (Исоқов), кӯшки Филмандар (Исоқов) ва ғ. кашф шудаанд.

Бори дувум дар асрҳои VI-VII аз тарафи беруни девори асрҳои IV-V девори нав сохта, ғафсии умумии деворро ба 8 метр расонидаанд, ки он низ бо тиркашу бурҷҳо таъмин буд. Ва ниҳоят дар охири асри VII ва ибтидои асри VIII деворҳои кӯҳандиз бори севум – аз тарафи беруниаш пурқувват карда шуд, ки акнун ғафсии он дар қисми то замони мо боқимонда ба 16 метр мерасад (Исоқов, 1977, с.67). Бояд қайд кунем, ки чунин девори ғафсу баланд то ҳол дар ягон кӯҳандизи Осиёи Марказӣ ёфт нашудааст. Пеш аз он, ки сабабҳои таърихии мустаҳкамкунии девори кӯҳандизро шарҳ диҳем, дар бораи боз як бозёфти дигар, ки бори аввал дар илми бостоншиносии Тоҷикистону Осиёи Марказӣ ёфт шудааст, гуфта мегузарем.

Ҳанӯз дар аввали ҳафриёти Кӯҳандиз дар кунҷи ҷанубу ғарбии он дар рӯи ҳавлии асрҳои VII-VIII чоҳе пайдо шуд, ки ба қаъри замин рафтааст. Дар натиҷаи кофтукови баъдинаи қабатҳои поёнӣ, ки мансуб ба асрҳои V-VI буданд, аз чуқурии 1 метр қисми намоёни қубури лойии дар хумдон пухташуда ба рӯ баромад ва дертар маълум гардид, ки он зери девор рафтааст. Дар натиҷаи буриши бари девор (тавре, ки гуфтем, 16 метр) мо имконият пайдо кардем, ки

13-то чунин қубур дарёфт намоем. Ҳамаи он ба ҳамдигар пайваст буда, ҷойи пайвастшавӣ бо гаҷ маҳкам карда шудааст. Яке аз қубурҳо дар рӯяш шикофи чоркунҷа дошт, ки дасти одам вориди он мешуд. Албатта ин шикофӣ барои тоза кардани дохили қубур мебошад. Қубурҳо аз шимол (чоҳи рӯи ҳавлӣ) то ҷануб (беруни қалъа) моил хоб рафта бо ин дар тӯли 12 метр хуб ҷорӣ шудани обро бе мамоният таъмин мекарданд. Хонанда акнун худ метавонад хулоса барорад, ки ин қубурҳо вазифаи хати обпарторо иҷро карда обҳои дар рӯзгор истифода шуда ва обҳои борону сели аз бомҳо фаромадаро ба беруни қалъа мепартофтааст. Хати дигари ҳамин хел қубурҳои обпарторо мо дар самти девори шимолии кӯҳандиз, ҳангоми ҳодисаи фоҷиабори ҳавзи об дар солҳои 1960-ум пайдо карда будем. Бояд гуфт, ки то ҳол чунин қубурҳои обпарто дар ҳудуди Осиёи Марказӣ дарёфт нашудаанд. Ин ҷо чоҳи обпартое, ки дар як зумра шаҳрҳои асрҳои V-VIII Осиёи Марказӣ пайдо шудаанд, истисност.

Дар боби фарҳанги моддию маънавии ин қисми кӯҳандизи Панҷакенти қадим дар қатори тангаҳои ҳокимони Суғду араб олоти мисию оҳании рӯзгор, зарфҳои сафолӣ, шишагӣ ва ғ., инчунин бори нахуст дар илми суғдшиносӣ «алифбои» суғдӣ дарёфт шуд. Вай аз порчаи хуме иборат буда, дар болои он тамоми ҳарфҳо, аломатҳои хати суғдӣ навишта шуда, аз ин ҳарфҳову аломатҳо ҳамчун мисол калимаҳо ва ҳатто ҷумлае навишта шудааст. Оид ба хат ва забони пеш аз исломии суғдиёни Панҷакент ҳафриёти ин қисми кӯҳандиз (теппаи аёлон) соли 1977 муваққатан боз дошта шуд. Сабаби асосӣ дар он буд, ки ҳамин сол боз як кашфиёти муҳим, ки барои омӯзиши таърихи Панҷакенти қадим аҳамияти ҳалкунанда дошт, насиби камина гардид. Ин кашфиёти Саразм буд.

**Ҳафриёти қасри Деваштич.** Аз соли 1947 то соли 1967 тӯли 20 соли ҳафриёти Панҷакенти қадим бостоншиносон дар қатори масъалаҳои дигар оид ба ҷойи қасри ҳокимони шаҳр ақидаҳои гуногун доштанд. Зеро гумон мерафт, ки баъди дарёфти ин бино бисёр масъалаҳои норавшан ҳал хоҳанд шуд.

Чунончӣ А.Ю. Якубовский хонаҳои истиқоматии кӯшкро «қасри ҳоким (Деваштич – А.И.)» номид.

Солҳои баъдина (1949-1950), вақте ки дар ҳудуди шаҳраки Панҷакенти қадим биноҳо ва толорҳои боҳашамат дар объекти XXI дарёфт шуданд, бостоншиносон ақидаи худро дигар карда қасри ҳокимони Панҷакентро дар ҳудуди шаҳр гуфтанд (Беленитский, 1968, с.447).

Тирамоҳи соли 1966 камина дар ҳамвории шарқии кӯҳандиз (қисми дуюми он), ки аз қалъа ва кӯшки ҳоким қариб 10 метр паст аст ва онро муҳаққиқони солҳои 1947-1948 «ҳавлии берун»-и кӯҳандиз номида, аз гузаронидани ҳафриёт худдорӣ карда буданд, хандаки бостоншиносӣ кандаанд. Тарафҳои хандак (шурф) 4х5 метр буда то чуқурии 480 см кофта шуд. Бозёфтҳо асосан аз сафолпораҳои асрҳои VII-VIII иборат буданд, ки хоси санъати кулолгарии Панҷакентиҳо буд.

Мавсими соли 1967 камина бо гурӯҳи коргарони зиёд (то 12 нафар), ҳафриётро идома дода то ба Панҷакент омадани роҳбари экспедитсия А.М. Беленитский ва бостоншиносони дигар як толори ҳаҷмаш 10х11 метраро кушодам. Дертар худи ҳамон сол баъди аз зери хонаҳо кушодани деворҳои боз се толори дигар ва осори деворнигорҳо (расмҳои рӯи девор) ҳамаи бостоншиносон ва пеш аз ҳама камина боварӣ ҳосил кардем, ки мо бо қасри ҳокимони Панҷакенти қадим сару кор дорем ва дар ин бора далелҳо дорем.

Ҳафриёти «Қаср» даҳ сол идома ёфт. Дар ин муддат мо натанҳо толорҳои ҳокимони Панҷакентро кушодем, балки биноҳои ба ин иншоот мансуббударо низ кофта маҷмӯи қасри ҳокимони Панҷакенти асрҳои VII-VIII-ро дастраси илми бостоншӣ намудем.

Тавре, ки дар боло ишора рафт, ҳанӯз соли 1947 яке аз муҳаққиқони кӯҳандиз А.И. Тереножкин сохти онро омӯхта қисми шарқии кӯҳандизро, ки аз ҳамвории борику дароз иборат буд, «ҳавлии берун» номида навишта буд: «мобайни девори қалъа ва теппаи «истеҳкоми дохилӣ» он қадар фарқият надорад, домани он ба ҳавлӣ мефароянд, ки гӯё он

(ҳавлӣ) ба роҳрави дароз монанд аст» (Тереножкин, 1950, с.81). Дар аксар вақт фарзияҳои бостоншиносон ба ҳақиқат рост намеояд. Ҳафриёт нишон дод: қасре, ки бостоншиносон дар дохили шаҳристони Панҷакенти қадим 20 сол ҷустуҷӯй карданд, дар кӯҳандиз будааст.

Дар 10 сол ба камина муяссар гардид, ки аз чаҳор се ҳиссаи қасрро аз зери хок кушоям ва дар ин муддат садҳо ҳазор тонна хоку осори валангоршудаи биноҳои қасру хонаҳои онро берун орам. Дар натиҷа танҳо дар ин қисми кӯҳандиз миқдори зиёди хонаҳои як ва ду ошёнаро кушодем ва имконият пайдо шуд, ки шукӯҳу шавкати иморатҳо ва ҳунари меъморию муҳандиссии асрҳои VII-VIII-ро тамошо намоем.

Дар ин ҷо зиёда аз чил хонаҳо кушода шудаанд, ки 20 адади онҳо бевосита ба бинои қасри ҳокимони Панҷакент мансуб буданд. Аз ин 20 хонаҳо 4 толори васеъ, 2 роҳрав, даҳлез ансамблии асосии қасрро ташкил мекунанд, ки майдони якҷояи онҳо 570 мураббаъ метр мебошад. Ҳокимони Панҷакент дар толори асосӣ, ки дарозиаш 22,80 метр ва бараш 12,25 метр, майдони он қариб 270 мураббаъ метр буд, менишастанд ва ашрофони давлат, вазирон ва меҳмонони хориҷиро қабул мекарданд. Суфаҳои дар назди деворҳои толор мавҷудбуда, ки 1,20м паҳноиву қариб 60 метр дарозӣ доштанд, ҷойи нишаст барои қариб 100 нафар даъватшудагон буданд. Илова ба ин дар самти ҷанубу шарқии толори асосӣ боз 3 толори дигар ҳаст, ки онҳо мутаносибан 10х11,25 метр, 10х11,75 метр ва 10х10 метр мебошанд. Майдони онҳо якҷоя ба 320 метри мураббаъ баробар аст. Тибқи хулосаи муҳандисон ин толорҳо дар байн чортогӣ сутуни бузург доштаанд, ки бошаю болорҳо ба болои онҳо гузошта шуда буданд. Баландии дохили толорҳо аз 6 метр кам набуд. Деворҳои толорҳо бо хиштҳои хоми ҳаҷмашон калон, ки ҳар яке 25-30 кило вазн доранду тарафҳояшон мутаносибан 48х24х10; 49х24,5х8-9; 5х25х11см мебошанд, сохта шудаанд. Дар баъзе маврид ғафсии деворҳои толорҳо то 3 метр буд, ки девори қалъаро мемонд.

Бузургии қаср боз дар он аст, ки деворҳои қариб ҳамаи толору роҳравҳои болопӯш бо деворнигораҳои ҷолиби диққат оро дода шуда буданд. Дар ин ҷода деворнигораҳои толори асосӣ – қабулгоҳи шоҳон ҷолиби диққат буда вай санъати мукаммали ҳунармандони асрҳои VII-VIII-ро нишон медиҳад. Толор асосан бо 3 равияи санъати рассомӣ оро ёфтааст: аввал чун санъати кашидадӯзии имрӯза, ки дар дохили он доирачаҳои атрофаш нақшин ҷой гирифтаанд, дар дохили доирачаҳо боз акси «мурғи самандар» кашида шудааст. Дуюм – санъати ҳарбӣ-мардонагӣ, чунки дар ин тасвирот гурӯҳи саворагонеро мебинем, ки ба тарафе равонанд. Дар зери суми аспҳо одамони мағлубшуда бо тани маҷрӯҳ, бе дасту пой ё қисми бадан хобидаанд. Акси дигари ин мавзӯъ тасвири «манҷаниқ» – олоти деворшикан мебошад, ки аз он ба сӯи қалъаи душман кулӯласанг партофта истодаанд.

Бояд тазаккур дод, ки илми бостоншиносӣ бори аввал акси ин олоти деворшикани арабҳоро дар деворнигораи Панҷакенти қадим пайдо кард. То ин дам «манҷаниқ» аз рӯи маъхазҳои таърихӣ маълум буд. А.М. Беленитский аз рӯи ин бозёфт, яъне деворнигора навишта буд, ки дар ин композитсия тасвироти ҳамлаи арабҳо ба Самарқанд ва тарзи ишғоли девори он нишон дода шудааст. (Беленитский, 1972, с.545; Исоқов -1977, с.164-165, рас.64). Дар ҳақиқат дар яке аз мактубҳои ҳокимони Самарқанд Гурак омадааст, ки «арабҳо муқобили девор (девори Самарқанд – А.И.) 300 мошини деворшикан (манҷаниқ – А.И.) гузоштаанд» (Бартолд,1964 ч.2, кит.2. с.382). Аммо ба мо маълум нест, ки арабҳо муқобили девори Панҷакенти қадим ин олоти ҷангиро истифода намудаанд ё на. Ба ҳар ҳол тасвири «манҷаниқ» дар деворнигораи Панҷакент шоҳиди он аст, ки панҷакентиҳо аз мавҷуд будани ин гуна «техникаи» ҳарбии арабҳо бохабар буданд ва шояд муқобили он чорае андешидаанд.

Мавзӯи сеюми деворнигораҳо маънои дину оини мифологӣ, яъне вуҷуд доштани қувваҳои осмонии худову фариштаҳо, офтобу моҳтобро накл менамояд. Дар яке аз ин тасвирҳо фариштае аз осмон барои одамон табақи пур аз

меваҷот ва хӯрданиҳои дигарро меоварад». Фариштаи осмонӣ дар китфҳояш бол дорад ғайр аз ин байни деворнигораҳо симоҳои алоҳидаро пайдо кардем, ки акси хақиқии суғдҳо мебошанд. Қариб аксари мардҳо мӯйлаби кӯтоҳ доранд. Акси ҷавонписарон ҷолиби диққатанд. Онҳо бе кулоҳ мӯи сарашон дароз то ба китф мерасад, поёни мӯй ҳалқамонанд тоб хӯрдааст.

Мутаассифона, арабҳо қасдан ҳамаи деворнигораҳои қасрро, ки дар рӯи андоваи девор нақш шуда буданд, ба замин яксон кардаанд. Бо вуҷуди ин, тармимчиёни Эрмитажи давлатии шаҳри Ленинград (Санкт-Петербурги имрӯза): Е.Г. Шейнина, М.П. Винокурова, Г.И. Тер-Оганян, Т.С. Василенко ва дигарон намунаҳои беҳтарини ин осори санъати ниёгонро бо заҳмати калон қисман барқарор намуданд.

Тавре, ки дар боло хотиррасон карда будем, намуди дуюми осори санъати ниёгон дар қаср ин сутунҳо, дарҳо ва пештоқҳои кандакорӣ кардашуда буданд. Афсӯс, ки ҳамаи онҳо дар солҳои 721-722 аз оташ осеби зиёде дида ба ангушту хокистар табдил ёфтаанд.

Хушбахтона, аз дохили толорҳои қаср ва дигар хонаҳо муҷассамаҳо, ороишоти тиллоӣ, воситаҳои рӯзгор, олоти хоҷагию ҷангӣ ва тангаҳои мисию биринҷӣ дарёфт шуданд.

Дар ин замина метавон гуфт, ки ҳокимони Панҷакент ва дигар истиқоматкунандагони кӯҳандиз бо тамоми лавозимоти фарҳангию маишӣ ва ҷангӣ таъмин будаанд.

Акнун барои муайян кардани мавқеи кӯҳандизи Панҷакенти қадим, ки аз ду қисм: кӯшк ва қаср иборат аст, дар бораи фарҳанги кӯҳандизсозии шаҳрҳои дигари пеш аз исломии Осиёи Марказӣ чанд сухан арз медорем. Бо вуҷуди он, ки дар сарзамини Осиёи Марказӣ шаҳрҳои қадима ба монанди Панҷакент зиёд буданд, на ҳамаи онҳо мисли шаҳри мо омӯхта шудаанд. Ба ин нигоҳ накарда мо имконият дорем аз рӯи ҳафриёти кӯҳандизи шаҳраки Варахша (дар наздикии Бухоро), Қаҳқаҳаи I (дар Уструшана, ноҳияи Шаҳристон), Кофирқалъа (дар водии

Вахш), Тӯпроққалъа (дар Хоразм) мавқеи кӯҳандизи Панҷакентро дар илми бостоншиносию таърихшиносӣ нишон диҳем. Аз рӯи таҳқиқоти В.А. Шишкин, Н.Н. Неъматов, Б.А. Литвинский, В.С. Соловёв, С.П. Толстов ва Е.Е. Неразик маълум гардид, ки кӯҳандизҳои шаҳрҳои номбаршуда аз кӯшку қаср (кох) иборат буда дар гӯшаи шаҳр ҷойгир шудаанд. Яке аз хусусиятҳои асосии фарҳанги шаҳрсозии асрҳои VI-VIII он будааст, ки кӯшки ҳоким дар ҳама ҷо дар болои таҳкурсии баланд бино меёфтааст. Шарти дигар он будааст, ки ҳамаи кӯҳандизҳо бояд бо девори ғафс ва бурҷҳои посбоннишин иҳота ёбанд. Ба ин, пеш аз ҳама вазъияти таърихии дар Осиёи Марказӣ дар асрҳои VI-VIII вуҷуддошта сабабгор буд. Зеро, аввалан дар ин асрҳо дар як ҳудуди давлати Суғд қариб 10 рустои мустақил бо ҳокимони хурд вуҷуд доштанд, ки ҳар яки онҳо дар орзуи пурзӯр кардани мавқеи ҳукмронии худ буданд. Онҳо бо номҳои Маймурғ, Кеш (Шаҳрисабз), Нахшаб (Қаршӣ), Бухоро, Варахша, Пайканд, Кӯшония, Иштихон, Кабуҷикат (Панҷакент) ва ғ. дар маъхазҳои таърихӣ номбар шудаанд, ки ҳамаи онҳо тобеъи маркази давлати Суғд – Самарқанд буданд. (Смирнова, 1963, с.22); Исоқов, 1977, с.115).

Баъдан, аз нимаи дуюми асри VII сар карда арабҳо баъди ишғоли Ироқу Эрон ба сарзамини Осиёи Марказӣ, азҷумла ба давлати Суғд таҳдид мекарданд. Ана ҳамин ду сабаби таърихӣ ҳокимони давлатҳои мустақили Осиёи Марказиро водор намуданд, ки чӣ дар шаҳр ва чӣ дар қароргоҳи худ кӯшки худро ба истеҳкоми касногузар табдил диҳанд. Дар ҳамин вазъияти таърихӣ ҳокими Панҷакент Деваштич кӯшки худро дар болои таҳкурсии баландиаш 8 метра сохта онро бо девори ғафсиаш 16 метраю баландиаш 12 метра иҳота намуда худро аз душманон эмин нигоҳ доштанӣ шудааст.

# АЗ ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ ПАНҶАКЕНТИ ҚАДИМ ВА ЁДГОРИҲОИ МУЗОФОТИ ОН

Панҷакент шояд ҳамчун шаҳрак дар замонҳои аҳди биринҷию оҳан пайдо ва ба ҷаҳониён маълум шуда бошад. Аз ҷумла деҳшаҳри Саразм дар ҳамон давра пайдо шуда буд. Дар бораи Панҷакент инро гуфта наметавонем, вале дар замони юриши Искандари Мақдунӣ шаҳраки истеҳкомие буд ва шояд Искандар ба ин ҷо ташриф оварда бошад. Бо вуҷуди он, ки дар асарҳои таърихӣ дар юриши Искандар ба Мароқанд номи Панҷакент зикр нашудааст, аз рӯи маълумоти бостоншинос Усмон Эшонқулов Искандар вақти дар Мароқанд будан ба ҷангалзорҳои мавқеи Саразм омада шикор мекардааст ва ҳоло ҳам дар ҳавзаи дарёи Зарафшон, рӯ ба рӯи Саразм ҷое бо номи «Шикоргоҳи Искандар» ҳаст. Панҷакенту музофоти он баъд аз замони Искандари Мақдунӣ низ диққати ҷуғрофҳо, геологҳо, зоологҳо, муаррихон, бостоншиносон ва мардумшиносони ҷаҳонро ба худ кашида буд. Ҳар яки онҳо дар замони худ оид ба ин ё он масъалаи таърихию ҷуғрофӣ, иқтисоду тиҷорат, илму фарҳанг, таъриху мардумшиносӣ маълумоте додаанд. Ҳоло яке аз ин маълумотро ин ҷо меорем ва аз он мавқеи Панҷакентро дарк мекунем.

Ҷуғрофияшиносӣ бузурги асри XX Муқаддасӣ дар бораи Панҷакент чунин навиштааст: «Дар ноҳияи ҷанубии Зарафшон, ғайр аз Самарқанд шаҳрҳои калон набуданд, масҷиди ҷомеъ танҳо дар шаҳри Панҷакент мавҷуд буд, дар атрофи шаҳр дарахтони мевадори бисёре ба чашм менамуданд, ки қисми зиёди онҳоро чормағз ва бодом ташкил мекарданд». Аз ин бармеояд, ки дар замони устод Рӯдакию Сомониён Панҷакент дар раванди таърихӣ шаҳре монанди Бухорову Самарқанд буда бевосита маркази илму фарҳанги саргаҳи водии Зарафшон будааст.

Омӯзиши ҳаёти сиёсию иқтисодӣ, фарҳангиву маънавии Панҷакент аз соли тобеъи Россия шудани он хеле авҷ мегирад. Солҳои 1869-1920 як зумра олимони соҳаҳои гуногуни Россия: А.П. Федченко, Н.А. Арандаренко, И.В.

Мушкетов, Д.Н. Логофет, В.Л. Вяткин ва чанде дигарон оид ба Панҷакент маълумоти гаронбаҳо додаанд. Онҳо бештар ба таърихи куҳан, олами растанию ҳайвонот, обу замин ва бойигариҳои зеризаминии ноҳияамон аҳамият дода ояндаи рушди иқтисодиёт ва маънавиёти баъдинаи диёрамонро ба нақша гирифта ба ҳукумати маҳал ва Россия пешниҳод намудаанд.

Азбаски мо оид ба таърихи Панҷакент сухан меронем, моро пеш аз ҳама саҳифаҳои таърихи он ба худ ҷалб мекунад. Аз ин рӯ қайд менамоем, ки омӯзиши ҳақиқии таърихи Панҷакент ва ёдгориҳои он солҳои бистуми асри XX оғоз шуд. Ба ин кори хайр олимони рус В.В. Бартолд, М.С. Андреев, М.Е. Массон даст заданд. В.В. Бартолд, ки олимони шарқшинос ӯро саромади худ мешуморанд, аз рӯи маъхазҳои асримиёнагии таърихӣ қариб тамоми ҷабҳаҳои таърихи мардуми Осиёи Марказиро омӯхта якчанд асари мукаммал навиштааст. Мо низ дар навишти таърихи Панҷакент асарҳои безаволи ӯро васеъ истифода бурдаем.

Олимони дигар М.С. Андреев ва М.Е. Массон солҳои 1924-1925 ба омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносию таърихии водии Зарафшон қадам гузоштанд. Онҳо баробари ба Панҷакент омадан дар саргаҳи водӣ экспедитсия гузаронида якчанд манбаъро дида ба арзишии таърихии онҳо баҳои арзанда додаанд (Массон,1927, М.С. Андреев, 1925)

Бойгонии аз Кӯҳи Муғ дарёфтшуда баҳри омӯзиши таърихи Панҷакент таккони асосӣ дод, зеро то ин дам навиштаҷоти суғдӣ берун аз марзи давлати Суғд – дар Хитои ғарбӣ дар мулки Хутану Ҷигур, солҳои 1906-1912 дарёфт шуда буданд. Ҳарчанд онҳоро суғдшиносон – А. Стейн, Р. Готио, В. Ҳенинг таҳқиқ намудаанд, боз бисёр саволҳо норавшан монданд. Барои ҳалли онҳо кашфиёти тоза лозим буданд.

***Сугд***

Бозёфти Ҷураалии Муҳаммадалӣ дар солҳои 1932-1933 – бойгонии Деваштич дар Абаргари Қалъаи Муғ воқеаи фавқуллода буд. Ин кашфиёт бостоншиносон ва кишвар-

шиносонро барои дидани Панҷакенти қадим, катибаҳои суғдии он ҳидоят намуд.

Мутаассифона дар он солҳо дар Тоҷикистони ҷавон на муассисаҳо буду на бостоншинос. Олимоне, ки барои ташкили муассисаҳои илмӣ аз Россия омада буданд, дар орзуи омӯзиши таърихи тоҷикон буданд. Кишваршинос В.Р. Чейлитко солҳои 1934-1937 ба Панҷакент омада ба ҳафриёт машғул шуд. Ӯ аз ҷониби ҳукумати шаҳр дастгирӣ ёфта бо кӯмаки сокинони маҳал Раҳматулло Маҳмудов ва чанде дигарон ҳафриёташро бомуваффақият гузаронид.

Ин ҷо зарур аст, ки хизмати Раҳматулло Маҳмудовро дар омӯзиши таърихи диёр хотиррасон намоем. Ин шахси наҷиб солҳои 1925-1932 ҳамроҳи геологҳои рус дар кашфи бойигарии зеризаминии болооби водии Зарафшон иштирок намуда роҳбалад ва маслиҳатчии асосии экспедитсияи геологии СССР гардид. Бо ширкати ӯ геологҳои рус, ки кишвари моро аз рӯи харита медонистанд, кашфиётҳои бузурге карданд. Пас аз ҳамкорӣ бо бостоншинос В.Р. Чейлитко дар ҳафриёти Панҷакенти қадим Р. Маҳмудов то соли 1947 ба ҷамъоварии маълумот оид ба таъриху археологияи ноҳияи Панҷакент, Варзи Мунор (Айнӣ) ва Мастчоҳи Кӯҳӣ машғул шуд. Соли 1947, вақте ки аъзоёни экспедитсияи бостоншиносии Суғду Тоҷик бо сардории А.Ю. Якубовский ба Панҷакент омаданд, ин марди кушодачеҳраву дастурхондор дар ҳавлии худ экспедитсияро ҷой дод ва то соли 1961 бостоншиносон дар боғи кушоду дилкаши Р. Маҳмудов бо хотири ҷамъ ҳафриёти Панҷакенти қадимро идома доданд.

Банда шукргузор аст, ки дар соли 1958 баъди ба Панҷакент омадан дар ҳавлии ин шахси наҷиб ҷой гирифта аз ӯ кишваршиносиро омӯхт ва то рӯзи вопасини ин фарди фидоии миллат бо ӯ ҳамнишаст буд.

***Рӯҳатон шод бошад, акои Раҳматулло!***

## Бостоншиносон дар Панҷакент

Баъди ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) тамоми қувва барои рушди хоҷагии халқ, саноат ва беҳтар гардонидани зисту зиндагӣ равона карда шуд.

Дар назди ташкилкунандаи ин экспедитсия, котиби якуми ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров, мушкилоти пайдо намудани маблағ ва мутахассисону бостоншиносони соҳибкасб меистод. Дар давлати аз ҷиҳати иқтисодӣ харобгардида ёфтани маблағ осон набуд. Инчунин Тоҷикистон дар он солҳо ягон муассисаи бостоншиносӣ ва бостоншинос низ надошт. Вале фарзанди фарзонаи таърихшиноси тоҷик Б. Ғафуров роҳи ҳалли ин масъалаҳоро ёфт. Ин душвориҳои роҳи илмро дар шоҳасари хеш «Тоҷикон» чунин ба қалам овардааст: «Соли 1946 «Эскпедитсияи Археологии Суғдшиносии Тоҷик» ном экспедитсияи калони илмӣ ташкил карда шуд. Дар кори экспедитсия се муассиса – Институти таърихи фарҳанги моддии АФ СССР (Ленинград), Филиали Тоҷикистониии АФ СССР ва Эрмитажи давлатӣ ширкат варзиданд. Аъзо-корреспонденти АФ СССР, забардасттарин шарқшинос ва бостоншиноси советӣ, шогирди В.В. Бартолд – А.Ю. Якубовский роҳбари экспедитсия таъин карда шуд. Вай соли 1946 бо як гурӯҳ олимон ба Панҷакент омад». (Б. Ғафуров, 1983, с.352).

Сардори экспедитсия А.Ю. Якубовский менависад: «Отряди болооби Зарафшонии экспедитсияи Суғду Тоҷик 28 июни соли 1946 дар ҳайати 1) аъзо-корреспонденти Академияи Фанҳои СССР А.Ю. Якубовский ва отряди зерин: 2) номзади илми меъморӣ Л.В. Воронина (меъмор-бостоншинос), 3) номзади илми филология О.И. Смирнова (эроншинос), 4) дотсент Х.К. Очилов (таърихшинос), 5) донишҷӯи УДЛ Б.Я. Ставитский (бостоншинос), 6) донишҷӯи УДЛ Е.А. Мончадская (антиқашинос), 7) донишҷӯи факултаи шарқшиносии УДЛ Л.В. Дмитриева, 8) донишҷӯи факултаи шарқшиносии УДЛ Л.Т. Маҳмудов, 9) П.В. Логинов

(ронанда) таъсис ёфт». (Якубовский, 1950, с.13). Минбаъд А.Ю. Якубовский менависад: «отряд тайи 34 рӯз ёдгориҳои деҳаҳои болооби водии Зарафшонро мавриди назар қарор дод». Гурӯҳ аз шаҳри Сталинобод тавассути ағбаи Анзоб ба деҳаи Такфон фаромада баъдан ба Заҳматобод (Варзи Мунори асримиёнагӣ ва Айнии имрӯза), Курут, Зосун, Рарз, Оббурдон, Рунҷак, Фатмев, Товмин, Хушекат, Искодар, Урметан, Вешаб, Хайробод, қалъаи Кӯҳи Муғ (Қалъаи Муғ), Кум, Мадм, Дашти Қозӣ, Ёрӣ, Тепаи Ӯрдакон (Панҷакенти қадим) омад. Онҳо 30-уми июли соли 1946 ба шаҳри Сталинобод баргаштанд. Аз ҳисоботи А.Ю. Якубовский бармеояд, ки вай қариб ҳамаи ёдгориҳои бостоншиносӣ, меъморӣ ва харротии (кандакории рӯи сутунҳо, дарҳо, меҳробҳо ва ғ.) муҳимтаринро дида баромадааст.

Омӯзиши Панҷакенти қадим аз тобистони соли 1947 сар шуд. Ба мавқеъ ва аҳамияти ёдгориҳои Тоҷикистон ва Панҷакент дар илми суғдшиносию тоҷикшиносӣ А.Ю. Якубовский баҳои арзанда дода экспедитсияи худро аз ҳисоби бостоншиносон ва шарқшиносон пурқувват намуд. Дар соли аввали фаъолияти ҳафриёткобии Тоҷикистон, азҷумла Панҷакенти қадим (1946), ба ғайр аз аъзоёни экспедитсия боз шарқшинос М.М. Дяконов, А.М. Беленитский, бостоншиносон А.И. Тереножкин, А.Н. Далский, Н.Н. Забелина, Е.М. Пошерова ва донишҷӯёни таҷрибаомӯз С. Позвнер, В. Лившитс, Ю. Гене, А. Баровиков ва чанде дигарон дар ҳафриётҳо иштирок доштанд. Аъзоёни экспедитсияро Раҳматулло Маҳмудов дар кӯчаи Абдураҳмони Ҷомӣ, ҳавлии 13 ҷой дод. Ҳамин тариқ, экспедитсия кори худро оғоз намуд ва мақсади асосиаш омӯзиши таърихи Панҷакенти Қадим буд.

Ба А.Ю. Якубовский муяссар шуд, ки ин вазифаи масъулро то соли 1953, яъне ҳафт сол иҷро кунад. Таҳти роҳбарии ӯ ду маъбади оташпарастон (биноҳои I, II), ҷойи Кӯҳандизи ҳокимони шаҳр, қисми асосии биноҳои III, IV кашф шуданд. Аз зери хоктӯдаҳо хонаҳо, толорҳо бо деворҳо (бо паҳноии 1-1,5 метр), ки қисман бо деворнигораҳо оро ёфта буданд, пайдо шуданд. Миқдори тангаҳои биринҷию мисӣ,

зарфҳои сафолию шишагӣ, боқимондаи сутуни кандакории ёфташуда рӯз то рӯз меафзуд. А.Ю. Якубовский ва дигар аъзоёни экспедитсия, ки чунин дастоварди некро он қадар чашмдор набуданд, хеле дар ҳайрат монда, ҳар як бозёфти Панҷакенти қадимро бодиққат меомӯхтанд ва хулосае мебароварданд. Дар яке аз хулосаҳои худ А.Ю. Якубовский навиштааст: «... дар ин ҷо (дар Панҷакенти қадим – А.И.) давраи гулгулшукуфии шаҳр ба асрҳои VII-VIII рост меояд. Аломатҳои зиндагӣ баъд аз асри VIII дар дохили шаҳр дида намешавад. Дар бораи боз ҳам қадима будани шаҳр, тавре ки дар боло ишора шуда буд, далели боваринок ҳаст, ки шаҳри Панҷакент хеле барвақт аз асри VII ва ҳатто VI бино ёфтааст. Вале кай? Ба ин савол танҳо ҳафриёти баъдина ҷавоб дода метавонанд». (Якубовский, 1950, с.35).

Тавре, ки дар боло ишора карда будем, ҳастии Панҷакент нахуст ба асрҳои IV-II пеш аз мелод рост меояд. Вале мо боварӣ дорем, ки ҳафриёти баъдина таърихи пайдоиши ин шаҳрро ба аҳди сангию биринҷӣ бурда мерасонад. Намунаҳои бозёфти асри биринҷии Панҷакенти қадимро дар боло номбар карда будем. Шояд ин шаҳр дар замони мавҷудияти Саразм пайдо шуда бошад.

## Оғози сохтмони Панҷакенти Қадим

Ниҳоят дар охири асри IV ва ибтидои асри V дар Панҷакент зарурати васеъ кардани майдони шаҳраки замони Искандари Мақдунӣ (асрҳои IV-III пеш аз мелод) ба миён омад. Дар қисмати болооби водии Зарафшон бояд як маркази маъмурӣ-иқтисодӣ ва тиҷоратӣ-фарҳангӣ пайдо мешуд, зеро иқтисодиёти болооби водӣ боло мерафт. Панҷакент ва деҳаҳои дуру наздики он то дараҷае тараққӣ карданд ва марказе даркор буд, ки шаҳрҳои калони давлати Суғд – Самарқанду Бухороро пайравӣ карда тавонад. Пас аз дарки ин қазия аҷдодонамон ба масъалаи интихоби ҷойи шаҳр таваҷҷуҳ намуданд ва ба хулоса омаданд то шаҳрро дар ҷое бино кунанд, ки ба талаботи шаҳрсозии замон

(асрҳои IV-VI) ҷавобгӯ бошад. Ин шартҳо чунин буданд: 1) нуфузи сокинони шаҳр бояд аз ҳазор нафар зиёд бошад; 2) аз ҷиҳати ҷуғрофӣ (таъмини об, замини васеъи кишт ва стратегӣ – А.И.) мувофиқ бошад; 3) ҳатман дар сари роҳи тиҷорат бошад, ки минбаъд иқтисодиёт ва савдои дохилию хориҷиро таъмин карда тавонад; 4) масолеҳи сохтмон: обу хок, дарахт, гаҷу оҳаксанг ба шаҳр наздик бошад; 5) аз байни сокинони маҳал: похсачиҳо, хиштрезон, ҳарроту дуредгарон, меъморони соҳибкасб пайдо шаванд.

Бостоншиносон аз соли 1947 дар Панҷакенти куҳан ҳафриётҳо мегузаронанд. Онҳо шаҳрро ҳаматарафа омӯхта ба хулоса омаданд, ки сокинони маҳал дар интихоби ҷойи шаҳр саҳв накардаанд. Мавзеъе дар самти ҷанубу шарқии Панҷакенти қадим номи Ӯрдаконро дорад. Пеш аз ҳафриёт хоку хоктӯдаҳои Панҷакенти қадимро низ мардуми таҳҷоӣ Теппаи Ӯрдакон мегуфтанд. Муаллиф соли 1958 аз забони сокини шаҳр шодравон  Солеҳов Умрӣ ва чанде дигарон инро шунидааст. Ба хулоса омадан мумкин, ки оби сойи Чинор хеле фаровон будааст ва наздикии Панҷакенти қадим кӯле ба вуҷуд овардааст, ки дар он ӯрдакон мавуд будаанд. Масолеҳи сохтмон низ фаровон будааст, зеро дар доманакӯҳи шимолии Зарафшон, дар деҳаҳои Чинор, Зебон, Тошмунор, Қирқарчаву Абдусамад арчазорҳои анбӯҳ мавҷуд будаанд. Илова ба ин, рӯ ба рӯи шаҳри қадим байни Панҷакенти имрӯзаву деҳаи Хурмӣ, Каттадеҳа, Ғарибак ва Хӯҷапанҷ ҷангалзори зуғ мавҷуд буд. Аҳли ҳунармандон, муҳандисону бинокорони шаҳрсоз низ камбудӣ надоштанд. Онҳо дорои анъанаи қадима буданд. Исботи ин гуфтаҳо он аст, ки ҳанӯз дар аҳди сангу биринҷӣ (4000-4500 сол то пайдоиши Панҷакенти қадим – А.И.) онҳо яке аз аввалинҳо шуда фарҳанги меъмориро бо тамоми душворию нозукиҳояш медонистанд.  Аз ин рӯ онҳо дар интихоби ҷойи шаҳр хуб андешидаанд. Деворкашию сохтмони биноҳои дохили шаҳр касби муқаррарии онҳо буд, зеро мардуми ин сарзамин тӯли ҳазорсолаҳо сар то сари Суғд ба бунёди қалъаҳо, кӯшкҳо, деҳаҳои калон машғул буданд.

Беҳуда ба ин хулоса наомадаем. Ба фикри ман, лоиҳаи шаҳри оянда пешакӣ дар рӯи коғаз ё чарм кашида шуда пас аз муҳокимаи ҳоким, ашрофон, муҳандисон ва аҳли фарҳанги дигар ба иҷро расидааст. Вагарна соли 1975 бостоншинос, зодаи шаҳрамон Даврон Абдуллоев дар ҳафриёти XXV-и Панҷакенти қадим нақшаеро пайдо намекард. Дар он нақша тарҳи хонаҳои истиқоматии сохташаванда кашида шуда буд (Абдуллоев, Гуревич, 1979, с.53). Бинобар ин асос дорем гӯем, ки нақшаи Панҷакент ҳанӯз пеш аз сохта шудан омода шуда буд, ки дар он ҷойи биноҳои маъмурӣ, маъбадҳо, заминҳои шаҳриён, кӯчаву тангкӯчаҳо, бозору боҷхонаҳо ва ҷойи дарвозаҳо муайян шуда буданд.

Панҷакенти асрҳои V-VI, асосан аз се қисм иборат буд: шаҳристон (дохили шаҳр), кӯҳандиз (қасри ҳокимон ва манзили зисти онҳо) ва работ (майдони беруни девори шаҳр). Аз сабаби он, ки қабристони асрҳои V-VI Панҷакенти қадимро то ҳол пайдо накардаем, оид ба он маълумот дода наметавонем. Ба ақидаи В.В. Бартолд, А.Ю. Якубовский, А.М. Беленитский шаҳрҳои асримиёнагии замони феодалӣ аз чор қисм иборат буданду қисми чоруми он бояд қабристон бошад.

Оид ба ин масъала дар фаслҳои баъдина нақл хоҳем кард. Ҳоло метавонем хулоса кард, ки бо ақлу заковати мардуми Панҷакент шаҳре сохта шуд, ки аз рӯи кашфиёти ҳафриётгоҳҳои он мо таърихи худро пурра омӯхта истодаем. Пеш аз он, ки оид ба омӯзиши таърихи Панҷакенти қадим сухан ронем, хотиррасон менамоем, ки ин шаҳр дар тӯли 400 соли мавҷудияташ се маротиба аз нав сохта шудааст. Тавре, ки ёдрас шудем, бори аввал дар асрҳои IV-I пеш аз мелод Панҷакент нисбатан хеле хурд буда дар атрофи чашмаи Қайнар-Ато ҷойгир буд. Аз ин шаҳри замони антиқа бостоншиносон қисми девори шаҳр ва якчанд хонаҳои истиқоматиро омӯхтанд. Умедворем, ки дар оянда бостоншиносон барои васеътар омӯхтани Панҷакенти замони Искандар кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Ҳоло таърихи шаҳр аз рӯи маводҳои ду давраи он, ки дар асрҳои IV-VI ва VII-VIII вуҷуд доштанд, омӯхта мешавад. Дар ин ду давра Панҷакенти қадим мувофиқи раванди таърихи ҷомеаи ибтидои феодализм рушд ёфта буд. То ҳол ба бостоншиносон маълум нест, ки чаро шаҳр боло-болои ҳам, дар як ҷой сохта шудааст. Ҳафриёт нишон дод, ки дар охири асри VI ва ибтидои асри VII қисми шаҳр ба хароба табдил ёфт. Сокинони он хонаҳои худро пас аз таваққуфи 20-30 сола боз дар болои хонаҳои аввалаашон сохтанд.

## Панҷакент дар асрҳои V-VI

Бояд иқрор шуд, ки дар тӯли 50 соли ҳафриёт мо сирру асрори Панҷакенти қадимро ҳанӯз пурра намедонем. Барои донистани он садҳо соли дигар даркор аст, ки харобаҳои онро пурра омӯхта шуда ҳар фасли таърихи он ҷобаҷо гузошта шавад. Тавре, ки ёдрас шудем, яке аз онҳо кай ва дар кадом қисми шаҳр пайдо шудани истиқоматгоҳҳои аввалин мебошад. То ҳол ҳалли он насиби мо нагардидаст. Андеша он аст, ки майдони умумии шаҳр 13,5 гектар буда вай дар тӯли қариб 400 сол (агар зиёд набошад) вуҷуд дошт. Дар тӯли ин солҳо сохтмонҳои шаҳр, ки асосан аз хишту пахса бино ёфта буданд, якчанд маротиба аз нав пайдо шуданд. Девори хонаҳои аввала ба хоку лой табдил ёфта дар сохтмон маротибаи дуюму сеюм истифода шудаанд.

Ин далелҳо моро водор менамоянд, ки ҳалли масъалаи дар боло ёдрасшударо ба насли оянда гузорем. Ҳоло мо метавон гуфт, ки Панҷакенти қадим шояд дар замони Кӯшониён вуҷуд дошта бошад. Зеро аз харобаҳои он мӯҳре ёфта шуд, ки хоси он замон мебошад. Оид ба бозёфти мӯҳр А.Ю. Якубовский навишта буд: «... дар байни бозёфтҳои тасадуфии рӯи замин В.Л. Воронина соли 1947 дар аввалин лаҳзаи ташрифи мо ба шаҳристони Панҷакент пораи хумеро дарёфт намуд, ки дар рӯи он мӯҳре бо тасвири сари зани хеле олиҷаноб нақш ёфта буд ва он санъати тасвирии хоси замони

Кӯшониён мебошад. Ин бозёфти ягонаи болои замин далели хеле барвақт (аз асри V пештар) пайдошавии шаҳри мо мебошад». (Якубовский, 1950, с.34).

Ин ақидаҳои нисбиро як тараф гузошта мо ба ҳақиқати таърихӣ рӯ меорем. Оне, ки шаҳраки Панҷакенти қадим дар ибтидои асри V пайдо шудааст, касеро ба шубҳа намеандозад. Зеро боқимондаҳои сохтмони ин давра дар якчанд ҷойи дохили шаҳр (Шаҳристон) ва кӯҳандизи он кашф шуданд. Яке аз аввалин муҳаққиқони Панҷакенти асрҳои V-VI Б.И. Маршак ва В.И. Распопова буданд. Онҳо ҳанӯз соли 1955 дар бинои XII, ки дар қисми ҷанубу шарқии шаҳристон ҷойгир аст, ҳафриёт гузаронида миқдори зиёди хонаҳои истиқоматии панҷакентиҳоро аз зери хок кофта бароварданд. Илова ба ин, муҳаққиқон дар ин қисмати шаҳристон сохти девори шаҳрро омӯхтанд. Ин кашфиёт якҷоя бо осори фарҳанги моддию маънавии дар ин бино ёфтшуда бо тамоми бузургиашон ҳақиқати ҳолро равшан намуданд.

Аз рӯи ҳафриёти Б.И. Маршак дар бинои XII маълум гардид, ки девори асрҳои V-VIII дар 200 соли мавҷудоти худ чор давраи сохтмонро аз сар гузаронидааст. Дар аввал девор 2,2 метр ғафсӣ дошта бо хиштҳои хоми ҳаҷмашон 24-25x48-50x8-9 см бе ягон таҳкурсӣ бино ёфта буд. Аз ин девор ҳамагӣ 1 метр баландӣ боқӣ мондааст. Девори давраи дуюм дар болои таҳкурсии мустаҳками ғафсиаш 5,5 метра сохта шудааст. Дар давраи сеюм паҳнии таҳкурсӣ ба 9 метр мерасад, ғафсии девор ба 4 метр баробар мешавад. (Маршак, 1964, Беленитский, Бентович, Болшаков, 1973, с.20). Аз ҳама девори мустаҳкам дар давраи чорум сохта шуда буд. Ин девор тамоми се девори авваларо дар бар гирифта бо сохтмони иловагӣ хеле баланд ва ғафс мешавад. Тахмин меравад, ки дар арафаи ҳуҷуми арабҳо девори шаҳр 9-10 метр ғафсӣ ва то 12 метр баландӣ дошт.

Тавре ёдрас намуда будем, дар солҳои 700-720 девори кӯҳандизи шаҳр 16 метр ғафсӣ дошт. (Исоқов, 1977, с.67-68). Дар вақти ҳафриёт мо ҳамагӣ 10 метр баландӣ доштани онро

ошкор намудем. Ба фикри мо девори қалъаи Кӯҳандизи Деваштич аз 15 метр кам набуд.

Солҳои баъдина боқимондаҳои хонаҳои истиқоматӣ, девори шаҳр, бурҷҳо ва тиркашҳои асрҳои V-VI ба таърихи сохтмони он равшанӣ андохтанд. Акнун касе шубҳа намекард, ки Панҷакенти қадим аз ду давраи калони ҳаёт иборат буда шаҳри асрҳои V-VI дар зери шаҳри асрҳои VII-VIII мондааст. Аз ин ҷиҳат бояд ёдрас намуд, ки аз соли 1947 то ин дам бостоншиносон асосан бо ҳафриёт ва кашфиёти Панҷакенти асрҳои VII-VIII машғуланд. Ҳамаи он кашфиёте, ки тӯли 50 сол ба даст омаданд, хоси давраи дуюми таърихи Панҷакенти қадим мебошанд.

Албатта месазад гӯем, ки дар асрҳои V-VI низ дар ин шаҳр фарҳангҳои гуногуни истеҳсолию ҳунармандӣ, илмиву маданӣ ба дараҷаи муайяни рушди замони худ расида буданд. Дар ин ҷода пешравии фарҳанги кулолгарӣ, шишасозӣ, мисгарӣ, оҳангарӣ, бофандагӣ, чармгарӣ ва меъморӣ басе асоснок дида мешавад.

Аммо бо ин мо таърихи онзамонаи шаҳрамонро пурра пешниҳод карда наметавонем. Барои он, ки шаҳри асрҳои V-VI пурра дар зери хок аст. Он пас аз охир шудани ҳафриёти шаҳри асрҳои VII-VIII омӯхта мешавад, ки ин вазифаи муқаддасро насли оянда, ба ӯҳда хоҳад гирифт.

Бояд қайд кард, ки давраи таърихи Панҷакентро мо бо ҳафриёти қалъаву кӯшкҳои деҳаҳои алоҳидаи ноҳия пурра хоҳем намуд. Зеро аз солҳои 1956 сар карда бостоншиносон Б.Я. Ставитский, Ю. Ёқубов, А.И. Исҳоқов ёдгориҳои дастраси хоси асрҳои VI -ро таҳқиқ намуда ба онҳо хулосаи илмӣ-таърихӣ додаанд. Ин саҳифаҳои таърих дар фасли алоҳида баррасӣ хоҳанд шуд.

# САРАЗМИ ПАНҶАКЕНТ 5500-СОЛА ШУД

Бе муболиға метавон гуфт, ки Панҷакент байни олимон, бостоншиносон, таърихшиносон, забоншиносону адибони ҷаҳон кайҳост, ки маълуму машҳур гардидааст. Гуфтаҳои боло ба се далели баҳснопазири илму фарҳанг такя доранд: 1) дар ҳудуди музофоти Панҷакент кашф шудани деҳшаҳри қадимтарини сарзамини Мовароуннаҳри бузург – Саразм; 2) кашфи шаҳраки Панҷакенти қадим ва осори санъату фарҳанги суғдиёни асрҳои V-VIII; 3) бо номи асосгузори адабиёти тоҷику форс Абуабдулло Рӯдакӣ.

Чунин далелҳо моро водор менамоянд гӯем, ки Панҷакенти кӯчаки баъзан дар харитаи олам номаш ҷой надошта, аз ҷиҳати мавқеи таърихӣ аз як зумра марказҳои давлатҳо ва вилоятҳо басе боло меистад. Бо ибораи бостоншиносон ёдгориҳои музофоти Панҷакент бо баррасиҳои худ энсиклопедияи бостоншиносии Осиёи Марказӣ мебошад. Ҳар як муҳаққиқи илмҳои таъриху фарҳанг дар вақти навиштани таърихи қадимаи мардуми Осиёи Марказӣ ва Шарқ ба кашфиётҳои Саразм ва Панҷакенти Қадима такя мекунад. Аз ин хотир бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки асарҳои оид ба таърихи Музофоти Панҷакент навиштаи олимони Маскаву Санкт-Петербург, Тошканду Душанбе ва Хуҷанду Панҷакентро қариб дар тамоми китобхонаҳои ҷаҳон дарёфт кардан мумкин аст.

Акнун дар сатрҳои поён оид ба исботи таърихи 5500 солагии Музофоти Панҷакент сухан ронда шуморо бо далелҳое, ки то ин дам дастрас намудаем, шинос менамоем.

Тақдири шаҳрҳо бо тақдири инсон якранганд. Баъзе аз одамон дар як маскан ба дунё меоянд, дар маскани дигар ба камол мерасанд, кору зиндагӣ мекунанд, агар хоки диёр тақдир накарда бошад дар дигар ҷой ба хок мераванд.

Баъзе шаҳрҳои олам бо зарурияти таърихӣ дар як ҷой пайдо шуда бо сабабе хоку туроб мешаванд. Шаҳрвандон аз ин ҷо кӯч баста дар ҷойи дигар шаҳри нав бунёд мекунанд. Баъзан онҳо ҳатто номҳои худро ба давру замон мутобиқ сохта дигар мекунанд. Мо ин баррасиҳоро пеш аз ҳама дар мисоли Самарқанд мебинем. Аз навишти олими ӯзбек И.М. Мӯминов ин шаҳр дар тӯли таърихи зиёда аз 2500 солаи худ дар ду манзил рушд ёфта панҷ маротиба номи худро иваз кардааст. Ӯ менависад, ки номи аввалинаш Афросиёб буда, вай дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод пайдо шудааст. Баъдан бо номҳои Мароқанд – дар асрҳои V пеш аз мелод - IV-и мелод, боз асри XIII Семизкент-Самарқанд, асрҳои XIV-XV - Самарқанд, асрҳои XVI то ин дам. (Мӯминов, 1969, с.8). Сабаби асосии ивазшавии ҷойи Самарқанд истилои муғулҳо дар соли 1220 мебошад, ки забткорони Чингиз Самарқандеро, ки дар қабатҳои болоии Афросиёби қадим ҷойгир буд хоку туроб карданд. Ин гуна мисолҳоро дар ҳаққи дигар шаҳрҳои Осиёи Марказӣ низ гуфтан мумкин аст.

Аз ин ҷо тақдири Панҷакент низ тақдири шаҳрҳои қадимаро мемонад. Шаҳри Панҷакент дар таърихи худ чор маротиба ҷойи худро иваз кардааст. Ба ақидаи мо ин шаҳр дар давраи энеолит охири асри санг ва оғози асри биринҷӣ дар мавзеъи Саразм бо номи Саразм (Исоқов, 1991, с.5; Тайлонов, Муҳаммадқулов, 1977) пайдо шуда қариб ҳазор сол дар тӯли ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод маркази тамаддуни мардуми водии Зарафшон буд. Сокинони қадимтарин ва аввалини музофоти Панҷакент дар Саразм ибтидои тамоми омилҳои зисту зиндагиро ба маънои томаш азхуд намуда буданд. Онҳо фарҳанги кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, зарфсозӣ, сангтарошӣ, заргарӣ, маъдангудозӣ, хонасозиро хеле хуб азхуд намуда Саразмро то дараҷаи шаҳри тиҷоратӣ расониданд. Вуҷуд доштани шаҳри тараққӣ кардаи дигаре мисли Саразм дар сарзамини Мовароуннаҳр то ҳол исбот нашудааст. Маҳз бо ҳамин сабаб олими варзидаи Ӯзбекистон А.А. Аскаров ташаккули шаҳри Самарқандро бо Суғд-Саразм мепайвандад. Ба ақидаи ӯ дар пайдоиши

Самарқанд фарҳанги Саразм нақши асосиро бозидааст. Далелҳои дар боло овардашуда мо, муаррихони тоҷикро водор менамояд, ки деҳшаҳри Саразмро бо тамоми ҳастӣ ва бузургии кашфиёташ ба таърихи ташаккули Панҷакент алоқаманд намуда ҳамчун **Панҷакенти якум** шиносем.

Оид ба санаи 5500 солагии Саразм, бояд гуфт, ки ин масъала ҳанӯз солҳои 1981-1991 аз тарафи муаллиф ва олимони Амрико К.К. Ламберг-Карловский, Ф.Л. Колл, Р. Маддин (1987) ва Фаронса Р.М. Безенвал (1987), Б. Лионне (1988) ҷонибдорӣ ва тасдиқи худро ёфта буд. Санаҳои номбурда аз намунаи чӯбҳои ба ангишт табдилёфтаи ҳафриёти Саразм, бо роҳи радиокарбонӣ-химиявӣ, дар ташхисгоҳҳои шаҳрҳои Бостон, Париж ва Санк-Петербург таҳқиқ шудаанд. Ҷамъбасти таҳқиқоти номбурда собитгари он аст, ки бе ягон шубҳа таърихи аввалини Саразми Панҷакентро 5500 сол шуморем. Ба фикри мо, ин сана бояд дар оянда боз ҳам қадимтар гардад.

Дар ибтидои ҳазорсолаи II-и пеш аз мелод дар деҳшаҳри Саразм бо сабабҳои номаълум ҳаёт қатъ мегардаду сокинон шаҳрро тамоман тарк мекунанд. Боварӣ дорем, ки қисме аз онҳо дар атрофи Панҷакенти қадим, дар мавзеъи Ӯрдакон маскан мегиранд. Қисми дигарашон қад-қади дарёи Зарафшон ба тарфи Самарқанду Бухоро мераванд. Оид ба Панҷакент омадани саразмиҳо мо якчанд далели бостоншиносиро баррасӣ менамоем. Далели аввал он аст, ки бостоншинос Д. Абдуллоев дар ҳафриёти Панҷакенти қадим ғармичи замони Саразмро дарёфт намуда ақида пешниҳод кард, ки дар Панҷакент ва ҳудуди наздиктарини он шояд маскани 5000 солаи давраи аҳди биринҷӣ вуҷуд дошта бошад. (Д. Абдуллоев) Ин гуфтаҳои олимро бозёфти қабри онзамона дар мавзеъи Ӯрдакон тасдиқ менамояд. (Беленитский, Маршак, Распопова, Исоқов, 1977, с.559, 1982, с.217).

Ниҳоят, тавре ки дар боло хотиррасон карда будем, кашфиёти қабри назди мазори Зардча Халифа, ки ҳамагӣ 800 метр дар самти ғарбии Панҷакент дарёфт шуд, бо бозёфтҳои тиллоиву биринҷӣ, зарфҳои сафоливу устухониаш бори дигар исбот менамоянд, ки Панҷакент аз замонҳои ҷомеаи ибтидоӣ

то ин дам вуҷуд доштааст. (Исоқов, 1991б, с.34). Аз ин ҷо Панҷакенти қадимаро **Панҷакенти дуюм** меҳисобем.

Ин шаҳрро арабҳо дар аввали асри VIII фатҳ намуда, маъбадҳои оташпарастон, бӯстонсарои ҳокимон ва толорҳои сарватмандонро бераҳмона оташ заданд. Хонаҳои хиштиву похсагии равоқу гумбазпӯши он баъд аз фирори соҳибон ба хароба табдил ёфтанд. Дар тӯли зиёда аз 50 сол сокинони ин шаҳр ба кӯшку диждҳои дар деҳоти ноҳия будаи худ рафта аз арабҳои истилогар паногоҳ ёфтанд.

Қисме аз сокинони Панҷакенти қадим, ки аз қадимулайём мардуми таҳҷоӣ буданд, он қадар дур нарафтанд. Асосгузори таҳқиқоти таърихи водии Зарафшон ва пеш аз ҳама Панҷакент А.Ю. Якубовский ҳанӯз солҳои 1946-1947 дар натиҷаи ахбори шаҳрвандони Панҷакент исбот намуд, ки қисме аз сокинони Панҷакенти қадим дар масофаи 4 км ба шимолу шарқ аз шаҳри имрӯза дар баландии соҳили чапи дарёи Зарафшон маскан гирифта шаҳре бино карданд. Ин шаҳр дар таърих бо номи Панҷакенти кӯҳна машҳур гаштааст, ки мо онро **Панҷакенти сеюм** мешуморем.

Панҷакенти сеюм пас аз харобазор шудани Панҷакенти қадим дар аввалҳои ҳукмронии хонадони Сомониён пайдо шуд. А.Ю. Якубовский дар ин бора чунин навишта буд: «Дар ин ҷо (Панҷакенти кӯҳна – А.И.), сафолпораҳои то замони мусулмонӣ, ки хоси Панҷакенти қадим буданд, тамоман дучор намешаванд, аммо сафолпораҳои замони сомониён, қарохониён ва давраҳои нисбатан дертар хеле зиёданд. Панҷакенти кӯҳна дар давраи Сомониён шаҳри на он қадар бузург буд» (Якубовский, 1950, с.41). Ҷуғрофияшиносон ва муаррихони араб Ал-Истахрӣ ва Ибни Ҳавқал дар ин шаҳр мавҷуд будани масҷиди ҷомеъро ёдрас кардаанд. Албатта маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ беасос нестанд. Тақдири баъдинаи Панҷакенти кӯҳна ба солҳои забткориҳои муғулҳо (1220-1221) алоқаманд мебошад. Дар ин солҳо, пас аз фатҳи Самарқанд аз ҷониби муғулҳо, шаҳрҳову деҳоти музофоти он, азҷумла болооби Зарафшон низ зердасти муғулҳои яғмогар шуданд. Албатта ин кулфат ба сари шаҳрвандони Панҷакенти

кӯҳна низ омад. Сокинони ба муғулҳо сарнафаровардаи он то нимаи дуюми асри XIV ба ҳар тараф пароканда шуданд.

Аз рӯи маълумоти шифоҳии мардумшинос А.К. Писарчик деворҳои Панҷакенти кӯҳна то охири асрҳои XIX ва ибтидои асри XX боқӣ монда буданд. Ин далелро муйсафедони шаҳри имрӯза шодравон Шафеъ Шарифов, Умрӣ Самеъ ва чанде дигарон ба муаллиф нақл карда буданд. Солҳои 1976-1977 дар Панҷакенти кӯҳна якчанд ҳафриёт гузаронида ба ҳақиқати таърихӣ доштани ин маълумот боварӣ ҳосил намудам.

**Панҷакенти чорум**. Оид ба таърихи пайдоиши шаҳр дар ҷойи ҳозирааш ҳаминро бояд гуфт, ки поягузори он ҳамон сокинони Панҷакенти кӯҳнаи асрҳои IX-XIII мебошанд. Маълумоти таърихӣ гувоҳанд, ки баъд аз ба сари ҳокимият омадани темуриён ва ба маркази Темур табдил ёфтани Самарқанд, аз соли 1380 мардум оҳиста-оҳиста дар ҷойи ҳозираи Панҷакент маскан гирифтанд ва чорумин маротиба ба шаҳрсозӣ шурӯъ карданд. Тибқи бозёфтҳои бостоншиносӣ ва маъхазҳои таърихӣ исбот шудааст, ки аввалин биноҳои маъмурӣ-ҷамъиятӣ ва устохонаву хонаҳои шаҳрвандон, пеш аз ҳама Масҷиди ҷомеъ дар гирду атрофи бозори имрӯзаи шаҳр, дар гузарҳои Азизобод, Шафтолузор ва қисман дар гузарҳои Эшону Сӯзангарон, Қоқуриву Фониён пайдо шудаанд.

Дар солҳои баъдӣ мувофиқи қонуни фарҳанги шаҳрсозӣ ҳудуди шаҳр ба чор тараф васеъ шуда мавқеи худро дар иқтисодиёт ва маънавиёти халқҳои Осиёи Марказӣ пайдо карда истодааст.

Панҷакент айни замон яке аз шаҳрҳои рушдкардаи Тоҷикистон ба шумор меравад. Асоси иқтисодиёти онро корхонаҳои саноатӣ, металургияи ранга, заводҳои коркарди тамоку, консерв, шарбату май, орду биринҷ, мармару хишт ташкил мекунанд. Хоҷагии деҳоти Панҷакент серсоҳа буда дар ин ҷо чорводорӣ, боғдорӣ, токпарварӣ, ғаллакорӣ ба қадри зарурӣ тараққӣ кардаанд.

Аз солҳои 1990 сар карда Панҷакент ба шаҳри сайёҳӣ ва тиҷоратӣ низ табдил ёфт. Айни замон дар ин ҷо корхонаҳои

муштараки «Лада-Мармар» бо Италия, «Спитамен» бо Маҷористон, «Зарафшон» бо Англия ба кор даромаданд. Туфайли инҳо Панҷакент бо як зумра мамоликҳои хориҷӣ бевосита робитаи тиҷоратӣ бурда истодааст.

Сохтмончиёни Панҷакент дар ободонии шаҳр ва ба манзил таъмин намудани шаҳрвандон саҳми арзандае гузошта истодаанд. Ҳоло дар шаҳр биноҳои истиқоматии 9-12 ошёна сохта шуданд ва сохтмони ин гуна биноҳои осмонбӯс давом доранд.

Ниҳоят, Панҷакенти муосир шаҳри осорхонаҳою тамошогоҳҳои сершумор дошта мебошад. Дар ҳудуди шаҳру ноҳия 4 осорхонаи бостонӣ-таърихӣ, ду мамнӯъгоҳ ва чандин ёдгориҳои меъморию бостонӣ ҷойгиранд, ки ҳамаи онҳо ба шаҳрвандону меҳмонони он бузургии мавқеи илму фарҳанги ниёгонамонро пешкаш менамоянд.

# АДАБИЁТ

Арриан Поход Александра. Пер. с древнегреч. М. Е. Сергеенко // Изд. Академия наук СССР, М.-Л., 1962, III, с. 21, 5,I V,3,3.

Ғиёс-ул-луғот. // Ҷ.I. Душанбе, 1987, с. 391.

Геродот История в девяти книгах. Пер. с греч Ф. Г. Мищенко. // Изд.2, т.1-2. М., 1988, т.I, с. 204-215.

Диодор Историческая библиотека. кн. XVII // Изд. Академия Наук СССР, М.-Л., 1962, с.74, 1-2,17,77,5.

Фирдавсӣ А. Шоҳнома. // ҷ. VIII, Душанбе, 1966, с. 223-224.

Энгелс, 1967, с. 186-187.

Энгелс Ф. Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат // Душанбе, “Ирфон”, 1987, с. 61-62, 188.

К. Маркс, Ф. Энгелс Соч. Т. 28, Москва, 1922, с. 24.

Салфунвоизин Ҳоҷӣ Шайх. Саргузашти Ҳазрати Юсуф // “Ориёно”, Душанбе, 1991, с. 53.

Айнӣ С, Ҷои таваллуд, вафот ва тарбияи устод Рӯдакӣ // “Садои Шарқ” № 4, 1975, с. 114.

Абдуллоев Д. Зернотёрки эпохи бронзы на территории городищи древнего Пенджикента // Санкт-Петербург, 1992, с. 64, 65.

Абдуллоев Д., Гуревич Л.Л. Успехи среднеазиатской археологии. // Чертижостроители древнего Пенджикента. Вып. 4., Л., «Наука», 1979.

Андреев М.С. По этнографии таджиков. Некоторые сведения, – Таджикистан // Сб.ст. Ташкент, 1925.

Аскаров А. Низовья Зеравшана в эпоху бронзы: Автореферат дис.кан.ист.наук. – Л., 1962, с. 19.

Аскаров А. Раскопки могильника эпохи бронзы в Муминобаде // ИМКУз, Вып.8, 1969, - с. 56-62, нак. 2,1.

Аскаров А. История материальной культуры Узбекистана // Вып.10, Ташкент, Изд. Фан, 1973, с.

Аскаров А. Древнеземледельческая культура эпохи бронзы юга Узбекистана. // Ташкент: Фан., 1977, - с. 232, рис. XXXIX, 17-19, IX, 32,3.

Аскаров А., Абдуллоев Б.Н. Джаркутан: К проблеме протогородской цивилизации на юге Узбекистана. // Ташкент: Фан, 1983, рас. 7.11.1.

Бартольд В.В. К истории арабских завоеваний в Средней Азии // Соч. Т.2, Москва, 1964, с. 382.

Беленицкий А.М. Древний Пенджикент – раннефеодальный город Средней Азии // АДД, М., 1967, с. 8.

Беленицкий А.М., Бентович И.Б., Болшаков О. Средневековый город Азии // Л., «Наука», 1973, с. 20.

Беленицкий А.М., Маршак Б.И., Распопова В.И., Исаков А.И. Раскопки древнего Пенджикента в 1976 г. // АРТ. Вып. 18, 1982. – с. 217.

Беленицкий А.М., Маршак Б.И., Распопова В.И., Исаков А.И. Новые раскопки в Пенджикенте. // АО, М., 1977, - с. 559.

The Ceramic. // Excavations at Tepevahva, Iran 1967-1975. American school at prehistoric recearen. Pibody Museum. Harvard University. Cambridge, 1986, c. 56.

Брагинский И.С. От Авесты до Айни. // Душанбе, 1981, с. 20-42.

Boyce M. Zoroastrians. Their Religions Beliefs and Practices. // London, 1979, 226.

Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. Перевод с английского И.М. Стеблен-Каменского // Москва, 1986, с. 26, 27.

Вамбери Г. Бухара или история Мовероуннахра. // Ташкент, Составитель: Сироджиддин Ахмад, 1990, с. 9.

Вулли К.А. Excavation at UR. The museum journal, // Vol. XXIII Number 3, Philadelphia., 1933, нак. I.XIV.

Гафуров Б. История таджикского народа в кратком изложении, т. 1. С древнейших времён до Великой Октябрской социалистической революции 1917 г. // Изд. 3-е, исправ. и доп., М., 1955.

Гиршман Р. Fouilles de Sialk. // Paris, 1938, рас. XII, 1, XXXIV, 5, 168, 3, 1643.

Гупта С.П. The late Harappan: A study in Cultural Dynamic. // New Delhi, 1982, рас. 8, 19.

Герценберг Л.Г. Хотано-сакский язык. // М., 1965, с. 31.

Giles P, The Aryans. The Cambridge history of India. // Vol.I. Ed. I Parsen, Cambridge. 1922, pp. 68-79.

Грантовский Э.А. Серая керамика, расписная керамика и индоиранцы // Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности: (II тыс. до н.э.). М., 1981, с. 260.

Гамбург Б.З., Гарбунова Н.Г. Могильник эпохи бронзы в Ферганской долине // КСИИМК, 1956, Вып. 63, с. 89.

Gershevitch I, The Avestan hymn to Mitra. With an introd transl., and comment by // Cambridge, The Univ, press, 1959, c. 131.

Грязнов М.П. История древних племён верхней Оби. // По раскопкам близ с. Большая речка. – М.; Л.: Изд-во АН СССР, 1956, 162с. – (МИА; № 48), - рас. 312.

Горбунова Н.Г. Фергана в кушанское время // В сб. Центральная Азия в кушанскую эпоху. Том II., Москва, 1975, с. 50.

Гулямов Я.Г., Исломов У.И., Аскаров А.А. Первобытная культура и возникновения орошаемого земледелия в низовьях Зеравшана. // кн.1. Ташкент, 1966, с. 167, 187, табл. XXVI. 1,7.

Гулямов Я.Г. Археологические работы к западу от Бухарского оазиса. // ТНИ ААН Уз. ССР, Ташкент, 1956, с. 149-161.

Гулямов Я.Г. Исследование исторической географии низовьев Кашкадарьи и Зерафшана. // ИМК Уз. Вып. 6, Ташкент, 1965, с. 17-21.

Дьяконов И.М. История Индии от древнейших времён до конца IV в. до н.э. // Москва-Ленинград, 1965, с. 385.

Дандамаев М.А. Иран при первых Ахеменидах // Москва, 1963, с. 106, 222, 236.

Дальский, Наскальные изображения в бассейне реки Зарафшан // Москва-Ленинград, 1950, с. 232, 233.

Emoki K. On the nationality of the Ephtalites, -"Memoirs of the research department of the Toyo Bunko". Tokyo, 18, 1959, pp. 39-45.

Ёқубов Ю. Работы Зеравшанского отряда в 1975 г. // АРТ, вып. XV. – Душанбе, 1980, с. 169-171.

Ёқубов Ю. Работы Верхнезеравшанского отряда. // АО., 1975, (1976), с. 572.

Жариш Ж.Ф. Excavations at Mehrgarh: Their Significance for Understanding the Background of the Harappan Civilization. A Contemporary Perspective Edited by Gregory L. Possehl. New Delhi Bombay Calcutta., 1982, рас. 6-7.

Заднепровский Ю.А., Ставиский Б.Я., Сорокин С.Е. Средняя Азия в первые века н.э. Кушанское царство. В кн. Очерки Истории СССР. Первобытно-общинный строй. // Москва., 1956, с. 538.

Заднепровский Ю.А. Древнеземледельческая культура Ферганы. // МИА, СССР, № 118, Москва-Ленинград, 1962.

Зеймаль Е.В. Медный топор из кишлака Аракчин. // Сообщение республиканского историко-краеведческого музея Тадж. ССР, Вып.3, Сталинабад, 1958, - с. 19-23.

Зеймаль Е.В. Древние монеты Таджикистана. // Изд. «Дониш», Душанбе, 1983, с. 282.

Исаков А.И. Цитадель древнего Пенджикента. // Изд. «Дониш», Душанбе, 1977, с. 67-68, 72,115, 67.

Исаков А.И. Панчакенти Қадим – Древний Пенджикент. // Душанбе, «Ирфон» 1982 с. 7, 11, 12.

Исаков А.И. Саразм: Горизонты древней цивилизации // Наука и жизнь, 1986б, № 4, с. 78-81.

Isakov A., Kohl P.L., Lamberg-Karlovskiy C.C., Maddin R. Metallurgical Analysis from Sarazm. Tajikistan SSR. – Archaeometry, 1987, p. 90-102.

Isakov A., Besenval R. Sarazm et les debuts du peoplement agricole dans la region de Samarkand. – Arts Asiatigues, XLIV, 1989, p. 5-20.

Isakov A., Lyonnet B. Ceramigues de Sarazm (Tadjikistan, URSS): problemes d’echanges et de peup lement a la fin du Chalcolithigue et au debut de Age du Bronze. –Paleorient, 14/1, 1988, p. 31-47.

Исаков А.И., Патёмкина Т.М. Могильник племён эпохи бронзы в Таджикистане // СА, № 1, Москва, 1989, с. 145-167.

Исаков А.И. Саразм. К вопросу становления раннеземледельческой культуры Зеравшанской долины

(раскопки 1977-1983 гг.) // «Дониш», Душанбе, 1991, с. 156, рис. 81, табл. 15., с. 84-87,5, 132, рас. 4. 9-10, рас. 26.20.

Исаков А.И. Верховья Зарафшана в эпоху энеолита и бронзы (к проблеме многоочагового развития Средней Азии в раннее земледельческую эпоху. // Автореферат. дисс. докт. ист.наук. –Л., 1991б, с. 9, 12, 23, 33, 34.

Итина М.А. Первобытная керамика Хорезма. // ТХЭ, вып.4., Москва, 1959, с. 44, рас. 4, 8, с. 62.

Исомиддинов М.Х., Сулаймонов Р.Х. Еркурган. // Ташкент, 1984.

История таджикского народа // Т.1. С древнейших времён до V. в.н.э. М., 1963, с. 272.

Кабанов С.К. Археологические работы 1948 г. в Каршинском оазисе. // Тр. ИИА АН УзССР, Т.II., Ташкент, 1950. с. 108.

Кабанов С.К. Нехшеб в III-VIII веках в свете археологических данных. // Автореферат дисс. на соиск. Учёной степени канд. ист. Наук, Ташкент, 1953а.

Кабанов С.К. К вопросу о столице кидиритов. // ВДИ., Вып. 2., Ташкент, 1953б.

Кабанов С.К. Нехшеб на рубеже древности и средневековья (III-IVвв). // Ташкент, 1977.

Карди B. Excavations and reconnaissance in Kalat, West Pakistan // Pakistan, 1965 Archaeology, 1965, p. 118,11,14.

Casal J. M. Foulles de Mundigak. // vol. II, Paris, 1961, рас. 55.77.

Casal J.M. Amri: Vol. I-II. –Paris, 1964, -с. 176, рас. 51.21.

Кузьмина Е.Е. Металлические изделия энеолита бронзового века Средней Азии. // САИ, Москва, 1966, табл. VII.

Кузьмина Е.Е. Могильник Замин-Баба. (К вопросу о культурных связах населения долины нижнего Зеравшана в III-II тысячелетиях до н.э.) // СЭ, 1958, № 2.

Лисицина Г.Н. Культурные растения Ближнего Востока и юга Средней Азии в VII-V тыс. до н.э. // СА. № 3 М., 1970, с. 58-66.

Лисицина Г.Н. Становление и развитие орошаемого земледелия в Южной Туркмении. // «Наука», М., 1978, с. 92.

Литвинский Б.А. Древнейшие страницы истории горного дела Таджикистана и других республик Средней Азии. // Сталинабад, Изд. АН Тадж. ССР, 1954а, 1954б.

Литвинский Б.А. Об изучении в 1955 году погребальных памятников кочевников в Кара-Мазарских горах. // Труды АН Тадж. ССР, Т. 63, Душанбе, 1956, с. 45.

Литвинский Б.А. Раскопки могильников в Исфаринском районе в 1956 году. // Труды АН Тадж. ССР, вып. 19, 1959, с. 76-77.

Литвинский Б.А. О топорах эпохи бронзы из Таджикистана // Изд. АН. Тадж. ССР, Душанбе, 1961.

Литвинский Б.А., Ранов В.А. Раскопки навеса Ак-Танги в 1961 г. // Тр. Института истории им. А. Дониша, т. 42, Душанбе, 1961, рас. I.

Литвинский Б.А., Окладников А.П., Ранов В.А. Древности Кайрак-Кумов.

(Древнейшая исотрия Северного Таджикистана) // Душанбе, Изд. АН Тадж. ССР, (ТИИАНТадж.ССР, т.33), 1962.с.406. с. 249, 262-276.

Литвинский Б.А. Бронзовый век История Таджикского народа // Т. I. Москва, 1963, с. 116, 249.

Литвинский Б.А., Муҳиддинов Х. Античное городище Саксанохур. // СА, 1969, № 1.

Ллойд С. Археология Месопотамии: От древнекаменного века до Персидского завоевания. // Перевод с англ., Москва, 1984, с. 132.

Langsdorff A., Mc Cown D.E. Tall-I-Bacun: Season of 1932 // The University of Chicago. Oriental Institute Publications. 1932, Vol. LIX. рас. 19, 1-4.

Лившиц В.А. Надписи над фресках Афрасиаба. // «Тезисы докладов сессии, посвященной истории живописи стран Азии». М., 1965г. с. -6.

Лившиц В.А. К открытию бактрийских надписей на Каратепе. «Буддийские пещеры в Старом Термезе. Основные итоги работ 1963-1964 гг. Надписи, терракоты, каменные рельефы». // М., 1969, с. 49.

Массон М.Е. К вопросу о происхождении памятников древней деревянной архитектуры, открытых М.С. Андреевым в горах Самаркандской области. // Ташкент, 1927.

Массон В.М., Сорокин С.С. Образование греко-бактрийского и парфянского государств. Средняя Азия в последнее века до нашей эры. // В кн. Очерки истории СССР (Первобытно-общинный строй и древнейшие государства), Москва, 1956, с. 266.

Массон М.Е., Пугаченкова Г.А. Парфянские ритоны Нисы. //Ашхабад, 1959, (Тр. ЮТАКЭ, т. 4), с. 20-21.

Массон М. Е. Столичные города в области низовьев Кашкадарьи с древнейших времён. // (Из работ Кешской археолого-этнографической экспедиции ТашГу (1965-1966 гг.), Ташкент, 1973.

Массон В.М. Древнеземледельческая культура Маргианы. // МИА-173, Москва-Ленинград, 1959.

Массон В.М. Кара-депе у Артыка // Тр. ЮТАКЭ, т. 10., Ашхабад, 1960а, нақ. V. 29 Массон В.М. Протогородская цивилизация Юга Средней Азии // СА, № 3, М., 1967, с. 168.

Массон В.М. Поселение Джейтун (Проблема становления производящей экономики) –Л., (МИА; № 180), 1971 с. 15.

Массон В.М. Алтын-депе // Л., 1981а, с. 46.

Массон В.М. Энеолит Средней Азии // Археология СССР, Энеолит СССР, М., «Наука», 1982а, с. 53.

Массон В.М. Энеолит Средней Азии. Часть вторая: Энеолит СССР // Археология СССР. – М., 1982, табл. VIII.

Массон В. М. Древнейший Ближний Восток: История земледельческо-скотоводческой экономики // Архе. IX, XV, с. 21-26.

Массон В.М. Древнейший Ближний Восток: История земледельческой экономики. // Археология старого и Нового света., 1982б табл. IV, 15А.

Массон В.М. Первые цивилизации. // Л., «Наука», 1989, с. 143.

Mackay E. Ghanhy-Daro Excavations American oriental series volume 20. // Editor w. Norman Brown, 1976, New York,

рас. XXVII, с. 1,3,4; 1943, рас. 71, 12 Mackay E. Further Excavations at Mohedjo-Daro. –Vol. II. Ideological book corporation, 1978, рас. XXXXIII, IXXXVI.

Мандельштам А.М. О некоторых вопросах сложения таджикской народности в Среднеазиатском Междуречье. // Советская археология, 1954.

Мандельштам А.М. Средняя Азия в VI-VII вв. – В кн.: Очерки истории СССР III-IX вв. // М., 1958, с. 349, табл. XVI, 6, 9.

Мандельштам А.М. Памятники эпохи бронзы в Южном Таджикистане. // МИА 3 145, Л., Наука, 1968, с. 111.

Маршак Б.И. Серебряные сосуды V-VI вв. и их значение для периодизации искусства Ирана и Средней Азии. «Искусство и археология Ирана» // М., 1964.

Негматов Н.Н., Салтовская Е.Д. Материальная культура Кушанского времени в Уструшане и западной Фергане. // В сб. Центральная Азия в Кушанскую эпоху. – Т. II. Москва, 1975, с. 264.

Окладников А.П. Исследование памятников каменного века Таджикистана. // МИА № 66, 1958, с. 12.

Окладников А.П., Ранов В.А. Каменный век. // В кн. «История Таджикского народа», М., 1964 с. 84.

Пиатровский Б.Б. Археология Закавказья // Ленинград, 1949 с. 41.

Пьянкова Л.Т. Древние скотоводы Южного Таджикистана. // Душанбе, 1989.

Пигулевская Н.В. Города Ирана в эпоху раннего средневековья. // М.-Л., 1956, с. 22.

Петрушевский И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках. // Л., 1966, с. 44.

Парфенов Новое открытие наскальных изображений. // «Коммунист Таджикистана», № 109, 3.07.1947г.

Рашшод Муҳаммад, «Фалсафа аз оғози таърих», 1990, с. 87-88.

Ранов В.А. Гиссарская культура: Распространение, хронология, экономика. – В кн.: Культура первобытной эпохи Таджикистана. // Душанбе, 1982, с. 37.

Раззоков А.Р. Орудия охоты поселения Саразм (по экспериментально-трасологическим данным). – Экспериментально-трасологические исследования в археологии, СПб., 1994 с. 68.

Сарианиди В.И. Энеолитическое поселение Геоксур (результат работ 1956-1957 гг.). // Тр. ЮТАКЭ, Т.Х. Ашхабад, 1960, таб. VI, II.

Сарианиди В.И. Памятник позднего энеолита юго-восточной Туркмении // САИ, вып. БЗ-8, часть IV. «Наука» М., 1965 табл. 12.

Сарианиди В.И. Древние земледельцы Афганистана. // «Наука», М., 1977, с. 76, 85, табл. 46, 6 с. 5.

Смирнова О.И. Каталог монет с городища Пенджикент (материалы 1949-1956 гг. // М., 1963, с.22.

Смирнова О.И. Сводный каталог согдийских монет. Бронза. // Изд. «Наука», М., 1981, с. 47. С. 49-50.

Струве В.В. Родина Зороастризма. – Материалы по истории таджиков и Таджикистана», сб. 1. // Сталинабад, 1945, с. 35.

Струве В.В. Восстание в Маргиане при Дарии I. 1949? № 2, с. 23 «Таърихи халқи тоҷик», // М., 1963, ч. I. с. 110-127.

Тереножкин А.И. Археологические находки в Таджикистане. //КСИИМК. – 1947 с.

Тереножкин А.И. Археологические находки в Таджикистане // КСИИМК. -1948. – Вып.20. И., 1948, с. 36-37.

Тереножкин А.И. Археологические исследования в Таджикистане. //КСИИМК. – XXIII. – М., Л., 1950, С. 80-93.

Толстов С.П. Древний Хорезм. Опыт историко-археологического исследования. // М., 1948, с. 67-70.

Толстов С.П. По следам древнехорезмской цивилизации. // Изд. Академии Наук СССР, М., -Л., 1948, с. 328.

Толстов С.П. По древним дельтам Окса и Яксарта. // М., Изд. От.лит., 1962, с. 324. С. 43-50.

Фрейман А.А. Описание, публикации и исследование документов с горы Муг. // Вып. I. Изд. Восточной Литературы, М., 1962, с. 42.

Henning W.B., 1958, c. 52.

Henning W.B. A Sogdian God. // BSOAS, vol., XXVIII, pt,2,1965, p.250.

Хлопин И.Н. Племена раннего энеолита Южной Туркмении // Автореферат, дисс.канд.наук, ЛГУ, М., 1962, с. 17.

Хлопин И.Н. Энеолит южных областей Средней Азии. // Памятники развитого энеолита юго восточной Туркмении. Л., САИ, 6-8, часть III. Л., 1969, табл. XXIV, 30.

Хлопин И.Н. Юго-Западная Туркмения в эпоху поздней бронзы. // Автореферат дисс. На соис. Док. Ист. Наук, М., 1984, с. 15.

Шнирельман Производственные предпосылки разложения первобытного общества. // История первобытного общества классового образования., М., 1988, с. 12.

Schmidt E.F. Excavations at Tepe Hissar Damghan. // Philodelphia, 1937, p. 43-88, рас. II. IV, 4383, XXII I 1021.

Шишкин В.А. Варахша // М., 1963, табл. XV.

Эшонкулов У. История ирригации верхнего Зерафшана (с древнейших времён до нач. XXв. // Автореф. Дисс. на соис. Уч. Степени канд. ист. Наук. Самарканд, 1989, с. 5.

Якубовский А.Ю. Итоги работы СТАЭ в 1946-1947 гг. // МИА, №15., 1950, с. 42, 50, 34-35.

Ғафуров Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. // Москва, 1972, с. 52.

Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. // Ҷилди 1-2, Душанбе, 1983.




**Боздиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ёдгории Саразм соли 2003**



**Боздиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ёдгории Саразм соли 2005**



**Ҳафриёти V. Маъбади Офтоб.**




**Ҳафриёти XI. Маъбади Оташ. Намуди барқароркардашуда.**




**Зарфҳои сафолии Саразм.**



**Мӯҳри сангӣ аз Саразм.**

**Гӯри “Маликаи Саразм”, (мобайни ҳазорсолаи IV то мелод).**





**Ашёи ҳамроҳи “маликаи Саразм” гӯронидашуда.**







**Ашёи ҳамроҳи “маликаи Саразм” гӯронидашуда.**







**Ашёи ҳамроҳи “Маликаи Саразм” гӯронидашуда.**




**Ҷадвали муқоисавии ёдгориҳои аҳди энеолит ва биринҷии Осиёи Марказӣ.**




**Нақшаи муқоисавии маводи археологии Балуҷистон ва Саразм.**




**Нақшаи муқоисавии маводи археологии Мундигак (Афғонистон) ва Саразм.**




**Нақшаи муқоисавии маводи археологии Туркманистони ҷанубӣ ва Саразм.**




**Накшаи муқоисавии маводи археологии маданияти Ҳараппа ва Саразм.**

# МУНДАРИҶА


Пешгуфор – Фарҳод Раҳимӣ.................................................. 3

**Китоби 1: А.И. Исоқов. Саразм – оғози тамаддуни тоҷикон**

Аз муаллиф........................................................................ 12

Тавлиди тадбир.................................................................. 15

Хона ва оилаи аввалин....................................................... 21

Кишоварзон ва чорводорон............................................... 25

Оташи муқаддас, оташгоҳҳо ва оташкадаҳо.......................... 34

Хумдонҳои тасфон ва чархҳои гардон.................................. 45

Олоти нахустин аз сангу устухон буд.................................. 54

Маъданҳо ва фарҳанги коркарди онҳо................................. 61

Модаршоҳи Саразм............................................................ 69

Салом «Модаршоҳ».............................................................. 73

Ҳунармандӣ........................................................................ 78

Аз Зарафшон то Хуросон..................................................... 83

Саразм – оғози тамаддуни тоҷикон..................................... 89

**Китоби 2: А.И. Исоқов. Панҷакенти Суғд дар замони қадим ва ибтидои асрҳои миёна**

Сарсухан............................................................................ 104

Панҷакент ва музофоти он дар асри санг............................ 109

Панҷакент ва музофоти он дар асрҳои энеолит ва биринҷӣ (ҳазорсолаҳои IV-II пеш аз мелод)........................ 115

Саразм ва оғози тамаддуни Суғд........................................ 119

Фарҳанги замони биринҷӣ.................................................. 134

Фарҳанги бинокорӣ. Пайдоиши аввалин шаҳр дар Суғд…... 141

Ҳунармандӣ ва намудҳои он.............................................. 147

Умумияти маданияти моддӣ ва маънавии водии Зарафшон бо тамаддуни ориёии минтақаҳои Осиёи Марказӣ дар ҳазорсолаҳои IV-II пеш аз мелод............... 169

Панҷакенти Суғд дар ҳайати давлатҳои ибтидоӣ ва антиқӣ (асрҳои VI то мелод -IV милодӣ)......................... 184

Панҷакенти Суғд дар асрҳои IV-VII мелодӣ).................... 214

Панҷакенти Суғд дар асрҳои VII-VIII мелодӣ………….. 226

Аз таърихи омӯзиши Панҷакенти Қадим ва ёдгориҳои музофоти он…............................................................. 239

Саразми Панҷакент 5500-сола шуд.................................. 250

Адабиёт…………………………………………………... 256

***Ба матбаа супорида шуд 05.11.2018***
***Барои нашр имзо шуд 13.11.2018***
***Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 17,5. Андоза*** $60x84^{1}/_{16}$.
***Адади нашр 200 нусха. Супориши №34.***

***ҶСК «Чопхонаи Дониш»***
***ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 121, бинои 2***